ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АТТ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2021, №3 (35)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.


| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**<br>доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**<br>доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Imatzoda Lutfiya Mahmadullo**<br>doctor of pedagogical Sciences, Professor, Director of Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,**<br>номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,**<br>кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,**<br>candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Отвественный секретарь**<br><br>**Responsibl e Secretary** | **Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна,**<br>номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ | **Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна,**<br>кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени Абдурахмана Джами А | **Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna,**<br>candidate of pedagogical sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by Abdurahman Jomi AET |


Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.
Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.
The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.
Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
The journal is included in the database Of the Russian science citation index

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index: 77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2021
©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2021
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2021

2617 5320

**Ҳайати таҳририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Саломиён М. Қ. 10.02.22** | доктори илми филология, профессор | доктор филологических наук, профессор | doctor of philological sciences, Professor |
| **Каримова И. Х. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Лутфуллозода М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Нуъмонов М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Маҷидова Б. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |
| **Неъматов С. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |
| **Амонов Н. 19.00.01** | номзади илмҳои психологӣ, дотсент | кандидат психологических наук, доцент | candidate of psychological Sciences, Dosent |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ИМОМЗОДА М.С.** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**РАҲИМӢ Ф. Қ.** - президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**САЛОМИЁН М. Қ.** - муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**БОБИЗОДА Ғ. М.** - президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**ХУШВАХТЗОДА Қ. Х.** - ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

**ИМОМЗОДА М. С.** – министр образования и науки Республики Таджикистан
**РАҲИМИ Ф. К.** – президент Национальной Академии наук Таджикистана
**САЛОМИЁН М. К.** – первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан
**БОБИЗОДА Г. М.** – президент Академии образования Таджикистана
**ХУШВАХТЗОДА К. Х.** – ректор Таджикского национального Университета

**EDITORIAL COUNCIL:**

**IMOMZODA M. S.** - minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**RAHIMI F. K.** - president of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**SALOMIYON M.Q.** - first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**BOBIZODA . M.** - president of the Academy of Education of Tajikistan
**KHUSHVAKHTZODA K. KH.** - rector of the Tajik National University

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 ҷой дода шудааст.

**Полнотекстовая версия журнала размещена** на сайте www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

**The full-text version of the journal is posted** on the website www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404, e-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

**ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ**
**ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ**
**PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY**

**Х.РАҲИМЗОДА**

# ОИЛА ВА МАҚОМИ ОН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Оила ва ташкили он аз анъанаҳои дерина ва хеле қадимаи иҷтимоӣ аст, ки байни одамон ривоҷ ёфтааст. Асоси оилаи солим ва мустаҳкамро муҳаббати тарафайн ташкил медиҳад, ки ниёгони мо ба он, яъне муҳаббати байни писару духтар ё марду зан диққати ҷиддӣ додаанд. Ҳанӯз 2800 сол пеш дар китоби муқаддаси халқамон «Авасто» мехонем: «Ба шумо мегӯям, эй мардони домодшаванда ва эй занони арӯсшаванда! Ҳамеша ҷуфти худро дар хотир дошта бошед ва бо якдилӣ ва якҷиҳатӣ тариқаи поки онро раҳпаймо шуда, ба дасти иттиҳод ва иттифоқ хешро мулаббас (оро, зебу зиннат) бо либоси ростӣ намоед… Зеро ба яқин зиндагии саҳҳеҳ ва орзуи шодмонӣ хоҳед дошт». Муҳаббате, ки чун оина соф ва беолоиш бошад, хости табиии биологӣ ва иҷтимоии инсон аст. Ҳамин хости табиӣ аст, ки ҳанӯз дар 7-8 солагӣ муносибату рафтори духтуру писарҳо тағйир меёбад. Дар рафтору амали онҳо нисбат ба якдигар шарму ҳаё падидор мегардад. Камолоти ҷинсии занон нисбат мардон аз 1 то 3 сол барвақттар ташаккул меёбад.

Писарон дар сини 10-12 солагӣ бо суръат инкишоф ёфта, ҷисман бақувват мегарданд, устухону мушакҳо инкишоф меёбанд. Дар ин синну сол дар писарбачаҳо ҳаваси «ҳамадонӣ» пайдо мешавад, ба варзиш машғул мешаванд. Бачаҳо ба рафтори калонсолон, пеш аз ҳама, ба мардҳое, ки ба онҳо маъқуланд, тақлид мекунанд. Онҳо аз духтарон худро дур мегиранд, бо онҳо дигар бозӣ намекунанд. Дар 13-16 солагӣ, ки саршавии балоғат аст, овози бачаҳо тағйир ёфта, ғафс ё паст мегардад, мушакҳо, қаду қомат инкишоф меёбанд. Нишонаҳои аввали балоғат баръало ҳувайдо мегарданд. Ба рафтор бачаҳои ин синну сол асабоният, якравию беандешагӣ хос аст. Нисбат ба духтарон таваҷҷуҳи онҳо зиёд мегардад, майли бо онҳо дӯстӣ кардан пайдо мешавад. Ин давраи гузариш, яъне аз кӯдакӣ ба наврасӣ қадам гузоштан аст.

Давраи дуюми балоғат аз 17-солагӣ шурӯъ шуда, гоҳо то 22-25 солагӣ идома меёбад. Дар ин синну сол узвҳои ҷинсӣ пурра такмил меёбанд, амалу рафтори мардона пайдо мешавад. Масъалаҳои пешомадаро мустақил ҳал карда метавонанд. Майлу рағбати ҷавонон нисбат ба духтарон зиёд мегардад, ошиқ мешаванд. Ин давра давраи охирини балоғати ҷинсӣ мебошад, яъне ҷавон аз ҷиҳати ҷинсӣ ва ҷисмонӣ ба ҳаёти оилавӣ омода гаштааст.

Духтарон дар сини 12 – 14 солагӣ ҷисман боқувват шуда, мушакҳои баданашон инкишоф меёбанд, дар онҳо нишона ва хислатҳои занона зоҳир мегардад ва ниҳоят ҳайзи (одати ҳармоха) аввалин оғоз меёбад. Ҳайзи аввал нишонаи оғози балоғати ҷинсӣ мебошад. Дар айни ҳол инкишофи узвҳои ҷинсӣ идома меёбад. Дар ин синну сол рафтори духтарон тағйир ёфта, онҳо ба ороиши рӯй, мӯи сар, либос диққати махсус зоҳир мекунанд. Таваҷҷӯҳашон ба бачаҳо зиёд мегардад. Дар рафторашон асабоният, ноустувории хулқ, хаёлпарастӣ эҳсос мешавад.

Бо ҳайзи аввал давраи кӯдакии духтар хотима ёфта, қобилияти обистании ӯ фаро мерасад. Аммо аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ онҳо ҳанӯз ба модар шудан омода нестанд.

Давраи дуюми балоғат сини 16-17 солагиро фаро мегирад. Дар ин давра инкишофи узвҳои ҷинсӣ ба анҷом мерасад. Қаду қомат, ҷусса ва зоҳири ба занҳо хос ташаккул меёбад ва духтарон ба давраи балоғати ҷинсӣ қадам мегузоранд, яъне духтар ба модар шудан омода аст.

Фарорасии синни балоғат дар ҳар ду ҷинс – ҳам марду ҳам зан боиси майли алоқаи ҷинсӣ мегардад. Ин нишонаи он аст, ки ҳам мард ва ҳам зан ба ҳаёти оилавӣ ва таваллуду тарбияи фарзанд омода мебошанд.

Омили дигаре, ки ҷавононро ба оиладоршавӣ водор мекунад, ин талаботи иҷтимоӣ мебошад, ки дар пояи ахлоқӣ асос ёфтааст. Фарқияти инсон аз ҳайвон дар он зуҳур меёбад, ки инсон ҳар як амалу рафторашро ба ақл тобеъ месозад ва аз талаботи ахлоқие, ки дар ҷомеа муайян гардида аст, берун намебарояд. Дар ин бобат олими барҷастаи асри IX Закариёи Розӣ фармудааст: «Инсон боистӣ, ки баръакси ба шаҳвати латифи пинҳонӣ қаноат кардан, онро муҳофизат намояд, то ки латифию зебоии ин амр нигоҳ дошта шавад.

Пас, онҳое, ки такя ба ақл доранд, воҷиб аст, ки аз ҳад зиёд ба шаҳват кордор нашаванд. Ба ин амал зиёдравӣ накарда, ба азобу норасоии он тоқат кунанд ва барои зиёд аз даст додани он дар ҳасрат намонанд ва хурсанду розӣ бошанд».

Ташкили оила беҳтарин роҳи таъмини талаботи ҷисмонӣ ва маънавии инсон мебошад. Тавре қайд шуд, табиат писару духтар, марду занро чу воҳид офаридааст. Бинобар ин, маҳз ба туфайли якҷоя будан он «пурагӣ» ба вуҷуд омада, талаботи табиӣ ва иҷтимоӣ ба ҷо оварда мешавад. Пас, онҳое, ки оила ташкил медиҳанд ба оқибати он бояд масъул бошанд ва аз уҳдаи «вазифаҳои» табиии зану шавҳар ба хубӣ бароянд. Аз ҷиҳати ахлоқ ба ин кори басо муҳим ва бошарафу бузурги инсонӣ омода бошанд.

Зану шавҳар бояд хуб дарк кунанд ва ба он омода бошанд, ки кори бисёр муҳиму мураккаби иҷтимоӣ - таваллуду тарбияи фарзанд бар дӯши оила аст. Онҳо на танҳо зану шавҳар, балки давомдиҳандаи насли инсонӣ мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ ду калимаи муродиф ва муқаддас ҳаст, ки ин ҳиссиёти наҷиб ва олии инсониро ифода мекунанд: «Ишқ» ва «Муҳаббат». Ҳарду аслан калимаҳои арабӣ буда, ба таври умумӣ як ҷозибаи нарм, форам, гарм ва сӯзони байни ду шахсро ифода мекунанд. Ин ҷозиба (кашиш) бисёр нозук ва латиф, аҷиб ва шавқангез буда, моҳияти онро то охир ҳеҷ касс фаҳмида ва фаҳмонда натавонистааст. Зеро вай дар вуҷуди зиндаю мураккаби инсон чуқур реша давонда, ба хуну ба мағзи он вобастаю пайваста аст.

Дар адабиёти тоҷик дар боби ишқу ошиқӣ асарҳои зиёде эҷод гардидаанд. Мавзӯи ишқу муҳаббат, вафодорӣ ва фидокорӣ дар ин роҳ доим диққати аҳли башарро ба худ ҷалб мекарду мекунад.

Дар ҷаҳон касе нест, ки дар ҳаёти худ боре ошиқ нашуда бошад. Бехобӣ, интизорӣ барои танҳо як дидори маъшуқ, дарди ҳиҷрону шоирӣ – ин хислатҳо барои ҳар як фарди ошиқ хосанд. Аммо гоҳо баъд аз муддати муайян оташи сӯзони ишқ паст мегардад ва оҳиста-оҳиста фаромӯш мешавад. Маълум мешавад, ки ин ишқи ҳақиқӣ набуда, танҳо ҳавою ҳавас будааст. Чунон ки Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст:

***Ҳавас дигару ошиқӣ дигар аст.***

Ишқи ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ хомӯш намегардад. Донишманди бузург Закариёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ», ки ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума гардидааст, дар бораи ҳолати ошиқ навиштааст: «Инчунин мумкин аст, ки аз дарди ишқи ҳақиқӣ дар ҷамгинии шадид ва ҷуссаҳои муттасил бимонад. Дар ин гуна ҳолат ошиқоне, ки ҳеҷ гоҳ ба мақсади худ намерасанд, ба дарди бехобӣ ва парешонҳолӣ дучор мешаванд. Гузашта ба ин, кор ба ҳадде мерасад, ки аз хӯрдани таом бемайл шуда, ба дарди ҷунунию васваса гирифтор шуда, коҳидаву пажмурда мешаванд».

Бузургон гуфтаанд: ***дарди ишқро дармон висоли ёр аст:***

***Набошад ишқро ҷуз ишқ дармон,***
***Нашояд кард сандон ҷуз ба сандон.***

Дар хусуси дарди ишқ аз донишмандони бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ҳикояти аҷибе то замони мо расидааст, ки мазмуни он чуни наст: «Овардаанд, ки дар Табрез хоҷаи бозаргонеро писаре буд дар камоли ҳусну малоҳат ва дар ниҳояти латофат ва сабоҳат. Вай бемор шуд. Ҳарчанд, ки ӯро муолиҷа намуданд, беҳ намегардид, то ба ҳадде, ки умедворӣ мунқатеъ шуда. Ҷамъе падари вайро гуфтанд, ки дар вилояти Бухоро табибест Абӯалӣ ном, илоҷи писарат вай метавон намуд. Он бозаргон писари худро гирифта, пеши Абӯалӣ овард.

Абӯалӣ чун набзи ӯро гирифт, донист, ки ошиқ аст, аммо агар изҳори он намояд ва мақсуд фавт мешавад.

Абӯалӣ гуфт: Эй хоҷа, марди ҷаҳонгаштае меорӣ, ки вай сухангӯй ва ширинтакаллум бошад, то ман аз ӯ ҳикоят пурсам ва гуфтугӯй кунам, то писари ту шифо ёбад.

Ин хоҷаро мусоҳибе буд, ки тамоми рубъи маскун сайр карда буд, бо худ ҳамроҳ дошт, ҳозир сохт.

Абӯалӣ даст бар набзи писар ниҳод ва аз он пири ҷаҳонгашта таърифи шаҳрҳоро мепурсид, то ба таърифи шаҳри Табрез расид, набзи он писар мутаҳаррик шуд, Абӯалӣ донист, ки матлуби вай дар Табрез аст. Аз маҳоллот ва мавзеи он шаҳр пурсидан гирифт, чун маҳаллаи Шакарфурӯшонро бар забон бурд, набзи вай бисёр музтариб гардид. Маълум шуд, ки мақсуди вай дар ҳамин маҳалла аст.

Аз кадхудоён ва хоҷагони он маҳалла пурсид, чун номи фалон хоҷаро ба забон гузорид, набзи вай суръат бунёд кард, аз аҳли хонааш пурсид, яке духтареро ном бурд, набзи вай ба мартабае изтироб намуд, ки наздик буд қолиб тиҳӣ кунад. Абӯалиро чашм шуд, ки манзури вай ҳамон духтар аст, ба хоҷаи бозоргон гуфт, ки бархезу Табрез рав ва фалон духтар, ки мазкур шуд, аз барои ин писар хостгорӣ кун, ки илоҷи ӯ ҳамин аст».

Оре ишқе, ки дар ин ҳикоят тавсиф шудааст ҳиссиёти олии инсонӣ аст. Ишқи покизаи инсонӣ ба майлҳои булҳавасию шаҳвонӣ олуда нест. Достони «Лайлию Мааҷнун»-ро ба ёд оред: як шаб дар саҳро Лайлӣ бо Маҷнун ҳамроҳ буданд, аммо Маҷнун кӯшише барои коми дил ситондан накард. Онҳо то рӯз ба чеҳраи якдигар менигаристанду рози дил мегуфтанд. Маҷнун намехост маҳбубаи худро бадном кунад, чунки ишқи пок рафтори шоистаро тақозо менамояд, на рафтори ҳайвониро:

***Меҳру рафъат васфи инсонӣ бувад,***
***Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.***

Гуфтааст Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ.

Оилае, ки дар асоси ишқи тарафайн бунёд мегардад, хушбахту поянда аст.

Ишқ «Мағз»-у меҳвари оила ва муносибати оилавӣ мебошад. Чун ин тавр аст, ба вай хеле дақиқ назар ва хеле нозук муносибат кардан зарур аст. Шарти аввал, донистан ва қабул кардани он, ки ишқи ҷинсӣ решаи ҷисмонӣ, баданӣ дорад, дар бадани зиндаи инсон пайдо ва парвариш мешавад. Дар одами ноболиғ ҳоло ишқи ҷинсӣ нест. Дар тани пиру фартут низ ишқу ҷозибаи ҷинсӣ (байни зану шавҳар) бошад ҳам, он тамоман моҳияту мазмуни давраи ҷавониро надорад: робитаи байни онҳо асосан аз рӯи одат, ҳоҷат ва муоширот, наҷот ва хавфи танҳоӣ аст, ки барои давраи пирӣ муҳимтар аз ахлоқҳои ҷисмониянд. Ҳатто худи ҷавонон хусусиятҳои ишқро дар давраи гардишу вохӯриҳои ошиқона ва давраи баъди никоҳӣ ҳаёти мураккаби оилавӣ фарқ мекунанд: он «дуд»-у «оташ» ва «сӯхтану пухтан»-ҳо хоси замони ишқварзианд, вале он дар вақти ба коми дил расидан, никоҳ шудан нест мешавад.

Шарти дуюм, донистану эътироф кардани онаст, ки ишқ дар миқёси замону макон, фазо ва вақт абадӣ нест. Вобаста ба марҷаъ асосҳои дигар пайдо мешаванд, вале комилан вобаста ба шахс дар ихтиёри шахс аст; дар доираи замону макон, фазо ва вақт абадӣ нест. Вобаста ба марҷаъ асосҳои дигар пайдо мешаванд, вале комилан вобаста ба шахс дар ихтиёри шахс аст; дар доираи замону макон умр ва тан маҳдуд буда, пайдоиш, инкишоф ва инҳирофи он низ тибқи ҳамин қонуният вуҷуд дорад.

Шарти сеюм ин аст, ки ишқ ба хирад ва иродаи инсон бояд тобеъ бошад. Вале ин тобеъият на тобеъияти яктарафа, балки робитаи тарафайн аст. Хирад ва ирода агар ишқу ҳиссиёти ишқиро идора ва раҳнамоӣ кунанд, ишқу ҳиссиёт ақлу иродаро қувват медиҳанд; ақлро гӯё ва иродаро гиро мекунанд; ақл ба ишқ сафо мебахшад, барои интихоби дурусти объекти ишқ мадад мерасонад; ишқ (ишқи ёр, ишқи Ватан, меҳри касб ва ғ.) дар навбати худ ақлро водор месозад, ки роҳҳои беҳтару наздиктари расидан ба мақсадро ҷӯяду ёбад; вай иродаро мадад мекунад ва пурқуввату устувор менамояд. Дар сурати суст будани таъсири хирад ишқ метавонад иродаро тамоман ба ихтиёри худ гирад, ба самти барои ӯ даркорӣ равона созад. Ин ҳол ҳам ҷиҳати хуб ва ҳам ҷиҳати бад дорад. Хуб он, ки ишқи ҳақиқиро ба мурод мерасонад ва бад ин ки касро ба корҳои нохуш; ғалабаи шаҳват, ҳамоқат, ҷабр, ҷиноят ва ғ. бурда метавонад. Дар хусуси ақл бошад, ишқи ҷунунӣ онро тира ва гумроҳ низ карда метавонад.

Шарти чорум ин аст, ки кори ишқ, ишқсӯзӣ танҳо кори ошиқ аст, вай ягон маҷбуриятро аз берун, аз ҷониби каси дигар бардошта наметавонад. Ишқро харида ё фурӯхта (масалан, қалин) ё бахшида намешавад. Барои ин танҳо озодӣ ва ихтиёр лозим аст. Ба воситаи зӯрӣ, «пора» (тӯҳфа), зора ва амсоли инҳо касро ба никоҳ, ба ҷимоъ водор кардан мумкин аст, вале «дил бурдан» ишқ ёфтан, дар дили ӯ ҷой шудан мумкин нест. Ҳар кас мехоҳад ҳамсареро интихоб намояд, ки бо ӯ дар ҳаёти оянда хушбахт шуда тавонад. Вале ин кори осон нест, ниҳоят мушкил ва мураккаб аст. Касе онро осон гумон мекунад ва сабукфикрона амал менамояд, хатои азим мекунад. Мушкилиҳо дар чист?

Ишқ хосияти аҷибе дорад: писару духтар, марду зани тамоман ношинос дар диди аввал нисбати якдигар меҳр меангезанд. Ин ҳолро дар забони тоҷикӣ «ба як дидан диду ба сад дидан ошиқ гардид» мегӯянд. Ин ишқ падидаи бузург ва сеҳрнок буда, аммо бадӣ ҳам дорад: вай ҳиссиёти ҳар касро ба ҷӯш оварда, ақлро «тира» ва интихоби оқилонаро

мушкил месозад. Решаи ин «ишқи фаврӣ» шояд дар он бошад, ки ҳар шахси муҷаррад, ғайр аз он эҳтиёту иштиёқи бузург, ки ба ҳамсар дорад, боз пешакӣ образи онро – қиёсан ба падар, модар, бародар, хоҳар, хеш, ҳамсоя образҳои адабӣ (аз кинофилмҳо) – барои худ офаридааст. Он образи хаёлӣ дар ҳамон диди аввал ба образи реалӣ мувофиқ афтода, «анна ёфтам»-гӯён ба ҳаяҷон меояд, ҳисиёти ишқ бедор мешавад. Ба ибораи дигар, вай ба ҳамон образи хаёлиаш кайҳо «ошиқ» аст, ӯро ҳар ҷо меҷӯяд ва чун «ёфт» гумон мекунад, ки ошиқ шудааст (ин ҳоло ёфти эҳтимолист, то ёфти ҳақиқӣ хеле дурр аст).

Донишманде гуфтааст: «Маъшуқаеро, ки чашм интихоб кунад, чӣ басо, ки маҳбуби дил нашавад, аммо онро, ки дил биписандад, бегумон, нури чашм хоҳад шуд». Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки чашм ҳуснроеписандаду дил интихоб мекунад. Барои дил бошад, омилҳои асосӣ феълу рафтори нек, меҳр, самимият, садоқат, вафо ва дигар хислатҳои неки инсонӣ мебошанд. Вагарна дар зиндагӣ бисёр духтарони зебо, аммо худписанду худхоҳ, бевафою сабукрафтор умрашонро ба танҳоӣ мегузаронанд ва касе онҳоро ҳамроҳи ҳаёт интихоб намекунад.

Ҳусн ҳам барои ҳама як хел наменамояд. Ҳар кас ба худ завқи хосе дорад. Ҳусне, ки барои як кас дилкашу ҷозиб менамояд, ба каси дигар маъқул нест, аммо хислатҳои некро ҳама як хел қадр мекунанду railписанданд. Ҳикояти Шайх Саъдии Шерозӣ ба ин мавзӯъ хеле мувофиқ аст.

**<u>Ҳикоят</u>.** Якеро аз мулки араб ҳадиси Лайлӣ ва Маҷнун ва шӯриши ҳоли ӯ бигуфтанд, ки ба камоли фазлу балоғат сар дар биёбон ниҳодааст ва зимоми ақл аз даст дода. Бифармудаш, то Маҷнунро ҳозир оварданд ва маломат кардан гирифт, ки «дар шарафи нафси инсон чӣ халал, ки хуи баҳоим гирифтӣ ва тарки сӯҳбати мардум гуфтӣ?» Гуфт:

***Кош к-онон, ки айби ман ҷустанд,***
***Рӯят, эй дилситон, бидидандӣ.***
***То ба ҷои турунҷ дар назарат,***
***Бехабар дастҳо буридандӣ.***

То ҳақиқати маъно бар сураи даъво гувоҳ омадӣ..» Маликро дар дил омад ҷамоли Лайлӣ мутолиа кардан, то чӣ сурат аст, ки мӯҷиби чандин фитна аст? Пас бифармудаш талаб кардан дар аҳёи араб бигардиданд ва ба даст оварданд ва пеши малик дар саҳни сироҷа бидоштанд. Малик дар ҳайати ӯ назар кард, шахсе дид: сияҳфоми борикандом. Дар назараш ҳақир омад, ба ҳукми он, ки камтарин худдоми ҳарами ӯ ба ҷамол аз ӯ пештар буданд ва ба зинаш бештар. Маҷнун ба фаросат дарёфту гуфт: «Аз дарича и чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳидаи ӯ бар ту таҷалло кунад».

Аз ин ҷост, ки ҳар кас ба завқи хеш ба нигоре дил мебандад гуногуни ва ҳусни ӯро аз ҳама зеботар медонад:

Ошиқ ҳамон, ки маъшуқаро хуш кунад.

Ишқ як хосияти умумӣ дошта, дар шаклҳои гуногун, дар марҳалаҳои умри инсон зоҳир мегардад. Масалан, дар давраи кӯдакӣ ишқи аз ҳама пурзӯр нисбати модар аст. Дар давраи ҷавонӣ чунин ишқ нисбати ҷинси дигар (маъшуқ) зоҳир мегардад. Ин ҳол барои модари нофаҳм фоҷиа ҳисоб мешавад. Дар давраи пирӣ, тавре, ки қаблан гуфта шуд, ишқ он хусусияти ҳарорати давраи ҷавониро надорад, сифатан дигар мешавад. Зане, ки модар шуд, фарзандашро дар аксари мавридҳо аз шавҳар бештар дӯст медорад. Ҳамаи ин ҳолатҳоро ба ҳисоб гирифта, фикр намуда, муносибатҳоро танзим кардан лозим аст. Ишқи Ватан бошад, хусусиятҳои худро дорад, асосан дар ҳолати ғурбат (ғарибӣ) чуқур ва ҷӯшон эҳсос мегардад. Объекти чунин ишқ гуногун ва таркибан сершумор аст: аз хона, кӯча, маҳал, ноҳия, шаҳр, кишвар, вилоят, то ҷумҳурият ва мамлакат. Фарқи куллии ин ишқ аз ишқи ҷинсӣ дар он аст, ки яке ишқи дигареро истисно намекунад, муқобил намеистад. Вале касе, ки дар Ватан аст, аз ғами ишқ озод аст. Барои ҳамин мегӯянд: «Ғами Ватан аз ғарибон пурс, ки соҳибватанон аз он бехабаранд».

Чи тавре, ки шаклҳои зуҳуроти ишқ бисёр аст, шаклҳои изҳори он низ хеле гуногун мебошад; зикри ҳамаи онҳо вақти зиёдеро мегирад. Ақидае ҳукмрон аст, ки дар ҳар забон 100-150 тарзи баён кардани «Ман туро дӯст медорам» вуҷуд дорад. Муҳим он аст, ки ишқ моҳиятан пок, расида ва шаклан пухта бошад. Дар он сурат барои изҳор намудани он суханҳо, воситаҳо бисёранд. Аз ҳама хубаш он аст, ки вай на ба воситаи сухан, мактуб, миёнарав, ишора ва ғайра, балки дар амал нишон дода шавад. Аслан дар ин боб сергапӣ зиёдатист:

***«Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,***
***Ҳар гаҳ, ки бимирию наполӣ ишқ аст».***

Аввалан, ақлу фаросат, шаклу сурат, шавқу рағбат, меҳру садоқат ва касбу маҳорати худро нишон дода, сипас аз ишқу васолат ҳарф бояд зад. Онҳое, ки дарҳол «Туро дӯст медорам, бе ту мемирам» мегӯянд, дурӯғи маҳз мегӯянд. Дар воқеъ онҳо ҳарчанд ҳиссиёти гарму сӯзон дошта бошанд ҳам, вале он пойдор ва устувор нест, поя ё реша надорад, ба зудӣ хомӯш мешавад. Ҳеҷ набошад, баъди никоҳ ва висол дер намепояд. Дар чунин ҳолатҳо бисёр эҳтиёт шудан лозим аст.

**Ҳисси накӯкорию ватандӯстӣ аз оила оғоз меёбад**

Муҳаббати тарафайни байни зану марди ҷавон асоси оилаи солимро ташкил медиҳад.

Ақди никоҳи расмӣ, бунёди оиланавии ҷавонро расман эътироф мекунад.

Ҳамин тавр, дар бунёди оила ду кас иштирок мекунанд ва шахси сеюм ба дунё меояд, ки ҷамъият ба вай эҳтиёҷ дорад. Яке аз вазифаҳои муҳимми ҷамъиятии оила ин таҷдиди аҳолӣ, яъне таваллуди фарзанд ва тарбияи арзанда ва ба воя расонидани шаҳрванди оядаи ҷомеа мебошад.

Фарзандро меваи умри инсон мегӯянд. Аз ин сабаб таваллуд ёфтани фарзанд дар оила хурсандии калон аст. Махсусан, таваллуди кӯдаки нахустин дар оила хурсандии падару модари ҷавон ва хешу табори тарафайн ба шодмонӣ пазируфта ва маросимҳои миллии тоҷикон дар хонадони падару модари ҷавон ба ҷо оварда мешаванд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба ин мавзӯъ абёти беназире дорад:

***Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,***
***Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.***
***Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,***
***Зинда аз фарзанд монад номи мард.***

Шубҳае нест, ки барои хушбахтию таъмини оила таваллуди фарзанд бисёр муҳим аст. Фарзанд риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро мустаҳкам менамояд ва масъулияти онҳоро барои тарбияи фарзанд афзун мегардонад.

Тарбияи фарзанд вазифаи муҳимми падару модар мебошад. Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, хайрхоҳӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ хислатҳои беҳтарини инсонианд. Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина каҷравие ба амал ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам басо душвор мегардад.

Бинобар ин падару модар дар тарбияи фарзанд бояд баробар саҳм гузошта, аз рӯзҳои аввал барои ба воя расонидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш кунанд. Дуруст аст, ки 1-2 соли аввал нигоҳубин ва тарбияи фарзанд бештар ба зимаи модар гузошта мешавад, аммо дар ин давра ҳам падар бояд саҳми худро гузорад. Интизор нашавад, ки фарзанд калон шаваду ба тарбия шурӯъ кунад.

Дар тарбияи фарзандон ибрати падару модар, муносибати онҳо ба ҳамдигар, рафтори самимию ғамхоронаи онҳо ба ҳамдигар таъсири хуб мерасонад. Агар аъзоёни оила боилтифоту меҳрубон, дар байни онҳо муносибатҳои накӯкорӣ, хайрхоҳӣ ҳукмрон бошад, меҳнат оиларо ба иттифоқи дӯстона мубаддал гардонида бошад, ин гуна оила ба тарбияи фарзанд таъсири хуб мерасонад. Аммо агар ҳаёти идона баранд, доимо аз паи маишати худ бошанд, ҳукмпарастии бераҳмона ҳукмфармо бошад, аз чунин оила фарзанди хайрхоҳу хушахлоқ баромаданаш амри муҳол аст.

Асоси одобу ахлоқи нек аз овони кӯдакӣ дар оила гузошта мешавад ва бо мурури замон такмил меёбад. Боигарии бебаҳои ҷамъият – одам дар оила ба вуҷуд меояд, аз ин хотир масъалаи тарбия, солимии кӯдак ҳамаҷониба ба солим будани оила вобаста аст. Оилаи солим фарзанди солимро ба камол мерасонад. Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ хислатҳои беҳтарини инсонианд ва асоси ҳаёти солимро ташкил медиҳанд.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ҳаёти солим танҳо тандурустии ҷисмониро дар назар надорад, балки солимии рӯҳӣ ва иҷтимоии осудаҳолонаро низ дар бар мегирад. Дар зиндагӣ бо воқеаҳое дучор мегардем, ки шахси ҷисман солиму қавӣ ба корҳои ношоям даст мезананд, падару модарашро ҳурмат намекунанд, атрофиёнро меранҷонанд, дуздӣ, дурӯғгӯйию ивғогарӣ мекунанд. Ин нишонаи носолимии рӯҳ, ботинӣ ва маънавии шахс

мебошад. Солимии маънавии шахс ахлоқ, маданият ва зебогии ботинии ӯро инъикос мекунад. Ахлоқ, одоби муоширот қисми таркибии маданияти шахсро ташкил медиҳанд.

Мафҳумҳои "шараф", "виҷдон", "инсоф", "раҳм", "шафқат", "адолат", "қарзи инсонӣ", муҳаббат ба падару модар, кӯдакону калонсолон ва Ватан асоси солимии шахсро зоҳир менамоянд. Ин мафҳумҳоро ҳар фарди ҷомеа бояд дар худ парварад ва асоси рафтори хеш намояд, то номашро одамон дар ҷомеа ба некӣ ба ёд оваранд.

Шароити иҷтимоӣ, ки ҷузъи сеюми ҳаёти солим аст, некӯаҳволии иҷтимоии оилаю ҷомеаро дар бар мегирад. Зиндагии осоиштаю осуда дар оила ва ҷомеа ба шахс шароити мусоид фароҳам меоварад, ҳаматарафа инкишоф ёбад. Яъне, чӣ тавре зикр гардида буд, оилаи солим метавонад фарзанди солимро тарбия карда ба воя расонад. Солимии оила бошад дар тифоқию меҳрубонии зану шавҳар, ғамхорӣ, эҳтироми якдигар ва қадрдонии ҳайати оила нисбат ба якдигар зоҳир мегардад ва шароити мусоид барои тарбияи фарзанд ва инкишофи ҷисмонию равонии вайро таъмин мекунад.

"Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар", - мегӯянд дар мақоли халқ. Аз ин рӯ, тавлиди фарзанд ҳанӯз нисфи кор аст. Кори муҳим ва асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун шахси бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расондани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ба оила вобаста аст.

Кӯдаки навзод, ки баъзан ӯро ба ниҳоли наврас монанд мекунанд, дар оила чашм кушода оламро мебинад ва аз ҳама пеш меҳру муҳаббати модару падарро ҳис мекунад. Бо ҳиссиёти ботинии хеш кашф мекунад, ки ин одамони наздиктарину ғамхорӣ мананд. Солҳои аввалини ҳаёти кӯдак – ин давраи дарки эҳсосии муҳити атроф мебошад. Таъсири одам ба кӯдак ба воситаи тасаввурот ва ҳиссиёти бешуурона амалӣ мегардад. Вақте ки модар бо табассум ва овози меҳрубона хам шуда "биё ҷонони ман, ширини ман", - гуфта дастонашро дароз мекунад, кӯдак ҳам бо табассум дастҳои худро ба тарафи модар моил мекунад. Вақте модар ӯро ба оғӯшаш мегирад кӯдак гармии дастону оғӯши модар ва нигоҳи бо меҳри вайро бо шуълаҳои аввалини бедоршавии шуур дарк мекунад, ки ин одам аз ҳамаи дигарон ба ман ғамхору наздик аст ва ин ҳолат аввалин муҳаббатест, ки нисбат ба модар дар дили кӯдак бедор мешавад. Бо мурури замон кӯдак хестану нишастанро, қадами аввалин гузоштанро меомӯзад ва калимаи аввалинро низ аз забони модар шунида ба гуфтор медарояд пас гуфта метавон, ки муаллими аввалини забон – модар аст. Аз ин хотир забони тоҷикиро мо "забони модарӣ" меномем. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар ва дигар аъзоёни оила мегузарад ва бо таъсири бевоситаи онҳо тарбия мeёбад. Маҳз дар оила қоидаҳои зиндагии ҷамъиятиро меомӯзад ва муносибатҳои иҷтимоиро аз худ мекунад. Маҳз муҳаббати самимӣ ба падару модар ва дигар аъзоёни оила дар баробари дигар асосҳои тарбия, асосҳои мафҳуми Ватан ва ватандӯстӣ ба вуҷуд омада, кӯдакро ҳамчун фарди ҷамъиятӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ омода мекунад.

Лаҳзаҳои беҳтарини ҳаёти кӯдак, наврас ва ҷавонону духтарон дар зодгоҳашон, яъне дар хонаи падару модар мегузаронд. Аз ин хотир Ватани ҳар шахс аз остонаи зодгоҳаш, хонаи падару модар оғоз ёфта баъдан деҳаашонро фаро мегирад. Агар тақдир ӯро ба кадом шаҳре ё кишваре мусофир кунад, муҳаббати ӯ нисбат ба падару модар бародарону хоҳарон хешу таборону наздикон ва деҳаи азизаш дар дили вай хомӯш намегардад, доимо фурӯзон мемонад.

Масъалан, ҳангоми аз деҳа ба маркази ноҳия омадан, агар савол кунанд, ки аз куҷо мешавӣ – ҳатман номи дехаашро номбар мекунад, яъне Ватани хурдиаш аз деҳааш оғоз мегардад. Агар тақдир ӯро ба маркази вилоят ё ҷумҳурӣ барад пурсанд аз кадом ноҳиягӣ – номи ноҳияашро мегӯяд. Агар ба дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ё ба хориҷи кишвар сафар кунад, ҳатман худро аз Тоҷикистон муаррифӣ мекунад, зеро Тоҷикистон Ватани бузурги тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон аст.

Ҳамон муҳаббате, ки кӯдак дар хурдиаш нисбат ба падару модар ва дигар аъзоёни оилааш, ба деҳаю ҳамдеҳагонаш дошт бо мурури замон, бо ғанӣ гаштани дониш оид ба таъриху фарҳанги Ватани калонаш, ба ифтихори миллӣ ватандӯстӣ мубаддал мегардад.

Аҳамияти тарбияи хуби насли наврас аз нону об, либосу инкишофу ободии Ватан камтар нест, зеро баъд аз ба воя расидану соҳибҳунар гардидан – онҳо таъмингари обу нон, либосу пӯшоки мо, ободию инкишофи Ватан ва пирии осудаи мо мешаванд.

Вазифаи дигари оила нигоҳ доштани пайванди наслҳо аст. Дар урфият мегӯянд, ки "ҳар шахс бояд ҳафт пушти худро донад", яъне дар бораи бобою бобокалон, момою момокалон ва дигар аҷдодони худ маълумот дошта бошад. Ин вазифаи падару модар ва, агар дар ҳаёт бошанд, бобою бибиҳо мебошад, ки дар бораи гузаштагони худ ба фарзандону наберахояшон ҳикоя кунанд. Бештари вақт бобоёну бибиҳо, ки дар қайди ҳаёт бошанд дар бораи гузаштагони худ деҳаи худ, шахсони номдори деҳаашон, ки дар обод намудани деҳа, некуаҳволии аҳолии деҳа саҳм гузоштаанд, нақл мекунанд. Фарзандон, ки калон шудаанд, падару модар онҳоро ба хонаҳои хешу табор ва дӯстони хонадон бо фарзандонашон ба дидорбинии онҳо меоянд. Ҳамин тариқ, чӣ тавре мегӯянд "меҳр дар чашм аст" бачаҳо хешу таборашонро, дӯстони хонадонашонро мешиносанд, бо фарзандони онҳо риштаи дӯстиро мебанданд, ба онҳо меҳр пайдо мекунанд ва ин робитаи авлодию дӯстӣ мустаҳкам мегардад. Бе мадади дӯстону хешу табор зиндагӣ ба сар бурдан мушкил аст. Чунонки Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: "Танҳо ба дунё меоем ва танҳо меравем, вой агар танҳодил зиндагӣ кунем".

Донистани гузаштагони хеш, деҳаи худ ва одамони номдори он, муносибати нек бо хешу табор, дӯстон, қадрдонию меҳрубонӣ, омода будан ба мадади ҳамдигар ба фарзандон дарси ибрат мегардад.

Дар "Панҷсад ҳадис" омадааст, ки "Беҳтарин эҳсон ба падар ин аст, ки пас аз марги ӯ бо дӯстонаш муҳаббат кунӣ" ин пандро бояд ҳар як шахс дар ёд дошта бошад ва нагузорад, ки риштаи дӯстӣ бо хешу табор ва ёру дӯстон канда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Раҳимзода Х. // Гардиши айём. – Д., 2017. – С. 238.
2. Раҳимзода Х. // Оила – асоси давлат // Мураттиб Ҳасанов Ю. – Д., 2021. – С. 152.
3. Раҳимзода Х. // Сабақҳои зиндагӣ. – Д., 2021. – С. 416.
4. Гончарова Т. А. // Народное образование. – 2002. – № 6. – С. 98.
5. Григорьева И. Н. // Здоровье, обучение, воспитание детей и молодежи в XXI веке: Материалы Международной конф. – М., 2004. – Ч. 1. – С. 285–286.
6. Макаренкова И. В. Социальная дезадаптация детей и подростков (психолого-педагогические основы коррекционнопрофилактической работы) – М., 2004.
7. Доманецкая Л.В. Психология семьи и семейного воспитания: учебное пособие / Л.В.Доманецкая; Краснояр. гос. пед. ун-т им. В.П.Астафьева. – 2013. – 212 с.
8. Прокопьева М.М. Психология семьи : учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / М.М.Прокопьева, М.Д.Находкина . – Якутск : Издательский дом СВФУ, 2013. – 144 с.


***Калидвожаҳо:*** *волидон, оила, тарбия, тарбияи оилавӣ.*

## СЕМЬЯ И ЕГО РОЛЬ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ

В статье анализируется роль семьи, родителей и общественности в процессе воспитания детей, становления его личности. Были рассмотрены вопросы о значении семейного воспитания на сегодняшний день, обязанности родителей при воспитании детей, цель и значение семейного воспитания. Обширно рассмотрены основные направления народного воспитания в семейном воспитании. Затронуты такие темы как родители, дети и взаимосвязь семьи и школы. Целостность семьи и семейное воспитание. Духовное, моральное и нравственное воспитание.

***Ключевые слова:*** *родители, семья, воспитание, семейное воспитание.*

## FAMILY AND HIS ROLE IN RAISING CHILDREN

The article analyzes the role of family, parents in the process of raising children, the formation of his personality. Questions were considered on the meaning of family education to date, parents' duties during the upbringing of children, the goal and the importance of family education. The main directions of public education in family education are extensively considered. Affected topics such as parents, children and what is family and its wealth. Family integrity and family education. Spiritual, moral and moral education.

***Key words:*** *parents, family, upbringing, family education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Раҳимзода Хуррам – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шубаи педагогика ва психологияи Пажӯҳиш7гоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Тел.: 907-98-47-70.

**Сведения об авторе: Рахимзода Хуррам** – доктор педагогических наук, профессор, ведущий научный сотрудник отдела педагогики и психологии Института развития образования имени Абдурахмана Джами. Тел.: 907-98-47-70.

**Information about the author:** Rahimzoda Khuram – doctor of pedagogical sciences, professor, leading researcher of the Department of pedagogy and psychology Institute for Education by the name of Abdurahman Jami. Phone.: 907-98-47-70.

**Р.РАМАЗОНОВА**

# ЗУҲУРОТИ ХАШМКУНӢ ДАР НАВРАСОНИ ДОРОИ НУҚСОНҲОИ АҚЛИЮ ЗЕҲНИДОШТА

Яке аз мушкилоти шадиди иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо афзоиши тамоюлҳои хашмгинона дар муҳити наврасони ақланақибмонда мебошад. Рафтори хашмгин, ба ақидаи равоншиносон, амалҳои кушода ва зоҳиран ифода ёфта мебошад, ки хеле фаъоланд ва аксар вақт ба ашё (шахс ё ашё) ягон навъ зарар мерасонанд. Ҳамин тариқ, амалҳои хашмгинона ҳамеша зарароваранд.

Дар байни ҷузъҳои муҳимтарини эҳсосотӣ хашм дар ҷои аввал меистад. Аксар вақт шахс эҳсоси қавии хашмро эҳсос мекунад, баъзан шакли аффект, хашмро мегирад. Аммо хашмкунӣ наҳамеша бо аффект ҳамроҳ мешавад ва на ҳама хашм боиси хашмкунӣ мешавад. Чазаби нотавон дар ноумедӣ вуҷуд дорад, вақте ки ҳеҷ роҳе барои бартараф кардани монеае, ки дар роҳи ҳадаф истодааст, вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, баъзан наврасони ақланақибмонда хашми худро нисбат ба калонсолони худ эҳсос мекунанд. Аммо ин хашм одатан бо хашм ҳатто дар шакли шифоҳӣ ҳамроҳӣ намешавад. [16, с.219]

Сояи махсуси хашмкунӣ аз таҷрибаҳои нопокӣ, интиқом дар баъзе мавридҳо эҳсоси қувват ва эътимоди шахсӣ дода мешавад. Он ин чунин рӯй медиҳад, ки хашмкунӣ эҳсоси шодӣ ва гувороеро аз сар мегузаронад, ки ифодаи патологии он мебошад.

Чунин ҷузъи хашмкунӣ ба монанди иродаи он низ аҳамияти ҷиддӣ дорад. Дар амали хашмкунӣ кор он ҳама сифатҳои расмии ирода мавҷуданд: мақсаднокӣ, матонат, қатъият ва дар баъзе ҳолатҳо ташаббус ва далерӣ. Хашмгини аксар вақт дар мубориза ба вуҷуд меояд ва инкишоф мeёбад. Ҳамагуна мубориза сифатҳои иродаи дар боло зикр шударо талаб мекунад.

Ҳолати маъмулии хашмкунӣ бо таҷрибаи шадид ва аксаран таъсир бахшида, фаъолияти ноустувор, бадкорӣ, дар баъзе мавридҳо хоҳиши "бадиро гирифтан" ба касе ва ҳатто ба чизе тавсиф кардан намехоҳад. Дуруштӣ зуҳуроти хеле маъмулии хашмкунӣ аст. Амалҳои хашмгинона аз чунин қисматҳо ибораи мебошанд:

- воситаҳои расидан ба ягон ҳадафи муҳим (хашмкунии инструменталӣ);
- ҳамчун роҳи ихроҷи равонӣ, ивазкунӣ, қонеъ кардани ниёзҳои баста шуда ва фаъолияти коммутатсионӣ;
-ҳамчун роҳи қонеъ кардани ниёз ба худшиносӣ ва худфиребӣ; [10, с.76]

Дар мавриди рафтори хашмгинона, ин як аксуламали модарзодии биологӣ нест, балки яке аз шаклҳои рафторест, ки дар натиҷаи робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар луғатномаҳои психологӣ, хашмкунӣ ҳамчун рафтори ҳавасмандкунанда муайян карда мешавад. Хилофи меъёрҳо ва қоидаҳои ҳамзистии одам он дар ҷомеа, осеб расонидан ба объектҳои ҳамла, расонидани зарари ҷисмонӣ ба одамон ё боиси нороҳатии равонӣ (таҷрибаҳои манфӣ, ҳолати шиддат, тарс), депрессия ва ғайра) мегардад. Дар адабиёти психологӣ, педагогӣ ва махсус истилоҳҳои хашмгинӣ ва рафтори хашмгин низ истифода мешаванд [7, с.76].

Агрессивӣ ҳамчун майл ба татбиқи модели хашмкунӣ коронаи рафтор, ки мутобиқшавии инсонро таъмин мекунад ва яке аз роҳҳои қонеъ кардани ниёзҳои фаврӣ дар вазъияти бӯҳронии рушд ва зиндагӣ (стресс, маҳрумият, ноумедӣ ) ба ҳисоб меравад.

Рафтори хашмгини яке аз шаклҳои вокуниш ба ҳолатҳои гуногуни ҳаёти ҷисмонӣ ва психологии номусоид аст, ки боиси стресс ва ноумедӣ мегардад. [15, с.9].

Мафҳумҳои асосии зуҳури хашмгинӣ назарияи ҷалбкунӣ (инстинкт), ноумедӣ, назарияи омӯзиши иҷтимоӣ, ҳавасманд мебошанд. Онҳо нуқтаи назари намояндагони самтҳои гуногунро инъикос мекунанд: этологӣ , психоаналитикӣ , бихевиористӣ рафторӣ , гуманистӣ ва ғайра.

Намояндагони ду самти аввал хашмкуниро ҳамчун инстинкт мефаҳманд. Муассисони самтҳои этологӣ (К. Лоренц) ва психоаналитикӣ (А.Фрейд) модели ба истилоҳ гидравликии (муҳаррикӣ) хашмкуниро пайравӣ мекунанд. Мувофиқи он хашмкунӣ манбаи

дохилӣ дорад ва барои пешгирии зӯроварии беназорат, энергияи хашмгин бояд доимо холӣ карда шавад.

А. Фрейд хашмгиниро бо хоҳиши марг алоқаманд мекунад ва онро ҳамчун як намуди доимии дар бадан мавҷуд буда, импулси мобилӣ, ки бо табиати инсон вобаста аст, муайян карда мешавад. Инстинкт, худкушӣ ё нобудшавии як фарди дигар аст.

Проблемаи хашмкунӣи кӯдакони ақланақибмонда аз ҷониби Анна Фрейд пайваста таҳия шуда буд. Вай боварӣ дошт, ки аллакай дар хурдсолӣ кӯдак амалҳои худхоҳона дорад. А.Фрейд марҳилаҳои инкишофи хашмгиниро қайд мекунад, ки рафтори муқаррарии ҳам кӯдак ва ҳам калонсол ба он вобаста аст, ки энергияи танатос (гардонандаи марг) бо энергияи табиати инсон маҳдуд карда мешавад.

Агрессивии патологӣ аз шароити ғайри муқаррарии инкишофи кӯдак ба вуҷуд меояд (аз даст додани волидайн, зиндагӣ дар интернат ва ғайра). А.Фрейд ин ҳолатҳоро бо набудан ё зуд –зуд иваз шудани ашёи ишқ шарҳ медиҳад. [3, с.54]

А.Адлер баҳс мекард, ки ҳар як шахс эҳсоси пастӣ дорад, ки хоҳиши фардро барои ҷуброни камбудӣ ба вуҷуд меорад. Хоҳиши модарзодӣ - хоҳиши пайвастан (эҳсоси иҷтимоӣ), ки рафтори шахсро танзим мекунад. Мутафаккир А.Адлер ба хулосае омад, ки рафтори асосиалистӣ натиҷаи суст инкишоф ёфтани эҳсосоти иҷтимоӣ мебошад. Вай фаҳмидани хашмкуниро ҳамчун як ҷанбаи ногузири шахсият рад кард.

Асосгузори этология К.Лоренс ба ақидаҳои шабеҳ пайравӣ мекард. Вай боварӣ дошт, ки шинохти хашмкунӣ бо "инстинктҳои марг" нодуруст аст. Олим чор роҳи кӯмак ба ислоҳӣ одамон ва бартараф кардани инстинктҳои хашмкуниро пешниҳод кардааст: аз нав ба самти дигар равона кардани хашмкунӣ ба объекти дигар, сублиматсияи (об накарда якбора ба газ табдил додани ҷисми сахт) потенсиали хашмкунӣ, маҳорати оқилона ва интиқодии вокуниши илҳом, ки бояд ба илм ва санъат равона карда шавад. Роҳи халос шудан аз инстинктҳои хашмгин, аз ҷиҳати назариявӣ имконпазир, вале номатлуб аст. Азбаски ҳамкории ангезаҳои гуногун хеле душвор аст, аз байн рафтани яке аз онҳо (хашмкуни), ба гуфтаи Лоренс, ба оқибатҳои пешгӯинашаванда оварда мерасонад.

Ҷорҷ Доллард ва ҳамкасбони ӯ назарияи ноумедиро пеш овarданд, ки мавқеи асосии он чунин аст: ноумедӣ ҳамеша ба ягон шакл хашмкунӣ меорад ва ноумедӣ қувваи пешбарандаи рушди шахсият инсон аст. Он ҳамеша вуҷуд дорад, зеро ҷаҳони беруна ба инсон душманона аст ва дар ҳар қадам монеаҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дучор мешаванд. Тамоми ҳаёт аз муборизаҳо иборат аст. Хашмкунӣ ҳамчун навъи асосии мубориза бо ноумедӣ метавонад дар шаклҳои мухталиф ва шаклҳои номухталиф дар истилоҳҳои рафторӣ ва шифоҳӣ зоҳир шавад. Дар шакли негативизм (дар наврасон), дар шакли зуҳуроти садизм, (як навъи касалии шаҳвонӣ) дар шакли депрессия ва хашм дучор шудан мунким аст.

Х.Хекхаузен аниқ кард, ки на ҳама хашмкунӣ дар натиҷаи маъюсӣ ба вуҷуд меояд ва на ҳама ноумедӣ ва на дар ҳама ҳолатҳои зиндагӣ боиси хашмкунӣ мешаванд. [5, с.117]

К.Левин хашмкуниро танҳо яке аз аксуламалҳои эҳтимолии одам ба ноумедӣ меҳисобид. А.В. Александрова қайд мекунад, ки хашмкунӣ зоҳир намешавад, агар шахс тавонад роҳҳои созандаи халосиро аз ҳолати рӯҳафтодагӣ пеш аз боло рафтани қимати ҳадди ақали сатҳи стресс пайдо кунад. Дар акси ҳол, шиддат ёфтани метавонад шахсро аз ҳолати мувозинати рӯҳӣ барорад. Александро ба оқибати харобиовар ва зарарноки ноумедиро баррасӣ карда, ва майл ба вазифаҳои мутобиқшави ба он нисбат медиҳад.

К.Роҷерс хашмкуниро бо сатҳи рушди худшиносӣ, ки дар навбати худ бо мутобиқати худ баҳодиҳии шахс алоқаманд аст, робита дод. Вай боварӣ дошт, ки хашмгинӣ яке аз муҳофизаҳои психологист, ки шахс маҷбур аст барои нигоҳ доштани худ баҳодиҳии мусбӣ ба он муроҷиат кунад. [9, с.201]

В.Франк хашмкуниро сифати шахсияти ташаккулдиҳанда меҳисобад ва бо ин равиш хашмкунӣ ҳамчун механизми муҳофизатӣ маҳдуд аст. Психолог Ф.Г. Василюк хусусияти реактивии дифоъиро хашмкунӣ корӣ меноманд, ба ҳар ҳол, онро ҳамчун сифати ба дастовардашудаи шахсӣ меҳисобанд.

Дар назарияи ноумедӣ, хашмкунӣ ҳамчун усул ва шаклҳои гуногуни рафтор ва хашмгинӣ ҳамчун сифати ба дастовардашудаи шахсӣ фаҳмида мешавад.

А.Бандура нақшаи рафтори хашмгинии кӯдакон ақланақибмондаро ба таври зерин пешниҳод мекунад. Хашмкунӣ тавассути омилҳои биологӣ (гормонҳо, хусусиятҳои

системаи асаб), омӯзиш (таҷрибаи мустақим, мушоҳида) ба даст меоянд. Бо таъсири намунаҳо (ҳаяҷон, таваҷҷӯҳ), табобати ғайриқобили қабул (ҳамлаҳо), ҳавасмандкунӣ (пул, мафтунӣ), (фармонҳо) эътиқоди экссентрикӣ (ғояҳои парандаҳо) дастурҳо ба вуҷуд меоянд. Хашмкунӣ бо мукофотҳо ва ҷазоҳои беруна, механизмҳои худтанзимкунӣ (ғурур, гуноҳ) танзим карда мешавад. Азбаски А.Бандура хашмкуниро ҳамчун як шакли омӯзиши рафтор мефаҳмад, вай роҳҳои заиф кардани онро ҳамчун як силсила расмиётҳо барои бартараф кардани шароите, ки ба тақвияти он нигаронида шудаанд, пешниҳод мекунад. [8, с.17]

Баррасии ретроспективии афкорро ҷамъбаст карда, мо метавонем чунин таъриф диҳем. Хашмкунӣ натиҷаи механизми инстинкти рафтор аст, он як ҷузъи ҷудонашаванда ва табиати шахсият нигаронида шудааст ва онро тавассути равона кардани энергия ба шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақбул заиф карда метавонд.

Назарияи омӯзиши иҷтимоӣ дар худ ақидаҳои зеринро мутамарказ карда аст. Хашмгинӣ дар давоми ҳаёт ва махсусан дар раванди иҷтимоии фард ташаккул меёбад. Махсусан дар натиҷаи мушоҳида кардани рафтори волидон ва дигар аъзоёни калонсоли оила ва ҳамсолон. Рафтори хашмгинии наврасони ақланақибмонда метавонад вазифаи муҳофизат ё мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоиро иҷро кунад ва ин метаовнад дар доираи рафтори ғайриқонунӣ василаи таъсир расонад. Хашмкунии наврасони ақланақибмонда ҳамчун падидаи психологӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ бетараф аст. Вобаста ба иҷтимоии фард, он метавонад ба рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ маъқул ва рафтори ғайриқонунӣ оварда расонад.

Назарияи ҳавасмандкунӣ консепсияи хоси хашмкунӣ дорад. Н.Д. Левитов қайд мекунад, ки дар баъзе ҳолатҳо муайян кардани хашмкунӣ кори осон нест. Хашмкунӣ восита ё ҳадаф аст. Вай хашмкунии "фаъолона" ва "дифоъӣ " -ро фарқ мекунад. Инчунин таъкид мекунад, ки давлати хашмкунӣ кор метавонад кушода бошад, яъне дар амалҳои мувофиқ зоҳиран ифода ёфта, пинҳон, дар рафтори хашмгинона амалӣ намешавад. [6, с.99]

Р. Немов боварӣ дорад, ки шахс дорои тамоюлҳои гуногуни ҳавасманд кунанда аст, ки бо рафтори хашмгинона алоқаманд аст. "Тамоюл ба хашмкунӣ", менависад ӯ, тамоюли инфиродӣ барои арзёбии бисёр ҳолатҳо ва амалҳои одамон ба ӯ хоҳиши посух додан ба онҳо бо амалҳои хашмгинонаи худ таҳдид мекунад. Тамоюли саркӯб кардани хашмкунӣ ҳамчун майлони инфиродӣ барои арзёбии амалҳои хашмкунӣ худ ҳамчун номатлуб ва ногувор муайян карда мешавад, ки боиси таассуф ва пушаймонӣ мегардад. Ин тамоюл дар сатҳи рафтор боиси пахш кардан, канорагирӣ ё маҳкум шудани зуҳури амалҳои хашмкунӣ мегардад. "Хашмкунӣ дар натиҷаи як ҳолати мураккаби ҳавасмандкунӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он метавон ҷузъҳои ҳавасмандкунанда (душманӣ, хашм ва ғайра) пайдо кунад. Ин аз боздорӣ (стереотипҳои фарҳангӣ, тарси ҷазо, гуноҳ ва ғайра) фарқ кард.

Ҳамин тариқ, дар назарияи ҳавасмандкунӣ хашмгинӣ хусусияти шахсиятест, ки дар омодагӣ бахашмкунӣ ифода ёфта аст ва хашмкунӣ амали ҳамла ё зуҳури хашмкунӣ аст.

Таҳлили мушкилоти хашмкунӣ ва рафтори хашмгинона ба мо имкон медиҳад, ки дар баробари як қатор мавқеъҳои бунёдӣ ҷонибдорони онҳо нуктаи назари якхела дошта бошанд.

Дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ ба омӯзиши хашмкунӣ корӣ ҳамчун фаъолияте, ки ба муқобили мавҷудияти ҳуқуқу озодиҳои атрофиён нигаронида шудааст, диққати махсус дода мешавад. Худ ба худ хашмкунӣ бо мақсади расонидани зарар дар худи инсон аст. Агрессивӣ ҳамчун як хусусияти мураккаби шахсият, ки бо ихтилоли рушди равонӣ алоқаманд аст, ҳамчун мавзӯи омӯзиш дар таҳқиқот амал мекунад.

Агрессия ҳамчун таъсири мутақобилаи ду субъект баррасӣ мешавад. Дар ин ҳолат, амали хашмгин ҳамчун ҳамкориҳои "субъективӣ" шарҳ дода мешавад, ки дар он як тараф "хашмкуни кор" ва тарафи дигар "қурбонӣ " аст.

Навъҳои хашмкунӣ дар адабиёти психологӣ, педагогӣ ва махсус тавсиф шудаанд. Э.Фромм хашмкунии бад ва бадсифатро месанҷад. Хашмкунии бад як шакли биологии мутобиқшавандаи амалест, ки ба нигоҳдории ҳаёт мусоидат мекунад. Бо ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим алоқамандаст, ки вокуниш ба таҳдид ба ин манфиатҳоро ифода мекунад. Хашмкунии ашаддӣ ҳамчун зараровар, харобкунанда ва бераҳмона ҳисобида мешавад. [7, с.102]

М.Мендел ва В.В. Лебединский хашмкунии ба берун ва ботин равона шударо фарқ мекунад. Д. Майерс,ёё Р.Барон, Д.Ричардсон хашмкунии душманона (боиси ранҷу азоб ба

қурбонӣ) ва инструменталӣ (хашмкуни гарон ба одамон ҳамла мекунанд, дар паи ҳадафҳое ҳастанд, ки бо зарар алоқаманд нестанд) фарқ мекунанд.

Аз рӯи шакли зуҳур А.Басс ва дигар муҳаққиқон хашмкунии фаъол ва ғайрифаъол, нутқ ва ҷисмониро фарқ мекунанд. [2, с.308]

Бисёр муаллифон ба робитаи байни рафтори хашмгинона ва ниёзҳои қонеънашуда ишора мекунанд. А. Бандура, Д., З. Скорнӣ қайд мекунад, ки хашмкунӣ кӯдакони ба ниёзҳои қонеънашаванда ба муошират аст, ки аз хунукии эҳсосии волидон, набудани самимият ва иродаи нек аз ҷониби онҳо, сахтгирии аз ҳад зиёд ва истифодаи ҷазои ҷисмонӣ ба вуҷуд омадааст. Эҳтиёҷоти қонеънашуда барои эътироф, ки аз сабаби манъкунӣ ва фармоиши аз ҳад зиёди калонсолон, инчунин маҳдудиятҳои аз ҳад зиёди мустақилияти кӯдакон ва ҷавонон ба вуҷуд омадааст. Бисёр тадқиқотчиён чунин ангезандаҳоро ном мебаранд [7, с.82-85].

Сабабҳои асосии зуҳуроти хашмкунии наврасони ақланақибмонда инҳоянд:

Дар ин мақола когнитивизм, ки як соҳаи илм аст, таҳқиқи он мағзи сари инсон, тафаккур дар ҷараёни дарк ва натиҷаҳои онҳо мебошад. Синонимҳои когнитивизм инҳоянд: маърифат, ақл, ақл, ақл, инъикос. Когнитивизм ҳамчун аналоги такмил ва омӯзиши иттилоот омӯхта мешавад ва амали инсон бо ҳолати дохилӣ ва дарки он алоқаманд аст. Мавзӯи асосии когнитивизм шахсе мебошад, ки маълумотро дар фикрҳои худ дарк мекунад, коркард мекунад, ба навъҳо ҷудо мекунад, онҳоро иҷро мекунад ва амал мекунад. Таҳқиқот дар соҳаи маърифат нишон медиҳанд, ки когнитивизм бо дигар соҳаҳои илм, аз қабили: психология, антропологияи фарҳангӣ, фалсафа, неврология, забоншиносӣ ва ғайра алоқаманд ҳастанд. Дар илми маърифатӣ бештар ба омилҳои инсонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад, на танҳо рафтори инсон омӯхта мешавад, балки ҷаҳонбинии ботинӣ (тафаккур, ҷаҳонбинӣ), аломатҳое, ки дар амалҳо дар асоси дониш пайдо мешаванд, яъне соҳаи маърифатии шахс бо амали ӯ, ки бо иштироки забон ба вуҷуд меояд ва ба дастовардҳо такя мекунад, тафтиш карда мешавад. Дар маркази забоншиносии маърифатӣ, пеш аз ҳама, саводнокӣ, навъҳои маърифат ва татбиқи онҳо дар формати лингвистӣ мавҷуд аст ва хоҳад буд, зеро, бешубҳа, забон усули асосии муошират, муаррифӣ, коркарди иттилоот ва интиқоли дониш ба ҳисоб меравад.

***Калидвожаҳо:*** *когнитивизм, мағзи сари инсон, тафаккур, ақл, даркият, идрок, амали инсон, антропологияи фарҳангӣ, неврология, омили инсонӣ, рафтор, уфуқҳои ботинӣ, иштироки забон, саводнокӣ, маърифат, коркарди иттилоот.*

## COGNITIVE LINGUISTICS AS A SCIENTIFIC FIELD

This article examines cognitive, which is a field in science, the research of which is the human brain, thinking in the process of perception and their results. Synonyms for cognitive are: cognition, reason, intellect, reason, reflection. Cognitivism is studied as an analogue of improving and studying information, and human action is associated with the internal state and its perception.The main subject of cognitive is a person who perceives, processes, sorts information in his thought cognitive s, executes them and acts.Research in the field of cognition indicates that cognitive is combined with other areas of science, such as: psychology, cultural anthropology, philosophy, neuroscience, linguistics, and others.In cognitive science, most of all attention is paid to human factors, it is not just human behavior that is studied, but the inner worldview (thinking, outlook), signs that appear in actions based on knowledge, that is, the cognitive area of a person is investigated by his actions that arise with the participation of language and based on achievements. At the center of cognitive linguistics, first of all, is and will be literacy, varieties of cognition and their application in a linguistic format, since, undoubtedly, language is considered the main method of communication, presentation, information processing, and knowledge transfer.

***Key words:*** *cognitivism, human brain, thinking, reason, intellect, reason, human action, cultural anthropology,neuroscience, human factor, behavior, inner horizons, language participation, literacy, cognition, information processing*

**Сведения об авторе:** Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна – Таджикский государственный университет коммерции кандидат филологических наук, заведующий кафедрой английского языка и межкультурной коммуникации, 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти1/2. тел: 934444579, Gmail - irodaturdiakhanova@gmail.com

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони англисӣ ва робитаҳои байнифарҳангӣ 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2.Тел: 934444579 , Gmail - irodaturdiakhanova@gmail.com

**Information about the author:** Turdi-Akhanova Iroda Abdumalikovna- Tajik state university of commerce, candidate of philological sciences, the Head of EnglishLanguage department, 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti street1/2. Tel: 934444579, Gmail - irodaturdiakhanova@gmail.com

**Ҳ.ПИРОВ, П.НЕМАТОВ**

## РУШДИ АХЛОҚИ ХОНАНДА ҲАМЧУН МАҲСУЛИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ МУНОСИБАТИ ОМӮЗГОР ВА ХОНАНДА

Вобаста ба навсозиҳо дар ҳаёти фарҳангиву ахлоқӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосир дар баробари имконоти нави тарбияи насли наврас муаммоҳои нав низ ба мушоҳида мерасанд, ки яке аз масъалаҳои калиди рушди маънавиёт, ахлоқ ва шахсияти хонандагон дар раванди таълим мебошад.

Дар ҳар як ниҳоди иҷтимоӣ ва муҳимтар аз ҳама, дар оила таҳкурсии соҳаи маънавию ахлоқии кӯдак шакл мегирад. Аммо имрӯз маълум мегардад, ки арзишҳои ахлоқии тӯли асрҳо ҳифз кардаву интиқолдодаи ниёгони мо дар навбати худ, бо сифатҳои наве пурра мегарданд, ки ба ҷавонон «сарборӣ» мешаванд.

Зимни баррасии тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакон ба таносуби мафҳумҳои «ахлоқ» ва «маънавият» таваҷҷуҳ зоҳир бояд кард.

Ҷузъи ахлоқии тарбияи маънавию ахлоқӣ асосан тавассути таъсирот ба шуур ташаккул меёбад, ба рафтори зоҳирӣ муносибат ба олами табиат ва олами инсонҳо таъсир гузошта, натиҷаи тарбия мебошад ва дар айни замон, тамоюлҳои арзишии шахсиятро инъикос менамояд. Ахлоқ - маҷмӯи хулқу воситаҳои рафтори мувофиқ ба меъёрҳои ҷомеаест, ки фард дар он зиндагӣ мекунад. Дар аксари манбаъҳои фалсафӣ мафҳумҳои «ахлоқ» ва «одоб» ҳамчун мафҳумҳои якхела шарҳ дода мешаванд. Он типи махсуси танзими меъёрист, ки аз маҷмӯи меъёру принсипҳои таъсироташ ҳамаву ҳар касро фарогир ва таҷассумкунандаи арзишҳои ахлоқӣ (некӣ, шафқат, наҷот, хушбахтии умум) иборат мебошад. Дуруст қайд шудааст, ки мундариҷаи умумиинсонии ахлоқро дар шакли ҷамъбастӣ «қоидаи тилоӣ» ифода менамоянд: «нисбат ба дигарон ҳамон тавре рафтор бикун, ки нисбат ба ту рафтор карданашонро мехоҳӣ». Ахлоқу одоб дар меъёрҳои худ арзишҳои мутлақро таҷассум мекунанд, бинобар ин, қоидаву арзёбиҳо меъёри олии рафтори дуруст пазируфта шудаанд. Ахлоқ аз ҳамин сабаб салоҳият дорад, ки ҳуқуқро аз нуқтаи назари мувофиқати он ба талаботи адолат ва интизориҳои ахлоқӣ баҳо диҳад.

Шакли сохти ҷамъиятӣ дигаргун мешавад, қоидаҳои одоб низ тағйир меёбанд, ахлоқ бошад, категорияи абадист. Муаммои ахлоқ мавзӯи таҳқиқоти сершумор ҳам дар кишвари мо, ҳам дар хориҷа мебошад. Ин муаммо дар доираи илмҳои фалсафа, психология ва педагогика баррасӣ мегардад.

Ҳар кас дар лаҳзаи воридшавӣ ба олами муносибатҳои байнишахсӣ ба дунёи зуҳуроти номаҳдуди маънавият ҷалб мешавад.

Маънавият дар муҳити кӯдакон ҳамчун қобилияти зоҳиршудаи бартараф кардани тарсу ҳарос, худро идора карда тавонистан, ҷасорати иҷро намудани кирдори душвор, ҳатто хатарнок фаҳмида мешавад. На равшанбаёнӣ, балки ҷасорат, қатъияту мардонагӣ зуҳуроти маънавие мебошанд, ки дар ин синну сол на фақат баҳои меъёрии наврасони атроф, балки ақидаи ҳақиқии кӯдакро дар бораи худаш таъйин мекунанд. Маҳз ин андеша ҳамчун хулосаи раднашаванда он самтеро пешакӣ муайян мекунад, ки шахсият барои рушди худ интихоб менамояд. Сол то сол дар наврасон меъёрҳои маънавият тағйир мепазиранд, чунки бознигарӣ ва азнавбаҳодиҳии мақсадҳои зиндагӣ рӯй медиҳад. Ба ибораи дигар, ба ҳар як давраи синнусолӣ фаҳмиши худии маънавият хос мебошад. Албатта, пеш аз ҳама, «маънавият» дар синни наврасӣ дар хонандагон бо воситаи таъсири мутақобил бо олам зоҳир мегардад. Инҳо тамоилҳои арзишӣ, ҳадафҳо ва кӯшишҳо, муносибат ба атрофиён ва баҳодиҳӣ ба худ мебошанд.

Матлабҳои ифодаёфта имкон медиҳанд, ки дар бораи тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон ҳамчун яке аз самтҳои асосии тарбияи насли наврас, ки дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, сухан ронда шавад. Яке аз воситаҳои сермаҳсули эҳёи тарбияи маънавию ахлоқӣ рӯй овардан ба неруи иҷтимоию педагогии мероси Тоҷикистон мебошад.

Рушди маънавию ахлоқӣ роҳи муҳимми худтакмилдиҳии шахсият аст. Андӯхтани захираҳо барои интихоби бошууронаи роҳи минбаъдаи касбӣ, ки танҳо тавассути тарбияи маънавию ахлоқӣ имконпазир аст, муҳим мебошад.

Инсон наметавонад, ки аз ҷиҳати маънавӣ ва ахлоқӣ бой тавлид шавад, бинобар ин, таъсири берунаи омӯзгорон, волидон, тамоми низоми таҳсилоти мактаби миёна дар сурати ягонагии омилҳои гуногуни тарбияи маънавию ахлоқӣ зарур аст, ки аз ҷониби педагоги иҷтимоӣ сурат мегирад.

Ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагоги иҷтимоӣ ва хонандагон ҳамчун раванди таъсироти мутақобили шахсиятӣ, ки манфиатҳои онҳоро муттаҳид месозад, ба эътимоди тарафайн, самимият ва софдилии ҳар як нафари онҳо асос меёбад. Зимнан барои худифодакунӣ ва худсобитсозии шахсият замина фароҳам меояд, ки муошрати солими маънавиро ташаккул дода, барои рушди низоми арзишҳои ахлоқӣ таҳкурсӣ пайдо мешавад. Дар раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонанда, наврасон ба калонсолон, ба суханон ва арзишҳо эътимод доранд, калонсолон барои ба неруи худ бовар кардани онҳо, дарёфти ҳусни тафоҳум бо воқеияти атроф, яъне ба даст овардани мабдаи заминасози маънавияти инсон ёрӣ расонида метавонанд. Омӯзгор ба ҳар як кӯдак дар ҳалли муаммоҳои зиндагиаш мусоидат менамояд, гунаҳои имконпазири тамоилҳои арзиширо нишон дода, ӯро ба роҳи бойшавии маънавию ахлоқӣ ҳидоят мекунад.

Л.Б.Филонов якчанд марҳилаи таъсири мутақобили педагогро бо хонандагон муайян кардааст. Инҳо андӯхтани мувофиқат дар дидгоҳҳо, барангезиши созгорӣ аз ҷониби бачаи наврас, ҷустуҷӯй шавқу рағбат, фаҳмидани хусусиятҳои рағбат ва рафтори ӯ, муайян намудани ҷиҳатҳои манфии шахсият, вокуниши ӯ ба таъсири дигарон, ҳосил кардани меъёрҳои умумии рафтор ва таъсироти мутақобил мебошанд [8].

Сохтори муносибатҳо дар низоми «педагог - хонанда» низоми робитаҳои иҷтимоию педагогист, ки аз тамосҳои одитарини фазогӣ, психикӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ то амалиёту муносибатҳои дутарафаи мураккабтаринро устувор иборат аст.

Хонандагон дар ҳолати интихоби ҳамешагии арзишҳои зиндагӣ қарор доранд. Мафҳуми ахлоқ ҳамчун раванди ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, хислатҳо, малакаҳо ва одатҳои рафтор маънидод мегардад. Тарбияи ахлоқӣ таъсироти муташаккилона, ҳадафмандона ба шахсият бо мақсади ташаккули шуури ахлоқӣ, рушди сифатҳои ахлоқӣ ва ҳосилкунии малакаву маҳорати рафтори ахлоқиро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади тарбияи маънавию ахлоқии шахсият ба ташаккулу барқарор намудани он арзишҳои маънавӣ, ки тавассути анъанаи маънавии халқ барҷаста ифода ёфтаанд, муҳим арзёбӣ мекунад равона гардидааст. Ба андешаи мо, яке аз роҳҳои пешгирии таназзули маънавии хонандагон дар вазъи ҳозираи ҷомеа тарбияи миллӣ мебошад, ки заминаи низоми умумии тарбия аст. Барои татбиқи фаъолонаи тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон бачагонро дар ибтидои роҳи зиндагӣ чунон самт бояд бахшид, ки «ӯ аз он то пирӣ дур нашавад».

Ба маънои густурда тарбияи маънавию ахлоқӣ - захираи интегралӣ (ҳамгиро), стратегӣ, зеҳнии ҷомеа ва тамоми ҷомеаи муосир мебошад. Зимнан дар назар бояд дошт, ки ҷанбаи маънавӣ олами ботинии инсонро инъикос менамояд.

Педагог мекӯшад, ки хонанда аз муошират бо ӯ ҳангоми иҷрои ин ё он фаъолияти якҷоя қаноатмандӣ ҳис намояд, хонанда арзишҳои маънавии дар ин маврид таҷассумшавандаро амиқ эҳсос намояд. Дар сурати ҳамоҳангии муносибатҳои педагог ва хонандагон дар кӯдак хоҳиши муоширатро барангехта, фишорҳои психологиро бартараф менамояд, тарсро дар ҳолатҳои номаълум рафъ менамояд, сатҳи худбаҳодиҳӣ, эътимоди ӯро ба худаш баланд мебардорад. Ба туфайли ин, барои ташаккули мавқеи дахлдори арзишии хонанда, ки ӯ мустақилона, озодона ва бошуурона интихоб хоҳад кард, шароит фароҳам меояд.

Дар раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонандагон амалиёти мутақобил ба вуҷуд меояд, ки ба рушди сифатҳои ахлоқию этикӣ ва маънавии шахсият таъсири бевосита мерасонанд. Ин дар рушди минбаъдаи шахсиятӣ ва омодагии онҳо ба ҳалли муаммоҳои педагогӣ, ахлоқию фалсафӣ ва ғайра ифода меёбад. Мусоидат ба худтакмилдиҳии маънавию ахлоқӣ тавассути ҷалби хонанда ба арзишҳои фарҳангӣ амалӣ мегардад.

Чунонки В.А.Сухомлинский навишта буд, омӯзгори беҳтарин барои кӯдак ҳамонест, ки бо ӯ муошрати маънавӣ мекунад, аз хотир фаромӯш месозад, ки омӯзгор аст ва дар симои шогирдаш дӯст, ҳамфикрро мебинад. Педагог аз гӯшаҳои ниҳонтарини қалби тарбиятгирандааш огоҳ аст ва сухан аз забони ӯ аслиҳаи тавонои таъсирот ба шахсияти

ҷавон, ташаккулёбанда мегардад. Маҳз ба ҳассосияти омӯзгор ба олами ботинии тарбиятгирандагон фароҳам овардани вазъияте вобаста мебошад, ки ба рафтору кирдори ахлоқӣ водор менамояд. [7]

Имрӯз насли наврасро бисёр вақт ба бефарҳангӣ, беимонӣ, бадқасдӣ айбдор мекунанд, бинобар ин, муаммои тарбияи маънавию ахлоқӣ ҷиддиву муҳим аст.

Ҳадафи асосии фаъолияти тарбиявии педагог дар раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳо бо хонандагон ташаккули шахсият мебошад, шахсият ва фарҳанг бошанд, ҷудонапазиранд. Барои ҳеҷ кас махфӣ нест, ки инсони бофарҳанг - инсони на танҳо бомуваффақият таълимгиранда ва соҳибмаълумот аст, балки инсонест, ки барои дар худ ҳифз намудан ва инкишоф додани арзишҳои ахлоқии оила, ҷомеа ва инсоният қобилият дошта, онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза тавассуи рафтору муошират нишон медиҳад.

Дар энсиклопедияи педагогӣ тарбияи ахлоқӣ чунин маънидод мешавад: тарбияи ахлоқӣ - ташаккули ҳадафмандонаи шуури ахлоқӣ, рушди ҳиссиёти ахлоқӣ ва ҳосилкунии малакаву одатҳои рафтори ахлоқӣ [5]. Ҳадафи асосии тарбияи ахлоқие, ки педагогӣ амалӣ менамояд - тарбияи инсони хушахлоқ, ки барои қабули қарорҳои бомасъулият ва зоҳир кардани рафтори ахлоқӣ дар тамоми вазъияти зиндагӣ қобил аст.

Зарурати муаммои тарбияи ахлоқӣ бо матлабҳои зерин алоқаманд мебошад: якум, ҷомеаи мо ба омода намудани одамони соҳибмаълумоту хушахлоқ ниёз дорад, ки на танҳо соҳиби донишҳо, балки хислатҳои беҳтарини шахсият мебошанд. Дувум, дар олами имрӯза инсони хурдсол дар иҳотаи манбаъҳои сершумору гуногуни таъсироти пурқуввати ҳам мусбат ва ҳам манфӣ зиндагӣ карда, инкишоф меёбад, ки ҳар рӯз ба зеҳну ҳиссиёти ҳанӯз заиф, таъсири муайяне сурат мегирадсоҳаи. Севум, худ ба худ таҳсилот сатҳи баланди тарбияи ахлоқиро кафолат намедиҳад, зеро тарбият - сифати шахсият, ки дар рафтори рӯзмарраи инсон муносибати ӯро ба одамони дигар дар заминаи эҳтирому хайрхоҳӣ нисбат ба ҳар як инсон таъйин мекунад. Чорум, мусаллаҳ гардидан бо донишҳои ахлоқӣ аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки онҳо на фақат оид ба меъёрҳои рафтори дар ҷомеаи муосир тасдиқшуда ба кӯдак маълумот медиҳанд, балки тасаввуротро оид ба оқибатҳои кирдори мазкур барои одамони атроф ҳосил менамоянд.

Ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонандагон ба назар гирифтани шартҳои педагогиро ҳамчун фаҳмиши тамоми манбаъҳои таҷрибаи ахлоқии тарбятгирандагон тақозо менамояд. Ба ин гуна манбаъҳо мансубанд: фаъолият (таълимӣ, ҷамъиятӣ), муносибатҳо байни бачагон дар коллектив, муносибатҳои тарбиятгирандагон бо педагогҳо ва волидон, эстетикаи рӯзгор, олами табиат, санъат. Дар ин замина, таносуби дурусти шаклҳои фаъолият ва маърифат дар тамоми марҳилаҳои синнусолӣ, ҳамроҳ кардани меъёрҳои ахлоқӣ ба арзёбии тамоми навъҳои фаъолият ва зуҳуроти шахсияти бачагон муҳим аст.

Ба манбаъҳои асосии таҷрибаи ахлоқӣ пеш аз ҳама, фаъолияти таълимӣ мансуб аст. Маводи таълимӣ, махсусан, оид ба адабиёт ва таърих дорои имконоти азими бузурги таъсироти ахлоқӣ ба мактаббачагон мебошанд. Он миқдори зиёди ақидаҳои ахлоқиро дар бар мегирад.

Шахсияти педагог низ нақши муҳим дорад, ки гуногунҷанба буда, ба кӯдак таъсири бузур мерасонад. Педагог ҳамчун манбаи асосии намунаи маънавию ахлоқии рафтор дорои чунин сифатҳое мебошад, ки ба тарбияи ахлоқии насли наврас таъсир мерасонанд: иҷтимоию педагогӣ, умумишахсиятӣ. Ихлосмандӣ ба ғояҳои баланд, ҳисси шаҳрвандӣ, ахлоқи ҳамида, самтгирии педагогӣ, фарҳанги эстетикӣ аз ҷумлаи ин сифатҳоянд. Ҳамчунин хусусиятҳои касбию педагогӣ, инфиродии равандҳои маърифатӣ ва тамоили педагогии онҳо муҳиманд, ки ба онҳо мушоҳидакорӣ, тафаккур, хотир ва ғ. мансубанд. Зоҳир гардидани ин сифатҳо ба ҳассосият, ирода, махсусияти миҷоз, вазъи саломатӣ ва сатҳи инкишофи тафаккури эҷодӣ вобаста мебошанд.

Симои ахлоқии педагог дар пеши назари бачагон дар низоми муносибатҳои ӯ ба кори хеш, ба хонандагон ва одамони дигар, ба худаш ошкор мегардад. Намунаҳои муносибати шавқмандона, бомасъулият ба кори худ, принсипнокӣ, ҳассосият ва ғамхорӣ дар муносибат бо ҳамкорон ва хонандагон дар наврасон эътимодро ба тантанаи ахлоқу маънавият мустаҳкам мекунанд.

Одатан, ҳам дар оила, ҳам дар мактаб дар ҷойи аввал омӯзиши асосҳои илм ҳисоб меистад. Дар ҷойи дуюм - илм дар бораи инсон будан, яъне бо кадом роҳ наҷибу хайрхоҳ

гаштан. Чунонки таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, тарбия дар ҷойе, ки барои он заминаи хуб вуҷуд дорад, натиҷаҳои баланд медиҳад. Тарбия мисли коштани дона аст: чӣ қадаре, ки хок беҳтар бошад, ҳосил ҳамон қадар зиёд мешавад.

Метавон чорабиниҳои сершумори бошукӯҳро бо пиндоштани таъсири тарбиявии онҳо эҷод кардаву барои бачагон ташкил намуд, аммо ҳамоно бенатиҷа, зеро кӯдак «дидан» ва «шунидан»-и чизи некро, ки дигарон барояш пешниҳод мекунанд, наомӯхтааст.

Ҷалб намудани хонандагон ба навъи муайяни фаъолият ҳамеша бо мақсади мушаххас амалӣ мегардад. Қитъаи мактабиро сабзу обод намуда, дар бригадаҳои истеҳсолии хонандагон кор карда, наврасон таҷрибаи меҳнатӣ меандӯзанд. Дар иқдомҳои гуногун иштирок намуда, мактаббачагон баҳодиҳии падидаҳои ҳаёти ҷомеаро меомӯзанд, дар онҳо қобилияти дарки маънии корҳои барои ҷамъият муҳим, рафтор намудан дар мувофиқат бо ҳадафу манфиатҳои ҷомеа инкишоф меёбад.

Дар корҳои мактаб иштирок намуда, онҳо дар мувофиқат бо меъёрҳои ахлоқӣ баҳо додани рафтори рафиқон ва рафтори худро меомӯзанд. Зиндагии ҳаррӯзаи мактаббачагон, инкишофи муносибатҳои онҳоро чунон ташкил бояд кард, ки ба меъёру талаботи баландтарин асос ёбанд. Мувофиқи мақсад аст, ки аз синни хурди мактабӣ ба бачагон маҳорати таҳлили рафту натиҷаҳои фаъолияти якҷоя бо дигарон омӯзонида шавад. Дар оғоз педагог ба бачагон ёрӣ мерасонад, ки ҷанбаи ахлоқии муносибатҳои пайдошавандаро ҷудо кунанд, дар асоси таҷрибаи худ итминон ҳосил кунанд, ки натиҷаи мусбати фаъолияти коллективии онҳо на танҳо ба донишҳову маҳорати амалӣ, балки ба он низ вобаста мебошад, ки то кадом андоза ҳар як нафар худро рафиқи хуб нишон медиҳад: рафиқе, ки дар сурати зарурат ба ҳамсояаш ёрӣ мерасонад ё аз ӯ кӯмакро қабул мекунад, то кадом андоза барои кори умум масъулияти шахсӣ ҳис мекунад, дар арзёбии комёбиҳои худ ва дигарон боадолат аст.

Бо мақсади ба бачагон омӯзонидани нозукиҳои хушмуомилагӣ, одоб ва санъати муошират, ёрӣ додан ҷиҳати азхудкунии одатҳои нек, қоидаҳои фарҳанги рафтор, парваридани ҳисси эҳтиром бо пиронсолон, маъюбон, ғамхорӣ ва таваҷҷуҳ ба наздикон, бачагони хурд педагогҳо мавзӯъҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолиятро истифода мебаранд: маҷаллаҳои шифоҳӣ, суҳбатҳо, лексияҳо, пурсишнома, диспутҳо, конференсияҳо, идҳои хушмуомилагӣ ва ғ.

Маълум аст, ки ҷиҳатҳои ахлоқии шахсият, мисли ҷавонмардӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолнокии шаҳрвандӣ, ягонагии кору гуфторро танҳо дар доираи раванди таълим тарбия намудан номумкин аст. Барои шаклгирии ин сифатҳо вазъияти ҳаётӣ заруранд, ки зоҳиршавии бевоситаи масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ ва ташаббусро тақозо мекунанд. Чунин вазъият аксари вақт дар фаъолияти беруназтаълимӣ ба миён меоянд.

Тарбияи ахлоқии насли наврас такягоҳи бетардид ва муҳимтарини ҳама гуна ҷомеа мебошад. Ин матлаб дар Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле дақиқу муфассал ошкор шудааст [6]. Норасоиҳо ва иштибоҳҳо дар тарбияи ахлоқӣ ба ҷомеа зарари ислоҳнопазир мерасонанд. Имрӯз ташаккули ахлоқии ҷавонон нисбат ба рушди зеҳнии онҳо муаммоҳои ҷиддитареро ба миён меорад. Сабаб дар он аст, ки таълими асосҳои илм дар замони мо ба таври кофӣ возеҳ, аз рӯйи нақша ва ҳатмӣ сурат мегирад. Аммо тарбияи ахлоқӣ бояд дар ҷойи аввал қарор гирифта, зеҳнро аз паси худ барад. Ҳамин тариқ, нақши педагог аз ташаккули ахлоқу одоб иборат аст, ки ба он меъёрҳои некӣ, шафқат, ғамхорӣ, софдилӣ, заковат ва арзишҳои умумиинсонӣ мувофиқанд.

Аз ҷиҳати кӯдакӣ ҳамаи мо ба зиндагии калон ворид мешавем, ки пур аз шодиву азият, лаҳзаҳои хушбахтӣ ва андӯҳ аст. Қобилияти дилгармӣ ба зиндагӣ ва маҳорати мардонавор паси сар кардани душвориҳо дар бачагӣ замина гузорӣ мешаванд. Бачагон ба тамоми чизҳое, ки онҳоро иҳота мекунанд ва таъсирпазиранд таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамоянд. Барои хайрхоҳӣ нисбат ба одамон фаҳмидани дигарон, зоҳир кардани ҳисси ҳамдардӣ, софдилона иқрор шудан ба хатоҳои худ, меҳнатдӯст будан, зебоии табиатро дарк намудан, ба он эҳтиёткорона муносибат карданро бояд омӯхт.

Албатта, тамоми сифатҳои ахлоқии инсони ҷомеаи ояндаро номбар кардан душвор аст, аммо муҳим он мебошад, ки ин сифатҳо бояд имрӯз поягузорӣ шаванд.

Масъалаҳои ташаккул ва тарбия таваҷҷуҳи махсусро сазоворанд, зеро онҳо заминаи фардои Тоҷикистон, тамоилҳои арзишии ҷомеаи мо ва амнияти миллии кишвар мебошанд.

**АДАБИЁТ**:

1. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30. 04.2012, №200). Душанбе,2012-66с.
2. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы. Дисс.докт.пед.наук. - [Текст]./ И.Х.Каримова –Душанбе, 2000.-385с.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст). – Душанбе, 2006. – 26 с.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. [Текст]. /М. Лутфуллоев –Душанбе, Ирфон.-2015. - 660 с.
5. Педагогический энциклопедический словарь. /Гл. ред. Б.М.Бим-Бад; Редкол.: М.М. Безруких, В.А.Болотов, Л.С.Глебова и др. - М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. - 528 с.
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.(Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст).Душанбе,2012.
7. Сухомлинский В. А. Избранные педагогические сочинения в 3 т., т. 1, [Текст]. /В.А. Сухомлинский-М., 1982.
8. Филонов Л.Б. Психолого-педагогическая антропология:Курс лекций (в соавт.). [Текст]. /Л.Б. Филонов -М.,2003.
9. Хейзинга Й. Homo ludens. В тени завтрашнего дня: Пер. с нидерл. М., 2008. С.24-25. http://www.yspu.yar.ru
10. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва фарҳанги ҷомеа./Ответ.ред.С.Сулаймони; АОТ[Текст]. /Ф.Шарифзода –.Душанбе; 2010.–544 с.

***Калидвожаҳо***: *ҳамоҳангсозии муносибатҳо, ахлоқ, раванди тарбия, ташаккули педагог, хонандагон, арзишҳои фарҳангӣ, маънавият, шартҳои педагогӣ.*

## РАЗВИТИЕ НРАВСТВЕННОСТИ УЧАЩИЙСЯ КАК РЕЗУЛЬТАТ ГАРМОНИЗАЦИИ ОТНОШЕНИЙ УЧИТЕЛЯ И УЧЕНИКА

В статье рассматривается влияние гармонизации отношений педагогов и учащихся в формировании нравственных качеств личности. Отмечается, что нравственность – это набор нравов и способов поведения, приемлемые в нормах социума, в котором живет индивид. Во многих философских источниках понятия «нравственность» и «мораль» часто раскрываются как тождественные. Делается вывод о том, чтобы стать добрыми к людям, надо научиться понимать других, проявлять сочувствие, честно признавать свои ошибки, быть трудолюбивым, удивляться красоте окружающей природы, бережно относиться к ней.

***Ключевые слова:*** *гармонизация отношений, нравственность, процесс воспитания, формирование, педагог, учащиеся, культурные ценности, духовность, педагогические условия*

## SCHOOLBOY MORAL DEVELOPMENT AS A RESULT OF HARMONIZATION OF TEACHER-STUDENT RELATIONS

The article considers the influence of harmonization of relations between teachers and schoolboy in the formation of moral qualities of a person. It is noted that morality is a set of morals and behaviors acceptable in the norms of the society in which the individual lives. In many philosophical sources, the concepts of “morality” and “morality” are often disclosed as identical. The conclusion is drawn that in order to become kind to people, one must learn to understand others, show empathy, honestly admit one’s mistakes, be hardworking, be amazed at the beauty of nature, take care of it.

***Keywords***: *harmonization of relations, morality, the process of education, formation, teacher, schoolboy, cultural values, spirituality, pedagogical conditions*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Пиров Хоҷибой Пирмамадович** – омӯзгори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии ҳуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.ш.Хуҷанд,гузаргоҳи.Мавлонбеков 1.). E-mail: 0110hojiboy@mail.ru Тел.92-906-63-76.
**Нематов Парвиз Сатторович** - дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии ҳуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.ш.Хуҷанд,гузаргоҳи.Мавлонбеков 1.). E-mail: nematov1983@bkl.ru Тел.92-9991008.
**Сведения об авторах:**
**Пиров Ходжибой Пирмамадович** – преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). E-mail: 0110hojiboy@mail.ru Тел.92-906-63-76.

**Нематов Парвиз Сатторович** - доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). E-mail: nematov1983@bkl.ru Тел.92-9991008.
**Information about authors:**
**Pirov Khodzhiboi Pirmamadovich** - teacher of the Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution KSU named after Academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.).E-mail: 0110hojiboy@mail.ru Tel. 92-906-63-76.
**Nematov Parviz Sattorovich** – dotsent of the Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution KSU named after Academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). E-mail: nematov1983@bkl.ru

**ТДУ (УДК) 159.9**
**ТКБ (ББК) 88.5**
**М-19**

**М.ФОЗИЛОВА**

# МАСЪАЛАҲОИ РАФТОРИ АГРЕССИВНОК ДАР ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ

Таҳлили моҳият ва механизми зоҳиршавии рафтори агрессивнок нишон медиҳад, ки барои баррасии дақиқтари ин муаммои муайян намудани типологияи он зарур аст. Тафовути сохтори агрессивнок ӣ аз лиҳози сифат ва сатҳ махсусияти рафтори агрессивнокро таъйин мекунанд, ки дар стратегияҳои устувори рафторӣ (типҳои рафтори агрессивнок ) зоҳир мегардад. Дар заминаи типологияи рафтори агрессивнок муаллифони гуногун зоҳиршавии он, самт, вазнинӣ, дараҷаи идоракунии амалҳои агрессивнок ва ғайраро баррасӣ менамоянд.

Дэвис Майерс [7] агрессияро ҳамчун рафтори ҷисмонӣ ё лафзие муайян мекунад, ки барои расонидани зарар ба ягон кас нигаронида шудааст. Ин таъриф ду типи гуногуни агрессияро дар бар мегирад. Ҳардуи онҳо ба ҳайвонот хос мебошанд: *агрессияи иҷтимоӣ*, ки ба он якбора зоҳиршавии хашму ғазаби намоишкорона хос мебошад ва *агрессияи хомӯшона*, монанди он, ки ҳайвони даранда ҳангоми наздикшавӣ ба қурбонӣ зоҳир мекунад. Питер Марлер (1974) [7] ақида дорад, ки агрессияи иҷтимоӣ ва хомӯшона бо амалкарди қисмҳои гуногуни майна сар алоқаманданд. Дар одамон ду типи агрессияро фарқ мекунанд: адоватнок ва воситавӣ. Ҳамчунин А.Басе ва С.Фишбах агрессияро ба экспрессивӣ (тасодуфӣ), адоватнок ва воситавӣ ҷудо мекарданд (зимнан аз баррасӣ агрессияи беқасдона истисно мебошад). Агрессияи экспрессивӣ таркиши ғайриихтиёрии хашму ғазаб, ки ҳадафмандона набуда, зуд қатъ мегардад, зимнан ба ҳуҷум дучор шудани манбаи вайроншавии оромӣ ҳатмӣ нест (масалан, хурӯҷи якравӣ дар бачагон). Агрессияи адоватнок- вақте ки ҳадафи агрессия кор гирифтори ранҷу азоб намудани қурбонӣ мебошад (кӯшиши расонидани зиён ба касе, ки мавриди ҳуҷум қарор гирифтааст). Ҳадафи агрессияи воситавӣ, баръакс, зарар расонидан ба дигарон нест, яъне мақсади ягона набуда, бештар ба сифати воситаи амалӣ намудани хоҳишҳои гуногун, худсобиткунӣ ё маҷбуркунӣ баррасӣ мешавад [1]. Бисёр вақт агрессияе, ки ҳамчун воситавӣ ба вуҷуд меояд, ҷузъҳои адоватнокиро касб менамояд, масалан, агар қурбонии он муқобилат нишон диҳад. Агрессияи воситавиро С.Фишбах ба навъҳои ангезишашон инфиродӣ ва иҷтимоӣ (ё тамаъҷӯёна ва бетамаъ, зиддииҷтимоӣ ва иҷтимоъгароёна) тақсим мекунад. Зимнан, чизе, ки ба қурбонӣ ё мушоҳиди беруна гӯё зиддииҷтимоӣ менамояд, худи субъекти амал метавонад иҷтимоъгароёна шуморад ва минбаъд тавсифи худии рӯйдодҳоро пешниҳод кунад (Х. Хекхаузен [13]).

Бисёр психологҳо мавҷудияти типҳои гуногуни агрессияро эътироф мекунанд ва ин матлаб ҳамеша баҳсҳоро ба миён меорад. Чунончи, ба ақидаи А.Бандура, бо вуҷуди тафовути ҳадафҳо агрессияи ҳам воситавӣ ва ҳам адоватнок барои ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронида шудаанд, бинобар ин, ҳар ду типро агрессияи воситавӣ шуморидан мумкин аст [1] .

Ҷавобан ба ин танқид баъзе олимон таърифҳои гуногуни ин ду типи агрессияро пешниҳод карданд. Д.Зилман [15] мафҳумҳои «адоватнок» ва «воситавӣ»-ро бо мафҳумҳои «сабабгораш барангезанда» ва «сабабгораш хоҳиш» иваз кард. Агрессияи сабабгораш барангезанда ба амалиёте мансуб аст, ки пеш аз ҳама, барои бартараф кардани вазъияти

нохуш ё заиф намудани таъсири зиёновари он (масалан, гуруснагии сахт, муносибати бад аз тарафи дигарон) анҷом дода мешаванд. Агрессияе, ки сабаби он хоҳиш аст, ба амалиёте мансуб аст, ки пеш аз ҳама, бо мақсади расидин ба манфиатҳои гуногуни беруна сурат мегиранд.

Ин гуна таснифотро Э. Фромм [12] пешниҳод кард, ки ӯ низ мавҷудияти ду навъҳои тамоман гуногуни агрессия ро қайд менамояд. Ин агрессияи мудофиавӣ, «хушсифат» аст, ки барои зинда мондани инсон хизмат мекунад; он решаҳои биологӣ дошта, ҳамин ки хатар ё таҳдид ба ҳаёт аз байн меравад, сокит мегардад. Навъи дигари агрессия «бадсифат» - харобиоварӣ ва бераҳмӣ, ки танҳо ба инсон хос буда, бо омилҳои гуногуни психологӣ ва иҷтимоӣ таъйин мешавад.

Э.Фромм фарқ кардани харобиоварӣ ва баъзе ҳолатҳои эмотсионалиро тавсия медиҳад. Чунончи, масалан, дар шакли харобиоварии худ ба худ ангезаи вайронкунӣ вуҷуд дорад. Ин шакл маъмулан дар вақти ҷанг, низоъҳои мазҳабӣ ва сиёсӣ, мӯҳтоҷӣ ва бенавоӣ зоҳир мешавад. Ба шакли худ ба худ зоҳиршавандаи харобиоварӣ сабабҳои субъективӣ низ таъсир мерасонанд - дараҷаи баланди худпарастиши гурӯҳӣ дар заминаи миллӣ ва мазҳабӣ. Ин шакли дар вазъи хобида қарор дошта, ҳангоми авҷ гирифтани сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ба таркиши харобиоварӣ оварда мерасонад.

Ҳамчунин навъҳои харобиоварии эстетикӣ ҷолибанд, ки бо ҳолати ваҷд алоқаманданд. Вақте ки инсон танҳо ва нотавон аст, ӯ кӯшиш мекунад, ки ин ҳолатҳоро тариқи гузариш ба истирори (транс) ваҷдомез бартараф намояд. Яке аз имкониятҳо - амали шаҳват аст, ки тимсоли (прототип) табиии тамаркузи мукаммал мебошад. Шаклҳои дигари ваҷд низ вуҷуд доранд, ки ҳангоми онҳо нафрат ва агрессивнокӣ дар маркази диққат қарор мегиранд. Аммо қайд бояд кард, ки зоҳиршавии хашму ғазаб дар ин маврид муваққатӣ мебошад. Дар зиндагӣ мо аксар вақт бо шаклҳои устувори харобиоварӣ дучор мешавем. Э.Фромм онҳоро бо сохтори шахсият алоқаманд мешуморад. Як навъи ин харобиоварӣ садизм (майл ба бераҳмӣ) мебошад. Ба ақидаи Э.Фромм, садизм - иштиёқ, хоҳиши ҳокимият, ҳукмфармоии мутлақ ва бемаҳдуд бар махлуқи зинда, хоҳ ҳайвон, хоҳ кӯдак, мард ё зан мебошад. Мазохизм - эҳтиёҷ ба тобеъшавӣ. Азбаски садизм ва мазохизм алоқамандии мутақобил доранд, дар бораи хислати садо-мазохистӣ сухан меронанд.

Яке аз навъҳои харобиоварӣ некрофилия мебошад, ки Э.Фромм онро ҳамчун майлу иштиёқ ба чизҳои мурда, бемор, пӯсида, вайроншаванда муайян мекунад, ҳамзамон, он иштиёқ ба табдил додани махлуқи ҷондор ба беҷон, майлу хоҳиши вайронкунӣ ба хотири вайронкунӣ; ҳамчунин шавқу рағбат ба ҳама чизи соф механикӣ (на биологӣ) мебошад.

Консепсияи назариявии Г. Аммон [10] низ вариантҳои созанда, харобиовар, нокифоя (дефицитарная) агрессияро дар бар мегирад. Ба агрессияи созанда шаклҳои иҷтимоигардонидаи ангезишҳои агрессия мансубанд, ки дар доираи ба ин ҷамъият хос, дар сурати будани малакаҳои муайяни рафторӣ ва қолабҳои эътинои эмотсионалӣ, боз будан ба таҷрибаи иҷтимоӣ ва имконияти худтанзимкунии рафтор вуҷуд доранд. Зери мафҳуми агрессияи харобиовар зуҳуроти иҷтимоинашудаи агрессивнокӣ фаҳмида мешаванд, ки бо вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ алоқаманд буда, ҳамчун унсурҳои рафтори зиддиҷамъиятӣ ё ҷиноятӣ бидуни назардошти талаботи воқеият ва норасоии худназораткунии эмотсионалӣ арзёбӣ мегардад. Шакли нокифояи агрессия амалисозии нокифояи берунаи майлу хоҳишҳои агрессивнокро бо нокифоягии малакаҳои дахлдори рафтор ва тамоюл ба фурӯнишонии аз ҳад зиёди аксуламалҳои эмотсионалӣ дар назар дорад.

К.Доҷ ва Ҷ.Куайе [1] истифодаи истилоҳҳои тезҳаракат (реактивӣ) ва пешазҳаракатро (проактивӣ) пешниҳод намуданд. Агрессияи проактивӣ монанди агрессияи воситавӣ рафтореро тавлид менамояд (масалан, маҷбуркунӣ, таъсир, тарсонидан), ки ба ҳосил намудани натиҷаи муайяни мусбат равона шудааст. Ин олимон силсилаи таҳқиқотро анҷом дода, дар онҳо фарқи байни ду типи агрессияро ошкор намуданд. Муаллифон муайян карданд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки агрессия зоҳир мекунанд (писарҳо), ба муболиғаи агрессивнокии ҳамсолонашон майл доранд, бинобар ин, ба адовати тасаввуршаванда бо амалҳои агрессивнок ҷавоб медиҳанд. Хонандагони зоҳиркунандаи агрессия и проактивӣ дар маънидоди рафтори ҳамсолонашон ба чунин хатоҳо роҳ намедоданд. Ин таҳқиқот исботи таҷрибавии (эмпирӣ) мавҷудияти ду типи агрессия ро пешниҳод намуданд. Аммо новобаста аз интихоби истилоҳе, ки навъҳои

гуногуни агрессия ро ифода менамояд, аён аст: ду типи агрессия вуҷуд доранд, ки бо ҳадафҳои гуногун асоснок мегарданд. [1]

Ошкор намудани типҳои рафтори агрессивнок ба А.Басс тақсим кардани агрессия ро ба *лафзӣ* ва *ҷисмонӣ* имкон дод. [3]

Ҳадафи бевоситаи агрессия и ҷисмонӣ расонидани дард ё зарар ба инсони дигар буда метавонад. Ҳадафи агрессия метавонад бавосита низ бошад, масалан, монеае ба вуҷуд оварда мешавад, ки барои ранҷу азоб додани каси дигар ба кор меравад. Ба инҳо агрессия ҳои ҷисмонии рамзӣ, масалан, таҳдиди бесухан бо муштро мансуб донистан мумкин аст.

Агрессияҳои *лафзӣ* камтар боиси зарарҳое мешаванд, ки ба атрофиён ошкор мебошанд, аммо дар зиндагии ҳаррӯза дардноку таҳқиромез буда метавонанд.

Ба андешаи А.Басс амалҳои агрессивнокро дар заминаи се ҷадвал тавсиф намудан мумкин аст: *ҷисмонӣ - лафзӣ, фаъолона - камфаъол, бевосита - бавосита*. Мувофиқати онҳо 8 категорияи имконпазирро медиҳад, ки қисми бештари амалҳои агрессия омез ба онҳо мансубанд. Чунончи, масалан, таҳқири лафзӣ ё паст задани инсон - агрессияи лафзии бевоситаи фаъолона аст, паҳн кардани ғайбат дар бораи одами дигар - агрессияи лафзии бавоситаи фаъолона мебошад.

Агрессияи бевоситаи ҷисмонӣ кӯшиши оғоз кардани занозанӣ, зарбазанӣ бо муштҳо ё силоҳ, ҳаво додани ашё бо мақсади зарари ҷисмонӣ мансубанд.

Агрессияи бевоситаи лафзӣ саркашии рӯирост, таҳқир ё пастзании лафзӣ, саркашӣ аз итоат ба калонсолон, таҳдидҳои рӯирострo фаро мегирад, ба шарте, ки ҳамаи ин ба шахсе, ки зараррасонӣ ба ӯ пешбинӣ гардидааст, рӯирост ифода ёбад.

Агрессияи бевосита - зоҳиршавии сатҳи возеҳияш пасттари агрессияи лафзӣ, тӯҳмат, рад кардани хоҳиш бо мақсади ранҷонидани хоҳишкунанда, ба ашёи беҷон интиқол додани агрессия аст.

Н. Д. Левитов чунин таснифоти агрессияро пешниҳод менамояд:

- агрессияе, ки ба характери инсон хос мебошад;
- агрессияе, ки ба характери инсон хос нест (он метавонад ибтидои ҷиҳатҳои нави характерро инъикос намояд);
- агрессияи лаҳзагӣ, гузаранда. [5]

В. В. Лебединский, О. С. Никольская, Е. Р. Баенская, М. М. Либлинг ҳаракати зуҳуроти агрессивнок , шаклҳои гуногуни ифодаи агрессияро баррасӣ намуда, дидгоҳи тафриқавиро нисбат ба агрессия зарур мешуморанд. Бо мақсади муайян намудани қувваи вазнинии зоҳиршавии агрессия онҳо меъёрҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

*1) Басомад ва осонии пайдошавӣ*. Чӣ қадаре, ки патологияи аффективӣ мураккабтар бошад, имконияти ба вуҷуд омадани вазъияти фрустратсиядиҳанда ҳамон қадар бештар аст.

*2) Дараҷаи номувофиқатии агрессия ба вазъияте, ки он ба вуҷуд меояд*. Шиддат ва шакли зоҳиршавии амалҳои агрессивноке, ки бо шароити муайян барангехта шудаанд, метавонанд ба сабабҳои пайдоиши худ мувофиқ набошанд. Ошкор намудани сабаби пайдоиши агрессияе, ки ба назар шакли номувофиқи эътино ба вазъият менамояд, хеле душвор аст.

*3) Тамаркуз ба агрессия* . Дар баъзе ҳолатҳо аксуламали вазъиятӣ мустаҳкам гардида, майли устуворро ба амалиёти агрессивнок ташаккул медиҳад, ки сабабгори нотавонии ҷиддӣ ба мутобиқшавии иҷтимоӣ дар муносибати мутақобил бо атрофиён мегардад. Ин аксуламалҳои манфиро аз ҷониби атрофиён ба вуҷуд оварда, дар навбати худ, вазъияти фрустратсияи барангезандаи агрессияро қувват мебахшад.

*4) Дараҷаи шиддатнокӣ дар амалиёти агрессивнок* . Дар баъзе ҳолатҳо кӯдакро аз агрессия дур кардан ё тобеи назорат намудан мумкин аст. Дар ҳолатҳои дигар - вазнинтар, кӯдак аз амалиёти агрессивнок и анҷомёбанда то дараҷае мутаассир аст, ки дар ин лаҳза барои тамос дастнорас мебошад. Ҳама гуна дахолат дар ин ҳолат шиддат ва ғазаброо танҳо қувват мебахшад.

*5) Шакли агрессия* . Дар ҳолатҳои сабуктар дар агрессияи лафзӣ, дар ҳолатҳои вазнинтар - дар агрессияи ҷисмонӣ (ауто- ё гетеро-) ифода меёбад.

*6) Дараҷаи даркшавӣ*. Аз ҷониби кӯдак дарк гардидани зоҳиршавии агрессивнокӣ оид ба имконияти зиёди инкишофи шахсияти ӯ гувоҳӣ медиҳад. Аммо ниятҳои агрессивноки шаклгирифта таъсироти махсуси ислоҳи психикаро тақозо мекунанд [14].

Бо вуҷуди он ки баъзе муаллифон равона будани агрессияро барои зараррасонӣ ба дигарон (гетероагрессия ва агрессияи омехта) таъкид мекунанд, мавҷудияти аутоагрессияро низ қайд менамоянд.

Е. М. Вроно, Н. А. Ратинова [2] вобаста ба ангезиш типҳои зенини рафтори аутоагрессияиро муайян кардаанд: ба худ зарар расонидан; худкушиҳои намоишкорона - таҳдидомез бо ҷузъи агрессия ; худкушиҳои намоишкорона - таҳдидомез бо ангезиши амалиётӣ, худкушиҳо бо ангезиши худрафъкунӣ. Е. Шир [4] чунин мешуморад, ки дар синни наврасӣ аксар вақт на дар бораи «сӯиқасд ба худкушӣ», балки истифодаи «техникаи худкушӣ» барои расидан ба ин ё он ҳадафи ибтидоӣ (ғайри худкушӣ) сухан меравад.

Дар таҳқиқоти Л.М. Семенюк [11] агрессия дар асоси функсияҳое, ки дар вазъияти мушаххас иҷро мекунад, тасниф мегардад:

1) агрессия ҳамчун воситаи расидан ба ягон ҳадаф;

2) агрессия ҳамчун воситаи коҳиш додани шиддати рӯҳӣ, ҷойивазкунӣ, қонеъ гардонидани талаботи манъшуда ва тағйири фаъолият;

3) воситаи қонеъ намудани эҳтиёҷ ба худтатбиқнамоӣ ва худсобиткунӣ /108/.

Л.М. Семенюк агрессия ҳои хаёлиро («рамзӣ» [11]) фарқ мекунад, ки ё ба таври лафзӣ, ё дар шакли расмҳо ошкор мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо ба онҳо қиёфабозӣ ва пантомимика ишора менамоянд [11].

А. К. Оснитский [9] таснифоти агрессияро дар заминаи равандҳои иҷтимоигардонӣ анҷом медиҳад:

1. «Зоҳиршавии дардноки агрессия (авҷгирии идоранашавандаи хашму ғазаб, майлу хоҳишҳои харобиовар);

2. Агрессияи ҷисмонӣ, лафзӣ ва навъҳои дигари он, ки бо азхудкунии меъёру қоидаҳои барои тамоми ҷомеа номақбул вобастаанд (маъмулан, ин бо хусусиятҳои иҷтимоишавӣ, бо устуворшавии рафтори зиддиҷамъиятӣ алоқаманд мебошад);

3. Навъҳои гуногуни агрессия , ки бо нокифоягии азхудкунии меъёру қоидаҳои рафтор дар ҷомеа ва ташаккули нокифояи воситаҳои шахсии худидоракунӣ дар амалиёту кирдор (нокифоя будани таълим ва тарбиядидагӣ);

4. Тамоми навъҳои амалҳое, ки баъзе мушоҳидон агрессивнок маънидод мекунанд (дар онҳо гумони поймол намудани ҳуқуқи ягон кас, кӯшиши зарар расониданро ба вуҷуд меоранд), мушоҳидони дигар бо зоҳиршавии фаъолнокӣ, исроркорӣ алоқаманд мешуморанд».

Зимнан типи 1-ум бо мавҷудияти иллатҳои дарднок, типҳои дигар бо равандҳои иҷтимоишавӣ, тарбия алоқаманданд.

Г.Точ ва Е. Мегарҷи [8] барои таснифоти оламони агрессивнок кӯшиш намудаанд. Чунончи, Г.Точ 3 типи одамони агрессивнокро муайян кардааст:

1) «одамони агрессивноке, ки нисбат ба худ саҳлгир ва талофикунанда (self-indulgent compensator). Чунин типи одамони агрессивнок аз ҳама бештар дучор мешаванд. Ин гуна одам дар бораи худаш ақидаи хеле номусоид дошта, метарсад, ки дигарон низ чунин ақида доранд. Барои фурӯ нишондани ин эҳсоси нохуш ӯ ҳатто ба заифтарин барангезиш бо агрессивнокӣ ҷавоб медиҳад. Яъне «ҳадди таҳаммулпазирӣ нисбат ба фрустраторҳо дар ин гуна шахсон хеле паст аст;

2) типи нисбат ба худ саҳлгир (self - indulger) нуқтаи назари норасое доранд, ки гӯё одамони дигар танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи ӯ офарида шудаанд. Вақте ки одамон ба ӯ хушомад намекунанд, ӯ бо ёрии агрессия ба «хиёнат» рӯй меорад».

3) ба шахсиятҳои худмуҳофизаткунандаи агрессивнок (self- defending) тарси сахт аз одамон хос мебошад, бинобар ин, худашон аввалин шуда, ҳуҷум мекунанд ва ба ин васила ҳуҷуми дигаронро пешгирӣ менамоянд. Ба ақидаи А.А.Налчаджян ба ин тип Гитлер, Сталин ва мустабидони дигар таалluқ доштанд. Онҳо нисбат ба тамоми шахсоне, ки бо ниятҳои агрессивнок гумонбар мешуданд, зӯроварӣ мекарданд.

Ю. Мегарҷи 2 типи одамонро таҳқиқ кардааст: сатҳи худназораташон паст (одамони агрессивнокиашон доимӣ) ва сатҳи худназораташон олӣ (онҳое, ки агрессивнокиро кам, вале пуршиддат, бо анҷом додани амалҳои зӯроварона нишон медиҳанд). Типи якум аз воситаву қобилияти назорате маҳруманд, ки одамонро аз амалҳои зӯроварона бозмедоранд. Одамони типи дувум ботамкин ва сустшуда мебошанд, аммо вақте ки

фрустратсияҳои онҳо ба сатҳи хеле баланд мерасанд, агрессивнокии онҳо авҷ гирифта, кирдорҳои хеле бераҳмона мекунанд.

Ф.С. Сафуанов [6] таъкид менамояд, ки таърифи мукаммали тамоми навъҳои мавҷудаи агрессияро ифода кардан ғайриимкон аст, зеро таърифи дилхоҳи он сарҳади мафҳумҳоро ё танг, ё васеъ мекунад. Аммо аксари таърифҳои агрессия 3 нуқтаи зараи асосиро якҷоя мекунанд: мавқеи мушоҳид, мавқеи субъект ва мавқеи объекти агрессия .

**Типологияи агрессия мувофиқи ақидаи Ф.С. Сафуанов**




**Расми 1**.

Мушоҳида метавонад амалҳои мушаххаси одами дигарро ҳамчун агрессивнок дарк намояд, ё агрессивнок гумон кунад. Субъекти агрессия , баръакс, нияташро бевосита ҳис мекунад, аммо нияти қурбонии агрессия ро фақат маънидод менамояд. Ба объекти агрессия андешаву эҳсоси худаш дар шакли таассуроти бевосита дода шудаанд, ангезиши агрессия корро ӯ бавосита баҳо медиҳад (типологияи сеченакаи агрессияи ҷиноӣ).

Ҳамин тавр, агрессия аз ҷиҳати шакли зоҳиршавӣ *лафзӣ* ва *ғайрилафзӣ (ҷисмонӣ), бевосита* ва *бавосита;* аз лиҳози мақсад - *тезҳаракат, адоватнок* ва *воситавӣ* (беасос ва асоснок); аз ҷиҳати тобиши *эмотсионалӣ* - *аффективӣ* ва *сард*; аз рӯйи самти аксуламали агрессивнок - *гетеро-, ауто-* ва *ҷойивазкарда* мешавад. Аммо новобаста ба интихоби шаклу типи рафтори агрессивнок ҳамаи онҳо як ҷанбаи умумӣ доранд: онҳоро кӯшишҳои назорати вазъият, ба он таъсир расонидан бо мақсади такмили худ ё атрофиён, аз ҷумла, одамони наздик ба миён меоранд.

**Адабиётҳои истифодашуда**


1. Бэрон Р., Ричардсон Д. Агрессия. - СПб.: Издательство «Питер», 2000. – 352 с.
2. Вроно Е. М., Ратинова Н. А. О возрастном своеобразии аутоагрессивного поведения у психически здоровых подростков // Сравнительно – возрастные исследования в суицидологии. Моск. НИИ психиатрии. - М.: Москва, 1989. -С. 38-46.
3. Выготский Л. С. Собрание сочинений в 6 томах. Т. 1. - М.: Педагогика, 1982.-С. 122-130.
4. Знаков В. В. Понимание асоциальными подростками ситуации насилия иунижения человеческого достоинства // Вопросы психологии. - 1990. - № 1. -С. 20-27.
5. Левитов Н. Д. Фрустрация как один из видов психических состояний //Вопросы психологии. - 1967. г № 6. - С. 118 - 129.
6. Ложкин А. И. Психология личности агрессивно - насильственного преступника (мотивационно - смысловой аспект): Дис...канд. психол. наук.- Акад. Управления, 2000. - 197 с.
7. Майерс Д. Социальная психология. - Спб .: Питер, 1996. - С. 483 - 531.
8. Налчаджян А. А. Этнопсихологическая самозащита и агрессия. Учебное пособие для вузов. - Ереван: Изд-во «Огебан», 2000. - 408 с.
9. Осницкий А. К. Психологический анализ агрессивных проявлений учащихся // Вопросы психологии. - 1994. - № 3. - С. 61 – 68
10. Ротенберг В. С., Бондаренко С. М. Мозг, обучение, здоровье. - М.: Просвещение, - 1989.
11. Семенюк Л. М. Психологические особенности агрессивного поведения подростков и условия его коррекции: Дис. ...канд. психол. наук. - М.: Московский психолого-социальный институт, 1991. - 130 с.
12. Фромм Э. Анатомия человеческой деструктивности. - М.: Изд-во «АСТ -ЛТД», 1998.-672 с.
13. Хекхаузен Х. Мотивация и деятельность: В 1 Т. - М.: Педагогика, 1986. - с. 365-405.
14. Эмоциональные нарушения в детском возрасте и их коррекция./ Под ред. В.В. Лебединского, О. С. Никольской, Е. Р. Баенской, М. М. Либлинг. -М.:Просвещение, 1990.
15. Zilmann D. Hostility and aggression. New sercey. 1979. - 260 p.


***Калидвожаҳо:*** психология, ҳолатҳои эмотсионалӣ, шакл, рафтор, типҳо, навъҳои, агрессия, тарбия ва ғ.

**ПРОБЛЕМЫ АГРЕССИВНОГО ПОВЕДЕНИЯ В ПСИХОЛОГИИ**

Проблема агрессивного поведения в психологии - одна из важнейших социально-психологических проблем общества, и ее всестороннее изучение может выявить действенный механизм работы в этой сфере. Статья посвящена подробному анализу понятия насилие (агрессия), которое выделяет структуру насилия по качеству и уровню специфичности агрессивного поведения. В рамках исследования «Проблемы агрессивного поведения в психологии» рассматривается описание форм, типов и типов агрессивного поведения. Это означает, что анализ характера и механизма проявления насильственного поведения показывает, что для более детального рассмотрения данной проблемы необходимо определить ее типологию.

***Ключевые слова:*** *психология, эмоциональные состояния, форма, поведение, типы, разновидности, агрессия, воспитание и др.*

**PROBLEMS OF AGGRESSIVE BEHAVIOR IN PSYCHOLOGY**

The problem of aggressive behavior in psychology is one of the most important socio-psychological problems of society, and its comprehensive study can reveal an effective mechanism of work in this area. The article is devoted to a detailed analysis of the concept of violence (aggression), which identifies the structure of violence by the quality and level of specificity of aggressive behavior.The study "Problems of aggressive behavior in psychology" examines the description of the forms, types and types of aggressive behavior. This means that an analysis of the nature and mechanism of manifestation of violent behavior shows that for a more detailed consideration of this problem, it is necessary to define its typology.

***Keywords:*** *psychology, emotional states, form, behavior, types, varieties, aggression, upbringing, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Фозилова Масрура Ҷумановна** –доктор PhD, омӯзгори кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390.

**Сведения об авторе: Фозилова Масрура Джумановна** –доктор PhD, преподаватеь кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390.

**Information about author: Fozilova Masrura Dzhumanovna** - PhD Doctor, teacher of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodzhon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov 1 passage. E-mail: masrura01@mail.ru; тел.: +992-92 8646390

**Д.МАҲКАМОВ, Ф.ҲАИТОВ**

# ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФӢ- АХЛОҚИИ АБУБАКРИ РОЗӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

Файлосуф ва энсиклопедисти овозадори форсу точик Абубакр Мухаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ, ки дар чахон бо номхои Разес (Razes) ва Абубатер (Abu Bater) шинохта шуда буд, хануз дар асрҳои миёна сазовори эҳтирому эътирофи табибону файласуфон ва кимиёдонон гардида буд. Абубакри Розӣ дар рушди илмҳои замонааш сахми босазо гузошта, на танхо дар миёни олимони олами ислом, балки дар байни донишмандони маъруфи ҷаҳонӣ мавкеи сазоворро ишғол менамуд.

Ӯ аз овони ҷавонӣ истеъдоди баланди модарзодӣ доштанаш ҳис карда мешуд ва дар тамоми соҳаҳои дониш шавқу завқ зоҳир менамуд. Ӯ ба навохтани асбобҳои мусиқӣ, хондани шеър, сурудани шеърҳои баландмазмун завқи беҳамто дошт, вале ба шуғли аҷдодӣ, ки падараш заргар буд бештар мароқ зоҳир менамуд.

Абубакри Розӣ тавонист то синни 30 солагӣ тамоми илмҳои замонашро аз бар намуда, ба зинаи устодӣ расад. Ӯ ба омӯзиш ва пажӯҳиши илми тиб пас аз 30 солагӣ ба таври чиддӣ машгул шуда, то охири умри худ ба он содиқ монд. Дар яке аз мақолаҳо, ки зери сарлавҳаи: «Масъалаҳои тарбияи ахлоқию башардӯстӣ дар осори Абубакри Розӣ» ба таъб расида буд, гуфта мешавад: «Пизишкӣ набуд, онро Буқрот (Гиппократ) ба вуҷуд овард, пизишкӣ мурда буд, онро Ҷолинус (Гален) зинда кард, пизишкӣ пароканда буд, онро Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ фарохам овард ва пизишкӣ нокис буд, онро Буалии Сино комил кард». (3, с. 5).

Бояд гуфт ки чунин баҳогузорӣ нисбати Абубакри Розӣ худ шаҳодати бузургии ӯ мебошад, ки ҳамчун саромади илмхои тибу кимиё, фалсафа ва физикдони воломақом

баромад намудааст. Аммо тамоми паҳлуҳои фаъолияти Абубакри Розӣ ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. (1).

**Абубакр Муҳаммад Ибни Закариё ибни Яҳё Розӣ** пайрави мактаби асҳоби ҳаюлло буда, шаклҳои ҳастии ҳаюлло: *макон, замон ва ҳаракатро* азалию абадӣ мешуморид, ки ин аз бузургии ӯ шаҳодат медиҳад. Назарияи маърифати Розӣ аз ҷиҳати моҳияти худ ба назарияи инъикос наздик мебошад. Ӯ дониши ҳиссиро натиҷаи таъсири ашё ва ҳодисаҳо ба органҳои ҳисси инсон медонист. Розӣ муътақид буд, ки инсон ба донистани ҳама чиз қобил аст ва дар олам чизе нест, ки ақли инсон онро дониста натавонад.

Закариёи Розӣ дар илми фалсафаи асримиёнагӣ мавқеи хосаеро шиғол намуда, андешаҳои фалсафии ӯ бештар дар асарҳои «Китоб-ул асрор», «Ал-ҳавӣ», «Сирати гносеология», «Тибби рӯҳонӣ», «Исбот ул-маод», «Китоб –ул-лаззат» баён гардидаанд, ки дар асри XII аксари онҳо бо забони лотинӣ тарҷима шуда, дастраси ҷаҳониён гардида буданд.

Ҳарчанд ӯ дар таърихи кимиёву тиб бо лақаби «падари кимиё», «табиби мористон»ва табиби ҳозиқ шинохта шуда бошад, дар фалсафа яке аз барҷастатарин намояндаи асҳоби хаюло эътироф гаштааст. Бояд қайд намуд, ки ҳар як шахс баъди омӯзиши хамаҷонибаи ду асари Муҳаммад Закариёи Розӣ бо номхои «Тибби руҳонӣ» ва «Сирати фалсафӣ», ба хулоса меояд, ки Закариёи Розиро ба монанди асосгузори фалсафаи Чин Конфутси "муаллими ахлоқ" номидан ҳеҷ шубҳае надорад. Ӯ дар асарҳои номбаршуда, бештар диққати хешро ба масъалаҳои ахлоқиву равоншиносӣ равона менамояд.

Дар таълимоти фалсафии ӯ, тамоми хислатҳои хуби инсонӣ, (некӣ, росткорӣ, ростгӯӣ, инсондӯстӣ, адолат, ҳаё, шарм, раҳм, саховат, покизагӣ) ва бади инсонӣ (бахилӣ, ҳасудӣ, такабурӣ, худписандӣ, ғурур, кибр, мумсикӣ, майпарастӣ, дурӯғгуйӣ) ба пурагӣ ифодаи хешро ёфтаанд.

Гуфтан мумкин аст, ки иайравони мактаби асҳоби ҳаюлло ба ҳеҷ яке аз динҳои маъмул эътиқод ва эътироф надоштанд, дар « Наҳҷул ҳикмат» навишта буд: «Худое, ки бандагони худро ба беморию заифӣ гирифтор карда ва онҳоро ба назари раҳмат наменигарад ҳаргиз ҳаким нест. Ҳар касе, ки бандаи худро то абад дар оташ сӯзонданист, ҳаргиз набояд ҳакиму олим бошад»;

Пайравони ин мактаб ба ақоиди динӣ боварӣ надоштанд, китобҳои динро китобҳои муқаддас намешумурд, дар «Китоб уд димоғ» Қуръонро на китоби муқаддаси осмонӣ, балки китоби пур аз зиддият ва далелҳояш ба ақл носазгор меҳисобиданд.

Аз маълумотҳои Забеҳулло Сафо мебарояд: "Розӣ дар ахлок муътакид ба зухду тарки дунё ва инзиво нест ва мутаваҷҷеҳ ба ширкат дар умури иҷтимоӣ бо покдоманиву иффат мебошад. Ӯ лаззатро амри вуҷудӣ намедонад, балки онро бозгашти ҷисм ба ҳолати табиӣ ва аламро хуруҷи ҷисм аз ҳолати табиии худ мешуморад. Муътақид аст, ки истифода аз лазоиз бояд фақат ба қадри ҳолати ҷисм ва бояд аз боқии лазоиз чашм пушад ва ба ҷустуҷуи камоли нафсонӣ, ки натиҷаи он ташаббуҳ ба Худованд аз тариқи илму адл ва таҳорат аст, пардохт" (2, 69).

Таълимоти фалсафӣ ахлоқии Закариёи Розӣ ба таълимоти ахлоқии *Конфутсий, ки* муаллими ахлоқ шинохта шудааст монанд мебошад. Усули ахлоқии Конфутсий бар пояи қоидаи умумии “Лӣ” марбут аст. Истилоҳи Лиро ба маънои гуногун истифода кардааст. Аз ҷумла ба маънои покиву таҳорат, одабу инсоният, ташрифот ва расму ибодати динӣ. Вай бештар дар таълимоташ ба баробарии мавқеи одамон диққати хоса медод ва қайд мекард, ки ҳама одамон табиатан аз давраи таваллуд баробаранд. «Ҳама одамон ба ҳамдигар наздиканд, вале дар рафти тарбия аз ҳамдигар ҷудо мешаванд» ва фарқ мекардагӣ мегарданд.

Меарзад, ки рисолаи «Тибби рӯҳонӣ»-и Муҳаммад Закариёи Розиро «Доират-ул-маорифи ахлоқи башар» номем. Ӯ дар ин рисолаи машҳури хеш ақлро бехтарин туҳфаи Парвардигор дар бунёди шинохти хастӣ дониста, бар он андеша мебошад, ки инсон махз тавассути ақл аз хайвон фарқ карда, зиндагии худро бех месозад ва инчунин марому мартабаи хешро нисбат ба ҳар чизи олам муайян ва баланд мебардорад. Ӯ дар

фасли аввали «Тибби рӯҳонӣ», ки «Ситоиши фазилати ақл ном дорад», мегӯяд: «...ақл чизест, ки агар он намебуд, ахволи мо тибқи ахволи хайвон мешуд ё мисли кӯдакону ар девонаҳо дввртаи парешонӣ мемондем» (3, 46 ).

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар андешаҳои фалсафӣ- педагогии хеш дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накӯкориро яке аз аломатҳои асосии давлату иқболи инсон медонад. Сарчашмаи соҳиб шудан ба ин сифатҳоро ӯ аз як қуввае вобаст медонад, ки бо нафси шахс алоқаманд аст: «Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо ҳамеша толиби салоҳияти корҳои ҳамдигар ва дар ҳар гуна вазъият тақозои дӯстии якдигарро дошта бошанд. Ғайр аз ин онҳо ба якдигар ихлосманд бошанд. Барои амалӣ шудани ин амрҳо қувваеро дошта бошанд, ки он давомдиҳандаи сифатҳои нек ва касро ҳамеша ба ҷониби хайр биравонад. Ин гуна қувва бо нафси шахс алоқаманд буда, аз вай ҳаргиз ҷудоӣ напазирад. Ва он қувва ҳеҷ гуна бадие ба шахсияти ӯ раво набинад. Онҳо бе якдигар зиндагиро ҳам тасаввур карда наметавонанд. Амалӣ шудани ин амрҳо пеш аз ҳама вобаста ба натиҷаи дурусти муборизаи онҳо бо қувваҳои рақибангез аст» (3, 121).

Дар таълимоти фалсафӣ- педагогӣ ва ахлоқии Муҳаммад Закариёи Розӣ устод - мураббӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Ӯ шахсияти ғамхорест, ки дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ барои шогирдон хислатҳои ҳамидаи инсониро ба монанди, поксириштӣ, накукорӣ, садоқат, инсондӯстӣ, худшиносӣ, ифтихор ва ғурури миллиро тарғиб менамояд. Устод ба тарбияи ахлоқию маънавии шогирдон диққати махсус дода, барои бартарафсозии душвориҳои ҳаёти онҳо панду андарзҳои муфид медиҳад.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ҷараёни таълиму тарбия дар ҷои аввал ақли солимро мегузорад ва тамоми рафтори инсониро дар асоси ақлу хиради ӯ баҳогузорӣ мекунад. Ӯ ба омӯзгорону мураббиён тавсия медиҳад, ки дар роҳи таълиму тарбия аз шогирдон ба ҳеҷ ваҷҳ набояд малол ва озурда гарданд. Таълиму тарбияи насли наврас ба андешаи ӯ, яке аз муҳимтарин вазифаи мураббиёну омӯзгорон буда, омӯзгор дар таълим ва тарбияи шогирдон бояд тамоми дониш ва маҳорати хешро сарф намояд.

Устод бо шогирдон суҳбати содиқона намуда, камбудӣ ва рафтори ношоистаи онҳоро ошкор созад ва роҳи ҳалли онро пешниҳод намояд. Мутобиқи андешаи мутафаккир устод бояд дорои донишу маърифати баланд буда, дар раванди таълиму тарбияи шогирдон ба саҳланкорӣ роҳ надиҳад, балки хамеша ба онҳо муомилаи хуш намояд, то шогирдон ба ӯ рози дили худро бовар карда гӯянд.

Ӯ тавсия медиҳад, ки мардум нисбати ҳамдигар бояд меҳрубон, дилсӯз ва ғамхор бошанд, ба қадри ҳамдигар расанд, зеро ҷойгоҳи инсон дар фалсафа ниҳоят баланд аст. Муҳаммад Закариёи Розӣ дар масъалаи ба мартабаҳои баланд расидани инсон, ақлу хиради солим ва рафтори хубу муомилаи некро асос медонист. Дар ин росто панд медод, ки сохибмартаба бояд чунон рафтор кунад, ки аз нафрати халк эмин бимонад.

Маълум аст, ки инсон обруву эътибори баландро танхо тавассути одобу ахлоқи шоистаи таҳсин сазовор гардида метавонад. Ранҷидан, дар дил нигоҳ доштан, кина гирифтани омӯзгор ё мураббӣ аз шогирдон аз доираи ақлу маърифат берун буда, обруи омӯзгорро дар ҷамъият паст менамояд. Омӯзгор пеш аз ҳама, бояд кушиш намояд, ки бо рафтору амали худ ва донишу маърифаташ барои шогирдон ва атрофиён намунаи ибрат бошад.

Дар яке аз фаслҳои "Тибби рӯҳонӣ" Закариёи Розӣ рафтори донишмандону файласуфонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, мегӯяд: « онҳо набояд аз чаҳорчӯбаи адлу инсоф пой берун ниҳанд ва кайд кардааст, ки: "мардумро ёд медоданд, ки бо якдигарашон лутфу мархамат дошта бошанд. Онҳо ба ҳамаи мардум насиҳат мекарданд, ки барои нафъи умум кушиш намоянд. Аммо он касоне, ки ҷабру зулм ва сиёсати фосидро пешаи худ менамуданд, ба хараҷу мараҷ ва сиёсати абаскорӣ роҳ медоданд, аз гунаи одамон намехисобиданд. Аммо одамони зиёде ҳастанд, ки шариату қонун онҳоро водор мекунад, ки бе ҳукми зулм рафтор кунанд. Аммо намояндагони диние, ки ба зулмат мегаравиданд, ба ин гуна муҳиммот риоя намекарданд. Онҳо мухолифи худро бо дуруғ фиреб медоданд... Инсон агар сират дуруст кунад ва рафторашро нек созад, аз зарари мардум наҷот мeёбад ва соҳиби ҳурмат мегардад.

Инсон ба шарофати покӣ аз шарру ногуворӣ эмин мемонад. Агар кас ба мардум насиҳат кунад, ба онҳо раҳму лутф намояд, обрӯяш баланд мешавад" (3, 114).

Қайд кардан зарур аст, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ чӣ дар кашфиётҳои тиббӣ, чӣ дар фалсафӣ ва чӣ дар кашфиётҳои табиатшиносиаш хамеша аз риояи ақл, одоб, андоза ва хушмуомилагӣ сухбат менамуд. Ин олими варзида, ки тамоми умри азизи хешро дар «Табобатхонаи мористон» ба табобату дармонбахшии одамони дорои нуқсони ҷисмонӣ бахшида буд, дар охир бо луқаби «Табиби мористон» сазовор гардида, дар давраҳои перонсолӣ аз таъсири дуди гудозиши металлу маъданҳо, ки машғулияти доимиаш буд нобино гардид.

Ҳасудону бахилон вакти дар пирӣ нобино шуданаш ӯро таъна мезаданд, ки ин нобиноии ӯ гуё ҷазои нодурустии ақидаҳои илмиаш будааст. Ӯ бошад, дар ҷавоб ба онҳо олимона ва файласуфонаю омӯзгорона чавоб медод, ки чашмони ӯ кӯр нашудаанд, балки аз дидани муқарризони камсавод хаста шудаанд ва намехоҳанд дидори шумо барин нодононро бори дигар бубинанд.

Чуноне ки маълум аст, Муҳаммад Закариёи Розӣ дар баробари файласуфи бузург буданаш, табиби ҳозиқ ва кимиёдони овозадору физикдони барчастаи замони худ ба шумор мерафт. Ғайр аз ин, ӯ ба бисёр масъалаҳои педагогӣ, аз қабили тарбияи ақлию ахлокӣ, роху воситаҳои таъмини хайрияи умум ва саодати одамӣ, адлу инсоф, мақсаду мароми инсонро мавриди тадқиқу омӯзиш карор дода, муаллими тарбияю ахлоқи замонааш низ ба шумор мерафт.

Фикр мекунам, ки дар ҷараёни таълими фанни таърихи педагогика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистон дар баробари омӯзиши осору афкори шоирони классикии форсу тоҷик аз ақидахои педагогии табиатшиносону риёзидонон ва табибони ниёгонамон истифода намоем ба манфиати кор мебошад.

Хулоса, қайд кардан мехоҳам, ки осори гаронбаҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ, нақши ӯро на танҳо дар таърихи илму фарҳанги тоҷик, балки дар таърихи тамаддуни башарӣ ошкор месозад. Лекин, як чизро қайд кардан мехостам, ки ҳануз ҳам баъзе паҳлуҳои масъалаҳои илми педагогика ва психология дар осори гаронбаҳои ӯ ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

**АДАБИЁТ:**

1. Диноршоев, М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази / М. Диноршоев. - Душанбе: Дониш, 2013. - 300 с.
2. Каримов, У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази "Книга тайны тайн" / У.И.Каримов. -Ташкент: Фан, 1957. - 241 с.
3. Комили, А.Ш. Физика Абубакра ар-Рази / А.Ш. Комили. - М.: МБА, 2014. - 104 с.
4. Комилов, А.Ш. Физика ар-Рази и Ибн Сины / А.Ш. Комилов. - М.: МГУ, 1999. - 160 с.
5. Курбонов, Б.Р. Мухаммад Закариё ар-Рази - химик и философ // Известия Академии наук Республики Таджикистан / Б.Р. бурбонов, З.Н. Юсуфов. - Душанбе, 2004.- С. 91-97.
6. Курбонов, Б.Р., Ученые о трудах по химии Мухаммада Закария Рази // Вестник РТСУ / Б.Р. бурбонов, Сангинова Р.- Душанбе, 2012. №3 (38).- С. 142-147.
7. Komili, A. The Problems of physics in the works of ar-Razi and Ibn Sina // Science and Technology in the Islamic World. Proceeding of the XXth International Congress of History of Science / A. Komili. - Belgium, Liege, 1997. - C. 183-187.
8. Ruska, I. Die Alchemies ar-Razi's, der Islam. Bd. 22, Heft 4, 1935. -
9. Забехулло, Сафо. Таърихи адабиёти Эрон / З. Сафо. - Душанбе: Алхудо, 2001.-269 с.
10. Закариёи, Розӣ. Мунтахаби осор / З. Розӣ - Душанбе: Адиб, 1989. - 160 с.

***Калидвожаҳо:*** *Абубакри Розӣ, донишманди форсу тоҷик, тиб, кимиё, табиийёт, педагогика, ахлоқ, гуманизм, энсиклопедист.*

## ФИЛОСОФСКОЕ И ЭТИЧЕСКОЕ УЧЕНИЕ АБУ БАКАРИ РАЗИ В ИНКЛЮЗИВНОМ ОБУЧЕНИИ

В данной статье разговор ведётся вокруг знаменитого персидско-таджикского философа, энциклопедиста Абубакр Мухаммед ибн Закариё ибн Яхя Розї, который в мире прославлен именной

(Разес) и (Абубатер). В средних веков он стал уважаемым для лекарей, философов, химиков и в развития науки того времени внёс свой вклад. Он занимал видное место не только среди исламских ученых, но среди великих знатоков мира.

***Ключевые слова:*** *Абубакр Рози, персидской-таджикской знаток, медицина, химия, природоведение, педагогика, мораль, гуманизм, энциклопедист.*

**THE PHILOSJPHICAL AND MARAL TEACHINGS OF ABUBAKR ROZI IN INCLUSIVE LEARNING**

In this article, the conversation revolves around the famous Persian-Tajik philosopher, encyclopedist Abubakr Muhammad ibn Zakaryo ibn Yahya Rozi, who is glorified in the world by nominal (Razes) and (Abubater). Even in the Middle Ages, he became respected for healers, philosophers, chemists, and contributed to the development of science at that time. He not only among Islamic teachings, but among the great experts in the world occupied a prominent place.

**Keywords:** *Abubakr Rosi, Persian-Tajik expert, medicine, chemistry, natural history, pedagogy, morality, humanism, encyclopedist.*

***Маълумот дар бораи муаллифон: Маҳкамов Дастам*** *- номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ, ш. Душанбе,* ***тел: 93.502.15.64***

***Ҳаитов Фируз -*** *муовини декани факултети дизайни Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, ш Душанбе, тел: 988.31.17.71.*

**Сведения об авторах:** Махкамов Дастам - кандидат педагогических наук, заведующий отделом начального и среднего профессионального образования Академии наук Республики Таджикистан, г. Душанбе. Душанбе, тел: 93.502.15.64

Хаитов Фируз – заместитель декана факультета дизайна Таджикского государственного института изобразительных искусств и дизайна, г. Душанбе, тел: 988.31.17.71.

**Information about the authors:** Mahkamov Dastam - Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Primary and Secondary Vocational Education of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, tel: 93.502.15.64

Khaitov Firuz - Deputy Dean of the Faculty of Design of the Tajik State Institute of Fine Arts and Design, Dushanbe, tel: 988.31.17.71.

М.АЗИМОВА

# ЗАХИРАҲОИ САЙЁҲИЮ РЕКРЕАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОН – ОМИЛИ ПЕШРАФТИ ТУРИЗМ

Дар замони муосир сайёҳӣ дар як қатор мамлакатҳо яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор меравад ва теъдоди зиёди одамонро бо кори доимӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ин соҳа мувофиқи мақсад буда, метавонад ҳамчун манбаи даромад дар утувор намудани иқтидори молии кишвар саҳмгузор бошад. Дар сурати амалӣ гаштани нақшаҳои пешбинишуда даромаднокии ин соҳа метавонад хеле боло равад ва боиси некӯаҳволии халқ гардад.

Тоҷикистон бо табиати нотакрору афсонавӣ, обу хоки ҳосилхез ва мардуми озодаву баландҳимматаш таваҷҷуҳи меҳмонони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таҳияи ҳудуди сайёҳии миллӣ дар заминаи ёдгориҳои нодири осори фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионии ҷумҳурӣ ва пешравии самараноки он дар бозори ҷаҳонии хизматрасонии сайёҳӣ, воридшавии бештари сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, босифат ташкил намудани чорабиниҳои тарғиботӣ оид ба ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва васеъ намудани арзҳои меҳмоннавозӣ барои мустаҳкам кардани ҷойгоҳу эътибори Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳии байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Самтҳои зерини сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегарданд:

- сайёҳии табобатӣ-шифогоҳӣ, осоишгоҳӣ ва истироҳатӣ;
- сайёҳии таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ;
- кӯҳнавардӣ, сайёҳии варзишӣ ва экологӣ;
- сайёҳии касбӣ;
- рафтинг (қаиқронӣ дар дарёҳои кӯҳӣ);
- варзиши лижатозии кӯҳӣ;
- шикор барои сайёҳони хориҷӣ.

Омори сайёҳии воридотӣ дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба хусусиятҳои табиию рекреатсионии кишвар аз ҷониби сайёҳони хориҷӣ афзалият ба навъҳои сайёҳии экологӣ, варзиши кӯҳӣ ва экстремалӣ дода мешавад. Бинобар ин, лозим аст, ки кори самараноки хадамоти махсуси наҷотдиҳӣ дар сохтори давлатии ҳолатҳои фавқулодда ба роҳ монда шавад.

Ба рушди минбаъдаи сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон имконоти ҳудуди махсуси ҳифзшавандаи табиӣ, ки беш аз 22%-и қаламрави Тоҷикистонро дар бар мегиранд, мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, «Боғи миллии Тоҷикистон», ки дорои экососитемаҳои нодири табиӣ ва олами ҳайвоноту набототи гуногуни ҷолиби диққати сайёҳони хориҷӣ мебошад.[2, 14 ]

Иншооти самти дармонгоҳию табобатӣ ва миқдори зиёди минтақаҳои истироҳатии хусусии кишвар барои ташкили истироҳат ва муолиҷаи сайёҳони дохилию хориҷӣ заминаи хуб фароҳам меоваранд.

Вусъат бахшидан ба рушди сайёҳии дохилӣ дар баробари таъсири мусбати он ба ҳифзи иҷтимоӣ (шуғли аҳолӣ) барои ҷалби маблағгузориҳои ватанию хориҷӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ, низ мусоидат менамояд.

Доир ба роҳҳои алтернативӣ қайд кардан лозим аст, ки дар қаламрави кишвар аз шарқ ба ғарб се шохаи роҳи оҳан мегузарад, роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ бошанд, ҳамчун пайвандгари минтақаҳои кишвар бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, барои эҳёи «Шоҳроҳҳои Бузурги Абрешим» заминагузорӣ менамоянд.[2,45]

Мувофиқи баҳогузории коршиносонии созмонҳои байналмилалие, ки дар самти сайёҳии ҷумҳуриямон фаъолият доранд ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои мададгори рушди сайёҳии Тоҷикистон, дар шароити ба сатҳи муносиб баровардани саноатисайёҳӣ ҷумҳурӣ имкон дорад, ҳар сол то як миллион сайёҳони хориҷиро қабул намояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 100 иншооти туристии дорои ҷанбаҳои шифогоҳию табобатӣ, курортӣ бо назардошти меҳмонхонаҳо амал менамоянд, ки сатҳи фаъолияти аксари онҳо ба талаботи ташкили хизматрасонии муосир ҷавобгӯ намебошанд.

Таҳлили вазъи кунунии сайёҳии воридотӣ ва дохилии ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ сатҳ ва сифатан ҷараёни рушди ин самтҳо беҳбудиро талаб менамояд.

Омори туризми воридотии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки шумораи асосии сайёҳони хориҷии минтақа ба дӯши давлатҳои ҳамсоя рост меояд. Ин аз нокифоя будани тадбирҳои маркетингӣ ва таблиғотию иттилоотӣ, инчунин корҳои ташкилию техникӣ ва ҳуқуқ оид ба рушди туризми байналмилалӣ дар кишвар гувоҳӣ медиҳад (дурнамои афзоиши солонаи воридшавии сайёҳон тақрибан 3% дар назар гирифта шудааст).[3,57]

**Бунёди иншооти рекреатсионии зерин дар минтақа, бояд ба мадади давлат анҷом ёбад:**

- Сохтмони осоишгоҳу табобатхонаҳо.
- Лагерҳои истироҳатии мактаббачаҳо.
- Таҷдиди ҷойҳои таърихию мадании минтақаи дарраи Варзоб.
- Сохтмони корхонаҳои саноатӣ дар асоси боигариҳои зеризаминии ин мавзеъ.
- Таъсиси базаҳои сайёҳию кӯҳнавардӣ дар минтақаи дараи Қаратоғ.
- Боз намудани хатсайрҳои нави сайёҳӣ дар ин минтақа.

Мувофиқи тадқиқоти гузаронидашуда дар сарзамини Тоҷикистон зиёда аз 200 чашмаи обҳои маъданӣ ба қайд гирифта шудааст. Тоҷикистон, инчунин дорои 18 кӯл ё чашмаҳои лойқадори муолиҷавӣ ва шӯр мебошад.

Ҳисоб карда шудааст, ки дар заминаи истифодаи ин захираҳо то 50 ҳазор кас метавонанд дар як вақт аз муассисаҳои табобативу фароғатӣ истифода намоянд, ки ин қариб 3 баробар аз талаботи ҷумҳурӣ дар ояндаи наздик зиёдтар аст. Гарчанде Тоҷикистон дорои шароити мусоиди табиӣ-иқлимӣ ва табобатӣ бошад ҳам, алҳол аз ҷиҳати таъминоти талаботи аҳолӣ ба муассисаҳои дамгирӣ дар ҷаҳон, яке аз ҷойҳои охирро ишғол мекунад. Имрӯз ба ҳазор нафар ҳамагӣ 5 ҷойи дамгирӣ рост меояд, ки ин нишондиҳандаи хеле паст аст. Аз рӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ барои пурра қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба табобатгоҳу осоишгоҳҳо- 31,1 ҷой барои 10 ҳазор кас ба мақсад мувофиқ ҳаст.

Мувофиқи тадқиқоти гузаронидашуда, қаламрави Тоҷикистон нисбат ба Ӯзбекистон ва Туркманистон дар Осиёи Миёна бештар дорои ҷойҳои дамгирӣ мебошад (зиёдтар аз 5%, ҳол он ки дар Ӯзбекистон ин нишондиҳанда 0,7% ва дар Туркманистон 0,25% -ро ташкил медиҳад).

Дар оянда, аз рӯйи ҳисоби мутахассисон талабот барои истироҳат ва дамгирӣ аз 943,2 ҳазор ҷой то 1,5 млн. ҷой дар як вақт лозим мешавад.

Барои ҳалли дурусти ин масъала лозим меояд, ки дар оянда бо назардошти афзоиши талаботи аҳолии мамлакат ба ҳама намудҳои ҷойҳои дамгирии дорои аҳамияти рекреатсионӣ қаламрави сайёҳӣ ба 250-300 ҳазор км $^2$ расонда шавад.

**Аҳамияти захираҳои рекреатсионӣ дар иқтисодиёти кишвар.** Дар Тоҷикистон ҷойҳое, ки дар баландии аз 1000 - 2000 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд, аз нуқтаи назари шароити табиӣ- иқлимии худ барои истироҳат мусоид ҳисоб карда мешаванд, чунки ин ҷойҳо низ аз захираҳои рекриатсионӣ бой мебошанд.

Дар ташкили истироҳати аҳолӣ ҳавзаҳои дарёҳо ва обанборҳо аҳамияти калони рекреатсионӣ доранд, ки ин хусусан ба Тоҷикистон, ки аз баҳрҳо дур ҷойгир шудааст, аҳамияти махсус дорад. Талабот барои истифодаи кӯлҳо, дарёҳо ва обанборҳо ба мақсади рекреатсия дар 20 соли охир дар мамлакатҳои саноатии ҷаҳон аз 10 то 15% дар як сол афзудааст. Тадқиқот нишон додаанд, ки истироҳати бофароғат боиси беҳтар гаштани саломатӣ ва фаъолияти одамон мегардад, ки ин дар навбати худ имконият медиҳад, то ҳосилнокии меҳнати одамон ба ҳисоби миёна 5-7% баланд гардад.

Дар Тоҷикистон аксари вақт обанборҳо, ҳамчун ҷойи истироҳатгоҳҳои аҳолӣ истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, обанборҳои Норак, Қайроқум, Бойғозӣ, Сарбанд ва ғайра аз ҳамин қабил мебошанд.

Дарёҳои хурди кӯҳӣ бо шароити табиию иқлимии мусоидашон, ки дар наздикии шаҳрҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин ҷорӣ мешаванд, ҷойҳои дӯстдоштаи истироҳатии аҳолӣ мебошанд.

Масалан, минтақаи сайёҳию-рекреатсионии Варзоб, ки дар қисми шимолии шаҳри Душанбе воқеъ гардидааст, бештар барои бошандагони шаҳри Душанбе, меҳмонон ва аҳолии ноҳияҳои гирду атроф дар фаслҳои гарми сол ҷиҳати истироҳат ва барқароркунии саломатӣ хеле мувофиқ аст. Истироҳатгоҳи Хоҷа Оби Гарму варзишгоҳи Сафеддара гӯшае аз табиати нотакрори Ватани азизамон ба шумор мераванд. Вае фаромӯш набояд кард, ки истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ боиси мушкилоти экологӣ

мегардад ва дар ин робита шарти асосӣ дар раванди рушди сайёҳӣ дар минтақа нигоҳ доштани ҳолати экологии муҳит мебошад. Дараи Варзоб бо табиати зебову нотакрораш бо фармони Президенти мамлакат минтақаи истироҳатию сайёҳӣ эълон гардидааст.

Дар шароити гузаштан ба муносибатҳои иқтисодиёти бозоргонӣ, ҷалб намудани захираҳои рекреатсионӣ дар хоҷагидорӣ ва пеш аз ҳама дар ташкили тараққиёт, яке аз самтҳои муҳимтарин, яъне ҳалли муаммоҳои иҷтимоию-иқтисодии Тоҷикистон мегардад.

Муассисаҳои рекреатсионӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ниҳоят нобаробар ҷойгир шудаанд. Аксарияти ин муассисаҳо асосан дар назди доманаҳои кӯҳии обанбори Қайроқум ва дар минтақаҳои кӯҳсори пастхамӣ ва доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, дар дарраҳои Варзоб, Ромит, Алмосӣ, Харангон ва қад-қади водии Қаратоғ ҷойгир шудаанд.

Дар натиҷаи ҳисобҳои ҳаматарафаи захираҳои табиӣ дар ҳудуди минтақаи водии Ҳисор маълум карда шуд, ки 7551 км мураббаъ масоҳати он барои истифодаи муассисаҳои рекреатсионӣ мусоид мебошанд, ки ин 14% ҳамаи масоҳати рекреатсионии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дар минтақаи Шимолии мамлакат дар обанбори Қайроқум ва оби лойқаи муолиҷавии Оқсукон барои табобат ва истироҳати даҳҳо ҳазор одамон шароити мувофиқ доранд. Бо ақидаи мутахассисон истифодабарии обҳои минералии Чертек, Қызилтеппаи ин маҳал, низ дурнамо ва аҳамияти калон доранд.

Минтақаи Рашт бо чашмаҳои муолиҷавию минералӣ ва шароити ниҳоят хуб барои истироҳат шуҳрат дорад. Дар ҳудуди минтақа қариб 80 ҳазор гектар масоҳат дорои аҳамияти рекреатсионидошта маълум карда шудааст. Табиати минтақа барои ташкили саёҳат, гузаронидани машғулиятҳои гуногуни варзишӣ, кӯҳгардӣ (алпинизм) ва ғайра хеле мусоид мебошад. Дар ҳудуди минтақавии Рашт зиёда аз 30 манбаи беруншавии обҳои минералӣ ва 3 кӯли сулфурдор ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар ин минтақа табобатгоҳи аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи «Оби Гарм» ҷойгир шудааст, ки дар байни мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он шуҳрати калон дорад. Дар базаҳои истироҳатии ин минтақа, ба монанди Камаров, Сангвор, шикоргоҳи Сангикар, Чилдара ва Ҳоит инкишофи васеи сайёҳӣ ва ҳамзамон истифодаи шикоргоҳҳо ба мақсад мувофиқ аст. Табиати афсунгару вежагиҳои муолиҷавии Гармчашма ва дигар мавзеъҳои зебои Кӯҳистони Бадахшон ифтихори кишварамон мебошанд.

Мавзеи Хатлонзамин аз замонҳои қадим бо табиати нотакрор, ҷойҳои таърихӣ ва мардуми меҳмонавозаш хеле маълуму машҳур буд. Махсусан, мавзеъҳои Даштиҷум, Сари Хосор, Сарчашма, Балҷувон, Муминобод, Ховалинг, Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб, Чилучорчашма ва мавзеъҳои таърихии минтақаи Бохтар (Қурғонтеппа) ҷойҳои дӯстдошта ва зиёратгоҳу истироҳатгоҳи на фақат мардуми маҳал, балки меҳмонони хориҷӣ мебошанд. Кӯҳистони Бадахшон, Кӯлоб, Бохтар ва дигар ноҳияҳои мамлакат, низ бо обҳои шӯр, минералӣ, лойқаи муолиҷавии худ шуҳрати калон доранд.

Махсусан, мавзеъҳои Даштиҷум, Сари Хосор, Сари Чашма, Балҷувон, Муминободу Ховалинги минтақаи Кӯлоб барои дамгирӣ шароити мусоид доранд.

Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон дар оянда талабот барои истироҳат аз 943,2 ҳазор то 1,5 млн. ҷой дар як вақт меафзояд.

Барои ҳалли ин масъала ба мо лозим меояд, ки оянда бо назардошти афзоиши аҳолӣ қаламрави саёҳиро ба 276 ҳазор км$^2$ расонем.

Мероси бойи таърихӣ- фарҳангӣ ба рушди туризм таъсири мусбат расонида, ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон имконияти васеъ муҳайё месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ёдгориҳои зиёди меъморӣ, мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ, шаҳрҳои бостонӣ аст ва ин ҳамаро метавон ба сифати захираи беҳтарини сайёҳӣ-рекреатсионӣ истифода намуд.

Мероси бузурги миллӣ, ба хусус мероси фарҳангии меъморию шаҳрсозии тоҷикон пайваста диққати сайёҳонро ҷалб менамояд.

Шаҳристони Саразм, шаҳракҳои бостонии Панҷакенти қадим (асрҳоиV-VII), Бунҷаканти қадим (асрҳои VI-IX), дайри буддоии Аҷинатеппа (асри VIII), Шаҳраки Тахти Сангин (асрҳоиIII-IVмелод), Қалъаи Ямчун (асрҳои II-VIIмелод), Шаҳри Ҳулбук (асрҳои IX- XI), мадрасаву оромгоҳҳо ва қалъаҳо, шаҳрҳои қадимаи Кӯлоб, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайраҳо барои сайёҳони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ диданию ҷолибанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Азимова М.А. Географияи туризм. Ирфон .Душанбе- 2012.
2.Кабутов М. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ирфон. Душанбе 2003.
2. Қодирова М.И., Қодиров Ф.С. Асосҳои туризм.-Душанбе, Ирфон, 2012.
3.Қодиров Ф.С. Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ.Истеъдод.Душанбе- 2012.

***Калидвожа:*** *мероси фарҳангӣ, индустрияи сайёҳӣ, рекреатсия, захираҳои сайёҳӣ, манобеи обҳои маъданӣ.*

**ТУРИСТИЧЕСКИЕ И РЕКРЕАЦИОННЫЕ РЕСУРСЫ ТАДЖИКИСТАНА-ФАКТОР ПРОДВИЖЕНИЯ ТУРИЗМА**

Богатое культурное наследие Таджикистана положительно сказалось на развитии туризма, что делает для большего привлечения туристов еще более благоприятной возможностью. С учетом того, что индустрия туризма стала одной из ведущих отраслей мирового климата, многие страны мира стремятся активизировать все возможности для развития туризма и посредством этого улучшить экономику и благосостояние жителей.

***Ключевые слова:*** *культурное наследие, индустрия туризма, рекреация,туристические ресурсы, источники минеральных вод.*

**TAJIKISTAN'S TOURISM AND RECREATIONAL RESOURCES ARE A FACTOR IN PROMOTING TOURISM.**

The rich cultural heritage of Tajikistan has had a positive impact on the development of tourism, which makes it an even more favorable opportunity to attract tourists. Given that the tourism industry has become one of the leading sectors of the global climate, many countries around the world are striving to activate all opportunities for tourism development and thereby improve the economy and well-being of residents.

***Key words:*** *cultural heritage, tourism industry, recreation,mineral water springs.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Азимова М.А. н.и.п. дотсенти кафедраи Бизнеси сайёњї, рекреатсия ва мењмондории ДССХ. Тел: 91 943 03 59.

**Сведения об авторе:** Азимова М.А., к.п.н., дотсент кафедры Бизнес, туризма и препринимательства ИПБ. Tel: 91 943 03 59.

**Information about author:** Azimova M.A., Candidate of Pediatric Sciences, Associate Professor of the Department of Business, Tourism and Entrepreneurship, IPB. Tel: 91 943 03 59.

**Н.ШАРИФЗОДА Ш. ХАСАНОВА**

## ҲАМКОРИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ БО ВОЛИДОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Имрӯз аксарияти кӯдакони синни томактабӣ дар шароити оила тарбия тарбия ёфта, пеш аз ҳама волидон, бибию бобо, бародару хоҳари мактабхон барои додани донишҳои аввалин дар бораи оламиатроф, тарбияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқ, омода намудан ба таҳсил дар мактаб машғул мебошанд.

Вазифаи асосии оила, махсусан кӯдаконе, ки ба кӯдакистонҳо фаро гирифта нашудаанд, ин фароҳам овардани шароит барои инкишофи умумии кӯдак, бо ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну солӣ ва талаботҳои ӯ мебошад.

Ин ҷо зарур аст, ки барои инкишофи фаъолии маърифатӣ, мустақилӣ ва эҷодии ҳар як кӯдак волидон шароит фароҳам оварданд. Дар фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ бо иштироки фаъоли волидон, кӯдак бояд ҳалли масъалаҳои ақлӣ ва амалӣ, муносибат бо ҳамсолон ва атрофиён, ворид шудан ба ҳамкорӣ, сифатҳои иродавии устуворӣ ва ба мақсад расиданро аз худ намояд.

Ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ низ бо волидон имрӯз тақозои замон аст. Барои инкишофи ҳамаҷониба ва самараноки таҳсилоти пешазмактабӣ таъмини ҳамкории дуҷонибаи мураббӣ ва волидон, ворид намудани онҳо ба фаъолиятҳои гуногун ва барпо намудани муҳити боварибахш ва хайрхоҳона хеле муҳим аст.

Такмили низоми таълиму тарбия дар оила ва муассисаҳои таълимӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати имрӯзинаи давлат ва ҳукумат ба ҳисоб меравад. Махсусан, таълиму тарбияи дурусти фарзанд дар оила қарзи аввалини падару модар дониста мешавад. Муҳити тарбия, ҷаҳонбинӣ, ақлу одоб ва дунёи маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки кӯдак аз он ғизои маънавӣ мегирад.[9]

Чӣ қадар падару модар бофарҳангу бомаърифат бошанд, ҳамон қадар дар замири фарзанд саводу дониш, ақлу тамиз, меҳру муҳаббат ба наздикон ва атрофиёнро тарбия менамоянд. Дар ин раванд таъкидҳои сарвари давлат, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид мебошад: «Бо шарофати падару модар одобу ахлоқ маърифату маънавият ва беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагони мо аз насл ба насл интиқол ёфта, ба як мактаби бузурги тарбияи ахлоқи иҷтимоӣ ва маънавии шахсият мубаддал мегарданд». [7]

Бинобар ин, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, махсусан дар синну соли томактабӣ, ки муносибат бо волидон, аъзоёни оила дар тарбияи кӯдак нақши муҳимро мебозад, аҳамияти хосаи худро дорад.

Замони имрӯза исбот менамояд, ки танҳо кӯдаки таассуроти бою рангин дошта, ба ҳамаи фаъолиятҳо зуд ворид гардида, амалҳои гуногунро мустақилона ташкил намуда, нобарорӣ ва нохушиҳоро ба осонӣ аз сар мегузаронад ва дар байни ҳамсолон сазовори ҳурмату эҳтиром гардида, дар ҷамъият мавқеи худро пайдо менамояд.

Ҳар як падару модар хоҳиши бомуваффақият таҳсил намудани фарзандро дорад. Махсусан, вақте ки кӯдак аввалин маротиба ба даргоҳи муқаддас бо дунёи орзуҳо ворид мегардад, вазифаи аввалини падару модар аз кӯмак расонидан барои мутобиқшавӣ ба тартиботи мактаб, реҷаи нави рӯз, ҳолати хушу шавқу ҳаваси ҳар рӯз ба мактаб рафтан ва барномаи мактабро бе мушкилӣ аз худ намудан иборат мебошад. [4]

Вале барои он ки кӯдак дар мактаб бомуваффақият таҳсил намояд, ӯро ба ин марҳила бояд омода намуд. Ин ҷо шояд мураббиён ва волидон саволе гузоранд, ки пас «Чӣ тавр кӯдакро ба таҳсил омода намуд?»

Пеш аз ҳама дар кӯдак оддитарин малакаҳои омодагӣ ба таҳсилро ташаккул бояд дод, ки аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд. Кадомҳоянд ин омилҳо:.

- ҳолати саломатӣ ва дараҷаи инкишофи ҷисмонии кӯдак;
- омодагии равонии кӯдак;
- ташаккули донишу маҳорат;
- инкишофи маҳорату малакаи муошрати маданӣ.

Ҳамаи ин омилҳо муҳим буда, дар шакли дастаҷамъӣ бояд ҳалли худро ёбанд.

Барои бомуваффақият мувофиқ шудан ба таълим ҳолати саломатӣ ва **дараҷаи инкишофи ҷисмонии кӯдакон** муҳим мебошад. Бадани кӯдак, узвҳои алоҳидаи он бояд ба дараҷаи муайяни инкишофи худ расида, ба таъсиротҳои муҳити беруна мувофиқ ҷавоб гардонида тавонанд.

Мустаҳкамкунии саломатӣ, инкишофи дурусти ҷисмонӣ ва обутобдиҳӣ, баландбардории қобилиятнокии бадан ва инчунин пешгирии мондавашии кӯдакон зери назорат қарор дода шавад.

Дар кӯдакон майлу хоҳиши иҷрои машқҳои гуногун, ба монанди давидан, часпида баромадан, ҷаҳидан, хазидан, ҳаво додан, дошта гирифтан ва ғайра тарбия ва рӯҳияи баланди эмотсионалӣ, ғайрату кӯшиш, зиндадилию хушҳолӣ бедор карда шавад.

Дар оила ва муассисаҳои таълимӣ ба тарзи дурусти нишаст ва малакаҳои гигиенӣ диққати махсус зоҳир намуда, системаи асаб, узвҳои биноӣ, шунавоӣ, аппарати овозии кӯдак бояд нигоҳубин ва аз ҷароҳатҳо эмин нигоҳ дошта шавад.

Дар хона ва таълимгоҳ ба иҷрои дуруст ва саривақтии реҷаи рӯз назорат намуда, давомнокии сайругашт, ташкили машғулиятхои таълимӣ, вақти хӯрокхурӣ бояд аз назорат дур намонад.

**Омодагии равонии** кӯдак чиро мефаҳмонад, кадом ҷанбаҳои инкишофи кӯдакро дар бар мегирад? Вақте ки омодагии равонӣ мегӯем, пеш аз ҳама мавҷудияти мароми таълимиро дар назар дорем, ки ба кӯдак дар мактаб имконияти дарки комилан мувофиқи супоришҳои таълимӣ ва иҷрои дурусти онҳоро имконият медиҳад.

Агар кӯдак шавқу ҳаваси ба мактаб рафтану машғул шудан бо фаъолияти таълимиро дошта бошад, мо гуфта метавонем, ки кӯдак мароми таълимиро соҳиб гаштааст. Вале, ин ҷо муҳим он аст, ки, кӯдак дар ҳақиқат хондан мехоҳад, на танҳо ба мактаб рафтан. Дар қисми зиёди кӯдакон мароми таълимӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Хонандаи хурдсол бояд бошуурона амалҳои худро ба қоидаҳои муайян тобеъ карда тавонад, талаботҳои омӯзгорро дарк намояд, супоришҳоро бодиққат гӯш намуда, онҳоро аниқ ва дуруст иҷро кунад.

Мушкилоти мувофиқшавӣ ба ҳаёти мактабӣ, ба таълими системанок, аз ҷиҳати дигар ба инкишофи номукаммали муносибат намудани кӯдак бо ҳамсолони худ мебошад. Барои таълими хуб гирифтан кӯдак бояд ба худ, қувваи худ, имкониятҳо ва қобилияти худ боварӣ дошта бошад, яъне кӯдак дар бораи худ бояд тасаввуроти мусбат дошта бошад. [9]

Албатта, барои хониши хуб кӯдак пеш аз ҳама бояд дараҷаи муайяни **донишу маҳоратро** доро бошад. Кӯдак бояд фаъолияти ҷамъбасткунӣ, баёни озоди фикр, луғати бой, маҳорати дуруст тартиб додани ҷумла, нақл намудани асари бадеиро дошта бошад. Бисёр муҳим аст, ки дар кӯдакон шунавоии овозиро инкишоф диҳем, чунки фарқ накардани овозҳо ба он оварда мерасонад, ки кӯдак онро талаффуз мекунад ва минбаъд онро нодуруст менависад.

Барои ба даст овардани инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак бояд шароити муқаррарии инкишоф, ки ба синну соли томактабӣ хос аст муҳайё карда шавад, яъне кӯдак бо худ, бо ҳамсолон ва калонсолон бояд муошират намояд ва бозӣ кунад.

Дар синну соли томактабӣ, махсусан дар синни 6-7 солагӣ, бозиҳои қоидадор бештар маъмултаранд. Иҷрои амалҳо дар вобастагӣ бо қоида асоси мазмуни бозиро ташкил медиҳанд. Бо ин восита барои иваз намудани мароми бозӣ ба мароми таълимӣ замина омода мегардад. Дар ин маврид бозӣ кӯдакро ба нақши хонанда, ки иҷрои доимии амалҳоро оид ба қоидаҳои гуногун талаб мекунад, омода месозад. [5]

Инкишофи **маҳорату малакаи муошибрати маданӣ** барои таъмини азхудкунии қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ, одоби муошират барои таъмин намудани муҳити моддӣ ва солими маънавии кӯдак мусоидат менамояд.

Дар кӯдак бояд муносибати оштинопазирона ба одатҳои бад, аз қабили дуруғгӯӣ, танбалӣ, дағалӣ, беинтизомӣ, гапнодарӣ, тундмизоҷӣ тарбия карда шуда, маҳорату малакаи рафтори ҷамъиятӣ бо истифода аз арзишҳои маънавии мардумӣ ташаккул дода шаванд.

Эҳтироми ҳамсолон ва калонсолон, тарбияи сифатҳои меҳнатдӯстӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, бо атрофиён маслиҳат кардан, фикри дигаронро ба инобат гирифтан ва дасти мадад дароз намудан, қоида ва меъёрҳои одоби муошибрати миллиро донистан барои ташаккули шахсияти кӯдакон аҳамияти калон дорад.

Хониши адабиёти бадеӣ ва маърифатӣ ва ташкили эҷодиёти кӯдакон хеле муҳим аст, чунки кӯдаки нутқи равону адабӣ дошта дорои дараҷаи шуурнокии баланд мебошад.

Пешравии илму техника ба он оварда расонидааст, ки телевизион, компютер, видео ҳанӯз аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак ӯро ҳамроҳӣ мекунанд. Оилаҳое низ ҳастанд, ки кӯдакони хурдро дар назди экран мешинонанд, ки он муошибрати зинда бо калонсолон, афсонагӯии бибиҳо, аллагӯии модарон, нақлҳои падаронро иваз менамоянд.

Аз як тараф, нишаст дар назди экран як чизи беозор буда, пеш аз ҳама волидонро қаноат мекунонад. Дар ҳақиқат, кӯдак гиря намекунад, чизе намепурсад, беадабӣ намекунад, аз хатар дар эмин ҳаст ва дар баробари он тасаввурот пайдо намуда, ахбори нав дониста мегирад ва ба ҳаёти замони нав ворид мегардад. Волидон филмҳои бадеию тасвирӣ ва бозиҳои компютериро харида, албатта дар бораи инкишофу ташаккул ва машғул намудани фарзандон

бо чизи шавқоваре ғамхорӣ менамоянд. Ин хуб аст, вале аз ҷониби дигар, агар калонсолон ба тамошои якҷояи барномаҳои телевизионӣ ва бозиҳои гуногун кӯдаконро фаъолона ҳамроҳӣ накунанд, мумкин аст, ки ин боиси ногувориҳо на танҳо ба саломатӣ (вайроншавии биноӣ, камчинии ҳаракат, вайроншавии қомат (осанка), балки ба инкишофи равонии кӯдак низ шаванд.

Тадқиқотҳои олимон дар нишон медиҳанд, ки бозиҳои компютерӣ ва нишасти дурру дарози назди оинаи нилгун барои инкишофи майнаи сари кӯдак зараровар мебошанд. Таъсири онҳо ба узви биноӣ, шуур ва устухобандии бадани кӯдак ташвишовар аст.

Яке аз оқибатҳои ҷиддӣ ва ташвишовар – ин қафомонӣ дар инкишофи нутқ мебошад. Солҳои охир дар оила, кӯдакистону мактаби ибтидоӣ волидону омӯзгорон ҳар чӣ зиёдтар бо ин мушкилот: дер ба гап даромадан, кам ва бад нутқ намудан, нутқи пассив ва содда, фикрро ифода карда натавонистан рӯ ба рӯ мегарданд.

Шояд баъзеҳо савол кунанд: «Телевизиону компютер ин ҷо чӣ дахл доранд? Кӯдаки дар назди экран нишаста, ҳама вақт нутқро мешунавад ва бо шуғли шавқовараш машғул ҳаст. Фарқаш чист, ки бо кӯдак кӣ гап мезанад – калонсол ва ё қаҳрамони филми тасвирӣ?

Фарқияташ калон ҳаст. Нутқ – ин тақлиди сухани бегона ва дархотиргирии қолабҳои нутқӣ намебошад. Азхудкунии нутқ дар синни барвақтӣ танҳо дар муоширати зинда ва бевосита ба амал меояд. Ба хотир меорем, мавриде ки кӯдаки ширхора овози ба ҷониби ӯ муроҷиатшударо мешунавад, бо тамоми ҳаракатҳои дасту пой кӯшиши ҷавоб доданро мекунад. Нутқи калонсол ва ҳолати ифоданамудаи эмотсионалӣ (бо ханда, бо овози ҷиддӣ, баланд, паст ва монанди ин) кӯдакро ба муносибати тарафайн омода намуда, ба муошират ворид менамояд. Ҳаракатҳои ҷавобии кӯдак танҳо ба нутқи зиндаи ба ӯ равонашуда ба амал меоянд.

Мавқеи муҳимро барои оғози босамари таълим дар мактаб ҳолати эмотсионалӣ ва худбаҳодиҳии кӯдак ишғол менамояд. Дар оилаҳое, байни волидон низоъ мавҷуд аст, кӯдак асабонӣ, пурҳаяҷон, пуризтироб ба воя мерасад, чунки оила талаботҳои асосии ӯро, ки аз меҳру муҳаббат, эмин нигоҳ доштани он иборат мебошанд, қонеъ гардонида наметавонанд. Дар натиҷа нобоварӣ ба худ, мушкилии мувофиқшавӣ ба таълим, дар мисоли тарсончакӣ, тез ба ҳаяҷон омадан ва гиря кардан оварда мерасонад.

Пурҳаяҷонии дар давраи томактабӣ, ки зери таъсири муносибатҳои оилавӣ пайдо гардидааст, ба фаъолияти таълимӣ ва муносибат бо ҳамсолон таъсири манфӣ мерасонад. [8]

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло бармеояд, ки агар фаъолияти кӯдак кӯдак дар давраи томактабӣ мутташакилона бошад, муошират васеъ бо ҳамсолон ва калонсолон дошта бошад ва ба ӯ китобҳои бадеӣ хонда, ҷаҳонбинии ӯро васеъ гардонида бошанд, бо боварӣ метавон гуфт, ки дар ин кӯдак навоварии синни 7-солагӣ пайдо мегардад, ки он ҳам бошад мароми таълимӣ буда, нишондиҳандаи омода будани кӯдак ба мактаб мебошад.

Пайдоиши мароми таълимӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки инкишофи кӯдак дар оила ва муассисаи таълимӣ дуруст ба роҳ монда шуда, инкишофи минбаъдаи он аллакай дар чаҳорчӯбаи дурусти таълиму тарбия пеш меравад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1.Барномаи омодагии пешазмакабии кӯдакони синни 5-7(6) сола ба мактаб. - Душанбе, 2010. 112с.
2.Безруких М.М., Ефимова СП., Князева М.Г. Как подготовить ребенка к школе. Тула, 1997.
3.Выготский Л.С. Обучение и развитие в дошкольном возрасте /Умственное развитие детей в процессе обучения. - М., Л.: Учпедгиз, 1935.
4.Гуткина Н.И. Психологическая готовность к школе. М.:Компенс-центр, 1993.
5.Дробинская А.О. Скоро в школу. Что нужно знать родителям, М.,2005.
6.Забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. //Мураттибон Абдуллоев И., Алиев А. ва диг. Модули таълимӣ. - Душанбе 2007
7.Кӯдакистон ва мактаб. Чӣ тавр кудакро ба мактаб омода намуд. Дастури методӣ. //Иматова Л. -Душанбе. 2006.
8.Коломинский Я. Л., Панько Е. А. Учителю о психологии детей шестилетнего возраста. М., 1988.
9.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму

тарбияи фарзан». –Душанбе, 2012.- 16с.
10.Руководство по обучению воспитателей дошкольных образовательных организаций. – Б.: «Сурет басма солону», 2006.
11.Эльконин Д.Б. Детская психология. М., 2007.

**Калидвожаҳо:** муҳит, хусусиятҳои синну солӣ, ҳамкории босамар, омилҳои таъсиррасонӣ, омодагии равонӣ, маҳорату малака, муошират, навоварии синнусолӣ

## СОТРУДНИЧЕСТВО ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ С РОДИТЕЛЯМИ В СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Для всестороннего и эффективного развития дошкольного образования важно обеспечить взаимное сотрудничество педагогов и родителей, вовлечь их в различные виды деятельности, создать доверительную и доброжелательную обстановку. Эмоциональное состояние и самооценка ребенка играют важную роль в эффективном начале обучения в школе. Нужно следить за здоровьем и питанием ребенка, следить за тем, чтобы ребенок проводил время на свежем воздухе, занимался физкультурой и спортом.

**Ключевые слова**: среда, возрастные особенности, эффективное сотрудничество, влияющие факторы, психологическая готовность, навыки, общение, возрастные инновации.

## COOPERATION OF PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS WITH PARENTS IN THE PRESENT STAGE

For the comprehensive and effective development of preschool education, it is important to ensure mutual cooperation between teachers and parents, involve them in various activities, and create a trusting and friendly environment. The emotional state and self-esteem of the child play an important role in the effective start of schooling. It is necessary to monitor the health and nutrition of the child, to ensure that the child spends time in the fresh air, goes in for physical education and sports.

**Keywords:** environment, age characteristics, effective cooperation, influencing factors, psychological readiness, skills, communication, age-related innovations.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифзода Наргис,** унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел:(+992)9906237575. Почтаи эл.: nargis@mail.ru.
**Хасанова Шахноза –** унвонҷуи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: (+992) 92 7200031 Email: hasanova@mail.ru

**Сведения об авторах: Шарифзода Наргис,** соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. Тел.: (+ 992) 9906237575. Электронная почта: nargis@mail.ru.
**Хасанова Шахноза –** соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Телефон: (+992) 92 7200031 Email: hasanova@mail.ru

**Information about the authors: Sharifzoda Nargis,** Applicant of the All-University Department of Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: (+ 992) 9906237575.
Email: nargis@mail.ru.
**Khasanova Shakhnoza** – is an applicant at the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Phone: (+992) 92 7200031,
Email: hasanova@mail.ru

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**Л. ИМАТЗОДА, А.ПАЛАВОНОВ**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Инноватсия - калимаи лотинӣ буда, “vatio” маънои “тағйирѐбӣ, навгонӣ ва ҷорӣ кардани навигарӣ”-ро мефаҳмонад. Вожаи “инноватсия” кулли фаъолиятҳои нави илмию техникиро ифода менамояд. Инноватсия беш аз дусад сол дар истеҳсолот мавриди истифода қарор дорад ва қариб як аср аст, ки инноватсия ба соҳаи маориф ва илм роҳ ѐфтааст. Айни ҳол инноватсия дар соҳаи маорифи кишварҳои мутараққӣ ҷойгоҳи махсус касб кардааст, ки дар ин раванд кишвари мо низ дар канор нест. Омӯзгорон техгологияи иннаватсиониро аз худ карда, кӯшиш менамоянд, ки дар таълим баҳри баланд бардоштани сифати таълим онро пиѐда гардонанд. [7, с. 24].

Тавре, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26.12.2018 сол баён карданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем». [8,с.4]

Мавқеъ ва нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар давраи мутобиқшавӣ ба системаи таълими ҷаҳони муосир бағоят калон аст. Рушди пуршиддати технологияи муосир дар мамлакати мо тағйири самти арзишҳои миллии таҳсилотро тақозо мекунад, тамоми система бояд азнавсозӣ карда шавад,чунки хусусиятҳои мутобиқшавӣ аз даст нараванд. Дар заминаи ислоҳоти соҳаи маориф фаъолияти инноватсионӣ, ки ба ҷорӣ намудани навигариҳои гуногуни педагогӣ нигаронида шудааст, дар таълими касбӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълим, истифодаи усулу методҳои нав, роҳҳои нави ташкили мундариҷа, усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳо, роҳҳои баланд бардоштани сифат ва маҳсулнокии таълим ба ҳисоб мераванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо олимон ва зиёиён 18 марти соли 2020 қайд каранд, ки “сармояи инсонӣ ҳамчун нишондиҳандаи тавоно ба рушди инноватсияҳо ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва аз ин рӯ ҷавононро ба азхуд кардани илм, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ташвиқ кардан зарур аст, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳсолот ва омӯзиши масъалаҳои рақамии иқтисодиётро ба роҳ мондан лозим аст. Мо бояд нишондиҳандаҳои кафолати сифатро дар ҳама сатҳҳои таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик кунем, дараҷаи рушди иқтисодиёти миллиро баланд бардорем ва сатҳи азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро баланд бардорем ». [8, с.16]

Новобаста ба ин ҳама дигаргуниҳо ва тағиротҳо дар соҳаи маорифи миллӣ, таваҷҷӯҳ ба шахс, ба нерӯи зеҳнии ӯ, сатҳи фаъолияти худомӯзии вай, салоҳияти касбӣ, кӯшиш ва ҳавасмандии зиёд барои омӯхтани чизҳои нав,эволютсияи таҳқиқот ва дастовардҳои илмӣ- актуалӣ ва бетағйир боқӣ мемонад. Сиёсати маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин ҷузъи сиёсати давлатӣ, василаи таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии шахс, баланд бардоштани суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, гуманизатсияи ҷомеа ва афзоиши фарҳанги умумӣ мебошад. Сиёсати давлат бояд ба ташаккули шахси фаъол, зуддарккунанда ва масъулиятнок равона карда шавад, ки қобилияти бомуваффақият иҷро кардани нақшҳои гуногуни ҳаётиро дар ҷаҳони муосири зуд тағйирёбанда дошта бошад.

Тараққиёти босуръати афзояндаи таҷҳизоти техникӣ ва технологии истеҳсолот ва тағирёбии куллӣ дар ҷаҳонбинии насли наврас талаб мекунанд, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қудрати ҳимояи манфиатҳои миллии кишвари худро дошта бошанд ва ҳамзамон як фарди таҳаммулпазир ва инсондӯст боқӣ монанд. Маълум аст, ки мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат ҳалли фавриро талаб мекунад, рақобатпазирии он бояд дар ҷаҳони рӯ ба тараққӣ зоҳир шавад.

Навсозии соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ самти афзалиятноки сиёсати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тайёр кардани мутахассисони муосири рақобатпазир, ки дар фаъолияти касбии худ салоҳият доранд, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва забонҳои хориҷиро хуб медонанд, нақши назаррас доранд. Танҳо чунин мутахассисон метавонанд фаъолияти касбии худро бомуваффақият пеш баранд ва дар ободии кишварашон саҳмгузор бошанд.Тавоноии ҳар як давлат дар нерӯи зеҳнии миллати вай намудор мегардад ва пешрафту тарққиёти он ба фаъолияти шахсиятҳои дорои дониши баланд дошта сахт вобаста мебошад.Ин на танҳо ба тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, балки омилҳои касбӣ ва омӯзгорӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, тайёр кардани мутахассисони муосир дар самтҳои афзалиятноки рушди техникӣ ва технологии иқтисодиёти давлат муҳимтарин вазифаи системаи таҳсилоти миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. [12, с.28].

Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро дар раванди таълим ва тарбия, ташкили кори мустақили хонандагонро бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ пешбинӣ мекунанд. Татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба такмили мундариҷа ва шаклҳои таълим ва тарбия мусоидат мекунад. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим талаботро на танҳо ба шахсияти хонанда , балки нисбат ба омӯзгор низ зиёд мекунад.Донише, ки хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соҳаи технологияҳои инноватсионӣ ба даст овардаанд, хеле зуд кӯҳна мешаванд, аз ин рӯ, мувофиқи талаби замон раванди фаъолияти мустақилонаро такмил додан зарур аст.

Сабаби чунин нишондиҳандаҳои паст дар малакаҳои нокифояи ташаккулёфтаи хонандагон суръати пасти шабакаи ҷаҳонии Интернет, нусхаҳои кӯҳнаи браузерҳо, ки дастрасии озодро ба сайтҳо душвор месозанд, сатҳи пасти дониши забони русӣ, ки яке аз забонҳои асосии ҷаҳони Интернет мебошад, чун қоида, танҳо ба таври расмӣ идома дорад. Омор нишон медиҳад, ки татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозои замон аст. [9, с.74].

Аз ин рӯ, навсозии таҳсилот натанҳо такмили системаи таҳсилоти муттасили миёнаи умумиро, балки азнавсозии тамоми заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Системаи муосири типологияи дарсҳои таърих мавҷуд аст, ки яке аз муҳимтарин унсурҳои технологияи муосири инноватсионии таълим ва омӯзиши таърих, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик мебошад. Гарчанде ки он намунавӣ ба назар расад боз бо намудҳои нав бештар ғанӣ гардонида мешавад. Мо онҳоеро номбар хоҳем кард, ки аллакай вуҷуд доранд ва аз ҷониби омӯзгорон дар таълими фанни таърих истифода мешаванд. Мо инро дар таҷрибаи омӯзгорони навовар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушоҳида карда метавонем. Дарсҳо ба монанди: дарсҳо - озмунҳо, дарсҳо - тестҳо, дарсҳои компютерӣ, дарсҳо - маърӯзаҳои эҷодӣ, дарсҳои нишасти матбуотӣ, дарсҳо - машваратҳо, дарсҳо - КВН, дарсҳои саҳнавӣ, дарсҳо бо гурӯҳҳо хурд, дарсҳои омӯзиши мутақобилаи

хонандагон , дарсҳо-эҷодкорӣ, дарсҳо-шубҳаҳо, дарсҳо-формулаҳо, дарсҳои ҷамъбастӣ, дарсҳо-хаёлот, дарсҳо-бозиҳои тиҷорӣ, дарсҳои ҷустуҷӯи ҳақиқат, дарсҳо-маърӯзаҳо, дарсҳо-консертҳо, дарсҳо-диалогҳо, бозиҳои нақшофарӣ, дарсҳо-конфронсҳо, дарсҳо-экскурсияҳо , дарсҳо-озмунҳо, дарсҳо-семинарҳо, дарсҳои мубоҳисавӣ ва ғайра. Аммо ҳамаи ин дарсҳо аксар вақт гузаронида намешаванд.

Омӯзгорони ботаҷрибаи фанни таърих ҳангоми гузаронидани дарсҳои номбаршуда импровизатсияи гуногуни педагогиро истифода мебаранд. Зеро ин усул самаранокии дарсҳоро зиёд ва онҳоро шавқовар мекунад. Имрӯз аксарияти омӯзгорон танҳо якчанд намуди дарсҳоро истифода мебаранд,ки яке аз онҳо дарсҳои якҷоя мебошад.Бояд гуфт, ки типологияи нави дарсҳои таърих дар асоси технологияи инноватсионии таълими таърихи халқи тоҷик, ки ба вазифаҳои таълими таърихи муассиса мувофиқат мекунанд, фаро гирифта шудааст.

Вобастагӣ ба намуди дарсҳои таърих назаррас аст. Ин аз бисёр омилҳо вобаста аст, аз ҷумла мавзӯи дарс, ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштаи омӯзгор, дар асоси мундариҷаи мавзӯъ, зарурати фаъол кардани хонандагон дар раванди таълим, шомили унсурҳои бозӣ ба системаи дарс, зарурати таҷдиди рӯйдодҳои таърихии гузашта ва ғайра. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар дарсҳо ба намудҳои мувозии дарсҳо - анъанавӣ ва инноватсионӣ асос ёфтааст.

Дар робита бо назарияи истифодаи методу усулҳои нави таълими салоҳиятнок ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, сифати барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва малака ва қобилияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин оид ба масъалаҳое, ки аз ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти мо бармеоянд, мо як кори тачрибавӣ-озмоишӣ гузаронидем.

Дар ин замина мо корҳои муайяни таҷрибавие, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёни умумии № 32, 59, 67 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронидем ва мутмаин шудем, ки таълими салоҳиятнок нисбат ба таълими анъанавӣ натиҷаҳои мусбатро ба бор меорад. Дар синфҳои мувозии 7 «а» ва 7«б» -и муассисаи таҳсилоти миёни умумии № 32 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе мо ба қадри кофӣ корҳои тачрибавиро дар асоси таълими салоҳиятнок ва технологияи муосири инноватсионӣ мутамарказ намудем ва натиҷаҳои мусбат ба даст овардем. Озмоишҳо нишон доданд, ки дар синфҳои бидуни тачрибавӣ натиҷаҳои нисбатан бад ба даст омаданд.

Вобаста ба ин, барои ноил шудан ба натиҷаҳои кофӣ ва фарқияти ин ду намуди дарс, мо дар синфҳои ҳафтуми муассисаи таҳсилоти миёни умумии № 32 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дарс гузаронидем. Мавзӯи дарс аз фанни таърихи халқи тоҷик дар синфи 7 “Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён”интихоб карда шуд.

Муаллимаи бо таҷрибаи зиёда аз 20-сола Д. Худоиева дар синфи 7 «а» бо 24 хонанда дар асоси ин технологияи суннатии таълим дарси худро дар ин мавзӯъ гузаронд.

**Нақшаи дарс:**

1.Қисми ташкилӣ - 5 дақиқа.

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ - 15 дақиқа.

3.Баёни мавзӯи навро - 15 дақиқа.

4. Мустаҳкамкунии мавзӯъ - 5 дақиқа.

5. Хулосаи дарс, баҳогузорӣ ва супориши вазифаи хонагӣ - 5 дақиқа.

Дар мавриди пурсиши хонагӣ бошад, аз 24 хонанда 8 нафар пурсида шуданд.

Дар ҳамон мавзӯъ дар синфи параллелии 7«б» омӯзгор - озмоишгар

Г. Ризоева бо истифода таълими салоҳиятнок ва технологияи муосири инноватсионӣ дарс гузаронд.

**Нақшаи дарс:**

1.Қ исми ташкилӣ - 2 дақиқа.

2.Баррасии вазифаи хонагӣ - 10 дақиқа.

3.Баёни мавзӯи нав - 10 дақиқа.

4. Кори амалӣ - 20 дақиқа.

5. Хулосаи дарс ва супориши вазифаи хонагӣ - 3 дақиқа.

**Бартариҳои педагогӣ дар дарси омӯзгор - озмоишгар Г. Ризоева:**

**Усулҳои дидактикӣ**

Пурсиши вазифаи хонагӣ бо истифодаи саволномаҳои тестӣ ва тахтаи электронӣ гузаронида шуд."Ангезиши фикр" вобаста ба мавзӯи нав ба роҳ монда шуд, ки боиси

бедор намудан ва ҷалб намудани диққати хонандагон ба мавзӯи дарс гардид. Ба воситаи баён намудани лексияи хурд мавзӯи нав фаҳмонида шуд. Кор гурӯҳҳои хурд амалӣ шуд. Мубоҳиса дар асоси вазифаи хонагӣ ва мавзӯҳои гузашта ташкил карда шуд. Кор бо харитаи «Давлати Сомониён», шиносоӣ бо китобҳое, ки дар бораи давлати Сомониён мебошанд,ба роҳ монда шуд.

**Таҷҳизоти дарс**

Компютер, ноотбук, интернет, дастурҳо дар шакли саволҳои тестӣ, саволҳо барои "ангезиши фикр", матни супоришҳо барои кор дар гурӯҳҳои хурд, харита вобаста ба мавзӯъ,расми шаҳрҳо ва шахсиятҳои таърихӣ дар хотираи компютер сабтшуда, маводҳо барои истифодаи бозиҳои гуногун. Китобҳои дарсӣ, маъхазҳо: С.Хоҷаев: Китоби дарсӣ барои синфи 7 ("Таърихи халқи тоҷик"). Ду монография: Н.Негматов "Давлати Сомониён" ва С.Абдуллоев"Амирони Сомониён".

Пурсиши вазифаи хонагӣ дар ду шакл сурат гирифт: Шакли 1-ум - санҷиши дониш бо истифодаи саволҳое, ки ба вазифаи хонагӣ дахл доранд. Шакли 2 –ум санҷиши дониш ва малака бо истифодаи саволҳои тестии омӯзгор санҷида шуданд.. Дар баробари ин, санҷиш, гарчанде ки характери умумӣ дошт, интихобан гузаронида шуд, яъне. дар мисоли хонандагони 1-ум -2-ум ва 5-ум ва 6-ум ва мутаносибан амалӣ гардид. Ба замми ин, омӯзгор ба хулоса омад, ки барои пурсиши ҳамаи хонандагон дар ин қисмати дарс вақт басандагӣ намекунад.

Ғайр аз он, баёни мавзӯи нав тавассути "ҳамлаи фикрӣ " амалӣ карда шуд. Он дар ташаккул ёфтани ҳавасмандии омӯзиши мавзӯи нав, ки аз дониши асосӣ бо гузариш ба лексияи хурд оғоз меёбад, мусоидат намуд. Ин кор ба гузариши бомаром ба қисми амалии дарс мусоидат кард, яъне. санҷиши дониши амалӣ гирифташуда, бо ҳадаф ва вазифаҳо барои мустаҳкам кардани донишҳои дар мавзӯи дарс гирифташуда, ки бо ёрии корҳои фаъоли маърифатӣ дар доираи технологияи кор дар гурӯҳҳои хурд гузаронида мешавад.

Кори гурӯҳҳои хурд (шумораи умумии хонандагон 23):

**Гурӯҳи аввал:** 8 нафар хонанда бо тахтаи электронӣ бо саволи "Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён" кор мекунанд.

**Гурӯҳи дуюм:** 8 нафар хонандагон дар мавзӯи “Шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд”кор мекунанд.

**Гурӯҳи сеюм:** 7 хонанда аз рӯи мавзӯи дарс 7 барои ҳар як хонанда саволҳои тестӣ месозанд.

**Вақт ва усули кор дар гурӯҳҳои хурд:**

Ҳар як гурӯҳ сардор ва номи дастаи худро интихоб мекунад. Баъд омӯзгор шароити корро бо гурӯҳҳои хурд эълон мекунад. Вақти кор - 10 дақиқа, барои муаррифӣ - 6 дақиқа, барои андешаҳои гуногун - 2 дақиқа ва баҳогузорӣ - 2 дақиқа ҷудо карда шудааст. Арзёбиро омӯзгор мегузаронад (дар ҳолатҳои дигар, шумо метавонед аз ҳисоби хонандагон ҳакамон интихоб кунед).

Дар охири вақт барои иҷрои супоришҳо презентатсияи кори гурӯҳҳои хурд баргузор гардид, ки онро роҳбарони гурӯҳҳои хурд анҷом доданд. Беҳтаринҳо гурӯҳи якум, ҷои дуввумро гурӯҳи дуюм ва ҷои сеюмро гурӯҳи сеюм гирифтанд.

Ин дарс бо хулоса, баҳогузории хонандагон ва супориши хонагӣ хотима меёбад. Маълумотҳои рақамии дарсҳои санҷишӣ ва озмоишӣ ҷамъбаст карда шуданд (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

| № т/р | Омӯзгорон | Синфҳо | Мавзӯъ | Усулҳои дарс | Иштирок намудананд иштирокчӣ | Фаъолнокии хонандагон | Иштироки сусти хонандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | **Худоиева Д.** | **7"а"(Кори санчиши)** | **« Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён »** | **Анъанавӣ** | **24** | **6** | **18** |
| **2.** | **Ризоева Г.** | **7"б"(Кори озмоишӣ)** | **« Тараққиёти шаҳрҳои давлати Сомониён »** | **Истифодаи таълими салоҳиятнок ва технологияи муосири** | **23** | **23** | **-** |

Дар асоси ҷадвали 1, мо диаграммаи 1-2-ум-ро ба чунин даст овардем:

Диаграммаи 1.




А) фаъол: 22,3%

В) ғайрифаъол: 77.7%

Диаграммаи 2.




Фаъол: 100%

Кори озмоишӣ ба мо имкон дод, ки чунин хулосаҳои ҷамъбастӣ барорем: истифодаи таълими салоҳиятнок ва технологияи муосири инноватсионӣ дар муқоиса бо технологияи анъанавии таълими таърих самарабахшии худро нишон дод ва он ба иштироки фаъоли таълимии хонандагон асос ёфта, омӯзгори фанни таърих бояд бо истифода аз технологияиҳои муосири педагогӣ дарсро гузаронад.

**АДАБИЁТ:**

1. Анисимов П.Ф. Инновации в системе среднего профессионального образования / П.Ф. Анисимов // Федеральное агентство по образованию. – М., 2004. – С. 6-47.
2. Булбулов Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият, андешаҳо / Ҷ. Булбулов. Хоруғ: 2011 Логос, -. 180 с
3. Каримова М.А. Татбики технологияи кредитии таълим дар ташак-кули маҳорати касбии омӯзгори оянда. Маводи конференсияи илмӣ - назариявӣ «Инсон ва ҷомеаи муосир: масъалаҳои психологию педагогӣ». Душанбе. 2012. С. 134 – 141.
4. Коротаева Е.В. Обучающие технологии в познавательной деятельности школьников / Е.В. Коротаева. – М., 2003. – 176 с.
5. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии / Г.К. Селевко. – М., 1998. – С. 14.
6. Суворова Н.Интерактивное обучение:новые подходы/Н. Суворова// Учитель-2000. – №1. – С. 25.
7. Султонмурод Туронов. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе:"Нигор", 2018 128 саҳ.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2018 ш.Душанбе. www.president.tj.
9. Поляков С. Д. В поисках педагогической инноватики / С. Д.Поляков. М.: МГГШ, 1993.-130 с.
10. Попова Н. А. Влияние управления информатизацией в общеобразовательном учреждении на совершенствование образовательного процесса / Н.А. Попова // Сборник научных статей.-Самара, 2007. Вып. 4.-С. 48-54.

11.Попова Н. А. Информационно-коммуникационные технологии васпекте доступности и качества общего образования / Н. А. Попова // Наука: науч.-производств. журн. Костанай, 2006.-Вып.3 (сент.).-С. 59-61.
12. Попова Н. А. Повышение квалификации педагогов в сфере информационно-коммуникационных технологий в условиях информатизации образования / Н.А. Попова // Педагогика и жизнь: междунар. сб. науч. тр. Воронеж, 2006.-Вып. 1.-С. 83-87.

***Калидвожаҳо:*** *инноватсия, технологияҳои муосири инноватсионӣ, "ангезиши фикр", технологияи тарроҳӣ, усулҳои фаъоли таълим,"ҳамлаи фикрӣ ", корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, гурӯҳҳои хурд, навсозӣ.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье рассматривается использование современных инновационных технологий на уроках истории таджикского народа, активных метоов обучения, необходимость их внедрения в современную систему образования. Ттакже изучается их влияние на эффективность процесса преподавания истории таджикского народа и познавательного интереса учащихся. Сделаны выводы по результатам экспериментальной работы по использованию современных педагогических технологий и их элементов в учебном процессе.

***Ключевые слова:*** *инновации, современные инновационные технологии, «стимуляция мышления», технология проектирования, активные методы обучения, «мозговой штурм», экспериментальная работа, малые группы,обновление.*

## THE USE OF MODERN INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE LESSONS OF THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article examines the use of modern innovative technologies in the lessons of the history of the Tajik people, active teaching methods, the need for their introduction into the modern education system, also studies their impact on the effectiveness of the teaching of the history of the Tajik people and cognitive interest of students. Conclusions are made based on the results of experimental work on the use of modern pedagogical technologies and their elements in the educational process.

***Key words:*** *innovation, modern innovative technologies, "stimulation of thinking", design technology, active teaching methods, "brainstorming", experimental work, small groups, renewal.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Иматзода Лутфия Махмадулло,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ. Тел:(+992)934-662002, Постаи эл.: imatoval@mail.ru.

**Палавонов Амоншо Муминович** – муаллифми калони кафедраи таърих ва ҳуқуқи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш.Душанбе. 734036, Нишонӣ: ш.Душанбе, кӯчаи Борбад 48.тел: (+992) 934-417792, 2-38-06-01, Email: amonsho. palavonov@mail.ru

**Сведения об авторах: Иматзода Лутфия Махмадулло,** доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами. Тел:(+992)934-662002, Эл. почта: imatoval@mail.ru

**Палавонов Амоншо Муминович** - старший преподаватель кафедры истории и права Колледжа информатики и компьютерной техники. г. Душанбе. Адрес: 734036, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48.тел: (+992) 934-417792, 2-38-06-01, Email: amonsho. palavonov@mail.ru

**Information about the authors: Imatzoda Lutfiya Makhmadullo,** Doctor of Pedagogy, Professor, Director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Tel: (+992) 934-662002, Email: imatoval@mail.ru

**Palavonov Amonsho Muminovich**-senior lecturer in history and law of the College of Informatics and computer engineering, Dushanbe, address: 734036, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48 Borbad street. tel: (+992) 934-417792. 2-38-06-01, Email: amonsho.palavonov@mail.ru

**Ф.ФАЙЗИЗОДА**

## ТАҲҚИҚИ ГЕНДЕРИИ ЗИНАҲОИ ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ МИЁНАИ МАКТАБӢ ҲАМЧУН ТАШКИЛДИҲАНДАИ ЛАЁҚАТИ ЗЕҲНИИ ОНҲО

Дар давраи кунунии рушди бемайлони тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар кишвар талабот ба мутахассисони босалоҳият ва дорои зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ дучанд меафзоянд. Аз ин нуқтаи назар таҳқиқот дар самти ташхиси психологӣ ва муайяннамоии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии насли наврас бешак муҳим ва саривақтӣ хоҳанд буд.

Тавре маълум аст, тафаккур бевосита ба фаъолияти амалии инсон алоқаманд аст. Фаъолият бошад, бо пешбинӣ намудан, ба эътибор гирифтани шароити амал, банақшагирӣ ва арзёбии фаъолияти иҷрошуда алоқамандии зич дорад. Маҳз дар раванди тафаккур инсон ин ё он мушкилотро ҳал мекунад, ин аст, ки фаъолияти амалӣ шарти асосии бавуҷудойӣ ва инкишофи тафаккур мебошад.

Дар таҳқиқоти психологӣ-педагогии (Н.Қ. Амонов, Р. Атахонов, Б. С. Л. Рубинштейн, В.И. Слабодчиков, Г.А. Сукерман ва диг.) исбот шудааст, ки тафаккур на танҳо ба фаъолияти амалии инсон алоқаманд аст, балки инчунин дар асоси фаъолияти мазкур ташаккул ва инкишоф меёбад.

Тафаккури назариявӣ ва зинаҳои инкишофи он дар таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Айни замон дар илми психология ду типи тафаккурро муайян кардаанд: тафаккури назариявӣ, ки ба кашфи қонуниятҳо, хосиятҳои объектҳо равона гардидааст ва тафаккури амалӣ, ки дар раванди фаъолияти амалӣ зоҳир мегардад. Тафаккури назариявӣ дар навбати худ се зинаи инкишофро соҳиб аст: зинаи таҳлили назаиявӣ, зинаи банақшагирӣ ва зинаи рефлексия [1],[2],[4],[5],[10].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо тасмим гирифтем зинаҳои инкишофи тафакурро дар давраи барвақти наврасӣ (синни 10-11то14-15) мавриди ташхису таҳқиқ қарор диҳем, зеро мувофиқи натиҷаи баъзе таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тафккури ва зинаҳои инкишофи он метавонанд нишондиҳандаи мавҷудияти лаёқати зеҳнӣ дар хонандагон бошанд [1],[4],[6].

Мақсади таҳқиқоти моро омӯзиши хусусиятҳои гендерии инкишофи тафаккури назариявӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ (11-15 сола) ташкил медиҳад.

Дар назди таҳқиқоти мо вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани фарқиятҳои гендерӣ дар рушди тафаккури назариявии хонандагони синни миёнаи мактабӣ;
- муайян намудани динамикаи инкишофи зинаҳои инкишофи тафаккури назариявӣ дар давраи мазкури синнусолӣ.

**Ташкили таҳқиқот ва методҳои он**

Дар таҳқиқот 126 (56-духтарбача ва 70 писарбача) нафар хонандагони синни миёнаи мактабии (5-9 синфҳои) Гимназияи № 2 – и шаҳри Душанбе барои бачаҳои болаёқат ширкат намуданд.

Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода гардиданд:

1) Тести АПР-и Р. Атохонов.
2) Методҳои коркарди омории ахбор (меъёри $\chi^2$)

Яке аз методҳои маъмули ташхиси зинаҳои инкишофи тафаккур методикаи коркарднамудаи Р. Атахонов АПР (таҳлил, банақшагирӣ, рефлексия) мебошад, аз 12 супориш иборат буда, зинаҳои эмпирикӣ, таҳлили назариявӣ, банақшагирӣ ва рефлексивии тафаккури назариявиро муайян месозад. Натиҷаи умумии ташхиси хонандагон дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Теъдоди наврасон (%) бо дараҷаҳои гуногуни инкишофи тафаккур**
**(*аз рӯйи тести АРП*)**

| № | Гурӯҳҳо | Теъд. умумӣ | Нишондиҳандаҳои инкишофи тафаккур (/%) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Эмпирикӣ | Таҳлили назариявӣ | Банақшагирӣ | Рефлексия |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Синфи 5-** | Писарон | 21 | 10 (45,4%) | 11 (52,4) | 6(46,1%) | 2 (15,4%) |
| | Духтарон | 7 | 2 (29%) | 5 (71,4%) | 8(61,5%) | 3(23,1%) |
| **Синфи 6-** | Писарон | 15 | 7 (47%) | 8 (53%) | 9 (56,3) | 2 (12,5%) |
| | Духтарон | 11 | 4 (36,3%) | 7 (63,7%) | 5(38,5%) | 0 (0%) |
| **Синфи 7-ум** | Писарон | 13 | 6 (46,1%) | 7 (53,8%) | 6(46,1%) | 2 (15,4%) |
| | Духтарон | 13 | 4 (31%) | 9 (69,2%) | 8(61,5%) | 3(23,1%) |
| **Синфи 8-ум** | Писарон | 16 | 5 (31,2%) | 12 (75%) | 9 (56,3) | 2 (12,5%) |
| | Духтарон | 13 | 4 (31%) | 8 (61,5%) | 5(38,5%) | 0 (0%) |
| **Синфи 9-ум** | Писарон | 11 | 1 (9,1%) | 10 (91%) | 3(27,3%) | 1 (9,1%) |
| | Духтарон | 11 | 1 (9,1%) | 10(91%) | 2(18,2%) | 0 (0%) |

Барои ба таври мушаххас ифода намудани фарқи гендерӣ мо тасмим гирифтем, натиҷаҳои ташхисро дар ҳар як синф дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем. Дар ҷадвали навбатӣ натиҷаҳои хонандагони синфи 5-ум оварда шудаанд.

Ҷадвали 2

**Зинаҳои инкишофи тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 5-ум**

| **Типҳои тафаккур** | **Намояндагони ҷинсҳо** | |
|---|---|---|
| | **Писарон** | **Духтарон** |
| Эмпирикӣ | 10 (45,4%) | 2 (52,4%) |
| Назариявӣ | 11 (26,2%) | 5 (71,4%) |

Барои муайян намудани таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар духтарбачаҳо ва писарбачаҳо дар ҷадвали зерин мо натиҷаҳои ташхиси омории маълумоти бадастовардашударо тавассути меъёри омории $\chi^2$ меорем.

Ҷадвали 3

**Санҷиши таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 5-ум тавассути меъери $\chi^2$**

| **Типҳои тафаккур** | **Алтернативаҳо** | $f_э$ | $f_т$ | $(f_э - f_т)$ | $(f_э - f_т)^2$ | $\frac{(f_э - f_т)^2}{f_т}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Эмпирикӣ** | **1.1** | **10** | **6** | **4** | **16** | **2,7** |
| | **1.2** | **2** | **6** | **-4** | **16** | **2,7** |
| **Назариявӣ** | **2.1** | **11** | **8** | **3** | **9** | **1,125** |
| | **2.2** | **5** | **8** | **-3** | **9** | **1,125** |
| **Ҷамъ** | | **28** | **28** | **0** | | $\chi^2_{эмп.} = 7,65$ |

Аз рӯйи ҷадвали 12 [8, с. 67] меёбем:

$$X^2 \text{ кр.} = \begin{Bmatrix} 3{,}841 \text{ барои } p \leq 0{,}05 \\ 6{,}635 \text{ барои } p \leq 0{,}01 \end{Bmatrix}$$

Дигаргуниҳои бадастомада дар минтақаи муҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ ниҳоӣ бештар аст), яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳиманд.

Ба ҳамин тариқ мо дар ҷадвали навбатӣ натиҷаҳои духтарбачаҳо ва писарбачаҳои синфи 6-умро меорем.

Ҷадвали 4

**Зинаҳои инкишофи тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 6-ум**

| Типҳои тафаккур | Намояндагони ҷинсҳо | |
|---|---|---|
| | **Писарон** | **Духтарон** |
| Эмпирикӣ | 7 (47%) | 8 (53%) |
| Назариявӣ | 4 (36%) | 7 (63%) |

Чун дар мисоли болоӣ мо барои муайян намудани таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар духтарбачаҳо ва писарбачаҳо натиҷаҳои ташхиси омории маълумоти бадаствардашударо тавассути меъёри омории $\chi^2$ меорем.

**Ҷадвали 5**

**Санҷиши таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 6-ум тавассути меъери $\chi^2$**

| Типҳои тафаккур | Алтернативаҳо | $f_э$ | $f_т$ | $(f_э - f_т)$ | $(f_э - f_т)^2$ | $\frac{(f_э - f_т)^2}{f_т}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Эмпирикӣ** | **1.1** | **7** | **7,5** | **-0,5** | **0,25** | **0,033** |
| | **1.2** | **8** | **7,5** | **0,5** | **0,25** | **0,033** |
| **Назариявӣ** | **2.1** | **4** | **5,5** | **-1,5** | **2,25** | **0,409** |
| | **2.2** | **7** | **5,5** | **1,5** | **2,25** | **0,409** |
| **Сумма** | | **26** | **26** | **0** | | $\chi^2$ **эмп. = 0,884** |

Аз рӯи ҷадвали 12 [8, с. 67] меёбем:

$$X^2 \text{ кр.} = \begin{Bmatrix} 3{,}841 \text{ барои } p \leq 0{,}05 \\ 6{,}635 \text{ барои } p \leq 0{,}01 \end{Bmatrix}$$

Маълумоти бадастомада дар минтақаи ғайримуҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ ниҳоӣ бештар аст), яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳим нестанд.

Дар ҷадвали навбатӣ натиҷаҳои ташхиси зинаҳои инкишофи тафаккури духтарбачаҳо ва писарбачаҳои синфи 7-ум оварда шудаанд.

Ҷадвали 6-ум

**Зинаҳои инкишофи тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 7-ум**

| Типҳои тафаккур | Намояндагони ҷинсҳо | |
|---|---|---|
| | **Писарон** | **Духтарон** |
| Эмпирикӣ | 6 (46,1%) | 4 (31%) |
| Назариявӣ | 7 (53,8%) | 9 (69%) |

Дар ҷадвали 7 таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар хонандагони синфи 7-ум тавассути меъёри омории $\chi^2$ оварда шудааст.

Ҷадвали 7

**Санҷиши таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 7-ум тавассути меъери $\chi^2$**

| Типҳои тафаккур | Алтернативаҳо | $f_э$ | $f_т$ | $(f_э - f_т)$ | $(f_э - f_т)^2$ | $\frac{(f_э - f_т)^2}{f_т}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Эмпирикӣ** | **1.1** | **6** | **5** | **1** | **1** | **0,2** |
| | **1.2** | **4** | **5** | **-1** | **1** | **0,2** |
| **Назариявӣ** | **2.1** | **7** | **8** | **-1** | **1** | **0,125** |
| | **2.2** | **9** | **8** | **1** | **1** | **0,125** |
| **Сумма** | | **26** | **26** | **0** | | $\chi^2$ **эмп. = 0,65** |

Аз рӯйи ҷадвали 12 [8, с. 67] меёбем:

$$X^2 \text{ кр.} = \begin{Bmatrix} 3{,}841 \text{ барои } p \le 0{,}05 \\ 6{,}635 \text{ барои } p \le 0{,}01 \end{Bmatrix}$$

Дигаргуниҳои бадастомада дар минтақаи ғайримуҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ ниҳоӣ бештар аст), яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳим нестанд.

Дар ҷадвали навбатӣ маълумот оид ба таносуби инкишофи зинаҳои эмпирикӣ ва назариявии тафаккур дар хонандагони синфи 8-ум оварда шудаанд.

Ҷадвали 8

**Зинаҳои инкишофи тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 8-ум**

| **Типҳои тафаккур** | **Намояндагони ҷинсҳо** | |
|---|---|---|
| | **Писарон** | **Духтарон** |
| Эмпирикӣ | 5 (31,2%) | 4 (31%) |
| Назариявӣ | 12 (75%) | 8 (69%) |

Барои дақиқ намудани муҳимии омории натиҷаҳои бадастомада онҳоро тавассути меъёри омории $\chi^2$санҷидем, ки натиҷаи он дар ҷадвали зерин инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 9

**Санҷиши таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 8-ум тавассути меъёри $\chi^2$**

| Типҳои тафаккур | Алтернативаҳо | $f_э$ | $f_т$ | $(f_э - f_т)$ | $(f_э - f_т)^2$ | $\frac{(f_э - f_т)^2}{f_т}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Эмпирикӣ** | **1.1** | **5** | **4,5** | **0,5** | **0,25** | **0,055** |
| | **1.2** | **4** | **4,5** | **-0,5** | **0,25** | **0,055** |
| **Назариявӣ** | **2.1** | **12** | **10** | **2** | **4** | **0,4** |
| | **2.2** | **8** | **10** | **-2** | **4** | **0,4** |
| **Сумма** | | **29** | **29** | **0** | | $\chi^2$ **эмп. = 0,91** |

Аз рӯйи ҷадвали 12 [8, с. 67] меёбем:

$$X^2 \text{ кр.} = \begin{Bmatrix} 3{,}841 \text{ барои } p \le 0{,}05 \\ 6{,}635 \text{ барои } p \le 0{,}01 \end{Bmatrix}$$

Чуноне ки мебинем, натиҷаҳои бадастомада дар минтақаи ғфйримуҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ ниҳоӣ бештар аст), яъне аз ҷиҳати оморӣ муҳим нестанд.

Дар ҷадвали навбатӣ маълумот оид ба таносуби инкишофи зинаҳои эмпирикӣ ва назариявии тафаккур дар хонандагони синфи 9-ум оварда шудаанд.

Ҷадвали 9

**Зинаҳои инкишофи тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 9-ум**

| **Типҳои тафаккур** | **Намояндагони ҷинсҳо** | |
|---|---|---|
| | **Писарон** | **Духтарон** |
| Эмпирикӣ | 1 (9%) | 1 (9%) |
| Назариявӣ | 10 (91%) | 10 (91%) |

Дар ҷадвали зерин натиҷаи санҷиши муҳиммии омории натиҷаҳои бадастомада тавассути меъёри омории $\chi^2$ инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 10

**Санҷиши таносуби инкишофи типҳои тафаккур дар писарбачаҳо ва духтарбачаҳои синфи 9-ум тавассути меъери $\chi^2$**

| Типҳои тафаккур | Алтернативаҳо | $f_э$ | $f_т$ | $(f_э - f_т)$ | $(f_э - f_т)^2$ | $\frac{(f_э - f_т)^2}{f_т}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Эмпирикӣ | 1.1 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 |
| | 1.2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 |
| Назариявӣ | 2.1 | 10 | 10 | 0 | 0 | 0 |
| | 2.2 | 10 | 10 | 0 | 0 | 0 |
| Сумма | | 22 | 22 | 0 | | $\chi^2$ эмп. = 0 |

Аз рӯйи ҷадвали 12 [8, с. 67] меёбем:

$$X^2\ \text{кр.} = \begin{Bmatrix} 3{,}841\ \text{барои}\ p \le 0{,}05 \\ 6{,}635\ \text{барои}\ p \le 0{,}01 \end{Bmatrix}$$

Дигаргуниҳои бадастомада дар минтақаи ғайримуҳим ҷойгир гаштанд (қиммати $\chi^2$ эмпирикӣ аз $\chi^2$ ниҳойӣ бештар аст), ки далели аз ҷиҳати оморӣ муҳим набудан инҳоянд:

Дар расми зер динамикаи рушди типҳои тафаккур дар синни миёнаи мактабӣ нишон дода шудааст.




**Расми 1. Динамикаи инкишофи типҳои тафаккур дар давраи наврасӣ**

Чуноне ки аз тасвир аён аст, вобаста ба синну сол теъдоди хонандагони дорои типии назариявии тафаккур меафзояд ва таносибан теъдоди хонандагони соҳиби типии эмпирики тафаккур кам мешаванд. Далели мазкур гувоҳи он аст, ки шароити муҳит, таълиму тарбия дар рушди тафаккури назариявӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Дар расми зер динамикаи рушди типии эмпирикии тафаккур дар намояндагони ҷинсҳои муқобил таҷассум ёфтааст. Чуноне ки аз расм аён аст, дар намояндагони ҳарду ҷинс тамоили коҳиш ёфтани намояндагони типии эмпирики тафаккур дар синфҳои минбаъда ба назар мерасад. Аммо бояд тазаккур дод, ки хусусияти ҷоришавии он дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба таври мухталиф сурат мегирад. Дар писарбачаҳо он якмаром буда, дар духтарбачаҳо бошад, хусусияти пасту баландшавиро соҳиб аст (ниг. ба расми 2).




**Расми 2. Динамикаи инкишофи тафаккури эмпирикии намояндагони ҷинсҳои гуногун дар давраи наврасӣ**

Дар расми минбаъда (расми 3) динамикаи инкишофи тафаккури назариявӣ дар намояндагони ҷинсҳои муқобил ифода ёфтааст. Чуноне ки аз тасвир аён аст, дар намояндагони ҳарду ҷинс нишондиҳандаҳои тафаккури назариявӣ аз синф ба синф боло мераванд. Вале чун дар мисоли тафаккури эмпирикӣ миёни духтарон ва писарон фарқ ба назар мерасад: рушди писарон якмаром ва батадриҷ аст, дар сурате, ки тасвири рушди духтарон номутавозин буда, аз синф ба синф хусусияти пасту баландшавиро зоҳир мекунад (ниг. ба расми 3).




**Расми 3. Динамикаи инкишофи тафаккури назариявии намояндагони ҷинсҳои гуногун дар давраи наврасӣ**

Ҳамин тариқ, ташхиси хусусиятҳои гендерии зоҳиргардии зинаҳои инкишофи тафаккур дар намояндагони ҷинсҳои муқобил дар синни миёнаи мактабӣ (синфҳои 5-9) натиҷаи зеринро ба бор овард:

1. Натиҷаҳои ташхис ва санҷиши омории онҳо тавассути меъёри $\chi^2$ нишон медиҳанд, ки танҳо дар синфи 5-ум (10-11 – солагӣ) фарқ миёни писарбачаҳо ва духтарбачаҳо аз ҷиҳати оморӣ муҳимманд. Дар синфҳои минбаъда (6,7,8 ва 9) фарқият миёни намояндагони ҷинсҳои гуногун аз ҷиҳати оморӣ номуҳимманд.
2. Аз синф ба синф теъдоди хонандагони дорои тафаккури эмпирикӣ кам гашта, мувофиқан, теъдоди хонандагони дорои тафаккури назариявӣ дар намояндагони ҳар ду ҷинс меафзоянд, ки аз нақши муҳимми таълим дар рушди тафаккури назариявӣ гувоҳӣ медиҳад.

3. Дар динамикаи инкишофи тафаккур миёни духтарон ва писарон фарқият ба назар мерасад: рушди писарон якмаром ва батадриҷ аст, дар сурате, ки тасвири рушди духтарон номутавозин буда, аз синф ба синф хусусияти пасту баландшавиро зиҳир мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Амонов Н.К. Психологические особенности развития математического мышления у учащихся 5-9 классов: диссертация ... кандидата психологических наук: 19.00.07. - Москва, 1992. - 129 с.
2. Атаханов, Р. Мышление и интеллектуальная одарённость детей [Текст]/ Р. Атаханов //Одарённые дети Узбекистана. Тезисы выступлений к научно-практической конференции. – Термиз, 1992. – С. 17-19.
3. Атаханов, Р. Педагогическая психология: Психология обучения [Текст]: Учеб. пособие для студ. / Р. Атаханов. – Тюмень: Изд-во Тюменского государственного университета, 2009. – 260с.
4. Атахонов Р. К диагностике развития математичкого мышления // Вопросы психологии, 1992, №1-2. С. 60-67.
5. Атахонов Р. Соотношение общих закономерностей мышления и математического мышления// Вопросы психологии, 1995, №5. С. 41-51.
6. Ермаков С.С. Взаимосвязь развития основ теоретического мышления и общих интеллектуальных способностей у одарённых учащихся начальных классов [Электронный ресурс] // Психологическая наука и образование psyedu.ru. 2014. №1. URL: http://psyedu.ru/journal/2014/2/Ermakov.phtml (дата обращения: 03.09.2021)
7. Ермаков С.С. Диагностика уровня развития теоретического способа мышления у интеллектуально одаренных младших школьников [Электронный ресурс] // Психологическая наука и образование psyedu.ru. 2014. №1. URL: http://psyedu.ru/journal/2014/2/Ermakov.phtml (дата обращения: 03.09.2021)
8. Ермолаев, О.Ю. Математическая статистика для психологов [Текст] /: учебник / О.Ю. Ермолаев. – М.: Московский психосоциальный институт: Флинта, 2003. – 336 с
9. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2001. – 720 с.
10. Слабодчиков, В.И., Цукерман Г.А. Генезис рефлексивного сознания в младшем школьном возрасте // Вопросы психологии. 1990, №3. С. 25-36.


***Калидвожаҳо:*** зинаҳои инкишофи тафаккур, тафаккури эмпирикӣ, тафаккури назариявӣ, динамикаи инкишоф, меъёрҳои оморӣ, синни миёнаи мактабӣ, фарқи гендерӣ.

## ГЕНДЕРНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ УРОВНЕЙ РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ СРЕДНЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА КАК КОМПОНЕНТ ИХ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ОДАРЕННОСТИ

В статье рассматривается важная для современного образования проблема – гендерные различия в развитии мышления учащихся среднего звеня общеобразовательного учреждения. Автор с использованием психологических методов диагностики и статистической обработки данных исследовал развие мышления учащихся, а также гендерные особенности ёё протекания в данный возрастной период. Результаты исследования доказывают, что обучение оказывает решающе влияние на развитии теоретического мышления учащихся. По результатам исследования только в 5 классе имеют место гендерные различия в развитии теоретического мышления. В остальных классах (6,7,8 и 9) имеют место статистически незначимые различия междк представителями разных полов. Выяснилось различие между динамикой развития мышления мальчиков и девочек данного возрастного периода: развитие мальчиков равномеренное и постепенное в то время, как динамика развития мышления у девочек неровномерная и имеет тенденцию к занижению и повышению от класса к классу.

***Ключевые слова:*** *уровни развития мышления, эмпирическое мышление, теоретическое мышление, динамика развития, стаистческие нормы, гендерные различия.*

## GENDER RESEARCH OF THE LEVELS OF THINKING DEVELOPMENT IN MIDDLE SCHOOL AGE AS A COMPONENT OF THEIR INTELLECTUAL GIFTEDNESS

The article deals with an important problem for modern education - gender differences in the development of thinking of middle-level students of a general educational institution. The author, using psychological diagnostic methods and statistical data processing, investigated the development of students' thinking, as well as the gender characteristics of its course in a given age period. The results of the study prove that learning has a decisive influence on the development of students' theoretical thinking. According to the research results, only in the 5th grade there are gender differences in the development of theoretical

thinking. In the remaining classes (6,7,8 and 9), there are statistically insignificant differences between representatives of different sexes. The difference between the dynamics of the thinking development of boys and girls of a given age period was found: the development of boys is uniform and gradual, while the dynamics of the development of thinking in girls is uneven and tends to decrease and increase from class to class.

***Key words:*** levels of thinking development, empirical thinking, theoretical thinking, development dynamics, statistic norms, gender differences.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Фариза Файзизода - унвонҷӯи кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: 905 35 77 00, E-mail bfaizizoda@mail.ru.
**Information about the author**: Fariza Faizizoda - post-graduate student of the Department of Psychology, Tajik National University, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone 905 35 77 00, E-mail bfaizizoda@mail.ru.

**О.СОБИРОВА**

# ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ОБЩЕНИЕ КАК СИСТЕМА СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ПЕДАГОГА И УЧАЩЕГОСЯ

На современном этапе социокультурных изменений культура педагогического общения выступает как одна из важнейших социальных, психолого-педагогических и профессионально-этических категорий.

Многие исследователи рассматривают общение через призму деятельности и педагогических отношений, поэтому нам необходимо обратиться к соотношению данных понятий. А.П. Сидельникова считает, что «взаимные воспитательные отношения – элемент (подсистема) целостного воспитательного процесса, образуются с помощью педагогической организации общения. Взаимоотношения людей в воспитании определяются их совместной деятельностью и в свою очередь влияют на ее организацию. Чем активнее деятельность, подчиненная целям воспитания, тем организованнее формируются и влияют на нее взаимные связи людей. Педагогическое отношение – элемент (подсистема) целостного воспитательного процесса – образуется в ходе непосредственного взаимодействия воспитателя и воспитуемого» [9,29].

На серьезные просчеты педагогики, связанные с недооценкой фактора межличностных отношений указывает С.Д.Шевченко: «Внимание педагога должно быть направлено не только на создание здорового коллектива, но и на руководство и организацию различных отношений ребенка, которые создают психологическую реакцию»[10,84]. И.Ф.Комогорцева считает, что «деятельность учителя по обучению и воспитанию учащихся и деятельность учащихся по овладению знаниями основ наук и выработке навыков поведения сопровождается установлением педагогических отношений. Учитель и ученик вступают в педагогические отношения, но эти отношения индивидуализируются, конкретизируются в общении» [8].

В целом мы можем констатировать, что педагогическая деятельность, педагогические отношения и педагогическое общение находятся в тесной взаимосвязи и взаимозависимости. Педагогические отношения – это фундамент, непременное условие возникновения и развития педагогического общения, но традиционно оно трактуется в системе «учитель – ученик». На наш взгляд, такое понимание педагогического общения и отношения необъективны, так как назрела настоятельная необходимость рассмотрения педагогического общения и педагогического отношения через призму воспитательного процесса со всеми его субъектами.

На наш взгляд педагогическое общение – это система органичного социально-психологического взаимодействия педагога со всеми субъектами воспитательного процесса, направленного на создание благоприятного микроклимата, развитие и совершенствование личности каждого из них. В этом процессе должна играть важную роль культура.

Обратимся к истокам понятия «культура». Среди ученых нет единого взгляда на его содержание, что связано с многокачественностью культуры, неоднородностью входящих в ее состав элементов, которые пронизывают все сферы человеческой деятельности.

Слово «культура» происходит от латинского «colore» - возделывать, разрабатывать, усовершенствовать. Существительное «culture» первоначально означало возделывание, обработку, улучшение почвы. Постепенно в ходе исторического развития оно претерпело изменения. Уже в период античности лексема «культура» была довольно многозначной и помимо земледелия обозначала «облагораживание», «воспитание», «обучение», а также использовалась для определения какой-либо сферы человеческой деятельности с дополнением в родительном падеже: например, культура духа, культура ума и т.д.

В эпоху Возрождения понятие «культура» развивалось в тесной связи с понятием «гуманизма». Но уже в этот период готовятся социальные и теоретические предпосылки для становления понятия «культура» в качестве самостоятельной философской категории. Философская мысль этой эпохи подготовила и во многом предвосхитила представление о культуре как сфере раскрытия действительных сущностных сил человека.

Мыслителями XVIII века была выдвинута и в значительной мере осуществлена идея создания культурной истории человечества. Французские просветители пытались не только понять закономерности и движущие силы истории, но и найти разумные пути перестройки общественных отношений на новых началах. Однако и в этот период понятие «культура» еще не обрело четкие философские очертания. Более того, оно постепенно утрачивало самостоятельное значение, уступая место понятию «цивилизация».

Значительный вклад в формирование понятия «культура» и введение его в систему категории философии внесли немецкие просветители. Они считали культуру универсальной категорией и утверждали, что культура человека – это его «второе рождение»: какова традиция воспитания, таким и становится человек, его облик. «Нет ничего менее определенного, - писал И. Гердер, - чем это слово «культура», и нет ничего более обманчивого, как прилагать его к целым векам и народам. Как мало культурных людей в культурном обществе! И в каких чертах следует усматривать культурность? И способствует ли культура счастью людей?» [4,6-7].

К концу XVIII века понятие «культура» широко вошло в научную литературу и стало играть важную познавательную роль. Под культурой понимался определенный уровень общественного развития, который создает возможность совершенствования интеллектуальных и моральных сил человека. Она выступала как некая высшая ценность. Этот сущностный, гуманистический смысл культуры сохраняет свое значение и в современных культурологических исследованиях.

По мере развития и поляризации общественных сил категория «культура» приобретает более широкий смысл и начинает рассматриваться как средство совершенствования общественного устройства и личности. А с конца XIX века многие философы рассматривают культуру уже в качестве особой реальности общественной жизни и ее истории.

В идеях прогрессивных мыслителей того времени культура рассматривалась и как оппозиция существующей социальной действительности, не отвечающей их представлению об истинном существовании человека. В культуре они видели условие гармоничного развития личности и ее отношения с обществом» [6].

Как бы продолжая эстафету поколений, М.И.Кондакова и А.С. Вишнякова дают следующее определение: «Культура – содержание общественно-исторического развития, влияющее на формирование человека как творческой активности личности, совокупность материальных и духовных ценностей, созданных и развитых обществом в ходе его истории. Реальное бытие культуры – в неповторимо индивидуальных творческих способностях людей, формирующихся и проявляющихся в непосредственном деятельном их общении и воплощающихся в способах, средствах, орудиях и продуктах их деятельности. Культура делится на материальную и духовную. К первой относятся – состояние просвещения, науки, искусства и т.д., развитие которых определяется материальными условиями жизни общества. Духовная культура всегда была и остается культурой определенной эпохи, народа, класса. Вместе с тем культура любого класса опирается на достижения предшествующих поколений» [7,121].

В Большой Советской Энциклопедии термин «культура» употребляется для выражения совокупности достижений общества в различных областях духовной жизни,

умения использовать эти достижения, в частности, для разрешения назревших задач общественного развития [3,295].

Современная социальная обстановка дала новый толчок в развитии и трактовке понятия «культура». Оно «претендует сейчас на всеобщность не только непосредственно в сфере творчества, но и в неделимых началах производства, быта, бытия современного человека» [6,12]. Это связано с обращением к основам гуманистической философии и педагогики, которые по-иному трактуют и само понятие «культура» и роль индивида в ее развитии. Ключом к пониманию этих изменений может послужить выражение К.Н. Вентцеля: «Культура предполагает культ человека». И именно к человеку как эпицентру культуры и ее высшей ценности обращены мысли известных русских философов Н.О. Лосского, П.Ф. Флоренского, Н.А. Бердяева и др.

Значительный вклад в разработку данной проблемы внес М.М.Бахтин. Его концепцию культуры, И.А.Луцкая и В.В.Гура представили в виде следующей схемы:

Культура - как общение личностей (культур),

- как самодетерминация личности,

- как открытие мира впервые.

Положение М.М.Бахтина о том, что гуманитарное мышление есть мышление о человеке как о субъекте культуры, является одним из основополагающих в разработке современной концепции гуманистической культуры. В рамках этой концепции человек одновременно выступает как объект культуры (он является носителем и хранителем ее ценностей) и как субъект (создатель новых культуросообразных образцов деятельности). Эти две позиции тесно взаимосвязаны между собой.

Таким образом, мы считаем, что современное понятие «культура» не является лишь признаком образованности, уровня развития общества, содержанием общественно-исторического развития или «искусственной средой», а также степенью, мерой оценки того или иного качества. Современное понимание культуры – это способность и свобода личности понять, оценить, принять и развить достижения предшествующих и нынешних поколений в различных областях деятельности, направленной на человека и во имя человека как эпицентра всего происходящего.

На наш взгляд общим недостатком вышеприведенных определений является тот, что культура педагогического общения трактуется как нечто общее, статичное, как «некая постоянная величина», идеал, к которому следует стремиться. Поэтому весьма уместно обратиться к высказыванию Д.И. Болдынюка: «Культура общения педагога не сводится ни к коммуникативной технике, ни к педагогическому такту, как бы расширительно они не поднимались, ни к простому следованию этикетным нормам, а, предполагая их, является духовно-практическим выражением сущности личности» [2]. Он считает, что следует говорить не только о субъекте деятельности, что традиционно, но и о субъекте культуры общения: «По критерию субъекта мы можем выделить существование двух основных форм культуры общения: всеобщую и личностную, которые предполагают ряд промежуточных.

Принципиальные связи здесь можно объяснить посредством категории «всеобщее» (культура общения на уровне общества) и «единичное» (культура общения отдельной личности). Что касается промежуточных форм, то они попадают под категорию «особенное». На основании вышеизложенного, он делает вывод: «Педагогическую науку культура общения может интересовать преимущественно в аспекте «единичного», то есть как культура общения личности» [2]. На индивидуальные свойства культуры педагогического общения указывает и В.С. Грехнев [5,23].

Такой подход к определению культуры педагогического общения далеко не полностью соответствует современным гуманистическим тенденциям. В этой связи мы хотели бы подчеркнуть следующие положения:

1. На основании концепции М.М.Бахтина, общение является одной из составляющих культуры, без которой существование культуры просто невозможно. Поэтому разграничение понятий «общение» и «культура» мы считаем не только искусственным, но и невозможным.

2. Понятие «культура» имеет социальную обусловленность и ориентацию на такие социально значимые ценности, как свобода, гуманность, духовность, творчество. Вполне

естественно, что эти качества распространяются и на общение как одну из составляющих культуры.

3. Понятие «культура» имеет личностно ориентированную трактовку и предполагает не только и не столько уровень владения педагогом определенными приемами и способами общения, но и степень интериоризации им социально значимых культурных ценностей.

Поэтому мы считаем, что культура педагогического общения – это степень личностного принятия педагогом социально значимых ценностей и его ориентация на совместную деятельность со всеми субъектами воспитательного процесса на основе индивидуальных свойств и качеств личности.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества. // М., 1979. - 186 с.
2. Болдынюк Д.И. Система исследования культуры педагогического общения: автореферат. дисс. на соиск.степени канд.пед.наук. – Умань, 1989. – 25 с.
3. Большая Советская Энциклопедия. // М.: Политиздат, 1973. Т.13. – 456с.
4. Гердер И.. Идеи к философии и истории человечества. // М., 1977. – 328с.
5. Грехнев В.С. Культура педагогического общения. // Кн. для учителя. – С.,: Просвещение, 1990. – 144 с.
6. Ефимов Ю.И., А.И. Громов. Человеческий фактор и культура. (Под ред. Комарова В.Д.). // Л.: Наука, Ленинградское отделение, 1989.- 191с.
7. Кондакова, А.С. Вишнякова М М.Краткий педагогический словарь пропагандиста. // И..: Политиздат, 1988. – 367 с.
8. Комогорцева И.Ф. Формирование у будущих учителей культуры педагогического общения с учащимися: автореферат. дисс. на соиск. уч. степени канд. пед. наук. – Ростов-на-Дону, 1995. – 27с.
9. Сидельникова А.П. Воспитательные отношения как предмет психолого-педагогического анализа (опыт системного подхода). // Ставрополь, 1980. – 130с.
10. Шевченко П.И, Красовский.В.Д. Общие основы подготовки будущего учителя к профессиональному творчеству. // Днепропетровск, 1991. – 104с.
11. Шаропов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ. Худжанд:Нури маърифат. 2017.-304с.


***Ключевые слова:*** *педагогическое общение, система, взаимодействие, педагог, учащийся, культура, отношения, учебная деятельность, духовность, культура общения, субъект*

## МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН НИЗОМИ ҲАМКОРИИ ИҶТИМОӢ-РАВОНШИНОСИИ ОМӮЗГОР ВА ХОНАНДА

Дар мақола масъалаҳои муошърати педагогӣ ҳамчун низоми ҳамкории иҷтимоӣ-равоншиносии омӯзгор ва хонанда баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки дар замони муосири таъғиротҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фарҳанги муошърати педагогӣ ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими иҷтимоӣ, равоншиносӣ-педагогӣ ва касбӣ-ахлоқӣ маҳсуб меёбад. Дарки муосири фарҳанг ин қобилият ва ба таври озод аз тарафи шахсият фаҳмидан, арзёбӣ, қабул ва рушд намудани дастовардҳои насли гузашта ва ҳозира дар ҷабҳаҳои гуногуни инсон баҳри инсон ва ба номи ӯ чун мутамаркази воқеият аст. Хулоса карда шудааст, ки фарҳанги муошърати педагогӣ ин дараҷаи аз тарафи шахсият қабул шудани арзишҳои аҳамияти иҷтимоӣдошта ва тамоюли он ба ҳамкории ӯ бо субъектҳои раванди тарбия дар асоси хусусият ва сифатҳои фардии шахсият мебошад.

***Калидвожаҳо***: *муошърати педагогӣ, низом, ҳамкорӣ, педагог, хонанда, фарҳанг, муносибат, фаъолияти таълимӣ, маънавият, фарҳанги муошърат, субъект*

## PEDAGOGICAL COMMUNICATION AS A SYSTEM OF SOCIO-PSYCHOLOGICAL INTERACTION BETWEEN TEACHER AND STUDENT

The article discusses the issues of pedagogical communication as a system of socio-psychological interaction between the teacher and the student. It is noted that at the present stage of sociocultural changes, the culture of pedagogical communication acts as one of the most important social, psychological, pedagogical and professional-ethical categories. A modern understanding of culture is the ability and freedom of the individual to understand, evaluate, accept and develop the achievements of previous and current generations in various fields of activity aimed at people and in the name of man as the epicenter of everything that happens. It is concluded that the culture of pedagogical communication is the degree of personal acceptance by a teacher of socially significant values and his orientation toward joint activities with all subjects of the educational process on the basis of individual personality characteristics and qualities.

***Keywords***: *pedagogical communication, system, interaction, teacher, student, culture, relations, educational activity, spirituality, communication culture, subject*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Собирова Отуной Муйдинҷоновна – унвонҷӯи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. EE-mail.otunoi84@mail.ru тел.+992-92-6129030.
**Сведения об авторе: Собирова Отуной Муйдинджоновна-**соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.ак.Б.Гафурова».(Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. ). E-mail.otunoi84@mail.ru тел.+992-92-6129030.
**Information about the author:** Sobirova Otunoy Muydindjonovna - applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution KSU named after B. Gafurov. (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova Ave. 1.). E-mail.otunoi84@mail.ru tel. + 992-92-6129030.

**Ҷ.ҶУРАБОЕВ**

## РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР КУДАКОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ

Дар тули ҳаёт инсон доимо дар назди ӯвазифаҳо ва мушкилоти гуноугн пеш меоянд, ки ҳалли фавриро талаб мекунанд. Пайдоиши чунин мушкилот, душвориҳо, маънои онро дорад, ки дар воқеияти гирду атрофи мо ҳанӯз бисёр чизҳои номаълум, кашфнашуда вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, дониши доимо амиқтар дар бораи ҷаҳон, кашфи равандҳои нав, хосият ва муносибатҳои байни одамон ва ашё дар он зарур аст. Ин аст, ки новобаста аз равияҳои нави аз талаботи замон ба вуҷуд омада, новобаста аз тағиротиба мактаб воридшаванда, ташаккули фарҳанги фаъолияти зеҳнии хонандагон ҳамеша яке аз вазифаҳои асосии таълим ва тарбияв буд ва мемонад. Зеҳнро табиат дар шакли тайёрдода наметавонад, он бояд дар тӯли ҳаёт инкишоф ёбад. Рушди зеҳнӣ муҳимтарин ҷанбаи тарбияи наслҳои ҷавон мебошад. Муваффақияти рушди зеҳнии хонанда асосан дар раванди таълим ба даст оварда мешавад, вале танҳо дар сурате, ки муаллим бо шогирдонаш хуб ва дар сатҳи зарури дарсро гузаронад. Қобилияти ташкили фаъолияти муназзам, корҳои маърифатӣ, дараҷаи таваҷҷӯҳи хонандагон ба омӯзиш, сатҳи дониш, омодагӣ ба худомӯзии доимӣ ба рушди зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд.Рушди зеҳнӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна фаъолияти инсон амал мекунад. Барои қонеъ кардани талаботҳои худ дар муошират, таҳсил, кор, инсон бояд ҷаҳонро дарк кунад, ва ба ҷузъҳои гуногуни фаъолият диққат диҳад, тасаввур кунад, ки чӣ кор кардан лозим аст, онҳоро дар хотир нигоҳ дорад, ва баъдан фикр намояд. Аз ин рӯ, қобилиятҳои зеҳнии инсон дар фаъолият ташаккул меёбанд ва худ намудҳои махсуси фаъолият мебошанд.Ҳангоми таълими кӯдакон омӯзгор пеш аз ҳама бояд донад, ки кадом хусусиятро кӯдак аз табиат мегирад ва кадом хуусият зери таъсири муҳити атроф ташаккул меёбад. Инкишофи майлҳои инсонӣ, ба қобилиятҳо табдил ёфтани онҳо яке аз вазифаҳои таълим ва тарбия мебошад, ки бидуни дониш ва рушди равандҳои зеҳнӣ ҳал намешавад.

Раванди ташаккули зеҳнӣ тавассути ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ имконпазир аст ва хусусан дар синни ибтидоии мактабӣ самаранок мешаванд. Рушди қобилияти зеҳнӣ, ташаккули тафаккури мустақилона, эҷодӣ, ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ яке аз вазифаҳои асосии таълими мактаб дар маҷмӯъ ва алалхусус дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.Таҳсилоти ибтидоӣ бояд заминаи асосии рушди зеҳнии кӯдаконро фароҳам оварад, то онҳо шахсони эҷодкор, мустақилона тафаккуркунанда, амалҳои худро аз нигоҳи интиқодӣ баҳодиҳанда гарданд. Шахсоне гарданд, ки метавонад муқоиса кунанд, якчанд роҳи ҳалли масъаларо пешкаш кунанд, чизи асосиро таъкид кунанд ва хулосаҳои умумӣ бароранд ва донишро дар шароити ғайри стандартӣ истифода бурда тавонанд.

Қобилиятҳои зеҳнӣ ин қобилияте мебошанд, ки барои иҷрои на танҳо як, намуди фаъолият, балки барои бисёр намудҳои фаъолият заруранд. Қобилиятҳои зеҳнӣ ҳамчун хотир, идрок, хаёл, тафаккур, нутқ, диққат фаҳмида мешаванд. Рушди онҳо яке аз муҳимтарин вазифаҳои таълими кӯдакони синни ибтидоӣ мебошад.Инкишофи қобилиятҳои зеҳнии хонандаи мактаб бидуни гузоштан ва ҳалли масъалаҳои мухталиф рух дода наметавонад. Вазифа ибтидо, пайванди ибтидоии раванди маърифатӣ, ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ мебошад, ки дар он аввалин бедории андеша ифода ёфтааст. Аз таҷрибаи мактаб

маълум аст, ки саволҳое, ки баррасии чизи ношиносро талаб мекунанд, аксар вақт кӯдаконро ба изтироб меандозанд. Ва ин фаҳмо аст: ба онҳо ин чизро намеомӯхтанд. Шаклҳои асосии коре, ки муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар кори худ истифода мебаранд, инҳо мебошанд:

– дарс;
– кружокхои фанни;
– бозиҳои интеллектуалӣ;
– олимпиадаҳо.

Муваффақияти рушди зеҳнии хонанда асосан дар синф ба даст оварда мешавад, вақте ки муаллим бо шогирдонаш бо тамоми ҳастияш кор мекунад.Ҳар як кӯдак қобилият ва истеъдод дорад. Кӯдакон одатан кунҷков ва кушиши даниста гирифтани ҳама чизро мекунанд бинобар ин барои нишон додани истеъдоди худ ҳидояти оқилонаи калонсолон ба онҳо лозим аст. Барои рушди зеҳнии хонандамуаллимбояд азусулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла бозиҳои гуногун, ки ба таври мунтазам, мақсаднок инкишофёбии тафаккурро дар раванди таълим аъмин мекунанд, истифода барад.

Аксари олимон эътироф мекунанд, ки рушди малакаҳои зеҳнӣ бидуни омӯзиши мушкилот ғайриимкон аст.Усулҳои проблемавии омӯзиш ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбӣ мерасонанд. На ҳама мавод мушкилот дорад. Аммо, он низ бояд ба кӯдакон дар шакли вазифаҳое пешниҳод карда шавад, ки ҳадафи функсионалиро иҷро кунанд. Агар дар хонандагони хурдсол амалҳои зарурии маърифатӣ ташаккул наёбанд, пас супоришҳо ба тариқи бозича, дар шакли бозии мини-дидактикӣ пешниҳод карда мешаванд. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим аст, ки дар дарсҳои супоришӣ барои хонандагон махсус нақша гирад, ки онҳо дар заминаи иттилооти нав такрор ба такрор чунин амалҳои зеҳниро иҷро кунанд. Иҷрои супориш мунтазам заминаи иттилоотии донишҳои навро васеъ менамояд. Усулҳои проблемавии омӯзиш ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонанд.Ҳамин тариқ, дониш ва усулҳои амалҳои зеҳнӣ дар ҷараёни иҷрои бисёр вазифаҳои гуногун ба даст оварда мешаванд. Талаботи асосии дидактикии технологияи таълими рушд муқаррар намудани ҳадафи дарс дар шакли вазифаҳои рушд мебошад, ки дар он амалҳои зеҳнӣ муайян карда мешаванд, ки боиси дарки маводи таълимӣ мегарданд. Супоришҳои бомуваффақияти рушд таъсири эффектҳои шадид, аз ҷумла ба истилоҳ ҳисси «шодии равонӣ» -ро ба вуҷуд меоранд.Талаби навбатии дидактикии технологияи таълими рушд ҳамчун омодагӣ ба муваффақияти иҷрои вазифаҳои рушд дар раванди таълим ифода ёфтааст. Технологияҳои таълимии рушди зеҳн барои вазифаҳое, ки дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим истифода мешаванд, як талаби муҳимтарро ба миён меорад - вазифаҳо бояд на танҳо хонандагонро ба фаҳмидани чизҳои омӯхташуда водор созанд, балки вазифаи ислоҳиро низ иҷро кунанд. Аз ин сабаб, технологияи пешниҳодшудаи таълимро ҳангоми кор бо кӯдакони дорои иқтидори баланди зеҳнӣ, инчунин бо кӯдакони дорои сатҳи миёнаи зеҳнӣ истифода бурдан мумкин аст. Вазифаҳо барои рушди тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ, тахайюлоти фароғатӣ ва эҷодӣ, дарки таҳлилӣ-синтетикӣ ва хотираи мантиқӣ аз дарс ба дарс, тағир додани мундариҷаи онҳо мувофиқи мавзӯи дарс, усулҳои иҷрои амалҳоро чандин маротиба такрор мекунанд, танҳо сатҳи мураккабии онҳоро тадриҷан баланд мебардоранд.

Крутетский В.А. қайд мекунад, ки дар синни хурди мактаби дарс яке аз фаъолиятҳои асосии пешбаранда баҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои мутобиқати бомуваффақияти кӯдак ба ҳаёти мактабӣ зарур аст, ки аз як намуди фаъолият ба намуди дигари фаъолият бемамониат гузарад. Барои ин дар синф муаллим аз ҳама намудҳои техникаи бозӣ истифода мекунад.Вай онҳоро ҳам дар машғулиятҳои дарсӣ ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ тасниф карда мегуяд, кибозиҳо бояд таълимӣ ва маърифатӣ бошанд. Ҳадафи онҳо васеъ кардани доираи ҷаҳонбинӣ, ташаккули ҷаҳонбинии худ, таваҷҷӯҳ ба дониши як хонандаи хурдсол мебошад. Ва дар ин ҷо дар ҷои аввал он бозиҳоемеистанд, ки хусусияти зеҳнӣ доранд.

Дар синф, шумо метавонед ба кӯдакон чунин вазифаҳоеро пешниҳод кунед: "тахмин", "фикр кунед", "чӣ тағйир ёфт", "намунае барпо кунед", "рамзкушоӣ", "рақам созед",

"муамморо ҳал кунед", ки ба рушди фаъолияти зеҳни хонандагон мусоидат мекунад.Инчунин барои инкишофи қобилияти зеҳнии хонандагон омӯзгор пеш аз ҳама бояд аз бозиҳои интелектуалӣ истифода барад.Ҳангоми истифодаи бозиҳои махсуси зеҳнӣ, ки бо механизми худ аз хонандагон фаъолияти фаъоли маърифатиро тақозо мекунанд, фаъолияти боз ҳам калонтарро дар байни хонандагон мушоҳида кардан мумкин аст. Тахмини муаммоҳо аз ҷониби хонандагони хурдсол метавонад ҳамчун раванди эҷодӣ ва худи муаммо ҳамчун вазифаи эҷодӣ ҳисобида шавад.Омӯзгорметавонад ҳикояхои пурасрорро дар дар бораи табиат нақл кунад, агар кӯдакон дар бораи алоқа ва қонунҳои муайяни табиат маълумот дошта бошанд.

Мушоҳида, ҳамчун яке аз усулҳои бунёдии таълим, аз қадимулайём маълум аст, аммо дар усулҳои муосири таълим аҳамияти худро гум накарда, баръакс, тамоми хусусиятҳои навро касб кардааст ва барои фанҳои табиӣ ҳатмист.

Дар раванди мушоҳида хонандагон қобилияти дидан, пай бурдан, фаҳмондани падидаҳои табииро инкишоф медиҳанд. Дар синфҳои ибтидоӣ мушоҳидаи мустақими кӯдакон дар табиат бояд илмӣ, дастрас ва шавқовар бошад. Табиат уфуқҳо, огоҳии умумии мактаббачагонро ғанӣ мегардонад, мушоҳида, диққат, тафаккур, ҳисси эстетикиро инкишоф медиҳад.

Яке аз шаклҳои фаъоли омӯзиш, ки дар кор истифода мешаванд, презентатсияҳои мултимедия мебошад. Онҳо ба интиқоли иттилоот дар шакли визуалӣ ва ба осонӣ фаҳмо кӯмак мерасонанд. Тағир додани таассуроти равшан аз он чизе, ки шумо дар экран мебинед, ба шумо имкон медиҳад, ки диққати худро дар давоми дарс нигоҳ доред. Истифодаи презентатсияҳои мултимедиявӣ дарсҳоро ҷолибтар мекунад, биноӣ, шунавоӣ, эҳсосот, тасаввуротро дар ҷараёни дарс фаро мегирад, ба кӯдакон кӯмак мекунад, ки ба маводи омӯхташуда амиқтар дода шаванд ва раванди таълимро мувофиқи мақсад аз худ кунанд. Презентатсияҳо вақтро сарфа мекунанд, фарҳанги дарсро баланд мебардоранд, имконият медиҳанд, ки муносибати хонандагон фарқ карда шавад, дар ташаккули шавқ ба фан мусоидат намояд ва аз ин рӯ, ба сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бозии дидактикӣ низ барои рушди қобилияти зеҳнии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст.Бозиҳои дидактикӣ (инкишофёбанда, маърифатӣ) бояд ба ташаккули тафаккур, хотира, диққат, тасаввуроти эҷодӣ, қобилияти таҳлил ва синтез, дарки муносибатҳои фазоӣ, рушди малакаҳои созанда ва эҷодкорӣ, тарбияи хонандагон мушоҳидакор будан, ҳукмҳои асоснок, одати худомӯзӣ, таълим додан мусоидат кунанд. Кӯдакон амалҳои худро ба кори супурдашуда тобеъ кунанд, то кори саршударо ба охир расонанд.Ҳатто Ян Амос Коменский даъват карда буд, ки ҳар як кори хонандаро сарчашмаи қаноатмандии рӯҳӣ ва шодии маънавӣ ӯ бояд донист. Тамоми раванди омӯзиш барои омӯзгор бояд тавре сохта шавад, ки кӯдак ҳис кунад, ки омӯзиш шодмонӣ аст, на танҳо вазифа, омӯзиш бо шавқ анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ ҳатман бояд дар сатҳи баланди шавқ ва фаъолияти маърифатӣ бошанд, дар фазои дӯстона ва дар вазъи муваффақият гузаранд.Ба омӯзгорон лозим аст, ки дар раванди таълим мунтазам супоришҳои ҷолиб, муаммо, ребус, анаграмма, психотренинги бозиро истифода баранд. Ба кор бештар супоришҳоро барои рушди хотира, диққат, тафаккури мантиқӣ дохил кардан лозим аст. Инкишофи қобилиятҳои зеҳнии хонандагони хурдсол ба сатҳи баланди амалиёти зеҳнӣ асос ёфтааст. Тавре ки шумо медонед, онҳо шарти бомуваффақият, осон ва зуд азхуд кардани фаъолияти таълимӣ мебошанд.Инкишофи зеҳни нутқ бевосита ба рушди эрудицияи умумӣ, хотираи визуалӣ ва шунавоӣ - машқҳо барои дубора зиёд кардани миқдори маҳдуди калимаҳо ё мафҳумҳо дар муддати муайян, дарёфти ҷуфти лафзӣ аз ҷониби ассотсиатсияҳо (торик-равшан), (бой - камбагал), (делфин-наҳанг)(хуб-бад) далелҳои дар боло зикршудаи теоремаҳо ва асосноккунии қарорҳо.Рушди зеҳни фазоӣ тавассути машқҳои омезиш ва ҳаракати фигураҳо ва ҷисмҳои геометрӣ мусоидат мекунад, масалан, ёфтани мавқеи куб дар гардишҳои муайяни модел (дар расм ҷавоби дуруст В), ёфтани фигураҳои нолозим, шинохтани моделҳои оптикӣ.




Рушди зеҳнии мактаббачагон дар дарсҳои математика бевосита аз шахсияти муаллим вобаста аст. Хонандагон бояд ба дарс таваҷҷӯҳ кунанд, хоҳ дарс бошад, хоҳ кружокҳои фаннӣ ё викторина, онҳо бояд афзоиши қобилиятҳои худро эҳсос кунанд.Зеҳни амалӣ бо тасвирҳои визуалӣ кор мекунад. Барои рушди он, машқҳо барои ҳамоҳангсозии малакаҳои ҳаракат (бозии Танграм), гузаштани лабиринтҳо, ёфтани роҳи оптималӣ аз як нуқта ба нуқтаи дигар (назарияи график) хубанд.Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки хонандагон ҳамон вақт ба таълим муносибати мусбат зоҳир мекунанд, ки таълим талаботҳои маърифатии онҳоро қаноатманд карда тавонад. Ҳар як муаллим шавқу ҳавас ва ҳисси таваҷҷӯҳи хонандагонро нисбат ба таълим ба вуҷуд орад он гоҳ метавонад ба муваффақиятҳо ноил гардад.

**АДАБИЁТ:**

1. http://www.experts.in.ua/baza/analitic/index.php?ELEMENT_ID=33324
2. Амонов Н.К. Психологические особенности развитие математического мышления у учащихся 5-9 классов. – Дисс. На соиск. уч. Ст. канд., психол. наук. – М., 1993.
3. Атохонов Р. К. диагностике развития математического мышления // Вопросы психологии. 1992. -№ 1-2. – с. 60-67.
4. Йорг Б.Тайлакер, Ульрих Визингер. Тренировка IQ. Ваш путь к успеху. Москва, АСТ Астрель, 2004.
5. Кен Рассел, Филип Картер. IQ тесты. Москва, ЭКСМО, 2003.
6. Коменский Я.А. Антология гуманной педагогики. / Я.А. Коменский. - М.: Издательский Дом Шалвы Амонашвили, 2002. - 224 с.
7. КрутетскийВ.А.Психологические особенности младшего школьника [Текст] / Крутецкий, В.А. // Хрестоматия по возрастной психологии / сост. Л.М.Семенюк. - 2003. - С.322-325. - С. М., 2003
8. Ле ТхиКхань Кхо. Динамика умственного развития младших школьников в различных условиях обучения: Дисс. на соиск. уч. ст. канд. психол. наук. – М., 1985. – 123 с.
9. Максимов Л.К. Развитие основных компонентов теоретического мышления школьников (на математическом материале). – Дисс. На соиск. уч. Ст. канд., психол. наук. – М., 1979.
10. Максимов Л.К. Формирование математического мышления у младших школьников: Учебное пособие по спецкурсу. – М.: Изд-во МЩПИ им. Крупской, 1987. – 96 с.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккул, рушд, қобилияти зеҳнӣ, тафаккури назариявӣ, таълим, фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ.*

**Ҷ.ҶУРАБОЕВ**

## РАЗВИТИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье рассматривается проблема интеллектуального развития ребенка как неоходимого ресурса для его успешной адаптации к изменяющемся условиям сруды. По мнению автора данная проблема всегда была актуальной. Продуктивное решение проблемы интеллектуального развития подрастающего поколения выступает в качестве приоритетного направления деятельности современной школы. Оно непосредственно связано с продуктивном использовании

интеллектуального и творческого ресурсва общества, что является стратегической задачей нашего государства. По результатам теоретического анализа автор приходит к выводу, что развитие интеллектуальных способностей непосредственно связано с процессом обучения и воспитания ребенка. Решающую роль в развитии интеллекта ребенка играет учитель, вооружённый необходимыми предметными знаниями, компетенциями и профессионально-личностными качествами необходимые для взаимодействия с детьми. Только такой учитель способен формировать в ребенке познавательную потребность, увлекать его в мир знаний. Как и любой другой вид способностей интеллектуальная способность формируется и развивается в процессе определенного вида деятельности – учебной. Исходя из этого, правильная организация процесса учебно-познавательной деятельности учащихся является необходимым условием развития у них интеллектуальных способностей.

***Ключевые слова:*** *формирование, развитие, интеллектуальные способности, теоретическое мышление, обучение, учебно-познавательная деятельность.*

**Dzhuraboev Jonibek**

**DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL ABILITIES OF YOUNGER SCHOOLS**

The article examines the problem of the child's intellectual development as a necessary resource for his successful adaptation to the changing conditions of the environment. According to the author, this problem has always been relevant. A productive solution to the problem of the intellectual development of the younger generation is a priority direction of the modern school. It is directly related to the productive use of the intellectual and creative resources of society, which is the strategic task of our state. Based on the results of the theoretical analysis, the author comes to the conclusion that the development of intellectual abilities is directly related to the process of teaching and raising a child. A decisive role in the development of a child's intellect is played by a teacher armed with the necessary subject knowledge, competencies and professional and personal qualities necessary for interacting with children. Only such a teacher is able to form a cognitive need in a child, to draw him into the world of knowledge. Like any other type of ability, intellectual ability is formed and developed in the process of a certain type of activity - learning. On this basis, the correct organization of the process of educational and cognitive activity of students is a necessary condition for the development of their intellectual abilities.

***Key words:*** *formation, development, intellectual abilities, theoretical thinking, teaching, educational and cognitive activity.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** Ҷурабоев Ҷонибек. Ассистенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17). Телефон 915373877. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Сведения об авторе:** ДжурабоевДжонибек, ассистент кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон 915 373877. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Information about authors:** Dzhuraboev Jonibek, Assistant of the Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone 915373877. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**АХЛИЛЛОЕВ Т.А.**
**МАМАДҶОНОВ С.Ҳ.**

## КОРҲОИ ТАҶРИБАВӢ ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ САМАРАНОКИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ МУОШИРАТИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таҷрибаи экспериментали̇ дар гурӯҳҳои алоҳидаи таҳсилоти ибтидоии факултети таҳсилоти ғоибона дар ноҳияи Ҷ.Расулов гузаронида шудааст Кори таҳқиқотӣ дар гурӯҳи 303 таҳсилоти ибтидоӣ гузаронида шуд,, ки дар гурӯҳ 40 донишҷӯ таҳсил мегиранд. Кор бо баҳисобгирии хусусияти ихтисос ба роҳ монда шуд.

Барои мутахассисони ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ салоҳиятнокии муошират мавқеи хеле баланд дорад. Ин касб ба гурӯҳи касбони "инсон-инсон" дохил аст. Салоҳиятнокии муошират ин раванди мақсаднок ва натиҷаи ташаккули маҳоратҳои касбии муомилакунӣ (маҳорати барпо кардани алоқамандии равонӣ бо аудитория, идоракунии ҷараёни муомила, маҳорати нутқӣ ва таҳлилкунии эҳсосоти ботинӣ) ва сифатҳои касбии (меҳрубонӣ, ғамхорӣ, баодобӣ, хайрхоҳӣ, оқилонагӣ, тоқатпазирӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ ва ғ.) омӯзгори ояндае, ки барои ҳалли вазифаҳои педагогии ҷараёни муомила имконият медиҳад.

Фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ чунин хусусиятҳои ба худ хос дорад:

- омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мураббии аввалини тифлон дар илмомӯзӣ аст;
- ӯ аз рӯйи аксари предметҳои таълимӣ худаш дарс медиҳад;
- омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар байни хонандагони худ обрӯи беқиёс дорад, ӯ аввалин намунаи таълим ва тарбияи насли наврас мебошад;
- омӯзгори синфҳои ибтидоӣ алоқаи мактаб ва оиларо таъмин менамояд;
- самаранокии ҳамкории мактаб, оила ва ҷамоатчигӣ ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вобаста аст;
- ӯ ҳамкори волидайни хонандагон дар таъмини таҳсил ва тарбияи тифлон мебошад;
- омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳамаи муаммоҳои муошırати тарафҳои манфиатдорро ба танзим медарорад.

Тавсифи қиёфаи касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз нуқтаи назари салоҳиятнокии муоширатии ӯро тавсифномаи коммуникативӣ номидан мумкин аст. Мундариҷа ва сохтори он аз чунин узвҳо иборат мебошад:

- донистани қоидаҳои нутқи шифоҳӣю хаттӣ ва маҳорати истифодабарии он;
- мухтасар ва аниқ муайян карда тавонистани мақсад ва вазифаҳои муомилаи педагогӣ;
- маҳорати ташкил ва идоракунии муомилаи педагогӣ бо хонандагон, волидайни онҳо ва ҳамкорон;
- таҳлил карда тавонистани раванди муомила бо хонандагон, волидайн ва ҳамкорон;
- таҳлили предмети муомила, ҳал намудани муроҷиатҳо, аризаҳо, гузориши аниқи саволҳо ва ҷавоб додан ба онҳо;
- тавоноии маҳорат ва усулҳои муомилаи корӣ, тактика ва стратегияи он;
- тавоноии ташкил ва гузаронидани сӯҳбат, сӯҳбати корӣ, баҳсу мунозира, мубоҳиса, мизи мудаввар, машварати корӣ, бозии корӣ;
- тавоноии маҳорат ва малакаҳои исбот кардан, асоснок кардан, бовари кунонидан, инкор кардан, ба муросо омадан, баҳо ва тавсияҳои дуруст дода тавонистан;
- тавоноии техникаи нутқ, роҳ ва усулҳои риторикӣ, маҳорати дуруст сохта тавонистани нутқ ва дигар баромадҳои публисистӣ;
- маҳорати бо воситаи сухан гузаронидани психотерапия, бартараф намудани вазъияти ногувори равонӣ, идора карда тавонистани ҳолати мусбии руҳии хонандагон;

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқотҳои олимон маълум гардид, ки барои фаъолияти самараноки омӯзгори синфҳои ибтидоӣ чунин сифатҳои аҳамияти касбӣ дошта лозиманд:

- коммуникативӣ (муоширатӣ) - эмпатия, дӯстдории бачагон, хайрхоҳӣ, хушмуомилагӣ ва ғ.;
- ташкилию иродавӣ - мақсаднокӣ, ташаббускорӣ, масъулиятнокӣ, худдорӣ, мустақилият, эҷодкорӣ.

Сифатҳои муошираткунии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз бисёр ҷиҳат муҳити равонию аҳлоқӣ ва муваффақияти фаъолияти педагогиро муайян мекунад.

Ба фикри мо салоҳиятнокии муошırати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ “мағзи касбияти” ӯ мебошад, чуноне, ки муомила моҳияти фаъолияти ӯро ташкил медиҳад. Инкишофдиҳии сифатҳои касбии шахсияти омӯзгорони оянда бояд дар якҷоягӣ бо ташаккули чунин маҳорат ва малакаҳои муошират ба роҳ монда шавад:

- бо осонӣ ба алоқа даромадан бо хонандагон, волидайн ва ҳамкорон;
- муносибати фардӣ ба шахсияти хонандагон ва волидайн;
- ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди хайрхоҳӣ ва хушмуомилагӣ;
- ҳамдардӣ, дастгирӣ ва ёрии амалӣ расонида тавонистан дар ҳалли масъалаҳои муаммовии хонанда ва волидайн;
- боварии комил пайдо карда тавонистан дар байни хонандагон ва волидайн;
- хушфеъл, хушмуомила, раҳмдил ва хайрхоҳ будан.

Дар ҷараёни таҳқиқоти худ мо барномаи таҷрибаи эксперименталиро кор карда баромадем, ки моҳият ва мундариҷаи онро баён мекунем.

**БАРНОМАИ ТАҶРИБА**

**Мақсади асосии таҷриба** – тартиб додани системаи усулҳои фаъолияти педагогии омӯзгорон дар ташаккулдиҳии салоҳиятнокии муошировати донишҷӯён, муайян намудани мундариҷа ва самаранокии он.

**Вазифаи таҷриба** – таъмини равонию педагогӣ ва ташкилию фаъолиятии педагог дар ташаккули салоҳиятнокии муошировати омӯзгорони оянда.

**Марҳилаҳои асосии кори таҷрибавӣ:**

Таҳқиқоти таҷрибавӣ дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд ташкил ва гузаронида шуд, ки он хусусияти тағйиротҳои чараёни воридкунии системаи усулҳои ташаккули салоҳиятнокии муошировати донишҷӯёнро ифода мекунад.

**1. Марҳилаи муайянкунӣ (сентябрь, октябрь, ноябрь – с. 2018.)** – муайян намудани дараҷаи аввалини салоҳиятнокии муошировати донишҷӯён, чун узви муҳими тайёрии касбии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ.

Дар ин давра барномаи таҷриба мураттаб сохта шуд, маводҳои лозимӣ барои ташхиси фаъолияти педагогӣ кор карда баромад шуд. Гурӯҳҳои таҷрибавӣ муайян карда шуд.

**2. Марҳилаи ташаккулдиҳӣ (декабрь с.2018 – март с. 2019)** – дар ин давра системаи методҳои кори педагог оид ба ташаккули салоҳиятнокии муошировати донишҷӯён аз санҷиш гузаронида шуд. Натиҷаҳои мобайнӣ назорат ва таҳлил карда шуда ба фаъолияти педагог ва донишҷӯён тағйиротҳо ворид карда шуд.

**3. Мариҳилаи хотимавию ҷамъбастӣ (апрель – май с. 2019)** – натиҷаҳои ба дастовардашуда аз ҷиҳати миқдорию сифатӣ таҳлил карда шуд. Дар ин давра инчунин дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот хулосаҳо бароварда шуд. Барои ба амал тадбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои методӣ кор карда баромада шуд.

**Дар марҳилаи аввали таҳқиқот** дараҷаи ибтидоии ташаккули салоҳиятнокии муошировати донишҷӯён муайян карда шуд, ки он ба ҳалли вазифаҳои зерин равона карда шуда буд:

- асосноккунӣ ва тавсифи сифатии дараҷаи ташаккули салоҳиятнокии муошират чун узви муҳими тайёрии касбии омӯзгори оянда;
- коркарди нақшаи корҳои ташкилию методӣ оид ба ташаккули салоҳиятнокии муошират;
- мураттабсозии барномаи таҷрибаи эксперименталӣ.

Барои ҳалли вазифаҳо мо аз гурӯҳи методҳои ташхисӣ истифода бурдем, ки онҳо барои муайян намудани дараҷаи ибтидоии инкишофи сифатҳои тадқиқшуда имкон дод. Ба гурӯҳи усулҳои ташхисӣ методҳои зерин ворид карда шудаанд:

- Тести В. Ряховский ;
- Тести Т.А.Шишковес;
- Тести муайян намудани дараҷаи назорати коммуникативии шахсӣ;
- Ҷадвали дараҷавии салоҳиятнокии муошировати омӯзгор;
- Сӯҳбат;
- Мушоҳида.

**Ҷадвали 1.**

**Ҷадвали дараҷавии салоҳиятнокии муошират**

| Дараҷа | Тавсифи сифатӣ | Баҳо |
|---|---|---|
| **Хеле паст** | Донишҷӯ ҷараёни муомиларо ташкил карда наметавонад; такти педагогӣ надорад; мақсади асосии фаъолияти омӯзгориро аниқ тасаввур намукунад; оид ба маданияти муомилакунӣ тасаввури руякӣ дорад; онҳоро дар фаъолияти амалӣ истифода бурда наметавонад; зудранҷ ва бетоқат. | **0-6** |
| **Паст** | Донишҷӯ ҷараёни муомилакуниро на ҳама вақт дуруст ташкил мекунад. Усулҳои муомилакуниро дуруст интихоб карда наметавонад; дар фаъолияти амалии худ донишҳои гирифтаро қисман истифода мебарад; элементҳои эҷодкорӣ мушоҳида карда намешавад. Танқидро қабул намекунад. | **6-15** |
| **Миёна** | Донишҷӯ маҳорати муомилакунӣ дорад; аз усулҳои алоқамандӣ дар дараҷаи муайян истифода бурда метавонад; | **15-24** |

| | | |
|---|---|---|
| | ичрои вазифаҳои муомилакунӣ характери вазъиятӣ дорад; натичаи ниҳоиро пурра тасаввур карда наметавонад; танқидро хотирчамъ қабул мекунад. | |
| **Баланд** | Донишчӯ дар муомилакунӣ фаъол аст; натичаи фаъолияти худро таҳлил карда метавонад; ботамкин, тоқатпазир; дар ин дарача донишчӯ эчодкории худро намоён мекунад. Мулоҳизаҳои танқидиро қабул карда аз он хулобарорӣ карда метавонад ва дар фаъолияти оиндаи худ онҳоро ба ҳисоб мегирад. | **24-33** |

Дар тести В.Ряховский 16 мулоҳизаҳои гуногун оид ба тавоноии муомилакунӣ пешниҳод карда шудааст. Донишчӯён аз чавобҳои “ҳа”, “баъзан” ва “не”ро интихоб мекунанд. Дар тест чадвали зерини ҷобаҷогузории чавобҳо пешниҳод карда шудааст:

**Чадвали 2.**

Ҷобаҷогузории чавобҳо дар асоси тести Ряховский

| Холҳо | Дарачаҳо | Миқдори донишчӯён |
|---|---|---|
| 30- 32 хол | Дарачаи пасттарин | 2,5 |
| 25-29 хол | Дарачаи паст | 12,5 |
| 19-24 хол | Аз дарачаи миёна паст | 25 |
| 14 – 18 хол | Дарачаи миёна | 32,5 |
| 9 – 13 хол | Аз дарачаи миёна баланд | 17,5 |
| 4 – 8 хол | Дарачаи баланд | 7,5 |
| 3 хол ва камтар | Дарачаи баландтарин | 2,5 |

Дар асоси таҳлили чавобҳо ба саволҳои тестӣ чунин натичаҳоро ба даст овардем, ки тибқи он донишчӯён аз нуқтаи назари ташаккулёбии дарачаи муомилакунӣ ба гурӯҳҳо чунин тақсим шудаанд:

**Расми 1.**

**Натичаи омӯзиши дарачаи ташакккулёбии муошировати донишчӯён дар асоси тести В.Ряховский.**



Дар гурӯҳи 303 40 донишҷӯ таҳсил мегиранд, аз онҳо як кас дараҷаи пасттарини муомилакунӣ (2,5%) дорад. Ӯ дарундор ва камгап аст, танҳогиро меҳоҳад, дӯстҳояш хеле кам. Кор ва вазъиятҳои нав ӯро тез аз мувозанати рӯҳӣ мебарорад. Ӯ чунин хусусиятҳои худро медонад ва аз ин норизо аст. Вале намедонад, ки чӣ кор кунад.

5 донишҷӯ (7,5%) дараҷаи пасти муомилакунӣ дорад. Онҳо дар дараҷаи муайян улфатпазиранд, дар шароитҳои шинос худро озодона ҳис мекунанд. Муаммоҳои нав онҳоро наметарсонад, ба ҳар ҳол бо одамони нав суст ба муомила медароянд, дар баҳсу мубоҳисаҳо дилнохоҳам иштирок мекунанд. Дар мулоҳизаҳои онҳо писхандро бештар мушоҳида кардан мумкин.

10 донишҷӯ (25%) дараҷаи аз миёна пасттар муомилакунӣ дорад. Ин донишҷӯён қобилиятҳои муомилакунӣ дорад, шавқманд ҳастанд, бо одамон ба муомила даромада метавонад. Тоқоатпазиранд, нуқтаи назари худро баён карда метавонанд, вале на дар ҳама вақт мулоҳизаҳои дигаронро дуруст баҳо медиҳанд. Дар вазиятҳои нав бо одамон ба муомила медароянд, вале эҳтиёткор ҳастанд шӯхиҳои аз ҳад зиёдро дӯст намедоранд.

17 донишҷӯ дараҷаи миёнаи қобилияти муомилакуниро доранд. Тавоноии муомилакунии онҳо дар меъёр аст. Онҳо донишдӯстанд, ҳамсӯҳбати нағзро хуб гӯш мекунанд, дар муомила тоқатпазиранд, мулоҳизаҳои худро ботамкинӣ баён карда метавонанд. Дар муомила бо одамони нав ташаббус нишон намедиҳанд. Давраҳои шӯхро дӯст намедоранд. Ҳаракатҳои ногаҳонӣ ва сергапӣ онҳоро хашмгир мекунад.

7 донишҷӯ (17,5%) дараҷаи аз миёна баланди муомилакунӣ доранд. Онҳо тез ба муомила медароянд, шавқманд, сергап, аз рӯи масъалаҳои гуногун мулоҳиза баён карданро дӯст медоранд, дар баъзе ҳолатҳо чунин хусусиятҳои онҳо атрофиёнро ба хашм меоварад. Бо одамони нав тез ба муомила медароянд, ба ҳеч кас не гуфта наметавонанд, вале на ҳама вақт аз ӯҳдаи кор баромада метавонанд. Дар баъзе ҳолатҳо тез асабӣ мешаванд ва тез худро дошта мегиранд. Ба онҳо ботаҳаммулӣ, тоқат ва дар ҳалли муаммоҳои муҳим ҷасорат намерасад.

3 донишҷӯ (7,5%) дараҷаи баланди қобилияти муомилакунӣ дорад. Қобилияти муомилакунии ин донишҷӯён хеле баланд. Онҳо ҳама вақт аз ҳама чиз бохабар ҳастанд. Онҳо дар ҳамаи баҳсу мунозираҳо фаъолнокӣ зоҳир менамоянд, гарчанде, ки дар ҳалли масъалаҳои ҷиддӣ маюс шуда мемонанд. Аз рӯи ҳаргуна масъалаҳо мулоҳизаи худро иброз менамоянд, гарчанде, ки донишҳои саҳл дошта бошанд ҳам. Дар ҳама ҷой худро озодона ҳис мекунанд. Барои иҷрои ҳамагуна корҳо даст мезананд, гарчанде, ки онҳоро на ҳама вақт ба охир мерасонанд.

Як донишҷӯ (2,5%) дараҷаи баландтарини муомилакунӣ дорад. Ӯ хеле сергап, ба ҳамаи корҳо худро мезанад, оид ба масъалаҳои ба худ номаълум низ мулоҳиза мекунад, мулоҳизаи дигарон барои ӯ аҳамият надорад. Чунин рафтори ӯ бисёре вақт ба мунокишаҳои гуногун сабаб мешавад.

Дар ҷараёни таҷрибаи давраи ибтидоӣ инчунин санҷиши дараҷаи муомилакунии донишҷӯён бо воситаи тести Т.А.Шишковес гузаронида шуд. Дар ин ҳолат донишҷӯён ба 20 саволи тест ҷавоб доданд. Барои ҷавоби мусбии даҳ саволҳои адади тоқ ва манфии даҳ саволҳои адади ҷуфт 1 холӣ баҳо дода шуд. Баъдан ҷавобҳо ҷамъбаст карда шуд. Агар донишҷӯ аз 10 хол кам гирифта бошад дараҷаи муомилакунии ӯ паст мебошад. Аз 11 – 14 хол дараҷаи муомилакунии миёна. Аз 15 ва боло бошад муомилакунии донишҷӯ баланд аст. Дар натиҷаи ҷамъбасти маълумотҳои гирифта шуда донишҷӯён ба гурӯҳҳои зерин тақсим шудаанд.

**Ҷадвали 2**

**Ба гурӯҳҳо тақсимшавии донишҷӯён тибқи натиҷаҳои тести Т.А.Шишковес**

| Гурӯҳҳо | Шумораи донишҷӯ | Дараҷаи муомилакунӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | паст | | миёна | | баланд | |
| | | миқдор | % | миқдор | % | миқдор | % |
| 101, 102 | 40 | 6 | 15,0 | 20 | 50,0 | 14 | 35,0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 201, 202 | 52 | 7 | 13,5 | 23 | 44,2 | 22 | 42,3 |
| 301, 302, 303 | 108 | 12 | 11,1 | 48 | 44,4 | 48 | 44,4 |
| 401, 402 | 44 | 4 | 9,1 | 26 | 59,1 | 14 | 31,8 |

**Расми 2.**




Чуноне, ки натиҷаҳои ҷамъбасти маълумотҳои гирифта шуда нишон медиҳад, дараҷаи муомилакунии 15 % донишҷӯён паст, 50% - миёна ва 35% баланд мебошад. Донишҷӯёне, ки дараҷаи пасти муомилакунӣ доранд, дарундор, ба муомила суст медароянд, бо одамони нав бо душворӣ муомила мекунанд ва ба шиносоиҳои нав майл надоранд. Донишҷӯёне, ки дараҷаи баланди қобилияти муомилакунӣ доранд барои онҳо муомила ин хурсандии ҳаёт аст, бо атрофиён тез ба муомила медароянд, дар бисёре корҳо ташаббус нишон медиҳанд, атрофиён ғайратнокӣ, шуҷоатнокӣ ва зиндадилии онҳоро қадршиносӣ мекунанд.

Дар давраи ибтидоӣ таҷрибаи экспериментали дигар методҳои ташхисӣ низ истифода бурда шудаанд, аз ҷумла, сӯҳбати фардӣ, мушоҳидакунӣ, анкета ва диг. Дар ҷараёни сӯҳбатҳо донишҷӯён оиди душвориҳо, муаммоҳо нобарориҳои кори худ дар муомилакунӣ бо ҳамсолон, рафиқон, ҳамсинфон, калонсолон, омӯзгорон ва волидайн маълумот доданд.

Аз мушоҳидаҳои таҳқиқотчиён ва омӯзгорон маълум гардид, ки сабабҳои асосии дараҷаи пасти муомилакунии донишҷӯён дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад: нотавонии гӯшкунӣ (шунидан), баҳодиҳии одамон аз нуқтаи назари "Ман"-и хусусӣ, қатъияти номуносиб дар муносибатҳои байниҳамдигари бо одамон, фикру мулоҳизаҳои дигаргунро қабул карда натавонистан, мувофиқ шуда нотавонистан ба муомила бо дигарон, ба шароити муайян мувофиқ шуда натавонистан ва ғ.

Дар ин давра мо ба донишҷӯён бо саволи зерин муроҷиат кардем: Оё Шумо мехоҳед, ки қобилияти муомилакунии худро ташаккул диҳед? Оё дар давраи таҳсил дар мактаби олӣ қобилияти муомилакунии худро инкишоф додан мумкин аст? Дар асоси таҳлили маълумотҳои ташхисӣ ва мушоҳидакунӣ маълум гардид, ки зиёда аз 50% донишҷӯён таъкид мекунанд, ки ташаккулдиҳии қобилиятҳои муомилакунӣ дар давраи таҳсил имконнопазир аст ва ҳатто лозим ҳам нест. Қобилиятҳои муомилакунӣ бевосита дар давраи фаъолияти амалии омӯзгорӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул меёбад. 35 % донишҷӯён аҳамияти қобилияти муомилакунӣ ва зарурияти ташаккули онҳоро дар давраи таҳсил эътироф мекунанд. Вале онҳо ба имкониятҳо худ боварӣ надоранд. Ҳолати ба вуҷуд омада оиди паст будани ваҷҳнокии худташаккулёбии касбии омӯзгорони оянда гувоҳӣ медиҳад. Бо афсӯс қайд кардан мумкин аст, ки танҳо 8% донишҷӯён зарурияти ташаккули қобилиятҳои муомилакуниро дар давраи таҳсил эътироф мекунанд.

**Расми 3.**




Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили маълумотҳои ташхис ба чунин хулоса омадем: дараҷаи ташаккули қобилиятҳои муомилакунии донишҷӯён дар дараҷаи миёна ва паст мебошад. Нисбати донишҷӯёне, ки дараҷаи оптималии ташаккули қобилиятҳои муомилакунӣ доранд, нисбат ба талаботҳои имрӯза хеле кам мебошад. Аз ин лиҳоз мо ба хулоса омадем, ки дар давраи таҳсили донишҷӯён ташаккул додани қобилиятҳои муомилакунии онҳо аҳамиятнок ва зарур аст ва ин корро ҳатман дар асоси технологияи замонавии педагогӣ ба роҳ мондан лозим аст.

**Марҳилаи ташаккулдиҳии таҷрибаи экспериментали̇** тарҳ, мундариҷа ва усулҳои фаъолияти педагог ва донишҷӯён оид ба инкишофдиҳии қобилиятҳои муомилакунии омӯзгорони ояндаро тасвир мекунад. Дар ин давра мо ҳалли чунин вазифаҳоро пешбинӣ кардем:

1) Офаридани системаи кори педагог оид ба ташаккули салоҳиятнокии муомилакунии донишҷӯён;

2) Муайян намудани мақсад, вазифа, мундариҷа, шакл, усул ва воситаҳои ташкили фаъолият, инчунин натиҷаҳои таҳқиқот;

3) Аз назар гузаронӣ ва санҷиши системаи коркарда баромада шуда.

Даставвал мо кӯшиш кардем, ки системаи корҳои методиро оид ба ташаккули салоҳиятнокии муомилакунӣ кор карда бароем. Тибқи мақсад ва вазифаҳои пешбинӣ шуда чунин системаи фаъолияти якҷояи педагог ва донишҷӯёнро кор карда баромадем:

**Ҷадвал 3.**

**Системаи корҳои ташкилию методии педагог оид ба ташаккули салоҳиятноки муомилакунии донишҷӯён**

| № | Марҳила | Мақсад | Мундарича | Шакл ва усулҳо | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ташхисӣ | Муайян намудани муаммои муомила | Ёрии амалӣ дар муайян намудани муаммои муомилакунӣ, ба вуҷуд овардани алоқамандӣ бо донишҷӯён, баҳогузории мутаносиб ба муаммо | Фардӣ, гурӯҳӣ. Анкета, тестҳо, сӯҳбат, мушоҳида | Дарканамудани муаммоҳои хусусии худ |
| 2. | Ҷустуҷӯӣ | Баррасии муаммоҳои ба вуҷудомада дар муомилакунӣ ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани онҳо/ | Ёрии амалӣ ба донишҷӯ дар интихоби роҳҳои бартараф намудани муаммоҳо ва душвориҳо. | Корҳои фардӣ, гурӯҳӣ, дар ҷуфтҳо. Сӯҳбат, машварат, бозиҳои вазъиятӣ, лексия-диалог, мубоҳиса, ҳуҷуми фикрӣ, аукциони ғояҳои педагогӣ. | Ташаккули шавку ҳаваси худинкишофёбии донишҷӯён, ҳаракатҳои мустқилона ҳал намудани муаммоҳои муоширатӣ. |
| 3. | Ташкилии якҷоя | Банақшагирии амалиётҳои омӯзгор ва донишҷӯ | Ҷалб намудани донишҷӯён ба нақшагирии роҳ ва усулҳои ҳалли муаммоҳои муошират. | Фардӣ, гурӯҳӣ, машварат, сӯҳбат, бозиҳои вазъиятӣ, лексия-диалог | Худтағйиротдиҳии нақшаҳои фаъолият |
| 4. | Ташаббус-корӣ | Ташкили фаъолияти донишҷӯ дар ҳалли муаммоҳои муошират | Ҷалб намудани донишҷӯён ба намудҳои гуногуни фаъолият дар роҳи ташаккули маҳорат ва малакаҳои муошират | Фардӣ, гурӯҳӣ, дар ҷуфтҳо, ҷомеа, соати кураторӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо, мубоҳиса, бозиҳои таълимию нақшӣ, бозӣ-таҷриба. | Худиҷрокунии донишҷӯён, ҳалли муаммоҳо |
| 5. | Рефлексия (таҳлил намудани ҳиссиёти дарунии худ) | Қайд намудани ҳалшавии муаммоҳои муошират, ворид намудани тағйиротҳо дар фаъолият | Муҳокимаи пешравиҳо дар ҳалли муаммоҳо, муваффақиятҳо ва ворид намудани тағйиротҳо ба фаъолияти ҳамкорӣ | Фардӣ, гурӯҳӣ. Худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ, худташхискунӣ, бозиҳои корӣ, семинарҳо, конфронсҳо, ҳимояи лоиҳаҳо | Даркккунӣ аз тарафи педагог ва донишҷӯён таҷриба нави ҳаётӣ ва фаъолияти муоширатӣ |

Чуноне ки дар системаи корҳо нишон дода шудааст, ҳамаи намудҳои фаъолият ба ҳамкорӣ ва дастгирии донишҷӯ дар ҳалли муаммоҳои муошират равона карда мешавад. Дар маркази муносибатҳо муносибати фардию тафриқавӣ ба ташкили фаъолияти донишҷӯ истодааст: мақсади фаъолият ба худинкишофёбӣ, ташаккули қобилият ва салоҳиятнокии муошират шахсияти ӯ ва таъмини фаъолнокии омӯзгорони оянда дар фаъолияти ҷомеаҳо равона карда шудааст.

Системаи коркардабаромадашуда кушод буда ба педагог ва донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар ҳамаи давраҳои ташкили фаъолият дар интихоби мазмун, шакл ва усулҳо онҳо озод бошанд.

Дар давраи аввали таҷрибаи педагогӣ бо ёрии методҳои гуногуни ташхисӣ муаммоҳои муомилакунии донишҷӯён муайян карда шуд ва онҳо бо истифодаи сӯҳбат, ҳуҷуми фикрӣ, мубоҳиса ва диалог ҳалли худро ёфтаанд.. Ин давраи аввали марҳилаи ташхисии системаи пешниҳодшудаи муаллифон мебошад. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои омӯзиши дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятнокии ҳар як донишҷӯ муаммоҳои муомилакунии онҳо муайян карда шуд. Муҳимаш худи донишҷӯён низ муаммоҳои шахсиро муайян карда мегиранд. Дар ин ҳолат усулҳои муҳокимаи гурӯҳии муаммоҳо ба роҳ монда шуд, ки дар он муаммоҳои як хела дар якҷоягӣ муҳокима карда шуданд. Инчунин, роҳ ва усулҳои бартараф намудани муаммоҳо кор карда баромада шуд. Вазъиятҳои бозӣ монанди “Калобачаи сеҳрнок”, «Муаммоҳои шахсии ман» ташкил карда шуд, ки онҳо ба ҳалли муаммоҳои донишҷӯён дар муҳокимаи гурӯҳ имкон дод.

Марҳилаи навбатии таҷрибаи эксперименталӣ ҷустуҷӯи буд, ки дар ин давра ба донишҷӯён дар ҳалли муаммоҳои муомилакунӣ ёрии амалӣ расонида шуд.

Мақсади фаъолият дар ин давра чунин муайян карда шуда буд:

- муҳокимаи якҷояи сабабҳои пайдошавии муаммоҳои муомилакунӣ ва муайян намудани роҳ ва усулҳои бартараф намудани муаммоҳои муомилакунӣ;
- даъватнамудани донишҷӯён ба ҳалли мустақилонаи муаммоҳои муомилакунӣ.

Усули асосии ин марҳила интихоби озоди намудҳои фаъолият дар муҳокимаи муаммоҳои муомилакунӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯён – ҳамкурсон. Ҳар як донишҷӯ бо ба ҳисобгирии муаммоҳои муомилакунии худ рӯйхати чорабиниҳоро, ки барои иштирок пешбинӣ шудааст, мегиранд. Барои ин “Соати банақшагирии барҳам намудани муаммоҳои муомилакунӣ” ташкил карда шуд, ки ин бо маслиҳат дарёфт намудани роҳи оптималии ҳалли муаммоҳо имкон дод.

Марҳилаи навбатӣ (як ҷоя ташкилкунии фаъолият) ба нақшагирии системаи ҳаракатҳои омӯзгор ва донишҷӯ дар роҳи барҳам намудани муаммоҳо. Дар ин давра донишҷӯён барои банақшагирӣ ва иҷро намудани ҳаракатҳои амалии худ дар ҳалли муаммоҳои муошират ҷалб карда мешаванд.

Усули, ки дар ин давра истифода бурда шуд – “Ояндаи бе муаммои ман” буд. Ба иштирокчиён таклиф карда мешавад, ки дар саҳифаи алоҳида муаммоҳои муҳимтарини худро нависанд. Баъдан савол гузошта мешавад: “Чӣ тавр муамморо ҳал кард?” Иштирокчиён таклифҳои худро баён мекунанд. Бо чунин тарз ҳамаи муаммоҳо муҳокима карда мешавад. Методи мазкур ташкили фаъолияти якҷояи омӯзгор ва донишҷӯро таъмин менамояд, инчунин ташаббускории ҳар як донишҷӯро дар интихоби озоди роҳ ва усулҳои ҳалли муаммоҳо ташаккул медиҳад.

Мундариҷаи давраи ташаббускорӣ ба ҳалли бевоситаи муаммоҳо равона карда шудааст. Барои ташаккули салоҳиятнокии муошират онҳо ба намудҳои гуногуни фаъолият ҷалб карда мешаванд. Мундариҷаи ин давра ба ташаккули эҳтиёҷоти банақшагирии камолоти ояндаи касбӣ, такмилдиҳии дараҷаи муошироти касбӣ ва мукаммалкунии маҳорат ва малакаҳои муомилакунӣ равона карда шудааст. Дар ин давра аз роҳ ва усулҳои зерини ташаккули маҳорат ва малакаҳои муошират истифода бурда мешавад: тавоноии сӯҳбаткунӣ, мусоҳиба, сӯҳбати корӣ, мубоҳиса, баҳс, мунозира, диалог, мизи мудаввар, машварати корӣ, бозии корӣ, гуфтугӯи, инчунин малакаҳои ташкили муомилаи корӣ, исботкунӣ ва асосноккунӣ, исботкунӣ ва боваркунонӣ, танқидкунӣ ва радкунӣ, дарёфт намудани роҳи дурусти ҳалли муаммо ва ба муросо омадан, баҳо дода тавонистан ва таклифи дархостҳо баён карда тавонистан ва ғ. Ба ташаккули қобилиятҳои нутқии донишҷӯён диққати хоса дода шуд, ки ин хеле муҳим аст.

Ин давра бо ёрии чунин шаклҳои ташкили фаъолият амалӣ гардониданида шуд, ки онҳо ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои муомилакунии корӣ, пешвоии шахсӣ, қобилиятҳои қарор қабулкунӣ, маҳорати асосноккунии нуқтаи назари худ имкон дод.

Донишҷӯён дар ташкил ва гузаронидани “Савдои ғояҳои педагогӣ” ва “Баҳси педагогӣ” бо маводҳои назариявии худ оид ба муаммоҳои муошират дар манбаъҳои илмии психологию педагогӣ фаъолона иштирок намуданд. Онҳо таҷрибаи пешқадами омӯзгоронро омӯхтанд, дар баҳсу мубоҳисаҳои касбӣ иштирок намуданд, маводҳои дидактикӣ омода намуданд. Дар ҷараёни муҳокима донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд. Фикру дархостҳои худро баён карданд. Таассуротҳои худро бо ҳам диданд. Саволҳои бисёр доданд. Ба онҳо посуххо ҷустанд ва баён намуданд. Бо далелу исботҳои худ баромад карданд. Барои таъмини самаранокии фаъолияти донишҷӯён дар давраи ташаббускорӣ мо дастури мухтасар кор карда баромадем:

- вазифаҳои роҳбари синф;
- ташкили корҳои тафриқавӣ ва фардӣ бо хонандагон;
- таҳлил ва худтаҳлилкунии дарс ва чорабиниҳои таълимию тарбиявии берунazсинфӣ;
- ҳамкорӣ бо волидайни хонандагон;
- тавсияҳои методӣ оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ дар синф ва берун аз синф;
- тавсияҳои методӣ “Қоидаҳои муошироти педагогӣ”.

Дар раванди ташкили фаъолияти донишҷӯён бо мақсади ташаккули салоҳиятнокии муошират онҳо мо ба чунин хулоса омадем, ки донишҷӯён эҳсоси ҳисси муваффақият ниёз доранд. Ин ҳолати рӯҳӣ ба омӯзгорони ҷавон имконият медиҳад, ки онҳо худро аҳамиятнок, обруманд ва чун одами даркорӣ дар фаъолияти касби омӯзгорӣ ҳис кунанд. Барои ҳамин мо дар ин давраи таҷрибаи эксперименталӣ ба метод ва шаклҳои зерини иннаватсионии фаъолият эътибори алоҳида додем: бозии кории рефлексивӣ “Муомилаи вазъиятӣ”, бозӣ-таҷриба “Мо чӣ гуна коллектив ҳастем?”, мубоҳиса “Сӯҳбати форам”, “Муомилаи бемуноқишаро чӣ тавр ба роҳ монд?”. Инчунин машқҳои нақшиҷрокунӣ ва вазъиятӣ, монанди “Омӯзгор - синф”, “Омӯзгор – волидайни хонандагон”, “Омӯзгор – омӯзгор” ташкил ва гузаронида шуд, ки онҳо ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои муошират донишҷӯён равона карда шуда буд.

Маҷмӯи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ самаронокии истифодабарии бозиҳои таълимӣ-нақшиҷрокунӣ ва кориро тасдиқ кард. Дар ҷараёни ташкили чунин намуди корҳо донишҷӯён худро чун омӯзгори ҳақиқӣ тасаввур мекунанд, ҳолатҳои эҳсосии омӯзгорро аз сар мегузаронанд, дар вазъиятҳои гуногун рол ва усулҳои ҳалли муаммоҳои бавуҷудомадаро дарёфт мекунанд, бо як сухан гуем худро дар фаъолияти амалӣ месанҷанд. Фаъолияти ҳамкории омӯзгори мактаби олӣ бо донишҷӯён дар ҷараёни муҳокимаи муаммоҳои касбӣ ташаккули дараҷаи баланди ваҷҳнокиро таъмин менамояд, донишҷӯён ёрии амалӣ мегиранд.

Дар ин давра аз усулҳои фаъолгардонии қобилиятҳои ақлӣ, шахсӣ ва касбии донишҷӯён васеъ истифода бурда шуд. Донишҷӯён дар ташкил ва гузаронидани озмунҳои эҷодӣ “Озмуни маҳорати педагогӣ”, саволу ҷавобҳо, машғулияти маҳфилҳои гуногун фаъолона иштирок намуданд.

Давраи ташаббускорӣ марҳилаи ҳалкунандаи таҷрибаи эксперименталӣ буд, ки омӯзиши натиҷаи ин давра оид ба самаранокии кори гузаронида шуда маълумот медиҳад.

Дар давраи хотимавӣ мо аз методҳои худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии ҳамкурсон оид ба дараҷаи ташаккулёбии маҳорат ва малакаҳои муошират истифода бурдем.

Ба донишҷӯён варақаҳои “Муаммоҳои шахсии ман”, ки онҳо дар давраи ташхисии таҷрибаи эксперименталӣ пур карда буданд дода шуд. Ба донишҷӯён супориш дода шуд, ки онҳо бояд натиҷаи ҳалкарда тавонистани муаммоҳои муайян карда шударо қайд намоянд. Агар ҳал шуда бошад аломати “+” ва ҳал нашуда бошад “-“ гузоранд ва бо ҳамин ба худашон баҳо диҳанд. Бадан донишҷӯён давра гирифта нишастанд ва бо навбат ба масъалаи ҳалшавии муаммоҳои рафиқонашон баҳо доданд. Ба ҳар як кас ҳама баҳо доданд. Вақте, ки варақа ба соҳибаш бар мегардад, ӯ баҳои худро бо баҳоҳои рафиқонаш муқоиса мекунад. Одатан дар ин давра омӯзгор низ иштирок мекунад, агар ду ва аз ин зиёд устодон иштирок кунанд боз ҳам беҳтар мешавад. Хуб мешавад, ки донишҷӯён ва омӯзгорон дархост, таклиф, маслиҳат ва баҳоҳои хаттии худро оид ба масъалаҳои ҳалли муаммоҳо баён намоянд.

Дар натиҷаи таҳлили баҳои худ, ҳамкурсон ва устодон донишҷӯён дар бораи дараҷаи муомилакунии худ тасаввури пурра ва ҳаматарафа мегиранд, ки ин барои такмили ояндаи чунин қобилиятҳо асос шуда хизмат мекунад.

Дар давраи хотимавии таҷрибаи эксперименталӣ мо ташхиси такрорӣ гузаронидем, ки ин оид ба тағйиротҳои ба вуҷудомада дар натиҷаи корҳои гузаронида шуда маълумот дод. Бо ин мақсад мо аз тести Т.А.Шишвовес истифода бурдем. Натиҷаҳои гирифта шударо ба ҷадвал ворид кардем. Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки дараҷаи пасти муомилакунӣ мушоҳида карда намешавад, аз ҳисоби зиёд шудани миқдори донишҷӯёни дараҷаи баланди муомилакунӣ доранд миқдори толибилмоне, ки дараҷаи миёнаи муомилакунӣ нишон дода будаанд ба 14% кам шудаанд.

Натиҷаи гирифта шуда дар ҷадвали 4 ифода карда шудааст:

**Ҷадвали 4.**

**Ҷадвали натиҷаҳои хотимавии таҷрибаи эксперименталӣ**

| Дараҷа | Марҳилаи муайянкунӣ (%) | Марҳилаи хотимавӣ (%) |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| Паст | 15 | 0 |
| Миёна | 50 | 36 |
| Баланд | 35 | 64 |

**Расми 4.**
**Ифодаи тасвирии натиҷаи хотимавии таҷрибаи экспериментал̄ӣ**




Дар асоси таҳлии натиҷаҳои гирифта шуда самаранокии метод, шакл ва усулҳои ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёнро таъкид кардан мумкин аст. Тағйиротҳои, ки дар нишондиҳандагони дараҷаи салоҳиятнокии донишҷӯён зоҳир гаштанд гувоҳӣ медиҳад, ки донишҳои толибилмон оид ба афзалияти муошират касбӣ, дараҷаи ташаккулёбии маҳорат ва малакаҳои ҳамкории салоҳиятноки зиёд шудаанд ва ба онҳо баҳои мусбӣ додан мумкин аст. Донишҷӯёне, ки дар таҷрибаи экспериментал̄ӣ иштирок карданд қобилиятҳои идоракунии мақсадноки рафтор ва кирдори худро нишон доданд, дар вазъиятҳои муноқишавӣ худдорӣ карда тавонистанд.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти худ аз рӯи муаммои ташаккули салоҳиятнокии муошироти омӯзгорони оянда мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1.Салоҳиятнокии муошират маҷмуи қобилияти шунидан ва ба ҳисоб гирифтани нигоҳи дигар одамон, мубоҳиса кардан ва ҳимоя кардани андешаҳои худ, баромад кардан дар назди омма, қарор қабул кардан, гуногунфикрӣ ва муноқишаҳоро дуруст бартараф кардан, бо ҳаргуна одамон муомила карда тавонистан, гуфтугузор кардан, ҳамкорӣ кардан ва дар гурӯҳ кор кардан мебошад.

2.Салоҳиятнокии муошират – сатҳи маҳорат ва малакаҳои муомилакунии омӯзгор аст, ки дараҷаи мутобиқати онро ба салоҳияти муомилакунии педагогӣ ифода мекунад ва барои дарёфти роҳи дурусти ҳалли муаммоҳо дар вазъиятҳои тағйирёбандаи педагогӣ имкон медиҳад.

3.Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот самаранокии системаи усул ва воситаҳои, ки дар раванди таҳқиқот кор карда баромада шуда буд ва дар амал аз санҷиш гузаронида шуд тасдиқ карданд. Муқоисаи натиҷаҳои давраҳои гуногуни таҷрибаи экспериментал̄ӣ дараҷаи баландшавии салоҳитнокии донишҷӯёне, ки дар корҳои таҷрибавӣ иштирок карда буданд нишон дод. Боиси таъкид аст, ки тамоюли тағйирёбиҳо характери мусбӣ доранд.

4.Хулосаи умумӣ чунин аст - раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии муошироти донишҷӯён дар ҳолатҳои зерин самаранок мегардад:

- кор карда баромадани моҳият ва сохтори салоҳиятнокии муошират;
- кор карда баромадани асосҳои илмии системаи мундариҷа, моҳият, метод ва воситаҳои ташаккули салоҳиятнокии муошират;

- кор карда баромадани системаи методҳои ташхисӣ.

**АДАБИЁТ:**


1. Рахмон Эмомалӣ. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. 19.03.2015. Душанбе. – 2015.
2. Андреева Г.М. Социальная психология: учебник / Г.М. Андреева. - М.: 2001. 384 с.
3. Гиппенрейтер Ю.Б. Общаться с ребенком. Как? — М.: ЧеРо, 2003. – 104 с.
4. Головко, Е. А. Технология формирования коммуникативной компетентности молодых специалистов вуза на этапе адаптации к педагогической деятельности [Текст] : автореф. дис. ... канд. пед. наук : 13.00.08 / Е. А. Головко. - Ставрополь, 2004. - 20 с.
5. Зимняя, И. А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании [Текст] / И. А. Зимняя. - М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. - 40 с.
6. Луценко, Л. И. Компетентностная модель повышения квалификации директора школы [Текст] / Л. И. Луценко // Педагогика. - 2005.- № 3. - С. 61.
7. Маркова, А. К. Психологические критерии и ступени профессионализма учителя [Текст] / А. К. Маркова // Педагогика. - 1995. - № 36. - С. 55 - 63.
8. Оганесян Н.Т. Методы активного социально-психологического обучения: тренинги, дискуссии, игры. — М.: 2002.- 176 с.
9. Педагогика: учебное пособие /под ред. П.И. Пидкасистого, - М.: Высшее образование, 2007. – 608 с.
10. Проблемы фундаментализации и универсализации образования на основе развития инновационной деятельности: Материалы научно-практической конференции /Под ред. С.Л. Коротковой, Н.В. Горновой, С.В. Фроловой. – Саратов, 2004. – 189с.
11. Психогимнастика в тренинге / Под ред. Н.Ю. Хрящевой, — СПб.: Речь, 2002. – 256 с.
12. Е.И.Рогов. Психология группы. – М.: Владос, 2005. – 430 с. - (Серия «Азбука психологии»).
13. Селевко, Г. К. Компетентности и их классификация [Текст] / Г. К. Селевко // Народное образование. - 2004.- № 4 (№ 1337). - С. 138-142.
14. Шаропов Ш.А. Муошират, таъсири мутақобила ва танзими муносибати инсон. Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 240 с.


***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, салоҳиятмандӣ, салоҳияти касбӣ, салоҳияти коммуникативӣ, ташхиси сатҳи ташаккул, муносибати ба салоҳият асосёфта, қобилият, ҷузъҳои сохтории салоҳиятнокии коммуникативӣ.*

## ОПЫТНО-ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНАЯ РАБОТА ПО ВЫЯВЛЕНИЮ ЭФФЕКТИВНОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ОСНОВ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

Статья посвящена актуальной проблеме-разработке методов выявления уровня сформированности основ коммуникативной компетенции студентов в процессе обучения в высшей педагогической школе. Обоснована необходимость изменения парадигмы обучения на парадигму организации деятельности. Определены наиболее значительные профессиональные компетенции: ключевые, базовые и специальные, которыми должен овладеть студент высшей школы. Кратко описана структурные компоненты коммуникативной компетентности учителей начальных классов.В статье представлены материалы исследования по выявлению уровня понимания студентами сущности понятий компетенция и компетентность. Определены уровни сформированности отдельных компетентностей студентов выпускного курса, на примере компетентности планирования предстоящей совместной деятельности с учащимися. Представлена система практических заданий способствующих выявлению уровня проявления искомого показателя.Обоснованы некоторые технологические особенности формирования коммуникативной компетенции учителя начальных классов на основе проведения процедур диагностического характера. Представлены практические рекомендации по совершенствованию процесса диагностики и формирования основ коммуникативной компетентности будущих учителей.

***Ключевые слова:*** *компетенция, компетентность, профессиональная компетентность, коммуникативная компетентность, диагностика уровня сформированности, компетентностный подход, способность, структурные компоненты коммуникативной компетентности.*

## EXPERIMENTAL WORK TO IDENTIFY THE EFFECTIVENESS OF THE FORMATION OF COMMUNICATIVE COMPETENCE OF FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHERS

The article is devoted to the current problem of developing methods for diagnosing the level of formation of the foundations of professional competence in future primary school teachers in the process of

studying at a higher educational institution. The necessity of changing the teaching paradigm to the teaching paradigm is substantiated.

The most significant professional competencies have been identified: key, basic and special, which a future primary school teacher must master. The structure of the professional competence of the future primary school teacher is briefly described.The article presents research materials to identify the level of students' understanding of the essence of the concepts of competence and competence. The levels of formation of individual competencies of graduate students have been determined, using the example of the competence of planning future joint activities with students. A system of practical tasks is presented that helps to identify the level of manifestation of the desired indicator.Some technological features of the formation of the professional competence of a primary school teacher are substantiated on the basis of diagnostic procedures.Practical recommendations for improving the process of diagnostics and the formation of professional competence of future teachers are presented.Key words: competence, competention, professional competence, communicative competence, diagnostics of the level of formation, competence-based approach, ability, structural components of communicative competence.

***Маълумот дар бораи муаллифон*: *Аҳлиллоев Турдимурод Аҳлиллоевич*** - дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; тел.: (+992)926184732; E-mail:tmurod53@mail.ru

***Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич*** - сармуаллими ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров; тел.: (+992)929820882; E-mail: smamadjonov82@mail.ru

***Сведения об авторах: Ахлиллоев Турдимурод Ахлиллоевич*** - доцент Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова; тел .: (+992) 926184732; Электронная почта: tmurod53@mail.ru

***Мамаджонов Самеъджон Хабибуллоевич*** - старший преподаватель ХГУ им. Б. Гафурова; тел .: (+992) 929820882; E-mail: smamadjonov82@mail.ru

***Information about the authors: Akhlilloev Turdimurod Akhlilloevich*** - Associate Professor of the Khujand State University by named Bobojon Gafurov; tel.: (+992) 926184732; Email: tmurod53@mail.ru

***Mamadzhonov Samedzhon Khabibulloevich*** - senior lecturer at Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov; tel.: (+992) 929820882; E-mail: smamadjonov82@mail.ru

**К.ОДИНАЕВ**

## ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДОНИШГОҲҲО ВА ШАРОИТИ МАҶМӮӢ

Барои ташкилу роҳандозии таълими забонҳои хориҷӣ имрӯзҳо таъмини шароити маҷмӯӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Низоми педагогӣ танҳо дар сурати иҷрои шароити муайян метавонад муваффақона фаъолият ва рушд кунад. Хусусияти хоси мафҳуми «шароити педагогӣ» аз он иборат аст, ки он тамоми ҷузъҳои раванди таълим ва тарбияро дар бар мегирад: ҳадаф, мундариҷа, усул, шакл, воситаҳо ва ғайра. Айни замон, муваффақияти ташаккули салоҳиятҳо ва сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми донишҷӯро он шароити педагогие муайян мекунад, ки метавонанд самаранокии раванди ташаккули онҳоро таъмин кунанд. Бо шартҳо, мо шароит ва омилҳои ба ягон раванди воқеият таъсирбахшро дар назар дорем. Бидуни худ ва ҳамчун худ ба сифати сабабҳои рӯйдодҳо амал кардан, шароити омӯзгорӣ таъсири сабабро афзоиш медиҳад ё суст мекунад. Аз ин нуқтаи назар, шартҳо - омилҳо, ҳолатҳо ва маҷмӯи тадбирҳо мебошанд, ки дараҷаи самарабахши фаъолияти низоми педагогӣ ба онҳо вобаста аст.

Таълими забони англисӣ дар қабати дигар забонҳои хориҷӣ дигар хусусиятҳои хосси худро дорад. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанов менигорад: “Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои анъанавии таълим ва ҳам аз тарзу усли нави таълим, ки мақсад дар ҳарду самт маҳз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои коммуникатсионии забони хориҷӣ равона карда мешаванд, ҳамҷоя истифода бурда мешавад» [16,с.242].

Шартҳои педагогии таълими интерактивии забони хориҷӣ маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқамандро барои татбиқи фаъолияти якҷояи таълимии омӯзгор ва донишҷӯён ифода мекунанд, ки барои ташаккули самараноки салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ дар донишҷӯён, инчунин инкишофи сифатҳое, ки барои донишҷӯён ҷиҳати ба даст овардани муваффақият дар фаъолияти касбӣ муҳиманд. Шакли таълими интерактивӣ ифодаи берунии фаъолияти якҷояи муаллим ва донишҷӯён, ҷанбаи ташкилии он мебошад.

Ҳангоми асоснок кардани маҷмӯи шароит ва шаклҳои таълими интерактивӣ, мо на танҳо аз таҳлили ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои назариявӣ, ки заминаи тағйир додани таҷрибаи таълимиро дар донишгоҳ муқаррар кардаанд, балки аз таҳлили таҷрибаи таълими забони хориҷӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлобба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин натиҷаҳои пурсишномаи устодон ва донишҷӯён дида баромадем. Тағйир додани ҷойгоҳи салоҳияти забонҳои хориҷӣ дар тайёрии касбии мутахассиси муосир дар самти техникӣ. Ин муқаррароти ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз ҷониби корфармоён ва шароити бозор вобаста аст. Агар қаблан, ҳангоми тайёр кардани муҳандис, салоҳияти забони хориҷӣ ба қадри кофӣ дарк карда мешуд, асосан танҳо тарҷума ва хондани матнҳо, имрӯз, дар шароити муосири кушод ва ҳамкории байналмилалӣ, ҳаракатҳои академӣ ва касбӣ, зарурати васеъ кардани фаҳмиш пайдо мешавад. салоҳияти забони хориҷӣ зуҳур мекунад.

Айни ҳол, он қобилияти муошırати касбӣ ва иҷтимоӣ, қобилияти муколама дар мавзӯъҳои умумӣ ва илмӣ, маърӯзаҳо ва презентатсияҳо, инчунин иртиботи хаттии дорои хусусияти касбӣ ва шахсиро дар бар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки салоҳияти забони хориҷӣ ҷузъи зарурии муоширати касбӣ ва шахсӣ мегардад ва аз ин рӯ усули интерактивии ташаккулро талаб мекунад. Тағйир додани мундариҷа ва моҳияти салоҳияти забонҳои хориҷӣ дар самти таҳкими тамоюли иҷтимоии он зарур шуморида мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанов зимни тавсифу баррасии масъалаҳои вобаста ба технологияҳои муосири таълими забони англисӣ чунин 4 гурӯҳи асосии технологияи таълимро ҷудо намудааст: «1.Востаҳои техникӣ ва ғайритехникии таълим; 2.Ҳамкорӣ байни донишомӯз ва омӯзгор; 3.Шаклҳои ташкили кор, ба вижа, кори инфиродӣ, дунафара, гурӯҳи; 4.Интихоби дурусти иттилоот барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи донишомӯзон» [16,с.27-31].

Ҷузъи муҳимми тағйир додани мундариҷа ва моҳияти салоҳияти забони хориҷӣ самти иҷтимоии он мебошад. Он имконоти коммуникатсионии мутахассисро дар назар дорад, ки донистани забони хориҷӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, хонагӣ, тиҷорат ва илмӣ-техникиро дар назар дорад.

Ҳамин тавр, мундариҷаи салоҳияти забони хориҷӣ на танҳо донистани ҷанбаҳои грамматикӣ ва луғавии забон ва қобилияти дуруст, оқилона ва возеҳ баён кардани фикрҳои худ, сохтани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, балки қобилияти таҳлили аҳамияти иҷтимоӣ низ мебошад. Мушкилот, пайдо кардани иттилооти зарурӣ, ба муносибатҳои фаъоли иҷтимоӣ ва касбӣ ворид мешаванд. Набудани салоҳияти забони хориҷӣ метавонад ба камтар шудани доираи тамосҳои мутахассис, танг шудани доираи робитаҳои иҷтимоии ӯ оварда расонад, ки маънои онро дорад - ба маҳдудшавии соҳаи шахсӣ ва аз байн рафтани малакаҳои касбӣ. Тағйир додани ҷойгоҳ ва мундариҷаи салоҳияти забонҳои хориҷӣ боиси истифодаи шаклҳо ва усули ғайрианъанавӣ, фаъол (интерактивӣ) ташкили раванди таълим дар донишгоҳ мегардад. Онҳо ҳамкории наздики ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти таълимӣ, мавқеи мавзӯии донишҷӯён, фаъолияти баланд ва ҳавасмандии онҳоро барои омӯхтани забони хориҷӣ дар назар доранд.

Тақвияти нақши усул ва шаклҳои фаъол (интерактивӣ) ва захираҳои таълимии онҳо дар азхудкунии забони хориҷӣ. Имрӯзҳо шаклҳо ва усули фаъол (интерактивии) таълим дар ҳама марҳилаҳои таълим бештар талабот пайдо мекунанд. Ин дар он зоҳир иешавад,ки ҳамкории муаллим ва донишҷӯ дар мактабҳои олии муосир ғайри дидактикӣ мешавад: на танҳо муаллим метавонад ба донишҷӯ таълим диҳад, балки донишҷӯ низ метавонад ба муаллим чизе омӯзонад. Аз ин рӯ, усули тарҷумонӣ бо мавқеи ғайрифаъоли донишҷӯ ва фаъолияти репродуктивии онҳо на танҳо кӯҳна мешаванд, балки бо муносибат ва ангезаҳои нави донишҷӯёне, ки на танҳо ба худи дониш, балки ба тарзи ба даст овардани он манфиатдоранд, зиддият мекунанд. Ба ибораи дигар, таҷрибаи таълимии донишҷӯ на танҳо бо дониши нав, балки бо усулҳои ба даст овардани он низ ғанӣ мегардад. Ғайр аз он, дар ҷомеаи демократии мо муҳассилин ба ҳамкории зичтари демократӣ бо муаллим меафзоянд, ки ин ҳам дар ҷустуҷӯй шаклҳои нави кори синфӣ ва беруназсинфӣ оғоз менамояд.

Омӯзиши муносибати устодон ва донишҷӯён ба усул ва шаклҳои фаъол (интерактивӣ)-и таълим. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, маълум гардид, ки усул ва воситаҳои таълими интерактивӣ дар амалия хеле душвор ва бо ҷузҳои гуногун ҷорӣ карда мешаванд.

Фикрҳои устодон дар бораи самаранокӣ ва натиҷамандии усули фаъол (интерактиви)-и таълим карда шуданд. Баъзе муаллимон чунин мешуморанд, ки шаклҳо ва усулҳои интерактивии таълим ба самаранокии азхудкунии салоҳияти коммуникатсионии забони хориҷӣ таъсири мусбат мерасонанд ("натиҷаи таълими интерактивӣ азхудкунии бошуурона, пурмазмуни мундариҷаи мавзӯъ мебошад"). Қисми дигари омӯзгорон ин усулро нокифоя ва бесамар меҳисобанд ва онҳоро бозӣ, фароғат, ки бевосита бо ҳалли масъалаҳои таълими касбӣ алоқаманд нестанд, меноманд. Ҳамзамон, мо қайд менамоем, ки аксарияти мутлақи донишҷӯён муносибати мусбатро нисбати истифодаи усули фаъоли (интерактивӣ) таълим дар синфҳо баён мекунанд. 98% донишҷӯёни пурсидашуда посух доданд, ки ба онҳо маъқул аст "ҳангоми ҳамкорӣ бо муаллим ва дигар донишҷӯён таҳлил, мулоҳиза рондан ва кӯшиш кардани мушкилотро якҷоя ҳал кардан".

Таҳлили таҷрибаи инноватсионии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ яке аз донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар аст ва робитаҳои мустаҳками байналмилалӣ дорад. Аз ин рӯ, донишгоҳ ба татбиқи фаъоли шаклҳо ва усули муосири инноватсионии таълим, аз ҷумла забони хориҷӣ (англисӣ) манфиатдор аст. Масалан, дар таҷрибаи таълими забони хориҷӣ шаклҳои зерини интерактивӣ ва усули таълим истифода мешаванд: таълими мустақил, таълими лоиҳаӣ, усули қазия, таълими электронӣ. Ин шаклҳо аз озмоиши замон гузашта, самаранокии худро на танҳо дар ташаккули салоҳиятҳои фаннии забони хориҷӣ, балки аз ҷиҳати рушди маърифатӣ, иҷтимоӣ ва коммуникатсионии донишҷӯён низ тасдиқ карданд. Бо назардошти муқаррароти қайдшуда, инчунин таҳлили амалияи омӯзишии таълими забони хориҷӣ дар ДДК ба номи А.Рӯдакӣ маҷмӯи зерини шароити омӯзгориро барои таълими интерактивии забони англисӣ дар донишгоҳ муҳим мешуморад.

**Шарти аввал.** Фаъолсозии фаъолияти таълимӣ ва касбии донишҷӯён дар раванди таълимии донишгоҳ бо сабаби ҳавасмандии мусбии донишҷӯён ба фаъолияти касбии забонҳои хориҷӣ, ки дар намудҳои гуногуни фаъолият амалӣ карда мешаванд, ба монанди: истеҳсолӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ, илмӣ таҳқиқотӣ ва тарроҳӣ.

Барои амалисозии фаъолияти касбии оянда ба донишҷӯён лозим аст, ки салоҳиятҳои касбии дар солҳои аввали таҳсил ташаккулёфтаро азхуд кунанд ва ба азбар намудани дониши ибтидоии забони хориҷӣ (англисӣ) ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ таъсири калон расонанд. Маҳз дар ду соли аввал фанни "Забони хориҷӣ" ба раванди таълим ворид карда мешавад. Сарфи назар аз он, ки забони хориҷӣ фанни асосӣ нест, балки фанни таҳсилоти умумӣ мебошад, донишҷӯ бояд салоҳиятҳои забони хориҷиро ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи салоҳиятҳои касбӣ барои муваффақона амалӣ намудани фаъолияти касбии оянда азхуд кунад: қобилияти хондан ва фаҳмидани матнҳои гуногун бо забони хориҷӣ, озодона андешаи худро баён кунад, ба муколама ва полилог ворид шавад, дар бораи қарорҳои худ баҳс кунад, бо назардошти стандартҳои тарроҳии дар кишвари забони ҳадаф қабулшуда матнҳо дар жанрҳои гуногун эҷод кунад, стратегияҳои асосии кор бо матнҳои аслии дорои табиати мухталиф, ки дар барнома пешбинӣ шудаанд, малакаҳои зарурии ҷуброниро дар раванди гуфтор ва навиштан ба забони хориҷӣ истифода мебаранд, дар нишонгузорҳои иҷтимоию фарҳангии муҳити забони худ ва хориҷӣ [10].

Ҳамин тариқ, ҳангоми азхуд кардани ин салоҳиятҳо, донишҷӯй мутахассиси ҷавон имкон пайдо мекунад, ки аз адабиёти хориҷӣ озодона истифода барад (яъне онро хонад, фаҳмад ва тарҷума кунад), бо дастурамалҳои таҷҳизоти гуногуни моддию техникӣ шинос шавад, бо мутахассисони хориҷӣ муошират кунад ва таҷриба иваз кунад, мақолаҳои илмӣ бо забони хориҷӣ барои маҷаллаҳои касбӣ ва илмӣ нависад. Аммо, як донишҷӯй навтаълими омӯзиши забони хориҷӣ то ҳол хусусиятҳои фаъолияти касбииояндаро суст дарк мекунад, аз ин рӯ, иҷрои ин шарт пешбинӣ мекунад: робитаи маводи омӯхташуда бо фаъолияти амалии оянда; мувофиқати мундариҷаи таълим ба самтҳои асосии рушди илм ва техника; қобилияти қонеъ кардани манфиатҳои маърифатии донишҷӯён; равона кардани раванди таълим ба рушди мустақилияти донишҷӯён ва масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти онҳо; дохил кардани ангезаи беруна ва дохилии фаъолият; инъикоси таълим, дарки бошуурона ва интиқодии амалҳои тарбиявӣ, ангезаҳо, сифат ва натиҷаҳои онҳо аз ҷониби муаллим ва донишҷӯён.

Шарти дуюм. Тағйир додани мавқеи омӯзгор аз роҳбар ба вазифаи дугонаи ташкилотчи-иштирокчии чорабиниҳои якҷояи таълимӣ бо донишҷӯён. Аз як тараф, фаъол сохтани фаъолияти таълимии касбии донишҷӯён дар раванди таълим тағйир додани нақш ва мавқеи муаллимро талаб мекунад. Аз тарафи дигар, дар ҳуҷҷатҳо, масалан, дар матни "Амсилаи муосири таҳсилот, ки ба ҳалли масъалаҳои рушди инноватсионӣ» нигаронида шудааст, зарурати тағйир додани технологияҳои таълимӣ ва нақши муаллим, ташаккули омодагӣ ва қобилияти ӯ ҳамчун мушовир, ташкилотчии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро таъкид мекунад. Дар таълими анъанавӣ нақши муаллим аз ташкили робитаи тарафҳои фаъол ва ғайрифаъол иборат аст, дар ин ҷо муаллим мекӯшад, ки донишҷӯёнро бо маҷмӯи стандартии дониши омода пур кунад ва аксар вақт аз маъмултарин фаҳмондадиҳӣ ва тасвирӣ истифода барад усуле, ки танҳо аз ёд ва дубораи донишро талаб мекунад. Дар амсилаи авторитарии ташкили фаъолияти муштарак (Г.Н.Прозументова [5]) омӯзгор дар мавқеи роҳбар ва донишҷӯён - дар мавқеи иҷрокунандаи талабот ва меъёрҳои ӯ қарор доранд. Таълими интерактивӣ нақши муаллим ва ҷойгоҳи ӯро дар раванди таълим ба таври назаррас тағйир медиҳад. Рақами омӯзгор марказӣ ва азим хоҳад буд: вай танзимгари раванд мешавад, ташкили умумии онро таъмин мекунад, вазифаҳои заруриро ба нақша мегирад, саволҳо ва мавзӯъҳоро барои муҳокимаи оянда дар гурӯҳҳо таҳия менамояд, машваратҳо мегузаронад, инчунин вақт ва тартиботро назорат мекунад (аз нақшаи пешбинишуда). Дар ин ҳолат, амсилаи роҳбарӣ ё шарики фаъолияти муштарак дар синф ташкил карда мешавад. Омӯзгор, ки дар мавқеи ташкилотчӣ-иштирокчии фаъолияти муштарак қарор дорад, ҳатман бо ташаббусҳои таълимии донишҷӯён (хоҳишҳо, манфиатҳо, дархостҳо, интизориҳои онҳо) кор мебарад, ба рушди ин ташаббусҳо дар амалҳои мустақили тарбиявӣ кӯмак мекунад, инъикоси фаъолиятҳо. Истифодаи шаклҳои интерактивӣ ва усули таълим дар раванди таълим дар донишгоҳ инҳоро дар бар мегирад: услуби демократии рафтори муаллимон ва донишҷӯён, ки ба муносибатҳои боэътимод ва мусбат асос ёфтааст; татбиқи амсилаи роҳбарӣ ва шарикии ҳамкории муаллим ва донишҷӯён; истифодаи фаъолонаи тасвирҳо, мисолҳо ва омилҳои равшан ва такя ба дониш ва таҷрибаи шахсии донишҷӯён; гуногунии шаклу усули пешниҳоди иттилоот, шаклҳои фаъолияти донишҷӯён, ҳаракатнокии онҳо; муоширати гуногунҷабҳа бо забони хориҷӣ, ки ҳадафи он қабул ва тавлиди иттилооти саҳеҳест, ки барои ҳамаи иштирокчиён яксон ҷолиб аст; такя ба мундариҷаи таҳсилоти сатҳи қаблии таълим - мактаб, коллеҷ, литсей. Донишҷӯён дар посухҳои худ ба саволҳои пурсиш қайд мекунанд, ки таваҷҷуҳ ва иштироки онҳо ба раванди таълим ҳангоми истифодаи шаклҳо ва усули гуногуни ҳамкории худи донишҷӯён ва муаллим меафзояд ва инчунин таъсири мусбии эътимод ва мусбатро таъкид мекунанд.

**Шарти сеюм.** Истифодаи усул ва шаклҳои интерактивии гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ. Нақши тағйирёфтаи муаллим, ки фаъолияти бештари донишҷӯёнро дар раванди таълимӣ ва омӯзгорӣ дар назар дорад, зарурати истифодаи усулҳо ва шаклҳои махсуси интерактивиро тақозо мекунад, ки ба фаъолият, мустақилият ва ҳавасмандии бештари донишҷӯён оварда мерасонанд. Усули интерактивӣ роҳи ташкили фаъолияти якҷояи таълимӣ буда, шакл ифодаи берунии он мебошад. Дар байни ин шаклҳо инҳоянд: кор дар гурӯҳҳои хурд; вазифаҳои эҷодӣ; муҳокима; омӯхтан ва мустаҳкам кардани маводи нав дар лексияи интерактивӣ (лексия-суҳбат, лексия бо таҳлили ҳолатҳои мушаххас, лексия-мубоҳиса, лексия бо хатоҳои пешакӣ пешбинишуда, мини-лексия, анти-лексия); гуфтугӯй эвристикӣ; бозиҳои таълимӣ (симулятсияҳо, бозиҳои нақшофарӣ, бозиҳои корӣ ва бозиҳои таълимӣ); муҳокима ва ҳалли мушкилот ("ҳуҷуми зеҳнӣ", "дарахти тасмим", "таҳлили парванда", "гуфтушунид ва миёнаравӣ", "нардбонҳо ва морҳо"); лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар усули беруназсинфии таълим, (экскурсияҳо, тамошо ва муҳокимаи видео, даъвати мутахассис, намоишҳо). Ба назари мо, курси таълими электронӣ шакли махсуси таълими интерактивӣ мебошад. Ҳамчун як шакли таълими интерактивӣ бо он хос аст, ки иштирокчиён дар муҳити маҷозии таълимӣ кор мекунанд; муаллим дар мавқеи модератор, коршинос ва донишҷӯён дар навбати худ дар мавқеи иштирокчӣ мебошанд. Курси таълимии электронӣ манбаи электронии таълимӣ мебошад, ки барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, махсус ва касбӣ пешбинӣ шудааст ва

инчунин барои ташкили кори мустақили донишҷӯён дар доираи барномаҳои гуногуни таълимӣ, аз ҷумла барномаҳои таҳсилоти муттасил пешбинӣ шудааст. Курси электронӣ тамоми вазифаҳои асосии методологии нашрияҳои электрониро иҷро мекунад: намоиш, назорат, амсиласозӣ, истинод ва иттилоот, вазифаҳои тимулятор. Аз нуқтаи назари технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, курси электронӣ низоми иттилоотии (татбиқи нармафзор) -и ҳадафи мураккаб мебошад, ки бо истифода аз як барномаи ягонаи компютерӣ (бидуни истифодаи расонаҳои коғазӣ) имконоти дидактикии воситаҳои ТИК-ро дар маҷмӯъ татбиқ мекунад марҳилаҳои давраи дидактикии раванди таълим [9]: гузоштани вазифаи маърифатӣ; пешниҳоди маводи зарурии таълимӣ; ташкили истифодаи донишҳои ибтидоӣ бадастомада (ташкили фаъолият барои иҷрои вазифаҳои инфиродӣ, ки дар натиҷаи он дониши илмӣ ташаккул меёбад); алоқа, назорати фаъолияти донишҷӯён; ташкили омодагӣ ба фаъолияти минбаъдаи таълимӣ (пешниҳоди дастурҳо барои худомӯзӣ, алахусус барои хондани адабиёти иловагӣ).

Ғайр аз он, курси электронӣ сикли дидактикии раванди таълимро пайваста ва мукаммал мекунад, он маводи зарурии назариявӣ медиҳад, фаъолияти таълимиро ташкил ва назорат мекунад ва воситаи муносиби баҳодиҳии сатҳи дониш мебошад. Курси электронӣ фаъолияти ҷустуҷӯй иттилоотии донишҷӯёнро дар бар мегирад, ки моделиронӣ ва моделсозии математикиро бо визуализатсияи компютер ва вазифаҳои хидматрасонӣ омезиш медиҳад. Ҳар як курси таълими электронӣ метавонад ба талаботи як хонандаи мушаххас мутобиқ карда шуда, раванди таълимро фардӣ гардонад ва ба ин васила самараноктар гардонад. Курси электронӣ имкон медиҳад, ки фарқияти байни донишҷӯён, аз ҷумла фарқи дарки маводи таълимиро ба назар гиред. Усули муосири таълими интерактивӣ аз мисолҳои омӯзишӣ, омӯзиши мустақилият, лоиҳаҳо иборатанд. Мо хусусан усули кейсро қайд мекунем (аз усули англисии Case усули ҳолатҳои мушаххас гирифта шудааст) - усули таълим, ки тавсифи ҳолатҳои воқеиро истифода мебарад. Донишҷӯён бояд вазъиятҳоро таҳлил кунанд, худро ба мушкилоти воқеӣ ғӯтонанд, роҳҳои ҳалли имконпазирро дар гурӯҳ таҳия кунанд ва роҳи беҳтарини баромаданро ёбанд. Асоси қазияи омӯзишӣ, чун қоида, маводи воқеии воқеӣ ё ҳолатҳое мебошад, ки ба воқеият ҳарчи бештар наздиканд. Дар навбати худ, усули ҳолатҳои мушаххас (case-study) ба тавсифи фаъолияти мушаххаси касбӣ ё ҷанбаҳои эҳсосӣ-рафтории ҳамкории одамон асос ёфтааст. Таҳлили вазъияти мушаххас кори гурӯҳӣ мебошад, ки мантиқан истифодаи шакли мубоҳисаи озодро дар бар мегирад. Рушди фаъолияти маърифатӣ ва қабули вариантҳои одамони дигар барои беғаразона ҳал кардани масъала дар истифодаи қазия муҳим аст.

Ҳамин тариқ, ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки қобилияти таҳлили ҳолатҳои гуногуни мушкилиро рушд диҳанд, мустақилона роҳҳои ҳалли худро пайдо кунанд, ки барои ҳар як мутахассиси муосир зарур аст.

Шарти чорум. Ҷойгиркунии мундариҷаи фанҳои таълимии "Забони хориҷӣ" дар самти омӯзиши интерактивӣ, тамаркуз ба рушди салоҳиятҳои коммуникативии умумии фарҳангӣ ва хориҷӣ. Дар таълими анъанавӣ, мундариҷаи асосӣ ба омӯзиши луғат ва грамматика, яъне ба рушди қобилияти хондан, навиштан ва тарҷума коҳиш дода мешавад. Дар таълими интерактивӣ салоҳиятҳои зерини коммуникатсионии забони хориҷӣ мазмуни асосӣ мебошанд:

-қобилияти сайругашт дар фазои иттилоотии забони хориҷӣ бо мақсади худомӯзӣ ё ҷустуҷӯи иттилооти аз ҷиҳати касбӣ муҳим; азхудкунии қобилияти муошират дар сатҳи иҷтимоӣ; азхуд кардани малакаҳо дар сатҳи муошырати касбӣ ва корӣ (муошырати шифоҳӣ ва хаттӣ, баромад дар конференсияҳо, мубодилаи афкор дар доираи вазифаҳои илмӣ ва касбӣ); огоҳии иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Мо мундариҷаи фанни "Забони хориҷӣ"-ро дар самти муносибати интерактивӣ дар мисоли як мавзӯъ дар доираи барномаи таълимии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: "Маълумоти олӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа" баён менамоем. Омӯзиши ин мавзӯъ расидан ба ҳадафҳои зеринро дар бар мегирад: омӯзиш ва муқоиса бо низоми таҳсилоти олии Тоҷикистон ва хориҷа: омӯзиши донишгоҳи ватанӣ (фанҳо, имтиҳонҳо, сатҳҳои маълумоти олӣ, таърих ва анъанаҳои донишгоҳ, олимони маъруф ва барҷаста ва хатмкунандагон), барномаҳои таълимӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа (тахассус ва шаҳодатномаҳо, грантҳо, барномаҳои мубодила, ҳаракати академӣ); омӯзиши ҷанбаҳои

луғавию грамматикии забони хориҷӣ (англисӣ) дар доираи ин мавзӯъ; аз ҷониби донишҷӯён азхуд кардани салоҳиятҳои зарурӣ барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ. Ҳангоми омӯзиши ин мавзӯъ мо ба чунин шаклҳо, усул ва воситаҳои интерактивӣ, ба мисли муҳокима, усули такрори тақлид, омӯзиши мустақил, омӯзиши электронӣ, ҳафтаи конфронс ҳамчун як шакли ташкили омӯзиш (татбиқи усули интерактивӣ дар тренинг) такя мекунем. Дар омодагӣ ба ҳафтаи конфронс донишҷӯён нақши фаъол доранд: интихоби мустақили мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ, ҷустуҷӯй мустақили иттилоот, ташкили он, ба низом даровардан, омода кардани презентатсия. Дар ин ҳолат нақши муаллим ба ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва машварат коҳиш меёбад. Дар ҷараёни омодагӣ ва баргузории ҳафтаи конфронс донишҷӯён на танҳо маълумоти мушаххас, дониши ҷанбаҳои луғавию грамматикии забонро аз худ мекунанд, малакаҳои гӯш кардан, гуфтан ва талаффуз карданро машқ медиҳанд, балки аз ҳама муҳим, онҳо салоҳиятҳои коммуникатсионии хориҷиро аз худ мекунанд; қобилияти сайругашт дар фазои иттилоотии забони хориҷӣ. Намунаи пешниҳодшуда моро бовар мекунонад, ки шакли ташкили фаъолияти муштараки таълимии омӯзгор ва донишҷӯ дар таълими интерактивӣ хеле муҳим аст: дар давоми ҳафтаи конференсия донишҷӯён як чизро меомӯзанд, лоиҳаҳоро ба анҷом мерасонанд, чизи дигар, мустақилиро меомӯзанд - сеюм. Мо таъкид менамоем, ки дар таълими интерактивӣ на танҳо мундариҷаи таълим интихоби шакли муайяни таълимиро муайян мекунад, балки шакли ташкили фаъолияти муштарак ба мундариҷаи таълим низ таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, шароити пешниҳодшудаи педагогӣ ҷузъи зарурии раванди таълими касбии донишҷӯён дар соҳаҳои техникӣ мебошад. Ҳангоми ташкили раванди педагогӣ, интихоби шаклу усулҳо онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) / Э. Г. Азимов, А. Н. Щукин. - М. : Изд-во ИКАР, 2009. - 448 с.
2. Остапенко,А.А.Моделирование педагогической реальности: теория и технологии/А.А.Остапенко.-М.:Нар.образование, 2007.-384с.
3. Педагогика профессионального образования / под ред. В. А. Сластенина. - М. : Академия, 2004. - 368 с.
4. Педагогический энциклопедический словарь/ под. ред. Б. М. Бим- Бада. - М. : Большая Рос. энцикл., 2003. - 528 с.
5. Прозументова, Г. Н. Стратегия и программа гуманитарного исследования образовательных инноваций / Г. Н. Прозументова // Переход к Открытому образовательному пространству. Ч. 1. Феноменология образовательных инноваций :коллективная монография / под ред. Г. Н. Прозументовой. - Томск : Изд-во Томск. унта, 2005. - С. 15-138.
6. Психолого-педагогический словарь для учителей и руководителей общеразвивающих учреждений / под ред. П. И.Пидкасистого. -Ростов н/Д, 1998. - 544 с.
7. Российская педагогическая энциклопедия:в 2 т./под ред.В.В. Давыдова. - М. : Большая Рос. энцикл., 1993. - Т. 1. - С. 97.
8. Русско-английский словарь / под ред. А. И. Смирницкого. - М. : Рус. яз., 1990. - 765 с.
9. Соколова, И. И. Педагогическое образование : вызовы современности/И.И.Соколова // Педагогика. - 2010. - № 5. - С.18-23.
10. Соколова, И. Ю. Психолого-педагогические условия активизации и эффективности познавательной деятельности учащихся/И.Ю.Соколова// Вестн. Томск. гос. пед. ун-та. - 2004. - Вып. 5 (42). - С. 152-155.


## ФОРМЫ ОБУЧЕНИЯ ИННОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ И КОМПЛЕКСНЫЕ УСЛОВИЯ


Статья посвящена обсуждению сложных условий и форм обучения иностранному языку в вузах. Помнению автора, педагогическая система может функционировать и успешно развиваться только при соблюдении определенных условий. Отличительной особенностью понятия «педагогическая среда» является то, что оно включает элементы всех составляющих образовательного процесса: цели, содержание, методы, формы, средства. При этом успешность формирования профессионально важных компетенций и качеств студента определяется педагогическими условиями, способными обеспечить эффективность процесса их формирования. Предлагаемая модель уверяет, что форма организации взаимодействия преподавателя и ученика в интерактивном обучении очень важна: в течение недели конференции студенты изучают одно,

завершают проекты - другое, автономность - третье. При организации педагогического процесса следует учитывать выбор форм и методов.

***Ключевые слова:*** *английский язык, обучение, дидактика, интерактив, конференция, студенты, отдельные формы обучения, взаимодействие, технические поля, педагогический процесс, содержание обучения, формы и методы.*

## COMPLEX CONDITIONS AND FORMS OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE IN UNIVERSITIES

The article is devoted to the discussion of difficult conditions and forms of teaching a foreign language in universities. To the author's mind, the pedagogical system can function and develop successfully only if certain conditions are met. A distinctive feature of the concept of "pedagogical environment" is that it includes elements of all components of the educational process: goals, content, methods, forms, means. At the same time, the success of the formation of professionally important competencies and qualities of a student is determined by pedagogical conditions that can ensure the effectiveness of the process of their formation. By terms we mean conditions and factors that influence any process of reality. Acting as a person and as a cause of events, pedagogical conditions increase or decrease the influence of the cause. From this point of view, there are conditions, factors, situations, a set of measures on which the effectiveness of the pedagogical system depends. Summarizing the judgments, the author emphasizes that the proposed pedagogical conditions are a necessary part of the process of professional training of students of technical specialties. When organizing the pedagogical process, one should take into account the choice of forms and methods.

***Key words:*** *English, teaching, didactics, interactive, conference, students, individual forms of education, interaction, technical fields, pedagogical process, content of education, forms and methods.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Одинаев К.Б. – докторранти PhD-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел.: .987657262

**Сведения об авторе:** Одинаев К.Б-докторант PhD ТГПУ им.С.Айни. Тел.: 987657262

**Information about the author:** Odinaev K.B. - PhD candidate at S. Aini TSPU. Tel:987657262

**ҚОДИРОВА М.А.**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Нововариҳо ва барои ҳар як фаъолияти касбии инсон хосанд ва аз ин рӯ, табиатан мавзӯи омӯзиш, таҳлил ва татбиқ мешаванд. Нововариҳо худ аз худ ба вуҷуд намеоянд, онҳо натиҷаи тадқиқоти илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони алоҳида ё тамоми гурӯҳҳо мебошанд. Ин раванд ғайримуташаккил буда наметавонад ва онро идора кардан амри ногузир аст.

Иттилоотикунонӣ ва компютеркунонии тамоми фаъолияти ҷомеа, такмили техника, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, тағйирот дар фаъолияти касбии инсон - нишонаҳои фарққунандаи замони муосир гардиданд. Тағйирот дар ҷамъият ва тайёрии инсон ба ҳаёту меҳнат талаботи навро пешниҳод намуд ва ин дар навбати худ, боиси тағйирот дар соҳаи маориф гардид. Аз ин рӯ, масъалаи омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим зарурияти интихоби мавзӯъро пеш меорад. [7, с. 11].

Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ имконияти баланд бардоштани сифати таълимро фароҳам оварда, барои баланд бардоштани дараҷаи донишандӯзии толибилмон мусоидат менамоянд.

Инчунин дар раванди таълим боз дигар шарту омилҳое мавҷуданд, ки бидуни он самарабахшии ташаккул ва инкишофи нутқ имконнопозир аст.

Вазифа ва мақсади асосии таълими муосир дар ҳаматарафа инкишоф додани қобилияти зеҳниву эҷодкории хонандагон, дар онҳо ташаккул додани намудҳои гуногуни фаъолияти фикриву идрок, ки аз таҷрибаи ҳаётии инсон бармеояд, ифода меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо оид ба зарурати истифодаи усули наву самарабахши таълим баҳри ба пояи баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия, аз ҷумла тавассути истифодаи усули инноватсионии таълим, таҷрибаи пешқадами ҷаҳони

муосир, ки ба рушди тафаккури техникию интиқодии насли наврас бештару хубтар мусоидат менамоянд, ҷамоати омӯзгоронро даъват намудаанд.

Яке аз самтҳои асосии баландбардории сифати таълим он аст, ки технологияҳои иноватсионии муосир коркард шуда, дар раванди таълиму тарбияи насли наврас босамар истифода шаванд.Ҷорӣ намудани роҳу усули фаъоли таълим, ки бевосита ба инкишофи ҳаматарафаи шахс нигаронида шудааст, вазифаи асосии муаллимон ба шумор меравад. Барои дарки ҳаматарафаи технологияҳои муосири педагогӣ аз муаллими имрӯза омодагии ҳаматарафа ва эҷодкориву маҳорати баланди касбӣ талаб карда мешавад.

Яке аз ҷузъҳои асосӣ ва шароити заруритарини навгониҳои соҳаи маориф – ҷорӣ ва истифода намудани технологияҳои инноватсионии муосир мебошад. Барои бо суръати нисбатан баланд ба хонандагон расонидани моҳияти мавзӯъ, коркарди усули наву замонавии таълим, дар хонандагон ташаккул додани тафаккури аёнӣ – образ дар истифода намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ мувофиқи мақсад аст.

Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ имконияти баланд бардоштани сифати таълимро фароҳам оварда, барои баланд бардоштани дараҷаи донишандӯзии толибилмон мусоидат менамоянд. Бавуҷудоварии инноватсия на ба хотири инноватсия, балки барои самарабахшии таълим ва тарбия мебошад.

Технологияи педагогӣ – ин чунин назарияи фаъолияти педагог аст, ки ҳамаи амалҳои ба он дохилшаванда дар пайдарпайии муайян ва яклухтӣ арзи ҳастӣ мекунанд ва иҷрои он ба мақсади гузошташуда расиданро тақозо менамояд. Методикаи таълим – ин маҷмӯи қоидаҳо, намунаҳо ва воситаҳое мебошад, ки бо ёрии онҳо таҷрибаи бисёрсола аз як насл ба насли дигар гузаронида шуда, таҷрибаи ҳаётии одамонро ташаккул медиҳад. [11, с. 21].

Технологияи таълим – ин пайвасткунии методика ба шароити аниқи системаи истифодабарии қоидаҳои коркардшуда бо дарназардошти вақт, ҷой, субъектҳои амиқи маълумот ва шароити ташкили раванди педагогӣ мебошад. Имрӯз беш аз сад намуди технологияҳои инноватсионӣ маълум буда, дар ҷараёни таълим босамар истифода бурда мешаванд.

Воридсозии воситаҳои инноватсионии технологӣ ба таҷрибаи кори муаллимони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи самтҳои зерин сурат мегирад:

1.Омода сохтани намоишномаҳо ба дарс

2.Кор бо шабакаҳои интернетӣ

3.Истифодабарии барномаҳои тайёри таълимдиҳанда

4.Кор бо маводи матнии дидактикӣ.

Истифодабарии намоишҳои компютерӣ барои ташаккули салоҳиятнокии эстетикӣ, умумимаънавӣ, коммуникативӣ, ахбории хонандагон мусоидат менамояд. Мувофиқи тадқиқоти олимон инсон 20% - и шунидааш, 30%-и дидааш ва 50%-и дидаву шунидаашро дар хотир нигоҳ медорад. Бинобар ҳамин, ба туфайли истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ раванди бахотиргирӣ ва дархотирнигоҳдорӣ нисбатан осон кунонида мешавад ва мавод аз тарафи хонанда пурраг аз худ карда мешавад.

Ба воситаҳои технологии инноватсионӣ инҳо дохил мешаванд:




Бо истифода аз чунин таҳизот видеотренингҳо, дарсҳои ғайрианъанавӣ, таҳлили методии донишҳои назариявии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва дигар амалиётро гузаронидан мумкин аст.

Дар ҷаҳони муосир, ки онро пешрафтҳои босуръат хос аст, масъалаи баланд бардоштани сатҳи соҳаҳои мухталифи ҷомеа, рушди маърифат, сиёсат ва маънавият, донистани таъриху адабиёт, забону ҳунар ва ғайра муҳим мебошад. Имрӯз фаро гирифтани технологияи ҳозиразамон ва ба ин восита ташаккул додани фарҳанги техникӣ, тарбияи мутахассисони соҳибмаълумот, донистану истифодаи боигарии табиию техникӣ дар таъмин кардани рушди босуръати иқтисоди кишвар аҳамияти зиёд дорад.

Фарҳанги техникӣ имконияти дурусту пурсамари ташаккули мафкураи насли наврасро фароҳам меорад ва инсони созандаро ба майдони фаъолият ворид мекунад. Ин имконият насиби фарде мегардад, ки аз маънавияти баланд, назари васеъ ва фарҳанги ғанӣ бархӯрдор бошад. Зимнан, фарҳанги техникиро набояд ба маънии маҳдуди донистани технология фаҳмид. Фарҳанги техникӣ муносибат ва иртиботи пайвастаи ҷомеаро бо сарватҳои табиӣ ва воситаҳои техникӣ ифода мекунад.

Ба воситаҳои техникии инноватсионии таълим инҳо дохил мешаванд:

А) таҷҳизоти видео (намоишдиҳанда) – телевизор, DVD, компютер, тахтаи электронӣ ва ғайра. Онҳоро бо мақсадҳои зайл истифода мебаранд:

- намоиши филмҳои таълимӣ ё қисматҳои алоҳидаи он;
- таҷрибаву озмоишҳои илмӣ дар лабораторияҳо;
- инъикоси омилҳо ва ҳодисаҳои психикӣ (намудҳои мизоҷ, тарғиби хислатҳо, ҳолатҳои эмотсионалӣ);
- намоиши слайдҳо;

Бо истифода аз чунин таҷҳизот видеотренингҳо, таҳлили рафтор, таҳлили дараҷаи донишандӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва дигар корҳои таълимӣ – методиро ташкил намудан мумкин аст.

Б) Таҷҳизоти овозӣ (DVD, компютер, магнитофон) – онҳоро бо мақсади муайян сохтани дараҷаи инкишофи эҳсоси биноӣ ва шунавоӣ, ҳиссиёт ва ғайра истифода мебаранд.

В) Таҷҳизоти проексионӣ, ки ба он тахтаи электронӣ дохил мешавад, дар он таблитсаҳову ҷадвалҳои гуногун, расму нақшаҳо, мусавварахо, слайдҳои намоишӣ ҷой дода мешаванд.

Ҳангоми истифодаи воситаҳои техникии таълим қонуниятҳои аз тарафи инсон идрок карда шудани ахбори гуногун ба назар гирифта мешавад. Давомнокии истифодабарии асбобҳои техникӣ дар як соат 20-25 дақиқаро ташкил мекунад. Ин ҷо нақши омӯзгори таълимдиҳанда пешбар маҳсуб меёбад, зеро вай ҳар як маводи пешниҳодшавандаро бояд мавриди ҳаллу фасл қарор диҳад.

Дар ҷараёни дарси синфҳои ибтидоӣ намоиш додани слайдҳо, истифодаи проекторҳо, кор бо тахтаи электронӣ мувофиқи мақсад аст. Истифодаи технологияҳои зикргардидаи инноватсионӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

- сарфаи вақти дарс, ки қисми зиёди он асосан ба кофтукоби асбоби аёнӣ сарф мешавад;
- фаҳмондадиҳии дарс аз ҷойи дилхоҳи синфхона;
- такроран дида баромадани ҷойҳои зарурии дарс;
- истифодаи усули гуногуни таълим, инкишофи хусусиятҳои сенсории хонандагон;
- аз реҷаи намоишдиҳӣ ба реҷаи иҷрои хаттии супоришҳо ба осонӣ гузашта метавонад;
- шавқу ҳаваси хонандагонро ба донишандӯзӣ дучанд мегардонад, мавод аз тарафи хонандагон хубтару беҳтар аз худ карда мешавад;
- худомӯзии омӯзгорва маҳорати педагогии вайро тақвият мебахшад.

Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

- фаъолияти босамар дар гурӯҳ, ташаккули малакаҳои шахсӣ, коммуникативӣ ва иҷтимоӣ;
- фаъолияти босамари эҷодӣ;
- пешниҳоди ғояҳои нав;
- муносибати фаъолона ба дарс ва корҳои мустақилона.

Солҳои охир нақш ва ҷои компютерҳо дар ҳаёти ҷомеа ба куллӣ тағйир ёфтааст. Аз воситаи фаъолияти касбии доираи маҳдуди мутахассисони соҳаи фанҳои риёзиёт, компютерҳо ба воситаи муҳими истифоданамоии ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти муосир, кору рӯзгор ва ҳаёти ҷамъиятии инсони муосир мубаддал гардидаанд.

Дар замони муосир омӯзиши корбарӣ бо компютерҳо мисли чунин хусусиятҳои инсон, ба монанди хондану навиштан, шарти зарурии ҳаёту фаъолияти вай гардида истодаанд. Шахсе, ки бо технологияҳои инноватсионӣ корбарӣ карда метавонад, тафаккури ба дараҷаи дигар тараққикардаро соҳиб аст, ин гуна ашхос ба таҳлили ҳамагуна мавридҳо бо диди нав назар менамоянд.

Истифодабарии интернет чорчӯбаи китоби дарсиро нисбатан васеътар гардонида, барои тасаввуроти образии зебогии нотакрори табиат ва олами набототу ҳайвонот кӯмаки калон мерасонад.

Оё дар давоми 40 дақиқа дунёро сайр кардан имконпазир аст? Бо интернет мумкин аст. Вобаста ба мавзӯи омӯхташаванда хонандагон метавонанд бо минтақаҳои гуногун, ҳайвоноти нодир, растаниҳои ҳамешасабз, баҳру укёнусҳои зеботарини ҷаҳон аз наздик шинос гарданд.

Намуди дигар ва бисёр паҳнгардидаи технологияи инноватсионӣ – ин компютер мебошад, ки имрӯз қариб дар ҳамаи соҳаҳо пурмаҳсул истифода карда мешавад. Афзалияти истифодаи компютерҳо дар он аст, ки бо он на танҳо муаллим, балки худи хонанда низ кор бурда метавонад. Назорати дониш ва баҳогузорӣ ба қобилияти хонанда дар бисёр мавридҳо дар шакли тестӣ ба роҳ монда мешавад. Дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ қабули компютерии тестҳо ба роҳ монда шуда истодааст, ки дар он хонандагон мустақилона сари компютер нишаста, ба саволҳои тест ҷавобҳои мушаххас мегардонанд. Аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар оянда, дар шароити таъмин шудани синфҳои ибтидоӣ бо компютерҳо муаллим метавонад бо ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ корбарӣ намуда, супоришҳоро мутобиқ ба доираи дониш ва қобилияти хонанда

супорад. Дар ин замина хонандагони сустхони синф аз раванди таълим қаноатманд гардида, ба он ҷалб карда мешаванд, дар онҳо шавқи маърифатҷӯӣ ташаккул дода мешавад. Хонандагони лаёқатманд бошанд, як супоришро иҷро намуда, ба иҷрои супориши дигар шурӯъ карда метавонанд. Кори мустақилонаи хонанда бо компютер - ин воситаи босамари гузариш аз фаъолияти бозӣ ба фаъолияти таълимӣ – маърифатист. [8, с. 34].

Хулоса, истифодаи воситаҳои техникӣ – магнитофон, радио, телевизор, филмҳои таълимӣ, кодоскоп, эпидиоскоп, патифон, диафилмҳо ва компютер дар дарсҳои забони тоҷикӣ мисли аёнияти графикии таълим (таблитса ва схемаҳои гуногун) нақши муҳимеро доро буда, барои аёнӣ ва ҳам шавқовар ташкил намудани машғулиятҳо имкониятҳои хубро фароҳам оварда, дар баланд бардоштани фаъолияти забономӯзии хонандагон, ба хусус, дар ҷараёни ташкили корҳои мустақилонаи онҳо барои муаллими эҷодкору ҷӯяндаи роҳҳои муфиди таълим низ яке аз такягоҳҳои мӯътамад ба шумор меравад. Вале дар шароити кунунии Тоҷикистон дар дарсҳои забони тоҷикӣ истифода бурдан аз магнитофон ба мақсади таълим мувофиқтар аст. Чунки, аввалан, бо истифода аз он таълим додани чандин мавзӯъҳои таркиби фаслҳои «Фонетика» ва «Синтаксис» имкон дорад. Сониян, имрӯз дар ҷумҳурӣ хонадонеро бе магнитофон тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, хонандагон бо супориши муаллим метавонанд, дар хона ҳам баъзе амалҳоро марбут ба омӯзиши забони модарии хеш тавассути он ба ҷо оранд.

Хонандагон аз магнитофон гӯш карда, дар ҷумлаҳо задаи мантиқиро муайян мекунанд. Баъд ҷумлаҳоро (пас аз ду – се бор шунидан) навишта гирифта, ба зери калимаҳое, ки задаи мантиқӣ қабул кардаанд, хат мекашанд. Ва баъд аз ин ҷумлаҳои навиштаашонро бо задаи онҳо риоякунон бурро мехонанд.Ба дасти хонандагон матне дода мешавад, ки дорои ҷумлаҳои ҳикоягӣ (хабарӣ), саволӣ, амрӣ ва хитобӣ бошад. Айнан ҳамин матнро, ки пешакӣ дар магнитофон сабт карда шудааст, гӯш карда, сипас, матни дар дасташон бударо тақлидан ба оҳанги талаффузи он ҷумлаҳо, ки тавассути магнитофон баррасӣ шуда буд, қироат мекунанд. Ин лаҳза мумкин аст, ки муаллим барои санҷиш аз хонандагон сабаби бо ин ё он оҳанги талаффуз қироат карда шудани ҳар кадоме аз он ҷумлҳоро пурсад, то ки ба дурустии ҷавобу фаҳмиши онҳо қаноат пайдо кунад.

Имрӯз нававариҳо тамоми самти фаъолияти педагогиро фаро гирифтаанд. Ин ба ташаккули вазъияти номуайянӣ мусоидат мекунад. Бӯҳрони гуногунрангӣ, ки таҷрибаи педагогиро ғарқ кардааст, мушкилоти асосӣ - мушкилоти баланд бардоштани сифати таълимро ба миён меорад, ки дар шароити кунунӣ муаммои калидӣ маҳсуб меёбад.

Такя, бар асоси маводи овардашуда, мо бо итминон гуфта метавонем, ки вазифаҳоеро, ки ҳаёт пешорӯйи мо дар самти такмил ва рушди соҳаи маориф мегузорад, бо истифода аз технологияҳои гуногуни инноватсионии педагогӣ ҳал менамоем.

**АДАБИЁТ:**


1.Аникеева Н. П. Воспитание игрой. /- М., 2007.
2.Ареско А.Р., Праго А.Д. Инновации. - К.: Инфо., - 2008. - 465 с.
3.Малашов Г.Р. Инновационные технологии современности. - К., - 2010. - 465 с.
4.Гузеев В.В., Методы организации и формы обучения. - М.: Народное образование, 2010.- 128с.
5.Давыдов В.В. Научное обеспечение образования в свете нового педагогического мышления. М.: 2009.
6.Панфилова А. П. Инновационные педагогические технологии: Активное обучение: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / А. П. Панфилова. - М.: Издательский центр «Академия», 2009. - 192 с.
7.Полонский В. М. Инновации в образовании (методологический анализ) // Инновации в образовании. - 2007. - №2. - с. 4 - 13.
8.Юсуфбекова Н. Р. Педагогические исследования и инновационные процессы // Междисциплинарные исследования в педагогике / Под ред. В. М. Полонского. М.: Институт теоретической педагогики и международных исследований в образовании РАО, 2008.
9.Столяренко Л. Д. Педагогика. Серия «Учебники, учебные пособия». Ростов н/Д: «Феникс», 2007. - 448 с.
10.Хуторской А. В. Педагогическая инноватика: методология, теория, практика. М.: Изд-во УНД ДО. 2008.

Сноска
11.Дубровина И. В. Психология: Учебник для студ. сред. пед. учеб. заведений / И. В. Дубровина, Е. Е. Данилова, А. М. Прихожан; Под ред. И. В. Дубровиной. - 2-е изд., стереотип. - М.: Издательский центр «Академия», 2013. - 464 с.

***Калидвожаҳо:*** *сифати таълим, рушди кӯдак, технологияи инноватсионӣ, самаранокии омӯзиш, технологияи омӯзиш, салоҳиятҳои омӯзгор, қобилияти хонанда, назорати дониш, ташаккул ва инкишофи нутқ.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В НАЧАЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ И ЕЕ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

Одним из основных направлений повышения качества образования является развитие современных инновационных технологий и их эффективное использование в процессе обучения подрастающего поколения. Внедрение активных методов обучения, непосредственно направленных на всестороннее развитие личности, - основная задача учителей. Для того, чтобы в полной мере понимать современные педагогические технологии, современный учитель должен обладать разносторонней подготовкой, творческими способностями и высокими профессиональными навыками.

***Ключевые слова:*** *качество образования, развитие ребенка, инновационные технологии, эффективность обучения, технология обучения, компетенции учителя, способности учащихся, контроль знаний, формирование и развитие речи.*

## THE USE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN PRIMARY EDUCATION AND ITS ROLE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF YOUNGER PUPILS

One of the main directions of improving the quality of education is the development of modern innovative technologies and their effective use in the learning process of the younger generation. The introduction of active teaching methods directly aimed at the all-round development of the personality is the main task of teachers. In order to fully understand modern pedagogical technologies, a modern teacher must have versatile training, creative abilities and high professional skills.

***Key words:*** *quality of education, child development, innovative technologies, learning efficiency, teaching technology, teacher competencies, students' abilities, knowledge control, speech formation and development.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Қодирова Муҳайё Абдуҷабборовна **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ. **Суроға:** шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.
**Сведения об авторах:** Кодирова Мухайё Абдужаббаровна – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.
**Information about the authors:** Kodirova Mukhayo Abdujabbarovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the department of theory and methods of teaching the mother language**. Address**: Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

**ЮСУФҶОНОВА Д.Х.**

## МАШҚҲОИ ЛУҒАТОМӮЗӢ, НАҚШУ АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НУТҚИ ШИФОҲИЮ ХАТТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Такмили назария ва амалияи таълим яке аз самтҳои мушаххаси раванди таълими муосир мебошад. Забони модарӣ як фанни таълимӣ мебошад, ки арзиши маърифатии он бениҳоят баланд аст: дар ин дарсҳо тафаккур ташаккул меёбад, ҳисси муҳаббат ба забони модарӣ ба пайдо мешавад, тавассути забон арзишҳои умумиинсонӣ дарк ва шахс бо хоҳиши доимии такмили дониш малакаҳои марбут ба забони модарӣ ва фарҳанги модарӣ тарбия карда мешавад.

Бедор намудани шавқу завқ ба омӯзиши забони модарӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таълими он мебошад.

Кӯдаконе, ки ба мактаб меоянд, як қатор тасаввурот ва маълумот дар бораи муҳити атроф доранд. Аммо ин доираи донишҳои воқеӣ хеле маҳдуданд. Дар муҳити мактаб, дар ҷараёни таълим имконияти васеъ кардани захираи луғавӣ ва тақвияти он барои хонандагон имконпазир аст.

Педагогон ва методистони варзида таъкид ба он доранд, ки ҳангоми ташаккул ва рушди нутқи кӯдак дар қалби онҳо муҳаббат ба фарҳангу забон, миллат ва бо меҳр сухан гуфтан ба ҳамдигар парварида мешавад. К Д. Ушинский ҷонибдори ташаккули суханварӣ буда, аҳамияти онро барои ташаккули фаъолияти фикрии кӯдак, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ дар таҳсилоти минбаъда таъкид кардааст. «Кӯдаке, ки ба омӯхтани маънои калима одат накардааст, норавшанӣ дар фаҳмиши вай ҳис карда мешавад ва ё маънои аслии онро аслан намефаҳмад ва малакаи мустақилона онро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурданро надорад, ҳангоми омӯхтани мавзӯи дигар ҳамеша аз ин норасоӣ азоб мекашад» [15, с 96].

Луғати омӯхташуда он вақт фаъолшуда ҳисобида мешавад, ки агар хонанда онро ҳадди ақал як маротиба дар нутқи шифоҳию хаттии хеш, яъне дар баёну навишти ҷумлаҳо, ҳикояҳо, муколамаҳо, мактубҳо, иншоҳо дурусту бомаврид истифода барад.

Ҳадафи омӯзиш муайян кардани роҳҳо, усул, воситаҳои кор бо луғатомӯзӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ аст, барои азхудкунии фаъол, таҳияи низоми аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи машқҳои амалӣ бо дарназардошти самти коммуникативии таълим мебошад.

Кор бо луғат дар асоси муносибатҳои системавӣ дар луғати забони модарӣ имкон медиҳад, ки самараи азхудкунии воҳидҳои луғавӣ аз ҷониби хонандагон зиёд карда шавад, нутқи онҳо рушд ёбанд.

Инкишофи нутқи кӯдакон маънои мунтазам кор карда баромадани мундариҷаи онро дорад, ба кӯдакон пайваста тарзи сохтани ҷумлаҳоро таълим дод, калимаҳои нав азхудкардаи хешро бомақсад, мувофиқ ва шакли дурусти онро интихоб кунад, доимо онро дар нутқи шифоҳию хаттиии худ ҷобаҷогузорӣ карда, фикру ақидаашонро баён карда тавонанд.

Барои дуруст инкишоф додани нутқи хонандагон, ба таври мақсаднок ва мунтазам кор кардани он, инчунин талаботро ба суханронӣ ба хубӣ фаҳмидан, аз онҳо пайравӣ кардан лозим аст. Ҳангоми сохтани системаи кор мо ба назар гирем, ки сухани дуруст бояд ба чунин талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад: мундариҷа, пайдарҳамӣ, дақиқӣ, возеҳӣ, дурустӣ, дастрасӣ, таъсирбахшӣ, аҳамият, баёния. [4, с 46].

М.Р.Лвов роҳҳои зерини тафсири маънои калимаро ҷудо кард: роҳҳои аёнӣ, бо иваз кардани муродифҳо (синонимҳо), таҳлили мантиқӣ, тавсифи муфассал, интихоби муртазодҳо (антонимҳо), таҳлили таркиби морфологии калима ва калимасозӣ [12].

Луғат калима аст. Кас ҳар қадар, ки бисёр луғат (калима)донад, ҳамон қадар равшану аниқ сухан карда, китобу асарҳо ва сухани дигаронро ҳам хуб мефаҳмад. Барои шахси бомаърифат шудан, луғатдон будан лозим аст. Луғатдонӣ ҷузъи таркибии салоҳиятҳои самтҳои гӯш кардану гуфтан, хондану навиштан буда, ҷавҳари асосии забондонии мактаббачагони хурдсол аст. Дар стандарти фанни забони модарӣ доир ба луғатомӯзӣ талаботи зерин оварда шудааст.

– маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғат, фарҳанг, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;

– намудҳои хониш (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад. [2].

Нутқи мо аз калимаҳо иборат аст. Забон гуфта мо, пеш аз ҳама, калимаҳоро дар назар дорем, ки ба воситаи онҳо одамон мубодилаи фикр мекунанд. Аз қадимулайём калима бо хусусиятҳои худ диққати аҳли ҷамъиятро ва пеш аз ҳама олимонро, ба худ ҷалб менамояд. Ин тасодуфӣ нест, чунки калима дорои сифатҳои аҷибе мебошад. Масалан, калима метавонад инсонро ҳам хурсанд ва ҳам ғамгин намояд, вай қобил аст шахсро рӯҳбаланд созад ё, баръакс, рӯҳафтода ва маъюс гардонад. Ин гуна хусусияти калима баъзан муъҷизанок менамояд, вале дар ин ҷо ҳеҷ гуна муъҷиза нест: калима маҳсули муносибати дуру дарози одамон ва натиҷаи таҷрибаи ҷамъиятии онҳо мебошад.

Вақте ки калима мегӯянд, одамон, пеш аз ҳама, ба маънии он аҳамият медиҳанд. Калима дорои маънии муайян мебошад. Маънии калима гуфта, мо ба олами ашё, ҳодисаҳо, равандҳо ва ғайра муносибат доштани онро дар назар дорем.

Фаҳмондани маънои калима дар дарсҳои забони модарӣ танҳо марҳилаи аввали раванди ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон мебошад. Бо мақсади он ки калимаи нав барои хонанда «дуруст аз худ» шавад, яъне ба луғати фаъол ворид шавад, кори зиёде лозим аст. А.М. Горький даъват кард, ки аз роҳҳои гуногуни ҳавасмандгардонии хонандагонро барои луғатомӯзӣ ва ғанигардонии захираи луғавии онҳо васеътар истифода барем, калимаҳо ва суханҳоеро истифода ва интихоб намоем, ки ҷалби бештари хонандагонро фаро гирад: "Ғайр аз калимаҳои "хуб","аъло" - навиштааст ӯ, "калимаҳои ситоишӣ зиёданд, масалан; беҳтарин, зебо, беҳамто, комилан дуруст, аҷоиб, хело аҷоиб, қобилиятнокӣ, боистеъдодӣ ва ғ. " [7].

Омӯзгорон ба фаъолиятҳои таълими луғат вобаста ба марҳилаҳои ташаккули хонанда диққат дода, навъи мувофиқро барои истифода интихоб мекунанд. Ҳангоми интихоби фаъолияти луғатомӯзӣ омӯзгор якчанд хусусиятро бояд ба эътибор гирад: мувофиқатии фаъолият ба мақсад ва мавзӯи дарс, мувофиқатии фаъолият ба сатҳи рушди хонанда, тарзи татбиқи он (мустақилона ё бо ёрии омӯзгор) ва ғайра.

Як қатор машқҳоро мақсаднок метавон истифода бурд, ки ба мураккаб ва азхуд кардани имло, такмил додани талаффуз ва истифодаи дурусти категорияҳои грамматикӣ, фаъол кардани луғати кӯдакон ва инкишофи нутқи мувофиқ равона карда шудаанд.

«Кори луғатомӯзӣ яке аз шаклҳои муҳимми фаъолияти омӯзгор набуда, балки кори муназзам, муташаккилона, аз ҷиҳати оқилона сохташудаи педагогӣ мебошад, ки ба ҳамаи бахшҳои омӯзиши забони модарӣ марбут аст: грамматика, имло аз синни хурди мактабӣ то синфҳои болоӣ гузаронида ва омӯзонида мешавад [14]", - навиштааст олим-методисти машҳур А.В. Текучев. Мувофиқат ва доираи донистани калима ва дарки маънои онро дар назар дорад.

Бисёр омӯзгорон аҳамияти кори луғатомӯзиро нодида мегиранд ва дар синф ба он диққати зарурӣ намедиҳанд. Машқҳои луғатомӯзӣ бо калима хеле кам иҷро карда мешаванд. Шарти рафъи ин камбудиҳо, ба андешаи мо, таҳияи чунин системаи корӣ аст, ки азхудкунии луғатро дар сатҳи калима ҳамчун воҳиди лексикӣ-семантикӣ таъмин мекунад, ки дар натиҷаи эҷоди методологияи муайян имконпазир аст.

Масалан, корҳои луғат, инчунин кор дар самти грамматика, имло бояд ба нақша гирифта шаванд, гарчанде ки ин метавонад то андозае мушкилтар бошад. Бо ин мақсад омӯзгор вазифадор аст:

- мунтазам омӯхтани дарки маънии калимаҳо аз ҷониби хонандагонро (тавассути машқҳои нутқи шифоҳӣ, таҳлили корҳои хаттӣ) ба роҳ монад;
- оид ба интихоби калимаҳое, ки бояд ба луғати фаъоли хонандагон дохил карда шаванд (аз матнҳои бадеии омӯхташуда, аз китобҳои дарсии мавзӯъҳои гуногун ҷудо карда шаванд) ва мунтазам корҳоро анҷом диҳад [9].

Кор бо луғат дар дарсҳои забони модарӣ оид ба рушди нутқ дар маҷмӯъ бояд ҷойи аввалро ишғол кунад. Самаранокии ин кор аз маҳорат ва салоҳиятҳои омӯзгор, ба сатҳи дониши ӯ дар бораи методикаи таълими забони модарӣ дар муассисаҳои таълимӣ вобаста аст. Бо истифодаи технология, методу стратегияҳо ва усули нави таълим таваҷҷуҳи кӯдаконро ба дарс зиёд мекунад. Маълумоти бадастомада ва коркардшуда бояд дар хотира нигоҳ дошта шавад, то ҳар лаҳза шумо метавонед онро ҷустуҷӯ кунед ва дар амал татбиқ кунед. Хотираи самараноктарин дар он маврид ба даст оварда мешавад, ки фаъолиятҳои таълимӣ бо маводи омӯхташуда ва мақсади таълим мувофиқ интихоб карда шавад. Дар раванди омӯзиши луғат муносибати мувофиқро ба роҳ монда, барои дарки маъно, ба хотир гирифтан ва истифодаи калима дар нутқи шифоҳию хаттӣ нақши омӯзгор хеле муҳим аст.

Дар раванди таълим бояд ба маънову таркиби калимаҳо диққати асосӣ дода шавад, зеро он бо фаҳмиши дурусти калима ва истифодаи он дар сухан алоқаманд аст.

Якчанд намунаҳои варақаҳои таълимӣ барои рушди салоҳиятҳои дарки маънии хонандагон барои синфҳои 1-2:

**Калимаҳои муқобилмаъноро муайян карда ибора созед.**

**намуна:** соф - абрнок, ҳавои абрнок



**шимол, муҳаббат, гармӣ, латиф, беҳолона, босуръат, бузург, сабук, сӯзон, умед.**

**Кроссвордро бо истифодаи калимаҳои ҳама, деҳқон, паҳлу, ҳамдигар, бузҳо, меваҳо, фаҳмидам, ҳаст, соҳиб дуруст пур кунед.**







**Ба калимаҳои ишорашуда савол гузоред.**

**Мурғ ҳамроҳони меҳнатгурезашро ба сари дастурхон роҳ надод.**

(Чӣ? Чиҳоро? Чӣ хелашро? Ба кучо? Чӣ кор кард?)

**Ҳаммаънои калимаҳои додшударо муайян намоед**

Намуна: **САРОСЕМА нашав, – гуфт чӯпон.**
**ШИТОБ накун, – гуфт чӯпон.**

**ГУРУСНА – .?. , ДИЛСӮЗ – .?. , ГАРМ – .?.**
Гурги ГУРУСНА аз чӯпон нон пурсид.
Чӯпони ДИЛСӮЗ ба гург нон дод.
Дар танӯри ГАРМ нон мепазанд.

Амалияи мо собит кард, ки баланд бардоштани самаранокии кори лексикӣ сохтани китобҳои дарсии мувофиқ, васоити таълимӣ, барномаҳо, луғатҳои махсусро талаб мекунад. Фарзияи азхудкунии луғат дар асоси ба назар гирифтани робитаҳои системавии байни калимаҳо ҳамчун яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии кори луғат дар амалия тасдиқ карда шуд.

Аз тадқиқот чунин хулоса баровардан мумкин аст:

✓ Мунтазам ва ҳадафмандона ворид кардани маводи луғавӣ ба раванди таълими забони модарӣ ва амалигардонии он ба ташаккулу рушди малакаю маҳорати нутқи хонандагон ва ба васеъ гардонидани захираи луғавии онҳо мусоидат намояд;

✓ Аҳамияти татбиқи пайгиронаи принсипи интихоби маводи таълимӣ дар луғат, грамматика ва имло, дар асоси ба назар гирифтани муносибатҳои системавӣ дар луғат, барои такмили минбаъдаи нутқ, грамматика ва тайёрии имлои хонандагони хурдсол;

✓ Ба қадри кофӣ азхудкунии луғат метавонад, заминаи мустаҳкам барои баланд бардоштани фаъолияти таълимии хонандагони хурдсол, ғанӣ гардонии нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ гардад;

✓ Дониши кофӣ дар бораи луғат ва грамматикаи забони тоҷикӣ барои омӯхтани фразеологияи он заминаи мусбат фароҳам меорад. Ин ба рушди фаъолияти нутқи хонандагон мусоидат мекунад. Омӯзиши фразеологӣ набояд дар алоҳидагӣ, берун аз системаи забон, алалхусус луғат ва грамматика гузаронида шавад;

✓ Кор бо луғат ба рушди тафаккури хонандагон барои омӯзиши забони тоҷикӣ мусоидат мекунад, зарурати муқоиса ва фарқи маънии калимаҳои гуногунро ба миён меорад; на танҳо ба ҷамъоварии бошууронаи калимаҳо, балки ба ташаккули малакаҳои бомуваффақият баён кардани фикрҳои худ дар шакли хаттӣ-эҷодӣ мусоидат мекунад;

✓ Кори мунтазам оид ба ғанӣ ва возеҳ сохтани луғати хонандагони синфҳои ибтидоӣ доираи ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мекунад, ба такмили малакаҳои хониш таъсири судманд мерасонад ва барои амалияи минбаъдаи забон дар муассисаҳои таълими заминаи мустаҳкам ба вуҷуд меорад.

Методологияе, ки мо пешниҳод кардем ва дар таҷриба санҷида шуда, самаранокии таълими хонандагони синфҳои 1-4 аз луғати забони тоҷикиро дар асоси ба назар гирифтани пайвастагиҳои системавӣ тасдиқ кард ва пешниҳод карда мешавад, ки ба муаллими синфҳои ибтидоӣ кӯмак расонад.

Зарурати таваҷҷуҳи махсус ба раванди инкишофи нутқи хонандагон маҳз бо ёрии кор бо луғат аз он сабаб ба миён омадааст, ки захираи луғавии хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ба ақидаи аксари муаллимон, хеле кам аст. Асосан, он аз доираи луғати ҳаёти ҳаррӯза берун намебарояд. Дар байни машқҳои гуногуне, ки муаллим бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги нутқи хонандагон истифода мебарад, машқҳои луғавӣ бояд мавқеи муҳимро ишғол кунанд. Онҳо бояд ба густариши луғат, қобилияти интихоби калимаҳо аз он, ки ба муҳтавои изҳорот бештар мувофиқат кунанд ва онро на танҳо дуруст ва дақиқ, балки ифоданок кунанд, мусоидат кунанд.

Суханронии мантиқан равшан, далелнок, маҷозии шифоҳӣ ва хаттии хонанда нишондиҳандаи рушди ақлии ӯ мебошад. Аз ин рӯ, инкишофи нутқ як самти хеле муҳими системаи умумии таълими кӯдакон буда, муваффақиятро дар кори таълимӣ дар ҳамаи дигар фанҳо таъмин менамояд. Ғанисозии захираи луғавӣ ва рушди нутқи хонандагон вазифаи асосии муассисаҳои ибтидоии таълимӣ буда, равишҳои гуногунро бо истифодаи васоити аёнии равшан (аз қабили расмҳои таълимӣ, тасвирҳо, асарҳои мусиқӣ, графика) талаб мекунад, ки диққати хонандагонро ҷалб намуда, азхудкунии калимаҳои навро осон мегардонанд ...

**АДАБИЁТ:**


1. Байзоев А. Роҳнамои фанни «Забони модарӣ» барои синфи 1-ум. Душанбе: Маориф, 2016.- 180 с.
2. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо. Модули 2. (Мураттибон: Ниёзов Ф.. Алиев А. ва дигарон). – Душанбе, 2016.
3. Баранов М.Т. Повышение эффективности словарной работы. /Сб. «Пути совершенствования преподавания русского языка», под ред. В.А. Добромыслова.- М.: Изд-во АПН РСФСР, 1962. -С. 160-167.
4. Барнома аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 1-4.- Душанбе, 2016.
5. Барномаи Абдуллоев И., Икромова Ф., Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 2. - Душанбе: Полиграф групп, 2005.- 254 с.
6. Выготский Л.С. Мышление и речь / Выготский Л.С. Избранные психологические исследования. —М.,1956. - 392 с.

7. Грушников П.А. Работа над словом на уроках русского языка в начальных классах. -М.: Просвещение, 1973. -143 с.
8. Дзампаева Л.Г. Организация лексической работы на уроках осетинского языка в начальных классах: Автореферат кандидатской диссертации. —М., 1998.- 22 с.
9. Зиёев М. Н., Мирзоматов Н., Бадалова М., Роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими «Забони модарӣ» ва «Математика». – Душанбе, 2008.
10. Купров В.Д. Словарная работа на уроках русского языка. //Начальная школа. -1990, -№3.- С. 21-26.
11. Лаврова Н.М. Развитие умения пользоваться лингвистическими словарями./ Н.М.Лаврова.//Начальная школа плюс до и после .- 2005. - № 5. - С.35- 40.
12. Прудникова А.В. Лексика в школьном курсе русского языка. -М.:Просвещение, 1979.144 с.
13. Скороход Л.К. Словарная работа на уроках русского языка. -М.: Просвещение, 1990.-96с.
14. Текучев А.В. Методика преподавания русского языка в средней школе. Изд. 2-е, перераб. и доп. -М.: Просвещение, 1986. - С.297-356.
15. Ушинский К.Д. Избр. произв. -М.,- Л., 1946, - 176 с.
16. Ушинский К.Д. Избранные педагогические произведения. М.,1968. - 371с.
17. http://nauka-pedagogika.com/pedagogika-13-00-02/dissertaciya-organizatsiya-leksicheskoy-raboty-na-urokah-osetinskogo-yazyka-v-nachalnyh-klassah#ixzz2F J6SrJWh


***Калидвожаҳо:*** *луғатомӯзӣ, рушди нутқи кӯдак, захираи луғавӣ, самаранокии омӯзиш, технологияи омӯзиш, салоҳиятҳои омӯзгор, грамматика ва имло*

## СЛОВАРНЫЕ УПРАЖНЕНИЯ, ИХ РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ УСТНОЙ И ПИСЬМЕННОЙ РЕЧИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье анализируются важность словарных упражнений при формировании устной и письменной речи учащихся младших классов. Содержание статьи свидетельствует о том, что для того чтобы привить у учащихся навыки работы со словарём, нужно, чтобы они изучали больше новых слов, знакомились с новыми фразами и активно применяли их в разговорной и письменной речи.Авторами приведены конкретные примеры словарных упражнений, которые играют немаловажную роль в формировании и развитии устной и письменной речи младших школьников. На уроках родного языка с целью обогащения словарного запаса учащихся учитель должен использовать и применять творческие задания, разного виды деятельности и активные методы обучения.

***Ключевые слова:*** *словарь, обучение словарю, развитие речи младшего школьника, словарный запас, развивающее обучение, технологии обучения, компетенции в обучении, грамматика и правописание.*

## DICTIONARY EXERCISES, THEIR ROLE AND SIGNIFICANCE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF ORAL AND WRITTEN SPEECH OF YOUNGER PUPILS

The article analyzes the importance of vocabulary exercises in the formation of oral and written speech of primary school students. The content of the article indicates that in order to instill in students the skills of working with a dictionary, it is necessary that they learn more new words, get acquainted with new phrases and actively use them in colloquial and written speech. The authors provide specific examples of vocabulary exercises that play an important role in the formation and development of oral and written speech of younger students. In native language lessons, in order to enrich the vocabulary of students, the teacher must use and apply creative tasks, various types of activities and active teaching methods. Key words: vocabulary, vocabulary training, speech development of a younger student, vocabulary, developmental learning, learning technologies, learning competencies, grammar and spelling.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Юсуфҷонова Дилбар Холиқҷоновна **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, н.и.п..сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторах*:*** Юсуфджанова Дилбар Холикджановна – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.

**Information about the authors:** Yusufjonova Dilbar Kholikjonovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the department of theory and methods of teaching the mother language**. Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

САЛИМОВА Д.

# АМАЛИГАРДОНИИ ПРИНСИПИ ФУНКСИОНАЛӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МОРФОЛОГИЯ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Илми педагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охирҳои асри XX ва аввали асри XX1 бо талаботи замон ба як қатор дигаргуниҳо дучор омадааст. Аз ҳама асосии ин дигаргуниҳо - ин гузариш ба равиши салоҳиятнокии таълим мебошад. Ғайр аз ин парадигмаҳои марказнок будани дониш, муайян намудани татбиқи он дар амалия барои протсесси таълими муосир мувофиқ аст. Бартариятҳои дар боло номбаргардида дар раванди таълими забони тоҷикӣ низ мубрамият доранд. Имрӯзҳо инноватсия дар методика характери системанок дорад, чунки мақсади мукаммал гардонидани ин ё он ҷабҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ компоненти нав, мубрамияти методҳои муайяни таълим, тағйирот дар шакли ташкили фаъолияти хонандагонро дар дарсҳои забони тоҷикӣ тақозо мекунанд. Ин падида ба ташаккули шахсияти хонанда дар протсесси таълим мусоидат мекунад. Азназаргузаронии масъалаи амалигардонии принсипи функсионалӣ зимни омӯзиши морфология аз ҷониби олимони зиёде анҷом ёфтааст, вале доир ба амалигардонии принсипи функсионалӣ зимни омӯзиши морфология дар дарсҳои забони тоҷикӣ то ба ҳол таҳқиқоти мӯъҷазе ба анҷом расонида нашудааст. Доир ба шаклҳои грамматикии матнсоз А. В Бондарко, З. Я. Тураева, М. А. Шелякин ва диг. таҳқиқот бурдаанд. Масъалаи экспрессивият ҳамчун воситаи ифоданокӣ ва тарзи махсуси баён дар услуби ифодаи воҳидҳои забонӣ бо проблемаи контекстикунонӣ алоқаманд мегардад. Маъноҳои услубии воҳидҳои забонӣ дар навбати худ матнро таҳия намуда, тавассути мавҷудияти воситаҳои забонӣ дар протсесси коммуникатсия ҳусни баёнро меофаранд. Ин равишҳои грамматика ва илмии забон нақшаи амалии курси мактабии омӯзиши забонро васеъ намуда метавонанд. Дар қисми омӯзиши «Забон» ва «Нутқ» матн ҳамчун воҳиди асосии забон ва нутқ ҳисобида мешавад. Таҳқиқи нутқи кӯдакон аз давраи томактабӣ аз ҷониби муҳаққиқон Иматзода Л., А. Гвоздев, М. Ливов ва диг. сурат гирифта, ҳамрадиф будани ташаккули маҳорати грамматикиро бо механизмҳои нутқи майнаи сар муайян мекунанд. «Ҳамин нукта моро водор месозад, ки ба масъалаи омӯзиши забон ва инкишофи нутқи кӯдакон дар синни томактабӣ эътибори махсус диҳем ва аз имкониятҳои мавҷудаи забономӯзии онҳо дар ин давраи синнусолӣ самаранок истифода намоем» [6, 7]. Бинобар ҳамин, аз давраи томактабӣ кӯдак аллакай ҳиҷо сохта метавонад, калима талаффуз мекунад ва тамоми шаклҳои грамматикиро аз бар намудааст. Дар давраи минбаъдаи таълим бошад, тавассути грамматика нутқи хаттиро меомӯзад ва вобаста ба ҳамин маҳорати нутқи шифоҳиро низ рушду такомул медиҳад. Натиҷаи амалигардонии принсипи функсионалии омӯзиши морфология гуфта, протсесси шиносоии хонандагонро бо функсияҳои матнии ҳиссаҳои нутқ, нақши шаклҳои калимасозро дар сохтани матн (функсияи матнсозӣ) ва ифодаи нутқи муаллифро (функсияи ифодакунӣ), ки барои мушаххас қабул намудани сухани гуфташуда, фикри дар матн навишташуда мусоидат мекунад, дар назар дошта мешавад (Расми 1.).




Расми 1.

Интихоби дурусти шаклҳои грамматикӣ ҷиҳати ба мақсад расидан ва муносибати манфиатнок бо атрофиён барои инсон шарт ва зарур аст. Сохтори грамматикии нутқи мактаббачаи синни миёнаи мактабӣ барои муҳаққиқи илми педагогика мавриди таваҷҷуҳ аст. Таҳқиқи протсесси ташаккули сохтори грамматикии нутқ мувофиқи ҷанбаҳои категорияи грамматикӣ, шахс, шумора, намуд, инчунин хатоҳои грамматикӣ ва лакнатҳои нутқ дар корҳои тадқиқотии олимони зиёде оварда шудааст.

Бо мақсади нишон додани муҳити объективии истифодаи шаклҳои грамматикии хонандагони синфҳои 5-9 озмоиши илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронида шуд, ки натиҷаҳои он барои анализи муқоисавӣ, ҷамъбасти мавод дар самти қонунгузориҳо, азхудкунии сохти грамматикии нутқи хонандагон корбурд хоҳад шуд. Дар раванди озмоиш бештар ба малакаи коммуникативии хонандагон, хусусан ба қабул ва истифодаи шаклҳои грамматикии исмҳо дар нақли хаттӣ ва эссе аҳамияти ҷиддӣ дода шуд. Интихоби исм ҳамчун ҳиссаи нутқ бо мӯҳтавои барномаи амалкунандаи муосири фанни забони тоҷикӣ алоқаманд аст. Дар ин мавзӯъҳои барномаи таълимӣ исм ҳамчун воситаи матнсоз, ба таври бадеӣ ва ифоданок баён намудани фикр омадааст. Дуруст қайд намудааст Ливов М. Р. «Забон дорои системаи хос буда, омӯзиши он низ дар мактаб бояд дорои чунин хусусият бошад, яъне таълими ҳамаи фаслҳояш бояд дар доираи пайдарҳамиву ҳамгироӣ ба роҳ монда шавад» [7, 61]. Ҳамзамон, ҳиссаҳои дигари нутқ тибқи ҷанбаи функсионалӣ ба таври мухтасар дида баромада мешаванд. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки супоришҳои ягона ҷиҳати муайян намудани дараҷаи суханронӣ ва малакаи нутқи фасеҳу равон доштани хонандагон дода шавад. Дар миёни дигар ҳиссаҳои нутқ исм ягона ҳиссаи нутқест, ки қисми зиёди калимаҳои забонро фаро гирифтааст ва дар сохтани калимасозиҳо низ нақши он муҳим аст. «Ба муаллимон зарур аст, ки дар таълими ҳар як мавзӯи боби «Исм» аз аввал то ба охир дорои маълумоти басо баланд ва дониши дақиқи назариявию методӣ бошанд. Зеро, ки танҳо самаранок таълим додани боби мазкур аз ҳар ҷиҳат баҳри хубтару беҳтар таълим додани ҳиссаҳои дигари нутқ шароити мусоидтарро метавонад фароҳам оварад» [8, 251]. Бо мақсади муайян намудани дараҷаи болоравии маҳорати суханварӣ ва инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонандагон давраи аввали озмоиши илмӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и шаҳри Ҳисор гузаронида шуд. Таҳлили шумораи миқдории таблитсаи №1 нишон дод, ки дараҷаи болоравии маҳорати суханварӣ ва инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонандагони синфҳои озмоишӣ аз синфҳои назоратӣ як миқдор зиёдтар гардидааст. Маълумоти дар раванди озмоиш натиҷагирикардашуда имкон медиҳад, ки дар бораи зарурати амалигардонии принсипи функсионалӣ зимни омӯзиши морфология дар дарсҳои забони тоҷикӣ чун омили муҳими малакаи интеллектуалии ташаккули шахсияти хонандагон дар давраи рушд ва инкишофи мамлакати соҳибистиқлол хулоса барорем.

| синф | Синфҳои озмоишӣ | | | Синфҳои назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи хонанда | Давомно кии таълим | Инкишо фи нутқ | Шумораи хонанда | Давомно кии таълим | Инкишо фи нутқ |
| V | 41 | 42 | 23 | 43 | 43 | 20 |
| VI | 35 | 44 | 21 | 37 | 42 | 19 |
| VII | 36 | 46 | 34 | 35 | 47 | 43 |
| VIII | 38 | 42 | 32 | 39 | 41 | 39 |
| IX | 32 | 41 | 21 | 37 | 48 | 40 |
| X | 33 | 39 | 28 | 38 | 34 | 37 |
| XI | 34 | 37 | 20 | 32 | 36 | 34 |

Дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ бо усули муқоиса ва ҳамгиро мумкин аст матнҳои адабиёти бадеӣ аз осори шоирону нависандагони тоҷик ва халқу миллатҳои дигар истифода бурда шаванд. Ғайр аз ин, дар раванди таълими ҳиссаҳои нутқ истифодаи воситаҳои инноватсионии таълим ҷиҳати болоравии малакаи гуфтор ва саводнокии имлоӣ нақши муҳим мебозад. Дар рафти фаҳмонидани мавзӯи аввали боби омӯзиши исм, ки бо номи "Исм" таълим дода мешавад, ба хонандагон бояд мафҳумҳои предметиро фаҳмонидани исм, аломатҳои морфологии исм ва вазифаи синтаксисии он дар ҷумла бо истифода бурдани матнҳои бадеӣ, овардани мисолҳо аз нутқи шифоҳӣ шарҳ дода шавад. Масалан, онҳо медонанд, ки исм ба саволҳои кӣ?, киҳо? ва чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешавад. Ҷавоб ба ин саволҳо хоҳар, модар, фарзанд, хона, мева, мактаб ва ғ. мебошанд. Омӯзгорро зарур аст, ки дар синфи 5 ин нуктаҳоро аз нигоҳи илми грамматика дар заминаи мисолҳои барҷаста ба таври васеътар шарҳу тафсир диҳад. Ин нукта яке аз талаботҳои барномаи таълим ҳисоб меравад. Мувофиқи гуфтаҳои боло амалигардонии принсипи функсионалӣ зимни омӯзиши морфология аз масъалаҳои муҳими таълими фанни забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Тадқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мавзӯъ боиси болоравии малакаҳои суханварӣ, саводнокии имлоӣ ва болоравии сатҳу сифати дониши хонандагон мегардад.

**Адабиёт:**


1. Алексеева О. Реализация функционального принципа при изучении морфологии в школьном курсе русского языка / О. Алексеева, автореф. дисс. докт.пед.наук, Москва, - 2010.- 45с.
2. Анварӣ С., Мирзоев С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 6 / С. Анварӣ, С. Мирзоев: Душанбе, – 2013. - 221с.
3. Аминов С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 7 / С. Аминов: Душанбе, – 2019. - 273с.
4. Аминов С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 8 / С. Аминов: Душанбе, – 2015. - 216с.
5. Бобомуродов Ш., Сабзаев С., Набиева С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 5 / Ш. Бобомуродов, С. Сабзаев, С. Набиева: Душанбе, – 2018. - 255с.
6. Иматзода Л. Инкишофи нутқи мураттаби кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо асарҳои бадеӣ / Л. Иматзода, дисс.барои дарёфти дараҷаи номзади илми педагогӣ, - Душанбе,-2000.- 142с.
7. Ливов М. Словарь-справочник по методике русского языка / М. Ливов, -Москва: Просвещение. - 1988.-324с.
8. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С. Шербоев, Душанбе, - 2009. – 454с.
9.


## АМАЛИГАРДОНИИ ПРИНСИПИ ФУНКСИОНАЛӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ МОРФОЛОГИЯ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ


Принсипи функсионалӣ зимни омӯзиши морфология унсури асосии таълими фанни забони тоҷикӣ мебошад, ки малакаи гуфтор ва нутқи шифоҳию хаттии хонандагонро мукаммал мегардонад. Ин падида ба ташаккули шахсияти хонанда дар протсесси таълим мусоидат мекунад. Таълими забони тоҷикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ компоненти нав, мубрамияти методҳои муайяни таълим, тағйирот дар шакли ташкили фаъолияти хонандагонро дар дарсҳои забони тоҷикӣ тақозо мекунад, ки ҷиҳати болоравии малакаҳои суханварӣ, саводнокии имлоӣ ва болоравии сатҳу сифати дониши хонандагон мусоидат мекунад.



***Калидвожаҳо:*** *фанни забони тоҷикӣ, морфология, омӯзгор, таълим, омӯзиш.*


## РЕАЛИЗАЦИЯ ФУНКЦИОНАЛЬНОГО ПРИНЦИПА ПРИ ИЗУЧЕНИИ МОРФОЛОГИИ НА УРОКАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА


Функциональный принцип в изучении морфологии является ключевым элементом обучения таджикскому языку, который улучшает устные и письменные навыки учащихся. Это явление способствует формированию личности ученика в процессе обучения. Преподавание таджикского языка в средних школах требует новой составляющей, актуальности определенных методов обучения, изменений в организации деятельности учащихся на уроках таджикского языка, что способствует улучшению разговорных навыков, орфографической грамотности и повышению качества знаний учащихся.



***Ключевые слова***: *таджикский язык, морфология, учитель, образование, обучение.*

## IMPLEMENTATION OF THE FUNCTIONAL PRINCIPLE IN STUDYING MORPHOLOGY IN THE LESSONS OF THE TAJIK LANGUAGE

The functional principle in the study of morphology is a key element of Tajik language teaching, which improves the oral and written skills of students. This phenomenon contributes to the formation of the student's personality in the learning process. Teaching the Tajik language in secondary schools requires a new component, the relevance of certain teaching methods, changes in the organization of students 'activities in Tajik language lessons, which contributes to improving speaking skills, spelling literacy and improving the quality of students' knowledge.

***Key words:*** *tajik language, morphology, teacher, education, training.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Салимова Дилором Исматовна** - унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, директори МТМУ № 50, шаҳри Ҳисор.

**Сведения об авторе:** Салимова Дилором Исматовна - соискатель Института развития образования им. Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, директор МТМУ-50 города Гиссар.

**Information about the author:** Salimova Dilorom Ismatovna - resercher of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Tajik Academy of Education, director of MTMU-50, Gissar city.

**Ш.ТОҲИРИЁН, С.АСОЕВ**

## НАҚШИ ҲАМКОРИИ ОМӮЗГОР ВА ХОНАНДА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ҶАНБАИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИДОШТА

Зимни тайёрӣ ба дарси адабиёт омӯзгор метавонад аз алгоритми амалҳои зерин истифода барад (Расми1). Даври якум-хондани китоб. Мо интихоби зиёди адабиёти гуногунро дорем, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адибон нақл мекнанд. Даври дуюм-муайян намудани мақсади асосии дарс. Бо адабиёт ҳаматарафа шинос гашта, муайян намудан лозим аст, ки чӣ тавр ҳаёт ва фаъолияти як шахси муътабар дар доираи як идея, як меҳвар сипарӣ гаштааст. Хизмати асосии ин шахсиятро кушода додан зарур мебошад. Даври сеюм-коркарди мушаххаси дарс. Даври чаҳорум – таҳлил намудани он, ки то чӣ дараҷа натиҷаҳо бо мақсади гузошташуда мувофиқат мекунанд? То чӣ дараҷа маънои асосӣ фаҳмо аст ва то кадом андоза муваффақ гардидем, ки маводи таълимиро ба ҳаёти ахлоқию маънавии хонанда ворид созем?




Расми 1. Алгоритми амалҳо дар дарси адабиёти ҷанбаи маънавидошта.

Аввал он, ки ба монанди дарси ҳаррӯза материал ҷамъоварӣ карда мешавад. Ба монанди лаҳзаҳои муҳиме, нақл кардани онҳо зарур аст, ҳолатҳое, ки ба ҳиссиёти хонанда (ҳамдардӣ, ифтихор ва ғ.) таъсир мекунад, ҳатман ворид карда мешаванд. Инчунин, супоришҳои шавқоваре, ки кор бо матн, бо расм, иншо, супоришҳои хаттӣ ва шифоҳӣ барои муқоисаро дар бар мегиранд ва ғ., интихоб намудан лозим аст. Дар бораи ҳодисаҳои

рӯзмарра сухан ронда, ҳамеша зарур аст, ки онро ба ахлоқ ва маънавиёт алоқаманд намоем, хонанда бояд дарк намояд, ки аз одоби хуб ва маънавиёти олӣ инсон умри абад ёфта метавонад. Ба ҳамин тариқ, тамоми материали ҷамъоварӣ намуда бояд ба меҳвари асосии дарс - ахлоқ ва маънавиёти олӣ нигаронида шуда бошад. Дуюм, мантиқи дарсро сохта тавонистан лозим аст. Яъне аз мушаххас ба умумӣ гузаштан, масалан, аз лаҳзаҳои ҳаёти шахсӣ ба кори ҷамъиятӣ ва аҳамияти таърихидошта гузаштан (инкишофи дарс аз таваллуди Рустами Достон то корнамоиҳо ва муҳофизати марзу буми аҷдодӣ). Сеюм, як «хати сурх»-и муайяни мавзӯи асосиро тавассути тамоми материали пешниҳодшуда кашида бурдан. Чаҳорум, суханро тавре изҳор доштан лозим аст, ки хонандаро ба амал намудан водор созад. Яъне мисоли ҳаёти шахси мавриди омӯзишро ҳамчун намунаи ҳаётӣ нишон додан (Расми 2)




Расми 2. Коркарди мушаххаси дарс.

«Хусусиятҳои раванди ташаккули эътиқодоти маънавӣ ва ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз сатҳи огоҳии ақидаҳои онҳо дар бораи паҳлӯҳои ахлоқии муносибатҳои инсонӣ, дараҷаи устувории таваҷҷӯҳи онҳо ва мутобиқати рушди эҳсосоти ахлоқӣ, кӯшиш ва ирода вобаста аст» [2, 300].

Саволҳое, ки ҷиҳати мутолиаи маводи таълимӣ мусоидат мекунанд.

Мақсад: ташаккули маҳорати кори мустақилона бо матн, бодиққат хондани адабиёти пешниҳодшуда.

Саволҳои тахминӣ оид ба матн:

–Лаҳзаҳоеро, ки аз матн шумо такроран хондан мехоҳед, ишора намоед (варақча гузошта мешавад). Барои чӣ шумо ин лаҳзаҳоро интихоб намудед?

–Эпизодҳоеро, ки пешравии ҳаёти адиб ё қаҳрамонро аз дигар эпизодҳо бештар инъикос мекунанд, ҷудо кунед.

–Рафтори адиб ё қаҳрамонро бо одамони имрӯзае, ки дар ҳамон ҳолат меафтанд, муқоиса намоед.

–Кадом рафтор ё ин ки калимаҳо шуморо водор сохт, ки дар бораи зиндагӣ, дар бораи худатон ва дигар одамон андеша намоед?

–Чӣ шуморо ба ҳаяҷон овард?

– Фикр кунед, ки рафтори ин шахсият тасодуфӣ аст,ё ин ки натиҷаи ҳодисаҳо аст? Кадом ҳодисаҳо?

Гумон меравад, ки яке аз вазифаҳои асосии предмети раванди маънавиёт ин кори бодиққат ва боандеша бо матнҳои масъалаи ахлоқӣ-тарбиявидошта, коркард, инкишоф ва мустаҳкамкунии матнҳои хондашуда, фаҳмоиши он, далелҳо оварда тавонистан оид ба мавқеи интихобнамудаи худ, хулоса бароварда тавонистан мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки таҳлил намудани адабиёти ҷанбаи ахлоқӣ-маънавидошта дар кадом шакле

набошад, бе муқоиса намудан бо инсони замони муосир номумкин аст, бо назардошти он, ки фарҳанги умумӣ ба вуҷуд меояд ва онро ҷаҳонишавӣ, глобализатсия ном мебаранд. Чунин ақидарониҳо бо афкори қаҳрамони асари «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ, яъне бо мафкураи як умр ҳамчун ғулом зиндагӣ намудан, рост намеояд. Чаро зарурат шуд, ки мафкураи ғуломоне, ки асрҳо боз бо як маром зиндагӣ мекарданд, дигар шавад? Мафкураи ғуломӣ дар замони гузашта чӣ тавр пайдо шудааст ва дар замони имрӯза низ чунин фикррониҳо мавҷуданд? Инҳо саволҳои асосие ҳастанд, ки омӯзгор ҳангоми таҳлил намудани асари бадеӣ диққати хонандаро бояд ба он ҷалб намояд.

**Характеристикаи қаҳрамон**

Кор бо адабиёти бадеӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсии қаҳрамони бадеиро характеристикаи муносиб диҳем ва ин омили худбаҳодиҳии шахсии хонанда мегардад. Итминони комил мавҷуд аст, ки чунин тарзи кор ба худтаҳлилкунии маънавӣ, худинкишофдиҳӣ ва худро ислоҳ намудани хонанда низ сабаб мегардад. Супориш: ба хонандагон супориш дода шавад, ки сифатҳои ба назари онҳо муҳими қаҳрамони асари бадеиро интихоб намоянд. Ин сифатҳоро аз нигоҳи шахси муосир, ҷавонони ҳозира баҳо диҳед. Як мисоли чунин шарҳ додани характери қаҳрамони асари бадеӣ чунин аст: хонандагон бо ҳаёт ва фаъолияти эҷодии сотим Улуғзода ва асари ӯ «Восеъ» шинос шуда, муҳим будани мардонагӣ, шуҷоат ва муборизаҳои адолатхоҳонаро дар зиндагӣ мефаҳманд. Чунин тарзи пешниҳод намудани муҳимияти дифоъ аз зулму истибдод, нангу номуси инсонӣ ва хондани китоб, адабиёти хусусияти маънавидошта ба зеҳни хонанда беасар намемонад. Қайд намудан зарур аст, ки элементи асосӣ дар характеристика додани қаҳрамони асари бадеӣ, ин андешарониҳои хонандагон, ҳолати эмотсионалӣ ва эҳсосоти онҳо аст. Бо ин мақсад аз асари бадеӣ бояд порчаҳои мувофиқ интихоб карда гирифта шаванд. Хонандагон эпизодҳои асарро муҳокима менамоянд ва эҷодкорона шарҳ медиҳанд, замири инсони реалиро дарк намуданро меомӯзанд, дар муқоиса бо шахсиятҳои дигаре, ки асоси реалӣ надоранд.Чунин тарзи кор мушоҳида намудани падидаи ахлоқӣ-маънавиро ба хонанда ёд медиҳад. Натиҷаи таҳлилро ба ҳолатҳои ҳаётии шахсони муосир баргардонидан бисёр манфиатнок хоҳад буд. Зимни омӯзиши мавзӯи «Мероси адабии Сайидо. Таҳлили ғазалҳои Сайидо» мумкин аст сюжетҳои зеринро интихоб намоем: «Таҳсили ибтидоии шоир», «Ақлро аз нафс болотар гузоштани шоир», «Хулоса баровардан оид ба натиҷаҳои мукофоти амал», «Омилҳое, ки муборизаи нафс ва ақлро тезутунд менамоянд» ва ғ.

Чунин тарзи омӯзиш қариб дар ҳамаи дарсҳои ба ахлоқ ва маънавиёт бахшидашуда ҷой дошта метавонад. Намунаи дарсҳои адабиётро, ки ҷанбаи ташаккули ахлоқӣ-маънавӣ дорад, дар зер меорем. Барои аҳволи ботинии адиб ё қаҳрамон, муносибати ӯро бо одамони атроф нишон додан, имкон аст **усули «суратнигорӣ»-**ро истифода барем:

-бо кадом суханҳо мо метавонем фазои манзили Сайидои Насафиро тасвир намоем? Барои чӣ?

-ҳангоми тасвир намудани муносибати адибро бо вазъи иҷтимоӣ бо кадом калимаҳоро истифода бурдан беҳтар аст? Муносибати маънавии ёрро бо қаҳрамони лирикӣ чӣ?

-бо кадом суханҳо мо метавонем рӯҳияи адиб ё қаҳрамони асари бадеиро тасвир намоем?

Имконияти дигари тайёр намудани характеристикаи қаҳрамони асари бадеӣ ё адиби мавриди омӯзиш **аз рӯйи нақшаи пешниҳодшуда** низ мавҷуд аст. Масалан, чунин нақша:

1.Ӯ кӣ буд ва дар кадом давра зиндагӣ мекард?

2.Образи кадом сифатҳои шахсӣ буда метавонад? Андешаи худро дар борат муҳим будани ин сифатҳо дар замони муосир иброз доред.

3.Ин шахс чӣ қаҳрамонӣ ё корҳои шоиста намудааст?

4.Аҳамияти образ дар замонт муосир чӣ аст? Хаёт ва фаъолияти ӯ ҳамчун намунаи кадом хислатҳо гардида метавонад? Ба гуфтаҳои худ далелҳо оред.

**Тасвири бадеӣ**. Агари шумо ҳайкалтарош мебудед, ба шахси мавриди омӯзиш чӣ гуна ҳайкал мегузоштед? Онро тасвир намоед ва бо ҷумлаҳо шарҳ диҳед.

**Кор бо танграма**. Шахси мавриди омӯзишро бо ёрии танграма низ шинос намудан ва характеристика додан мумкин аст. Ба ҳамин тариқ, хонандагонро супориш медиҳем, ки аз

қисмҳои танграма шаклеро тарҳрезӣ намоянд, масалан, шакли Таҳминаро, ки бо шавҳараш Рустам вақти аз Самангон рафтанаш хайрухуш мекунад. Ба расми тарҳрезишуда якчанд сарлавҳа гузоштан мумкин аст. Тибқи озмоиш муайян шуд, ки хонандагон чунин навиштаҷотро фикр карда навиштаанд: «Роҳатон сафед бошад!», «Зудтар баргардед!», «Дуогӯйи Шумоям!». Шакли тарҳрезишуда дар раванди кор бо тарбияи ахлоқию маънавии хонандагон метавонад нуқтаи асосӣ гардида, вафодории ҳамсарон, фарзонагии занро нишон диҳад. Ба аҳду вафо содиқ будан - ин аст расму ойини муҳаббати пок доштан, ки дар адабиёти классики форсу тоҷик ҷойи меҳварӣ дорад. Чун оина софдил будан, дурӯя набудан, оромтабиат, ғамхор ва пуртоқат будан ишқу муҳаббати ҳақиқӣ аст. Дар бораи чунин муҳаббату вафодорӣ берун аз танграма бо хонандагон сӯҳбат кардан мумкин аст. Тарзи корбарии характеристика додани шахси мавриди омӯзиш дар хонандагон андешаронӣ, назари таҳлилӣ, баҳодиҳӣ, муҳокима ва идеал буданро ташаккул медиҳанд. Ҳамзамон, педагог бо мақсади тарбияи ташаккули шахсият метавонад корро ташкил намояд. Педагог Ушинский таъкид намудааст, ки дар як раванди омӯзиш иҷрои ду вазифа якҷоя карда мешавад: аз худ кардани системаи донишҳои илмӣ ва рушди қобилияти хонандагон аз ҷиҳати дониш. Ба инкишофи тафаккури мантиқӣ низ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад [6, 24].

**Хониш тавассути диалог** (хониши дискретӣ) «паси ҳамдигар». Мундариҷаи таълими ахлоқӣ-маънавии хонандагон кори саҳл нест. Вазифаи асосии хониш тавассути диалог-ин аз рӯйи матн якмаром хонда тавонистан, бо муаллиф ҳамнафас гаштан, қадам ба қадам бо зинаҳои ритми хониш, овоз, калимаҳо, образҳо ва аз ҳама асоситар-ҳис кардани контекст мебошад. Тамоми асарро ҳамчун як фигураи ҳисоботӣ қабул намудан лозим нест, чунки ҳамаи асарҳои бадеӣ-ҳамчун як фаъолият ба шумор мераванд. Хондани асари бадеӣ маънои ба умқи ҳаёт фурӯ рафтанро дорад.




Расми 3. Характеристикаи қаҳрамони асари бадеӣ.

Мусаллам аст, дилхоҳ асар дар ҳоле зарурат ба хондан дорад, ки ба зиндагии инсон ёрӣ расонад. Ҳамон ҳавои тоза ва равшаниеро, ки ҷони одам маънавиёти ӯ тақозо дорад, истифода барад. Хонандаро китобхонӣ ёд додан, ин яъне ба ӯ ҳис кардани рӯҳи асарро, ки хоси ҳар як мавҷуди зинда аст, омӯхтан аст. Ғайр аз ин, ба хонанда ёрӣ мерасонад, ки образҳоро натанҳо дар алоқамандӣ бо рӯйдодҳо, балки вобаста ба таҷрибаи таърихӣ, фарҳангӣ, дар контексти таҷрибаи шахсӣ бинанд ва омӯзанд.

## АДАБИЁТ:

1. Асозода Х., Кӯчаров А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум. Душанбе, Маориф,2018,– 400 саҳифа.
2. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. Душанбе: Ирфон, - 2014, - 206с.
3. Коменский, Я.А. Великая дидактика // Избр. пед. соч./Я.А.Коменский.

4. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития / С. Нурматов. - дисс. ... канд. филос. наук. Ташкент: -1979. - 166 с.
5. Текучев А. В. Методика русского языка в средней школе.- М.: Просвещение, 1980.
6. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании / К.Д. Ушинский // Собр. соч. М. ;Л., 1948.-Т, 2.-С. 69-167.
7. Файзулло Шарифзода. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир/ Ф. Шарифзода. Душанбе: "Ирфон"-2016. 63с.
8. Хоҷаев Д., Зикриёев Ф., Саломов М. Китоби забони тоҷикӣ синфи 9 / Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, М. Саломов: Душанбе, – 2018. - 184с.
9. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон) – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 456с.

***Калидвожаҳо:*** *китоби дарсӣ, адабиёти тоҷик, таълим, омӯзгор, хонанда.*

## РОЛЬ ВЗАИМОСОТРУДНИЧЕСТВА УЧИТЕЛЯ И УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ ЛИТЕРАТУРЫ В МОРАЛЬНО-НРАВСТВЕННОМ АСПЕКТЕ

В статье описаны методы внедрения способов и средств воспитания нравственности в преподавание таджикской литературы. Использование этих методов дает навыки и умения самостоятельно изучать, усваивать и реализовывать предметы таджикской литературы. Внедрение таких нововведений в виде конкретных примеров и их анализ представлен в статье как гипотеза. Предлагаются методы организации практической деятельности наряду с нравственным воспитанием школьников-подростков, развития основных нравственных качеств личности подростка, обогащения опыта общения, поведения и установок.

***Ключевые слова:*** *учебник, таджикская литература, образование, учитель, читатель.*

## THE ROLE OF COOPERATION OF THE TEACHER AND STUDENTS IN THE PROCESS OF LITERATURE LESSONS IN MORAL AND SPIRITUAL ASPECT

The article describes the methods of introducing methods and means of moral education in the teaching of Tajik literature. The use of these methods gives the skills and abilities to independently study, assimilate and implement the subjects of Tajik literature. The introduction of such innovations in the form of specific examples and their analysis is presented in the article as a hypothesis. Methods of organizing practical activities along with moral education of adolescent schoolchildren, the development of the basic moral qualities of a teenager's personality, enrichment of the experience of communication, behavior and attitudes are proposed.

***Key words:*** *textbook, tajik literature, education, teacher, reader.*

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён – номзади илмҳои филология. Мудири шуъбаи фанҳои филологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Асоев Сафарбек Юсуфович**–омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71 ба номи Юсуф Акобирови ноҳияи Шоҳмансур, шаҳри Душанбе. Тел.: + 992 882038484, e-mail: asoev71@mail.ru

**Сведения об авторах: Шахлои Абдуализодаи Тохириён** – кандидат филологических наук, заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования имени Абдурахман Джами. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Асоев Сафарбек Юсуфович** - учитель таджикского языка и литературы, общеобразовательная школа №71 имени Юсуфа Акобирова Шохмансурского района г. Душанбе. Тел .: + 992 882038484, e-mail: asoev71@mail.ru

**Information about authors: Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon** – Candidate of Philological Sciences. Head of the Philology Department of the Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi. Phone: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Asoev Safarbek Yusufovich** - teacher of the Tajik language and literature, secondary school №71 named after Yusuf Akobirov, Shokhmansur district of Dushanbe. Phone: + 992 882038484, asoev71@mail.ru

**ЛУТФУЛЛОЕВА П.М.**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Чун иборахои «Маърифати шаҳрвандӣ» ё худ «тарбияи шаҳрвандӣ» - ро мешунавем, дар пеши назар инсоне тасаввур мегардад, ки дар худ салоҳиятҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтироми ҳуқуқи одамони гирду атроф, итоат ба қонун, қобилияти ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилоот, мутобиқшавии иҷтимоӣ, самти касбӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятиро дошта, дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёт фаъол мебошад. Вале саволе ба миён меояд, ки кадом меъёрҳои иҷтимоӣ, муносибатҳо, қоидаҳо, амалҳо метавонанд намунаи тарзи зисти беҳтарини ҳаётро барои одамони натанҳо имрӯз, балки насли ояндаро кафолат диҳанд. Аслан, тарбияи шаҳрвандӣ ё худ маърифати шаҳрвандӣ маълумот дар бораи диди ҷомеае мебошад, ки мо дар он зиндагӣ мекунем ва дар он зиндагӣ кардан мехоҳем. Ва азбаски қариб ҳамаи мо аъзои ҷомеа ҳастем, сохтори он ба мо таъсир мерасонад, дар навбати худ ҳар яки мо низ ба ҷомеа таъсир мерасонем. Вазифаи тарбияи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама ҳавасманд кардани шахс ба азхуд кардан ва истифода бурдани воситаҳои таъсиррасонӣ, ё худ «салоҳияти шаҳрвандӣ аз дониш, малака/маҳорат ва арзишҳое иборат аст, ки барои татбиқи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрванд заруранд».

Мактаб дар ҳаёти кӯдак ҷоест, ки пеш аз ҳама ба тарбияи шаҳрвандии ӯ мусоидат мекунад, то ки ӯ дар оянда ба Ватани худ ёрӣ расонда тавонад, рохи тараккиёти мамлакатро дарк карда, нақши худро дар ин ҷараён ҳамчун нақшаи дурнамо бинад.

Хушбахтона дар ин самт дар мактаб барои ташаккул ва рушди тарбияи шаҳрвандӣ корҳои зиёде анҷом дода шудаанд: қонуну консепсия, барномаву дастурҳо бо равишҳои гуногун таҳия шудаанд, семинарҳо ва конфронсҳо гузаронида мешаванд, нашрияҳои махсус нашр карда мешаванд.

Маълум аст, ки насли навраси имрӯза аз пешина куллан фарқ мекунад, дар замони муосир, ки техникаву технология рӯз аз рӯз пеш рафта истодааст, инсони замонавӣ бояд ҳамқадами он буда, фикру андешааш устувор бошад. Яъне донад ки доир ба чӣ бояд фикр кард? Чӣ эҳсос кард? Чӣ гуна бояд рафтор кард? Муносибат ба халқу Ватан чӣ гуна бояд буд? Яъне ташаккули мавқеъи шаҳрвандӣ аз хурдсолӣ, аз оила ва мактаб ҳатто аз муассисаи томактабӣ оғоз гардида, тарбияи он тӯли ҳаёти инсон давом меёбад.

Андеша, рафтору кирдор, хислат, тақдир, орзу - ин қадамҳоест, ки ҳар инсон бо он по мемонад. Ин натиҷаи ҷидду ҷаҳди дуру дарози ҳар нафарест, ки дар ташаккули афкор, рӯҳ ва мавқеи одам дар зиндагӣ маълум мегардад. Мақсади асосии тарбияи шаҳрвандӣ дар давлати муосири демократӣ ташаккули мавқеи шахсӣ дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Чунин шахс бояд микдори муайяни донишу малака дошта бошад, системаи ташаккулёфтаи арзишҳои демократӣ, инчунин майлу хохиши иштирок дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мактаб ва маҳаллиро дошта бошад. Тарбияи шаҳрвандӣ ба ташаккули салоҳияти шаҳрвандии шахс нигаронида шудааст.

Салоҳияти шаҳрвандии шахс маҷмӯи омодагӣ ва қобилиятҳое мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки тамоми маҷмӯи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои инсониро дар ҷомеа фаъолона, масъулиятнок ва самаранок амалӣ намояд, яъне дониш ва маҳорати худро дар амал татбиқ намояд. Ташаккули салоҳияти шаҳрвандии мактаббачагон бо ташаккули арзишҳои бунёдии онҳо, ки шуури шаҳрвандиро муайян мекунанд, зич алоқаманд аст. Дар раванди ташаккули арзишҳои демократӣ тарбияи хонандагон дар асоси дастовардҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик, анъанаҳои фарҳангӣ ва таърихии зодгоҳ муҳим аст.

Метавон тарбияи шаҳрвандиро дар мактаб дар се марҳила омӯзонд.

Дар марҳилаи аввал (таълими ибтидоӣ) арзишҳои асосии ахлоқӣ, меъёрҳои рафтор гузошта шуда, ташаккули шахсе оғоз мегардад, ки худро як ҷузъи ҷомеа ва шаҳрванди Ватани худ медонад. Маҳорати муошырати кӯдак инкишоф меёбад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки ба ҷомеа ворид шавад, ба ташаккули қобилияти ҳалли ҳолатҳои мунокиша тавассути муколама мусоидат мекунад. Ҳалли яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ - инкишофи нерӯи эҷодии хонандаи синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули шахсияти қобилияти саҳмгузор дар ҳаёти кишвар мусоидат мекунад.

Марҳилаи дуюм (мактаби асосӣ) ташаккули системаи арзишҳо ва муносибатҳои рафтори наврасонро идома дода, барои азхуд кардани дониш ва малакаҳои зарурӣ барои

ҳаёти ояндаи мустақил дар ҷомеа мусоидат мекунад. Дар ин марҳила асоси тарбияи шаҳрвандиро эҳтиром ба қонун, ҳуқуқи тарафайн ва масъулият дар назди ҷомеа ташкил медиҳад. Бо омӯзиши таърихи Ватан, донистани меъёрҳои ибтидоии ахлоқию ҳуқуқӣ шуур ва тафаккури хонандагон ғанӣ мегардад.

Дар зинаи сеюм дониш дар сохахои гуногуни ҳаёти ҷамъият ба амал омада, дар бораи ҳуқуқҳои одамон, мавқеи шаҳрванд, самти чамъиятию сиёсии ӯ амик карда мешавад. Вазифаи ин марҳила аз он иборат аст, ки хонандагон дар раванди фаъолияти иҷтимоӣ омодагӣ ва қобилияти худро барои ҳифзи ҳуқуқи худ ва ҳуқуқи дигарон такмил дода, тарзи сохтани фаъолияти инфиродӣ ва коллективиро донанд.

Дар мактаб мазмуни тарбияи шаҳрвандӣ дар ҳамаи курсҳои таълимӣ ва пеш аз хама дар фанхои гуманитарӣ ва сиклхои фанҳои табиӣ татбик карда мешавад.

Моҳияти тарбияи шаҳрвандӣ дар он аст, ки ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар бораи инсон, ҷомеа, муносибати инсон ба табиат, ба муҳити гирду атроф, муносибат ба худ ва одамони дигар, дар бораи соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ (иқтисод, сиёсат, ҳуқуқ, муносибатҳои иҷтимоӣ) маълумот гиранд. Дар асоси дарки шахсӣ ва эмотсионалии таҷрибаи муносибатҳои байни одамон дар гузашта ва хозира муносибати эхтиромро нисбат ба акидаи дигарон, тахаммулпазирӣ ташаккул медиҳанд. Хонандагон ҳангоми гузарондани муколама як қатор масъалаҳоро аз ҷумла ҳал кардани вазъиятҳои мунокишавиро меомӯзанд, дар вазъиятҳои душвор интихоб мекунанд. Дар раванди омӯзиши ҷомеашиносӣ мактаббачагон метавонанд идеалҳо ва арзишҳои ҷомеаи демократӣ, ватандӯстиро азхуд кунанд, худро ҳамчун инсони комилҳуқуқ дар кишвари худ дарк намоянд.

Хусусан дарсҳои таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ имкон медиҳанд, ки аз ҷониби мактаббачагон азхудкунии мунтазам ва мақсадноки таърихи инкишофи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои асосии дар миёнаҳои асри гузашта дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ифодаёфта ташкил карда шаванд. Дар рафти омӯзиши таърих ва ҷомеашиносӣ хонандагон дар бораи рушди маънавии шахс, дар бораи мақоми шахсият, шароити ташаккули тамаддунҳои гуногун, демократия, дар бораи проблемаҳои озодӣ ва масъулиятшиносӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ, тасаввурот пайдо намоянд.

Дар дарсҳои забон ва адабиёт тавассути шоҳасару достонҳо, шеъру ғазалҳо ва дигар эҷодиёти пурғании мутафаккирони классику муосир хамчун манбаи дониш дар бораи ифодаҳои неку бад, ҳаёт, инсон ва ҷомеа, инсон ва табиат, инсон ва миллат, ҳуқуқи инсон, шаъну шараф, виҷдон, ахлоқи инсон метавон маълумот дода, дар ташаккулёбии инсон ва болоравии арзишҳои ахлоқии ӯ мусоидат намуд.

Хонандагон баробари омӯхтани забони хориҷӣ дар бораи мамлакатҳои дунё, дар бораи маданияти миллӣ ва саҳми он ба маданияти ҷаҳонӣ маълумоти умумӣ мегиранд. Онҳо бо урфу одат, одоб, рӯзгор ва истироҳати халқҳои сокини ин мамлакатҳо шинос мешаванд. Омӯзиши забони хориҷӣ ба инсон имкон медиҳад, ки фарҳанги халқҳои дигарро беҳтар дарк намояд, бо таҷрибаи ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ дар хориҷа шинос шавад, ки ин ба ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо, мусоидат мекунад.

Сикли фанҳои табиӣ ба таъсири мутақобила ва вобастагии ҷонибҳои табиӣ, ичтимоӣ ва иктисодии чамъият нигаронида шудаанд; дар талабагон хисси масъулият барои хифзи мухити зист, майлу хохиши фаъолона иштирок кардан дар халли проблемахои глобалии дар назди инсоният истода ташаккул меёбад.

Корҳои берунazсинфӣ, низ метавонанд омили тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ бошанд. Зеро онҳо имкон медихад, ки идеология ва чахонбинии шаҳрвандӣ ташаккул ёбад. Ҳар гуна олимпиадаҳо, тамошои осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ, мусобиқаҳои зеҳнӣ, махфилҳои ширу шакар, шеърхонӣ, даъвати шахсони шинохта, семинару конференсияҳо, озмунҳо ва дигар чорабиниҳо ба рушди чунин хислатхои маънавӣ, чун эхтиром ба анъанаҳо, маданият, фарҳанг ва таърихи халки худ, фаъолияти чамъиятиро тарбия мекунанд.

Дар татбики вазифахои маърифати шаҳрвандӣ истифодаи самараноки технологияхои навтарини педагогӣ, ки ҷиҳати фаъолияти ҷараёни таълимро таъмин менамоянд, аҳамияти калон дорад. Методҳои фаъол ва интерактивӣ низ ба ташаккули малакаву маҳоратҳои

таълимӣ ва шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд. Вале ҳанӯз ҳам неруи тарбиявии мазмуни тарбияи шаҳрвандӣ, ки дар раванди таълим амалӣ мегардад, бо тамоми аҳамияташ барои ташаккули шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, салоҳиятдор ҳанӯз нокифоя аст.

Ба таври умум эътироф шудааст, ки мавқеи фаъоли ҳаётии ҷавонон тавассути инкишофи фаъолонаи падидаҳои доираи иҷтимоию иқтисодӣ, вақте ки вай дар моделсозии падидаҳои иҷтимоӣ иштирок мекунад, маҳорати гузаронидани муҳокима ва ҳифзи худро амалан аз худ мекунад, дар нуқтаи назари худ устувор аст, осонтар мешавад.

Асоси тарбияи шаҳрвандӣ идеяи иштироки ҳамаҷонибаи шахс дар ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки он омезиши ташаккули малакаҳои амалияи ҷамъиятиро бо азхудкунии амиқи асосҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар бар мегирад. Яке аз усулҳои интенсивии амалияи иҷтимоӣ тарҳрезии иҷтимоӣ мебошад, ки ҳам дар синф ва ҳам дар корҳои беруназсинфӣ амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии тарҳрезии иҷтимоӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули нуқтаи назари шахсии хонандагон оид ба масъалаҳои баррасишуда мебошад.

Хонандагон метавонанд дар ин самт лоиҳаҳои иҷтимоие омода созанд, то ки ба онҳо имконият медиҳанд, ки ғояҳои умумии дар давоми дарсҳо ба даст овардашударо бо ҳаёти воқеӣ, яъне иштироки худи онҳо, дӯстон, хонавода, омӯзгорон дар он иштирок мекунанд, бо ҳаёти иҷтимоӣ, бо рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар миқёси дарсҳо пайваст ва алоқаманд кунанд.

Дар рафти татбиқи чунин лоиҳаҳо хонандагон дониши худро фаъолона истифода мебаранд, бо ҳам муошират ва ҳамкорӣ мекунанд.

Масъулияти шаҳрвандӣ шаъну шарафи олии инсон буда, ташаккули он барои хар як шахсе, ки дар ҷараёни тарбия иштирок мекунад, кори душвор аст. Халли масъала танхо бо ҷидду ҷаҳди якҷояи оила, мактаб, ташкилотҳои ҷамъиятӣ — тамоми аҳли ҷамъият имконпазир аст. Зиндагии шоиста танҳо дар ҳамон давлате имконпазир аст, ки шаҳрвандонаш он сарзаминро дӯст доранд, дар ҷое, ки сайр мекунанд, онро зебу зинат бахшида, фарҳанги муоширатро ташаккул диҳанд, таърихи онро медонанд ва ифтихор доранд, хотираро дар бойгонии оилавӣ нигоҳ доранд ва тайёранд, ки дар бораи худ масъулият ва ғамхорӣ кунанд.

**Лутфуллоева П. М.**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи «Маърифати шаҳрвандӣ» ё худ «тарбияи шаҳрвандӣ» - рафта, дар зери ин мафҳум инсоне тасаввур мегардад, ки дар худ салоҳиятҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтироми ҳуқуқи одамони гирду атроф, итоат ба қонун, қобилияти ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилоот, мутобиқшавии иҷтимоӣ, самти касбӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятиро дошта, дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёт фаъол мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *маърифати оиладорӣ, фарҳанг, илму дониш, инсон, тарбия, эҳтиром, шаҳрванд, муассисаҳои таълимӣ.*

**Лутфуллоева П.**

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Как подчеркивает автор под термином «гражданское образование» подразумевается человек, обладающий способностями толерантности, уважения к правам других, подчинения закону, умения искать и анализировать информацию, адаптивность. Имеет социальную, профессиональную направленность, активно участвует в общественной жизни и решает важные жизненные вопросы.

***Ключевые слова:*** *семейное воспитание, культура, наука и знания, человек, воспитание, уважение, гражданин, образовательные учреждения.*

**Lutfulloeva P.**

## PEDAGOGICAL FOUNDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF CIVIC EDUCATION IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

As the author emphasizes, the term "civic education" means a person who has the ability to tolerate, respect the rights of others, obey the law, the ability to seek and analyze information, adaptability. Has a social, professional orientation, actively participates in public life and solves important life issues.

***Key words:*** *family education, culture, science and knowledge, person, education, respect, citizen, educational institutions.*

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Алешина Ю. Индивидуальное и семейное консультирование. – М., 2010. – 208 с.
2. Гусова А.Д. Психологические особенности современной семьи //Азимут научных исследований. 2016. Т. 5. №5 (12). С. 206-209.
3. Макаренко А.С. Теория и методика коммунистического воспитания /Сост. А.А. Фролов. Киев: Рад. шк. 1985. 279 с.
4. Шарифзода Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон- Душанбе «Ирфон».- 2012, 402 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006 №94, 21 с.

**Сведения об авторе: Лутфуллоева Парвина** – кандидат педагогических наук, заместитель директора Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126

**Information about the author: Lutfulloeva Parvina -** candidate of pedagogical sciences, deputy director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 126

## 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

УДК 377.1

**Е.А. КУДРЯВЦЕВА**

# МАТЕМАТИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ПРОБЛЕМА ПОЗНАВАТЕЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНИКОВ

Современная образовательная парадигма нацелена на познавательное развитие личности с детства, формирование познавательных потребностей и интересов, ценностных ориентаций, воспитание нравственно-волевых качеств, обеспечивающих готовность ребенка к учебной деятельности.

В Федеральном образовательном государственном стандарте дошкольного образования РФ определена образовательная траектория, учитывающая комплексный, интегрированный подход к развитию детей, в центре которой - интеллектуальное развитие, усвоение элементарных математических знаний дошкольников. Данная образовательная траектория обеспечивает целостную картину восприятия мира, разностороннее развитие личности с дошкольного возраста. Современные педагогические требования к умственной деятельности дошкольника заключаются в формировании у него способности к выбору и осуществлению как воспроизводящей, так и творческой деятельности, умении применять поисковые и исследовательские действия, сопоставляя их с результатом, его объективной оценкой.

Педагогические усилия, направленные на формирование интеллектуальной культуры, создают необходимые предпосылки для адаптации ребенка к современным условиям цифровизации образования и технологическим процессам, как актуальной реальности, в которую современный дошкольник неизбежно включается [1].

Одним из направлений интеллектуального развития детей является математическое образование, нацеленное на развитие представлений, являющихся базой для освоения основных элементарных понятий математики. Образовательный процесс способствует накоплению, расширению субъектного опыта дошкольника в контексте освоения инновационных способов познания окружающего мира, в том числе математического содержания. Педагогическое сопровождение помогает ребенку обобщить, закрепить накопленный субъективный опыт и постепенно включать элементы инновационных способов познания в развитие и обучение дошкольника. В качестве перспективных направлений математического образования детей дошкольного возраста в настоящее время включают становление субъектной позиции, формирование начальных компонентов учебной деятельности, действия экспериментирования и модулирования, насыщение предметно-игровой среды в дошкольной образовательной организации. Данные направления перспективны в контексте математического образования детей дошкольного возраста. Исследователи отмечают, что формирование математических представлений у детей находится на предматематическом уровне, соответствующей стадии формирования математических знаний, элементарных представлений, выступающих предпосылкой подготовки ребенка к овладению математикой в школе. Итогом предматематической подготовки дошкольника является не столько накопление определенных знаний и умений, сколько познавательный интерес к новому, интеллектуальное развитие, организация умственной деятельности, которые в дальнейшем обеспечивают успешное освоение информации путем реализации технологий логико-математического содержания [2,3].

Учет закономерностей развития познавательных процессов и способностей дошкольников, особенности становления познавательной деятельности ребенка позволяют определить задачи математического образования детей. В их числе такие задачи, как определение специфики элементарных математических представлений, разработка и реализация эффективных методов, средств математического развития дошкольников, обеспечение преемственных связей в системе дошкольного и начального обучения,

разработка методических рекомендаций для родителей по математической подготовке ребенка в семье и др. Решение задач в данном направлении обеспечивает надежную преемственность в сфере дошкольного и начального образования [4].

В соответствии с ФГОС дошкольного образования предшкольная подготовка предусматривает наличие таких компетентностей у ребенка, как умение планировать свои действия для реализации конкретных задач, способность решать интеллектуальные и иные проблемы, адекватно выбирая и преобразуя способы их решения. Отмечается важность сформированности универсальных предпосылок к учебной деятельности, а именно, умение работать согласно правилам и образцам, выполняя инструкцию педагога. Математическое содержание, представленное в разных образовательных программах обучения дошкольников, раскрывается в таких направлениях, как представления и понятия, зависимости и отношения, математические действия, дидактическая игра, занимательная математика и т.д.

Анализ различных вариативных программ по формированию элементарных математических представлений детей в детском саду показывает, что дети осваивают представления и понятия о количестве, числе, множестве, величине, мере, форме предметов и геометрических фигурах, а также пространственные и временнее представления, отдельные понятия. Основные математические понятия в дошкольном возрасте, как считают исследователи, вводятся описательным образом, а именно, при знакомстве с числом дети упражняются, считая реальные и изображенные на картинке предметы, одновременно знакомятся с простейшими геометрическими фигурами без определений. Подобным образом дети осваивают такие понятия, как больше, меньше; один, два, три; первый, второй, последний и другие. Конкретное понятие устанавливается наглядным образом в ходе наблюдения за определенными предметами и тем, как ребенок ими оперирует. Авторы указывают на широкое применение детьми «предпонятийных», «житейских» понятий [5].

В нашей экспериментальной деятельности изучалась структура образовательного процесса в детском саду с точки зрения познавательного развития детей шести лет в области математической подготовки. Основная задача была направлена на выявление роли и места математических знаний в плане воспитательно-образовательной работы педагога и реализации их в практической деятельности воспитанников. Анализ методического сопровождения интеллектуального развития детей выявил, что необходимая развивающая среда, в том числе математического содержания, имеет место в экспериментальной дошкольной группе, а именно, стенд для решения проблемных задач, зона детского творчества, представляющая занимательные работы дошкольников, логическое дерево, трансформирующееся в сенсорное, геометрическое, дерево-считалку в зависимости от поставленных задач. Анализируя планы работы воспитателей по разделу «Познавательное развитие» мы отметили интерес многих педагогов к технологиям математического содержания. Воспитатели разрабатывают занятия с применением технологий развивающего и дидактического характера.

Значительное место занимают дидактические игры, задачи которых нацелены на различение объемных и плоскостных изображений предметов, фигур, людей, животных, архитектурных сооружений из заданных наборов геометрических фигур. Например, ребенок должен правильно соединить части разрезанного квадрата или треугольника, круга, или иной геометрической фигуры. Эффект подобных действий заключается в создании нестандартных силуэтов, причудливых фигур. В процессе исследования обнаружились отдельные проблемы в организации образовательного процесса по математическому развитию детей. В частности, мы установили, что самостоятельная деятельность детей, в том числе экспериментирование, регламентировано требованиями и действиями строго по образцу. Данная методика лишала детей возможности реализовать собственный замысел, задуматься над возникшей проблемной задачей. Кроме того, применение метода экспериментирования оказалось бессистемным в плане воспитательно-образовательной работы воспитателя.

Наша педагогическая деятельность целенаправленно осуществлялась в реализации проекта по применению современных технологий логико-математического развития старших дошкольников.

Целью проекта было максимально оптимизировать процесс познавательного развития дошкольников с помощью технологий логико-математического развития. Нами последовательно решались задачи по обогащению познавательного опыта детей, расширению их математических представлений, насыщению предметно-пространственной среды, а также по повышению теоретической, методической грамотности педагогов и вовлечении родителей в образовательный процесс. Ожидаемым результатом предполагалась активизация организации познавательного процесса, математического образования детей старшего дошкольного возраста.

Повышение компетентности воспитателей обеспечивалось путем проведения серии семинаров, консультаций по организации экспериментальной деятельности посредством технологий моделирования и использования их в математической подготовке дошкольников. Вопросы семинаров опирались на такие актуальные технологии математического развития детей как «Лист Мёбиуса», математическое моделирование с помощью технологии флексагона. применение логических блоков Дьенеша, позволяющие педагогу развивать умственные способности детей, любознательность, логическое мышление, рассуждение, умение видеть проблему, работать со схемами.

Например, знакомство с технологией «Лист Мёбиуса» дает представление о какой-либо поверхности, понимание которой заключает в себе некоторую таинственность, а именно, полоска бумаги, концы которой склеены после одного перекручивания, символизирует бесконечность. Особенность технологии флексагона – идеального конструктора состоит в создании бесконечного разнообразия форм. Флексагоны помогают находить сходства и различия фигур, классифицировать их.

К участию в семинарах приглашались и заинтересованные родители, которые были вовлечены в образовательный процесс, проявили активность в совместной деятельности всех участников педагогического эксперимента.

Следующий этап работы включал проведение серии занятий с дошкольниками на основе применения технологии математического развития детей. Данная деятельность осуществлялась на базе предметно-развивающей среды в зоне эксперементирования. Содержание образовательной деятельности вызывало познавательную инициативу детей и поддерживало их любознательность и исследовательский интерес. В частности, проводили игры-соревнования между детьми типа, кто скорее найдет, назовет, определит предмет, КВН, «Клуб знатоков, игры – диалоги, занимательнее игры «Мы детективы».

Итоги совместной работы свидетельствуют о повышении методической компетентности воспитателей и расширении познавательного опыта, математических представлений, развитии любознательности детей, умении видеть проблему и самостоятельно находить способы ее решения. Повышение информированности и заинтересованности родителей в образовательном процессе также усилило значимость проблемы математического образования детей. Таким образом, совместная деятельность всех участников образовательного процесса способствовала актуализации познавательного развития ребенка и новым перспективам в математическом образовании с детства.

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:


1.Глушкова Е., Леонова Л. Компьютер в детском саду // Дошкольное воспитание. 2010. №10. С. 44-49.

2. Белошистая А.В. Теория и методика организации математического развития дошкольников: монография. Мурманск: МГПУ, 2010. 140 с.

3. Давайте поиграем: математические игры для детей 5-6 лет: Кн.для воспитателей дет.сада и родителей/под ред. А.А. Столяра. М.: Просвещение,1991. 165 с.

4. Венгер Л.А. Игры и упражнения по развитию умственных способностей у детей дошкольного возраста. М.: Просвещение, 1989. 243 с.

5. Вербенец А.М. Реализация идей интеграции в логико-математическом развитии дошкольников// Теории и технологии математического развития детей дошкольного возраста. СПб.: Детство-Пресс,2008. С.307-322.\

**МАТЕМАТИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ПРОБЛЕМА ПОЗНАВАТЕЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ДОШКОЛЬНИКОВ**

В статье анализируется проблема математического образования дошкольников в контексте познавательного развития личности, рассматриваются пути решения задач математического содержания посредством игры, инновационных технологий. Анализируются данные педагогического эксперимента с выводами о необходимости грамотного подхода к познавательному развитию ребенка дошкольного возраста в условиях цифровизации общества.

***Ключевые слова***: *инновационные технологии, воспитательно-образовательный процесс, предматематическая подготовка, элементарные математические представления*

**MATHEMATICAL EDUCATION AS A PROBLEM OF COGNITIVE DEVELOPMENT OF PRESCHOOLERS**

The article analyzes the problem of mathematical education of preschoolers in the context of the cognitive development of the individual, are considered ways to solve problems of mathematical content through the game, innovative technologies. The data of the pedagogical experiment with the conclusions about the need for a competent approach to the cognitive development of a child of preschool age in the conditions of digitalization of society are analyzed.

***Keywords:*** *innovative technologies, educational and educational process, premium preparation, elementary mathematical representations.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** Е.А. Кудрявцева – доктории илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти психологӣ-педагогӣ ва ичтимоии ФБ «Донишгоҳи давлатии Воронеж», Россия.

***Сведения об авторе:*** Е.А. Кудрявцева - доктор педагогических наук, доцент, профессор кафедры психолого-педагогического и социального образования БФ «Воронежский государственный университет», Россия.

***Information about the author:*** E.A. Kudryavtseva - Doctor of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Professor of the Department of Psychological and Pedagogical and Social Education BF "Voronezh State University"

**Т.Н.ЗИЁЗОДА**

# САДАЮ НАВРӮЗ ҲАМЧУН ҶУЗЪҲОИ ТАҚВИМӢ

**(Аввалаш дар шумораи гузашта)**

## V

Тавре ёдовар шудем, мавҷудияти тамоили ҳаракати Замин нисбати меҳвараш баробар ба 23,44$^0$ буда, тулкашии ин ҳаракат дар як шабонарӯз каме аз 24 соат зиёдтарро ташкил намуда, дар атрофи Офтоб дар як сол баробар аст ба 365 шабонарӯз ва тахминан 6 соат. Ҳаракати Офтоб ва Замин дар ин вақт тавре аллакай гуфта шуд, тавлидсози чаҳор фасли сол мебошад: баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон. Гардиши Замину Офтоб дар як сол дар баробари дигар махсусиятҳои иқлими фаслҳо, аз он ҷумла иқлими фасли Заминро низ муайян менамояд. Ҳамин тариқ ба назар мерасанд фаслҳои сол дар натиҷаи тамоили Замин нисбати меҳвари худ дар моҳҳои март, июн, сентябр ва декабр, ки моҳҳои аввали фаслҳои сол мебошанд. Вале ин ҷо бояд ба як махсусияти фаслҳои сол низ равшанӣ андохт. Фаслҳои сол ҳамагӣ аз чор қисмат аз рӯи иқлимашон дар як сол ба миён оянд ҳам, на дар ҳамаи параллелҳо аз 0$^0$ хати экватор боло то 90$^0$ (Арктика) ва аз 0$^0$ экватор то 90$^0$ поён аз хати экватор (Антарктика) якхела мебошанд. Вале дар глобус бошад, параллелҳо мувофиқан 80$^0$ (Арктика) ва 60$^0$ (Антарктида) ба назар мерасад. Сабаб боз ҳам ҳамон тамоили ҳаракати Замин дар зери меҳвари худ зери кунҷи 23,44$^0$ мебошад. Бинобар ин, агар аз тарафи рӯ ба рӯи глобус нигаред, пас мебинед, ки 10$^0$ баъди 80$^0$ то Қутби Шимол камӣ мекунад ва то Қутби Ҷанубӣ бошад, 30$^0$ намерасад.







**Параллелҳою меридианҳо** **Нимкураҳо ва қутбҳои Замин**

Параллелҳо хатҳое мебошанд, ки бо хати параллели дигар дар Замин дар ҳолати параллел бо хати экватор кашида шудаанд. Хатҳои параллел натанҳо бо экватор, балки дар параллел бо параллелҳои дигар низ кашида шудаанд, вале онҳо дарозии гуногун дошта, ҳамдигарро бурида намегузаранд. Параллели аз ҳама дарозтарин экватор буда, дар дараҷаи 0 қарор дошта, тахминан масофаи 40.000 километрро ташкил мекунад. Хатҳои дигари параллел аз хати экватиор сар карда, дарозии ҳар параллдели оянда дар ҳарду тарафи экватор - ба суи Қутби Шимолӣ ва Қутби Ҷанубӣ дар ҳолати рӯ ба кӯтоҳшавӣ қарор доранд ва курашакл будани Заминрро низ собит менамоянд. Меридианҳо бошанд, аз як қутб ба қутби дигар тул мекашанд ва дар баробари ба ҳисоб гирифтани параллелҳо аҳамияти чуғрофии худро нисбати ҳудудҳои гуногун пайдо менамоянд.

Бо ҳамин сабаби гардиши Замин дар меҳвари худ дар зери кунҷи 23,44 дараҷа. шӯъла ва гармии Офтоб болотар аз $60^0$ нимкураи Шимолии Замин камтар мерасанд. Дар мавриди гардиши зимистонаи худ Офтоб ба сӯи нимкураи Ҷанубӣ майл мекунад. Бинобар ин, дар ин фасли сол дар нимкураи Ҷанубӣ аслан ҳаво аз нимкураи Шимолӣ дида хеле гарм аст. Махсусияти дигари гардиши Офтоб дар фасли зимистон ин аст, ки он дар минтақаи Арктика ба нуқтаи пасттарини уфуқии худ рафта мерасад. Бинобар ин, дар фасли зимистон дар Қутби Шимолӣ ва минтақаи параллелҳои ба он наздик дар тули чанд моҳ шаби арктикӣ ҳукмрон мегардад. Дар фасли зимистон дар Антарктика низ дар зарфи якчанд моҳ чунин шаб ҳукмрон аст, лекин на ҳамон вақте ки чунин шаб дар Арктика сурат мегирад.

**VI**

Масъалаи дигаре, ки ба қисматҳои 2, 3 ва 4 мақола бевосита дахл дорад, минтақаҳои иқлими Замин буда, онҳо чунин тақсимбанд шудаанд. **Аз хати экватор то Арктика:** минтақаи экваториалӣ, минтақаи тропикӣ, минтақаи суптропикӣ, минтақаи мӯътадил ва минтақаи Арктика. **Аз хати экватор то Антарктика:** минтақаи экваториалӣ, минтақаи тропикӣ, минтақаи суптропикӣ, минтақаи мӯътадил ва минтақаи Антарктика. Ҳолати иқлим дар ҳамаи минтақаҳо аз экватор, чӣ ба сӯи Арктика ва чӣ ба сӯи Антарктика ба ҳаракати Замин дар атрофи меҳвари худ дар зери кунҷи 23,44 дараҷа ва атрофи Офтоб, аз як тараф, чор марҳалаи (фазаи) ҳаракати Офтоб дар мадори худ, аз тарафи дигар, ва махсусиятҳои дигари табиию чуғрофии Замин вобаста мебошад, аз он ҷумла релефи замин, тағйиротҳои экологӣ, таъсири дарёю кулҳо, баҳру уқёнусҳо, биёбон, қумистон, ҷараёни гармӣ аз уқёнусҳо ва минтақаҳои экваториалӣ, сармо аз қутбҳои Арктика ва Антарктика, боришот, набототот, иқлими мӯътадил дар параллелҳои наздик ба Арктика ва Антарктика ва ғайра ба тамоми параллелу меридианҳо таъсир мерасонанд. Бинобар ин, иқлими фаслҳои сол дар тамоми кураи Замин як хел ва дар як вақт сурат намегирад. Баъзе солҳо

ҳатто таъсири иқлими сарди Арктика ва Антарктика ба минтақаҳои иқлимашон гарм низ таъсир мерасонад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо иқлими зимистони имсола (соли 2020/21) дар кураи Замин далел шуда метавонад.

Дар идомаи мақола мо ҳамаи чор фасли солро дар тамоми кураи Замин мавриди таҳлил қарор доданӣ нестем, зеро қариб ҳамагон медонанд, ки онҳо дар ҳар параллел ҳар хел мебошанд. Мо танҳо дар фасли зимистон қарор гирифта, таҳлили мавзӯи мақоларо ба таври хеле мухтасар идома медиҳем. Бояд зикр кард, ки, фасли зимистон боло аз хати экватор, масалан, дар Афғонистону Тоҷикистон, Қазокистону Юнон, Испанияю Ҳиндустон, Чину Эрон, Арабистони Саудию Алҷазоир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар параллелҳои бо ҳам наздик ва фасли зимистоии аз хати экватор поён қарордошта, масалан, дар Индонезияю Австралия, Мадагаскару Ангола, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубию Намибия, Бразилияю Перу, Чилию Аргентина, Зеландияи Наву ҷазираҳои Малвин ва қисматҳои аз хати экватор поёни уқёнусҳои Ором, Ҳинд ва Атлантика дар шароити якхела сурат намегирад, то ки онро мо мувофиқи ченакҳои фасли зимистон дар Осиёи Марказию болотар аз он зимистон номем, зеро ин фасл дар кишвари мо воқеан зимистон аст. Ин ҳолатро дар дараҷаи баландтари гармӣ нисбати Тоҷикистон то параллели 40-45 дараҷа боло аз хати экватор ва поён аз хати экватор мушоҳида кардан мумкин аст. Дар параллелҳои дигари болотар аз 45 дараҷа ин ҳолат наонқадар ба назар мерасад.




**Минтақаҳои иқлими Замин: аз Экватор то Арктика ва Антарктика**

Дар Осиёи Марказӣ ва ҷанубтар аз он аз назари иқлими ҳарчор фасли сол ва пеш аз ҳама аз ҷиҳати ҳарорати ҳаво аз ҳамдигар тафовут доранд ва дар бораи онҳо маълумот додан мушкилӣ ба бор намеорад. Зимистон фасли хунуктарини сол буда, воридшавии он ба рӯзи кӯтоҳтарини сол 22 декабр рост меояд. Аз ҳамин рӯз сар карда шумораи 100 шабонарӯз оғоз ёфта, 29 январ ба анҷом мерасад ва ҳамин рӯз иди Сада ҷашн гирифта мешавад ва то иди Наврӯз (21 март) 100 шабонарӯз боқӣ мемонад. Ин фасл дар баъзу мамлакеатҳои дигар дар ҳамин параллелу меридианҳо низ вуҷуд дорад, ки низ ба ҳаракати Замину Офтоб вобаста аст. Вале бо сабабҳои дар боло баёнёфта он ҳар хел сурат мегирад: дар баъзе мамлакатҳо ҳудудҳои фарққкунанда дорад, дар мамлакатҳои дигар бошад, камтар. Масалан, дар баъзе параллелҳои иқлимашон хунуктар фаслҳои баҳору тобистон якҷоя ба назар мерасанд, тирамоҳу зимистон низ ҳамчунин. Дар байни фаслҳо аз назари ҳарорат ва боришот тафовут кам дида мешавад

Вақте ки дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ фасли зимистон ҳукмрон аст, дар параллелҳои ҷануб аз хати экватор ва то минтақаи тропикии мӯътадил гарм буда, таъсири он ба Антарктида мерасад. Бо ҳамин сабабҳо дар ин параллелҳо мақоми фасли зимистон паст буда, барои мардуми дар онҳо сукунатдошта идҳои Сада ва Наврӯз табиист, ки ин мартабаро надоранд.

**VII**

Мувофиқи қиссаву устураҳои қадима иди Сада ба хотири кашфи афсонавии оташ қайд карда мешудааст, маҳз бо ҳамин сабаб коҳинони зардушти тудаи калони дарзаҳои ҳезумро дар лаҳзаи ҷушу хуруши мурофиаи ҷашнгирии Сада даргиронда, бо ҳамроҳии мардум хурсандӣ ва рақсу бозӣ мекардаанд.

Вале сарчашмаи ин ҷашнвора на он қадар дақиқ маълум аст, чунки дар ин бора нишонае аз матнҳои муқаддаси зардуштия боқӣ намондааст. Баъзе таърихнигорон тахмин мекунанд, ки ин мурофиаи пайравони Зардушт ҳанӯз то зуҳури оини Зардуштия вуҷуд доштааст ва дар ҷаҳон қадимтарин буда, аз дини яккахудоӣ (монотеистӣ) боқӣ монда будааст.

Мувофиқи устураҳои форсӣ Ҳушанг, шоҳи дуюми олам, ҳамон вақте оташро кашф мекунад, ки кушиш карда истода будааст аждаҳорро бо санг зада маҳв кунад. Ҳамин тавр гуфта мешавад, ки ӯ чақмонсангро ба санги дигар мезанад ва аз он шарораҳо парида, ба оташ мубаддал мегарданд.

Ба хотири кашфи оташи бузург, коҳинони зардуштӣ, яъне мӯъбадон шеърхонӣ мекарданд, ки матн аз китоби муқаддаси зардуштия Авесто гирифта мешуд. Мӯъбадон ҳамеша дар тан ба хотири тозагию перостагӣ пераҳани (хилъати) сафеди газворӣ ва дар сар каллапӯш доштанд.

Мӯъбадон дар баробари духтару писаракони эътиқоди зардуштия, пераҳани сафед дар тан, бо машъалҳо дар даст дар атрофи ғарами ҳезум давр мезаданд. Дар ҳамин лаҳза, вақте ки онҳо оташро фурузон мегардонданд, аз ҷониби анбӯҳи одамони дар ҷашн ҳузурдошта садоҳои идонаи дастгирию рӯҳбаландкунанда танинандоз мешаванд ва ин садоҳо дар баробари баландтар афрухтани гулхан, боз ҳам баландтар мешуданд.

Вале ин андешаҳо воқеан аз устураҳои хеле қадим боқӣ монда, онҳоро илмҳои табиатшиносияю ҷуғрофия ва ситорашиносӣ тасдиқ намекунанд. Андешае, ки мувофиқи он иди Садаро дар вақташ пайравони оини яккахудоии Зардуштия низ ҷашн мегирифтанд, метавон ба он хотир розӣ шуд, ки шояд онҳо махсусиятҳои фасли зимистонро аввалин шуда дарк карда бошанд ва ҷашнгирии идҳои Сада – рамзи сардӣ ва Наврӯз – рамзи фаро расидани гармӣ дар муқобили сардӣ ба таълимот ва фалсафаи Зардушту дини зардуштия мувофиқат кардааст. Дар ҳар ҳолат зардуштиҳо ҳамон тақвимеро қабул кардаанд, ки аз махсусиятҳои тақвими табиат гирифта шудааст. Дигар хел буданаш ҳеҷ мумкин нест. Вале дар ҳар ҳол идҳои Сада ва Наврӯз аз қисматҳои муҳими фарҳанг ва ҳастии тамаддуни мардуми ориёӣ буда, ворисони аслии онҳо мардуми форсу тоҷик мебошанд.

**VIII**

Тақвимҳое, ки дар поён оварда шудаанд, пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо ба таври пурра ба иродаи инсонҳо ва фаъолияти амалии онҳо вобаста буда, аз ҷумлаи яке ҷузъҳои муҳимтарини хотираи таърихии миллат ва башарро дар тамаддуни умумиҷаҳонӣ ташкил менамоянд. Намунаҳо аз тақвимҳо асосан аз гурӯҳҳои дуюму чоруми тақвимҳо оварда шудаанд ва ба ин хотир, ки онҳо моҳияти табиӣ нею иҷтимоӣ доранд. Дар тавлиди ин тақвимҳо давлату ҷомеа ва инсонҳо ширкат варзидаанд. Лекин нисбати идҳои Сада ва Наврӯз баёни ин андеша раво нест.

**1. Тақвимҳои қадимтарини моҳтобӣ** дар асри санг тахминан 20.000 сол қабл аз ин тавлид ёфтаанд. Дар ин тақвимҳо моҳҳо 29 ва 30–шабонарӯзӣ буда, ҳамдигарро иваз мекарданд. Тақвими моҳтобӣ аз 12 моҳи баробар ба 354 шабонарӯз иборат буда, сол дар ин тақвим аз соли тропикӣ 11 шабонарӯз пеш мегузашт. Дар натиҷа тақвими моҳтобӣ барои халқҳое, ки машғулияти асосиашон кишоварзӣ буд, ноқуллай баромад, чунки оғози соли нави онҳо ба рӯзи муайян рост намеомад, бинобар ин, оғози соли нав дар мавсимҳои сол тағйир дода мешуд. Барои он, ки тақвими моҳтобӣ ба тақвими тропикӣ наздик карда шавад, ба он моҳи иловагии 13-умро дохил менамоянд. Ҳамин тариқ, тақвими моҳтобию

офтобӣ сохта мешавад. Тақвими моҳтобӣ дар дини ислом ва баъзан дар дини масеҳӣ ҳам мавриди истифода қарор гирифтааст.

**2. Тақвими Бобул.** Тақвими моҳтобӣ нисбатан қадимтарин мебошад. Ин тақвимро аввалин шуда бобулиҳо дар ҳазорсолаи III то милод сохта ва истифода бурдаанд. Дар фасли баҳор дар дарёҳои Даҷла ва Фурот маду ҷазр ба амал меомаданд ва бобулиҳо аз ин нерӯ истифода мебурданд. Барои он, ки ба корҳои мушкили обёрии заминҳои корамнашуда пешакӣ тайёрӣ дида шавад, ба онҳо тақвим лозим буд. Оғози ин кор ба моҳи пурра рост меомад. Дарозии моҳҳо паиҳам 29 ва 30-шабонарӯзиро ташкил мекард. Бо мурури замон ошкор карда шуд, ки аз як мад то мади оянда дар дарёҳои Даҷла ва Фурот 12 моҳ сипарӣ мешудаст. Ҳамин тариқ, сол ба вуҷуд омад, ки дарозии он 354 шабонарӯзро ташкил мекард. Дере нагузашта маълум шуд, ки дар баробари сипарӣ шудани 354 шабонарӯз ҳам соли нав фаро намерасад. Зеро оғози соли нав ва маду ҷазр на ҳама вақт бо ҳамдигар рост меомаданд. Барои аз байн бардоштани ин номутаносибӣ баъди чанд соли муайян ба 12 моҳи сол моҳи 13-умро ҳамроҳ мекардагӣ мешавад. Ҳамин тариқ, дар ҳар 8 сол, солҳои 2-юм, 5-ум ва 7-ум на 12 моҳ, балки 13 моҳ доштанд.

**3. Тақвими Мисри Қадим.** Тақвими қадимтарини офтобӣ дар Миср дар ҳазорсолаи IV то милод ба вуҷуд омадааст. Оғози мад ва ҷазр дар дарёи Нил дар баробари дар осмон пайдо шудани ситораи Сириус аз галаситораҳои Саги Калон рост меомад. Коҳинони Миср фурӯғи Сириусро дида, ба мардум фаро расидани мавсими мад ва ҷазрро хабар медоданд. Фурӯғи ситораи Сириус ҳам ба гардиши Офтоб ва оғози мад ва ҷазр дар Нил дар як вақт сурат гирифт. Дарозии соли мисрӣ баробар буд ба 365 шабонарӯзи офтобӣ. Дар он 12 моҳи иборат аз 30-рӯзӣ ва ба замми онҳо боз 5 шабонарӯзи иловагӣ ҳамроҳ карда мешуд, ки мисриёни қадим ин 5 рӯзро барои шустани гуноҳҳои худ ва арвоҳи ниёгони фавтидаашон мебахшиданд. Соли мисрӣ нисбат ба соли тропикӣ тахминан чоряк шабонарӯз кӯтоҳтар буд. Аз ин рӯ, дар Мисри Қадим фаро расидани соли навро мувофиқан ба ин фарқият тағйир медоданд. Ҳамин тағриқ, тақвими мисрӣ дар 1 сол 6 соат хато мекард, дар 4 сол – аллакай як шабонарӯз, дар 130 сол – як моҳ ва баъди 1460 сол – 1 сол. Ин як солро ба соли ҷорӣ ҳаморҳ мекарданд.

4. Тақвими Форси Қадим. Ин тақвим, чун тақвими Ҳиндустони Қадим тахминан аз шаш мавсим иборат буда, ҳар кадоми онҳо эҳтимол ба ду моҳи тақвими моҳтобӣ баробар буд. Форсҳои қадим бо фарҳанги Байнаннаҳрайн алоқа пайдо карда, тақвими худро бо тақвими Бобул мувофиқ карданд. Сол мувофиқи ин тақвим аз 12 моҳи паиҳами 29 ва 30-шабонарӯзӣ иборат буда, дар маҷмӯъ 354 шабонарӯзро ташкил мекард. Барои ҷуброни тафовут бо соли тропикӣ як маротиба дар шаш сол моҳи 13-ум илова карда мешуд. Тахминан дар охирҳои асри VI – аввалҳои асри V то милод Дорои I Кабир намуди нави тақвимро дар давлати Ҳахоманишиён ҷорӣ менамоянд, ки он офтобӣ буда, ба тақвими мисрии иборат аз 12 моҳи ҳар кадом 30-рӯзӣ шабоҳат дошта, бо марҳалаҳои пуршавию камшавии моҳ алоқаманд набуд. Ба тақвими соли форсӣ чун дар тақвими Мисри Қадими иборат аз 360 шабонарӯз 5 шабонарӯзи намерасидагӣ илова карда мешуд. Барои мувофиқ кардани чунин тақвим ба тақвими тропикӣ, ки ба 365, 2422 рӯз баробар буд, дар зарфи ҳар 120 сол (мувофиқи маълумотҳои дигар дар ҳар 116 сол) 30 рӯзи ҷамъшударо ҳамчун як моҳ илова мекарданд. Маҳз ҳамин намунаи тақвими мисрӣ асоси намунаи тақвими Эрон мегардад, ки номи моҳҳои он зардуштӣ буда, то имрӯз боқӣ мондаанд.

**5. Тақвими Юлианӣ.** Императори Рум Юлий Сезар дар соли 46-ум то милод мувофиқи маслиҳат бо ситорашиноси машҳури мисрӣ Созиген дар асоси тақвиме, ки дар Миср мавҷуд буд, ислоҳоти бунёдии тақвимро барои Рум таҳия ва дар мамлакати паҳновари худ ҷорӣ кард. Дар тақвими нави Рум низоми даврии офтобии чорсола, ки аз маҷмӯи 365 + 365 + 365 +366-шабонарӯзӣ =1461 шабонарӯзи дарозии моҳҳояшон гуногун иборат буда, 30-рӯзӣ дар моҳҳои апрел, июн, октябр ва ноябр ва 31-рӯзӣ барои моҳҳои январ, март, май, июл, август, октябрӣ ва декабр ва барои феврал дар зарфи се сол 28-рӯзӣ ва барои соли чорум 29 рӯзро ташкил менамуд. Вале оғози соли навро Юлий Сезар ба 1-уми январ меорад, барои он хотир ки ҳамин рӯз гӯё консулҳо ба иҷрои вазифаҳои худ шурӯъ мекардаанд ва ҳам рӯзе будааст, ки дар Рум соли хоҷагӣ оғоз меёфтааст. Ҳамин тавр

ба назар мерасад, ки Юлий Сезар соли навро ба иди Сада мувофиқ карда бошад, тафовут дар байни онҳо ҳамагӣ 2 шабонарӯзро ташкил медиҳад.

**6. Тақвими Чини қадим.** Муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки дастоварди муҳимтарини илмии Чини Қадим таҳияи тақвим мебошад. Ҷанинҳои аввалини он аз ҳазорсолаи III то милод сарчашма мегиранд. Дар ҳамин вақт аллакай дар Чин мафҳум дар бораи мавсим ва марҳалаҳои сол вуҷуд доштааст. Дар баъзе солномаҳои чинӣ маълумотҳои археологӣ дар бораи Чини Қадим дар ин бора шаҳодат медиҳанд. Дар замони мавҷудияти давлати Шан-Ин (асрҳои XVIII – XII то милод) дарозии сол 356 рӯз муқарар карда шуда ва сол ба 12 моҳи иборат аз 29–30 рӯзии пайдарпай тақсим карда шуда буд. Баъди ҳар чанд муддат ба он моҳи иловагӣ ҳамроҳ карда мешуд.

Тахминан 1000 сол то милод ситорашиносони чинӣ медонистанд, ки солро ба шумораи умумии моҳҳо тақсим кардан мумкин нест. Дар натиҷаи мушоҳидаҳои дуру дарози ситораҳо дар Осмон дарозии моҳи моҳтобӣ ва соли офтобӣ аниқ карда мешавад: моҳи моҳтобӣ иборат аз 29,5 шабонарӯз ва соли моҳтобӣ иборат аз 365,25 шабонарӯз. Дар ҳамин асос аввал тақвимҳои моҳтобӣ, баъдтар тақвимҳои моҳтобию офтобӣ ва, ниҳоят, тақвимҳои офтобӣ сохта мешаванд.

Дар тақвими моҳтобию офтобии чиноиҳо сол ба 12 моҳ ва моҳҳо пайдарҳам аз 29 ва 30-рӯзӣ иборат буданд. Бо ҳамин сабаб соли моҳтобӣ ҳамагӣ аз 354 рӯз иборат буд. Барои ҳамоҳанг кардани он бо дарозии соли офтобӣ, ки 10 рӯзу 21 соатро ташкил мекард, ҳафт баробар дар зарфи 19 сол моҳи иловагии 13-ум ҷой дода мешуд. Аз рӯи ин тақвим моҳҳо аз моҳи нав оғоз карда мешуданд. Оғози соли нав аз оғози моҳи нав ҳисобида мешуд, ки пеш аз баромадани Офтоб дар галаситораҳои Далв (Водолей) фурӯғ мекард ва ин лаҳза ба моҳи январ рост меомад, яъне ба миёнаҳои гардиши зимистона ва баҳории Офтоб. Дар ин вақт ҳарорати гармии миёнаи шабонарӯзии ҳаво хеле боло мерафт ва марҳалаи тайёрӣ ба киштукори баҳорӣ фаро мерасид.

**7. Тақвими Григориянӣ.** 4 октябри соли 1582 мувофиқи амри папаи Рум Григории XIII гузариш ба тақвими нав ба амал омад, ки он бо номи папа григорианӣ номгузорӣ шудааст. Тақвими муосир аз тақвими юлиании Руми Қадим сарчашма мегирад, ки он 1 январи соли 45 то милод дар натиҷаи ислоҳоте ҷорӣ карда шудааст, ки онро дар соли 46 то милод Юлий Сезар оғоз карда буд.

Дар тақвими юлианӣ ҳар чор соли пайдарҳам аз се соли ҳар кадом 365-рӯзӣ ва як соли Кабиса (Водолей) иборат аз 366 рӯз аст. Ҳамин тариқ, сол аз рӯи ҳисоби юлианӣ ба 365,5 рӯз баробар мебошад ва он аз соли тропикӣ 11 дақиқаю 12 сония дарозтар аст. Ин ақибмонии ҳарсола дар 128 сол ба як рӯз баробар мешавад. Дар соли 1582, ки фарқияти ҷамъшуда 10 рӯзро ташкил карда буд, ислоҳ карда шуд. Барои пешгирӣ кардани такроршавии чунин фарқият дар Аврупои католикӣ системаи нави тақвим – григорианӣ қабул карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар соли 1582 сокинони Рум 4 октябр рахи хоб кашиданд ва дар рӯзи оянда – 15 октябр бедор шуданд. Бо ҳамин ҳисоби рӯзҳо 10 шабонарӯз пеш бурда шуд ва баъди рӯзи чоршанбеи 4 октябр амри папа Григорияи XIII ба тасвиб расид, ки мвофиқи он на санаи 5 октябр, балки санаи 15 октябр фаро расидааст.

То охирҳои асри XVI баробаршавии баҳории шабу рӯз, ки дар соли 325 милодӣ ба 21 март рост меомад, 10 рӯз барвақттар фаро расид, яъне рӯзи 11 март. Бинобар ин, ғамхории асосии папа натанҳо дар барқароркунии шабу рӯз ва моҳи пурра, инчунин муқаррар кардани тарзу усул ва қоидаҳое ҳам ифода ёфта буд, то ки бо шарофати онҳо дар оянда баробаршавии шабу рӯз ва моҳтоб ҳеҷ гоҳ аз ҷояшон ҷумбонида нашаванд.

Ислоҳот дар асоси лоиҳаи табиби италиягӣ, ситорашинос ва риёзишинос Луиҷи Лилиано пиёда карда шуд. Мувофиқи ин лоиҳа тасмим гирифта шуд, ки аз ҳар 400 сол 3-рӯзӣ партофта шавад. Ҳамин тариқ, ба ҷои 100 рӯзи кабиса дар ҳар 400 соли тақвими юлианӣ дар тақвими григорянӣ онҳо ба 97 чунин рӯз рафта мерасид. Аз шумораи кабиса он солҳои асрҳо (солҳои бо ду сифр дар охир омада) хориҷ карда шуданд, ки шумораи садҳо дар онҳо бе каср тақсим намешаванд. Ҳамин тариқ, рақамҳои 1700, 1800 ва 1900 аз он ҷумла мебошанд.

Тафовут дар байни усули кӯҳна ва усули нави солшуморӣ барои асри XVIII 11 шабонарӯз, барои асри XIX 12 шабонарӯз ва барои асри XX 13 шабонарӯзро ташкил намуд. Рӯзҳои ҳафта дар ҳарду тақвим бо ҳам мувофиқ шуданд. Бинобар ин, дар мавриди гузариш аз як тақвим ба тақвими дигар, рӯзҳои ҳафта боқӣ мемонанд. То миёнаҳои асри XX аз тақвими григорианӣ аллакай дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон истифода мебурданд.

\+ \+ \+

Аз мулоҳизаю таҳлилҳои баёнёфта хулоса бармеояд, ки ҳаракати Замину Офтоб, сохти курагии Замин, ҳаракати Замин дар атрофи меҳвари худ зери кунҷи муайяни ба ирода ва фаъолияти меҳнатию зеҳнии инсон ягон робитае надорад. Вале пайдоиши донишҳо дар бораи Замин, қисме аз махсусиятҳои табиию ҷуғрофӣ ва ситорашиносӣ вобаста ба иқлим, фаслҳо сол, тақвими табиат ва амсоли инҳо хизмати инсон мебошанд, ки дар натиҷаи омӯзиш ва таҷрибаи ҳаётӣ ба миён омада, дастраси даҳҳо насли ояндаи инсоният шуда, то замони мо омада расида, предмети таҳқиқоти олимони соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар илмҳои табиатшиносию ҷуғрофия ва ситорашиносӣ шудаанд. Пайдоиш ва ташаккулёбии сайёраҳои системаи офтобӣ дар тули миллиардҳо сол сурат гирифта, бе бозгашт ва то абад дар ҳолати ҳаракати худ боқӣ мемонанд. Вазифа ва рисолати инсон аз он иборат будааст, ки қонуниятҳо ва махсусиятҳои мавҷудияти Заминро дар системаи офтобӣ дуруст дарк карда, аз онҳо истифода бурдааст, ин гуфтаҳо ба идҳои Сада ва Наврӯз низ бевосита алоқаманд мебошанд.

Тавре дар болотар ҳам баён доштем, қисме аз аъзои ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза аз тариқи баъзе воситаҳои ахбор умум ва ё сӯҳбатҳои хосаи махсусан ба мавзӯҳои ба дини мубини ислом иртиботдошта нисбати баъзе идҳо дар тақвими соли кишвар инъикосгардида андешаҳои наонқадар мутамаддин баён месозанд. Дар назар аст асосан иди Сада. Гӯё ки иди Сада марбути оини зардуштия дар асоси таълимоти фалсафии Зардушт буда, хилофи таълимоти дини мубини ислом мебошад ва мардуми мусулмон набояд онро қабул кунанд ва ба ҷашни миллии худ табдил бидиҳанд. Бояд зикр кард, ки ин андешаро баъзе нафарон дар оғози истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нисбати иди

Наврӯз низ мегуфтанд. Вале, хушбахтона. имрӯз дар бораи ин ид суханҳои ифротӣ аз байн рафтаанд ва мардуми кишвар Наврӯзро ҳарсола бо тантана қайд карда, махсусан кишоварзон корҳои баҳориро бо хотири болида оғоз менамоянд, намояндагони касбу кори дигар низ аз оғози Соли Нав ба пиёда кардани нақшаҳои зиндагии худ шурӯъ карда, боварӣ доранд, ки дир ин сол бурдбориҳои дилхоҳ насибашон хоҳанд гашт. Иди Сада низ ба мақоми худ дар тақвими солонаи кишвари мо ноил шуда истодааст.

Бо боварии том метавон гуфт, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар шоҳсутуни устувор ва боэътимоди рушди миллӣ қарор дошта, он дар сиёсати миллии давлат баҳри ҳарчӣ тезтару самаранок эҳё карда шудани арзишҳои фарҳангии ниёгонамон ифода ёфтааст, то ки ҳисси миллию меҳанпарастии ҳамдиёрони мо боз ҳам баландтар шавад ва идҳои Садаю Наврӯз аз ҷумлаа омилҳои беназири ташаккули андешаи миллӣ хизмат кунанд. Дар фуроварди ин суханҳо ёдовар мешавем, ки идҳои Сада ва Наврӯз аз ҷумлаи ҷузъҳои муҳимму таркибии ифодакунандаи қонуниятҳои табиат дар натиҷаи гардиши Замину Офтоб буда, онҳоро идроки одамон дар замонҳои хеле қадим ба миён овардааст ва мо давомдиҳандагони ин мероси гаронбаҳо низ мебошем.

**АДАБИЁТ ВА МАНБАЪҲО**:


1. Абаев В. И. Скифский быт и реформа Зороастра // Archiv orientálni. 1956. Vol. 24
2. Астрономия: Учеб. для 11 кл. общеобразоват. учреждений/ Е. П. Левитан. - 9-е изд.-М.: Просвещение, 2004. -224 с.
3. Бикерман Э. Хронология древнего мира: Ближний Восток и античность = Chronology of the Ancient World. -М.: Наука, 1975. -36 с.
4. Баренбаум А. А. Галактика, Солнечная система, Земля. Соподчиненные процессы и эволюция //М.: ГЕОС. -2002.
5.Белые пятна Солнечной системы/ Волков А. В. -М.: Ниола-Пресс, 2008. -319 с.
6. Бируни Абу Рейхан. Книга вразумления начаткам науки о звёздах. -Ташкент : Фан, 1975.
7. Бируни Абу Рейхан. Математические и астрономические трактаты. -Ташкент: Фан, 1987.
8. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1988.

9. Володомонов Н. В. Календарь: прошлое, настоящее, будущее. -Изд. 2. -М.: Наука, 1987. — 80 с.
10. Времена года / Кононович Э. В. //Восьмеричный путь -Германцы [Электронный ресурс]. - 2006. -С. 18. -(Большая российская энциклопедия : [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов ; 2004-2017, т. 6.
11.Времена года / Михайлов Л. А., Ремизов Г. А. // Вешин - Газли. -М. : Советская энциклопедия, 1971. -С. 429-430. / гл. ред. А. М. Прохоров ; 1969—1978, т. 5).
12. Времена года (виммелбух). –М.: Изд-во «Твоя книга», 2016.
13. География. 6 кл.: атлас. -3-е изд., стереотип. – М.: Дрофа, ДИК, 2011. – 32 с.
14.Емельянов В. В. Вавилоно-ассирийский календарь в его отношении к Ниппурскому //Ниппурский календарь и ранняя история Зодиака. -СПб.: Петербургское востоковедение, 1999.
15.Еремеева А.И. Астрономическая картина мира и её творцы. -М.: Наука, 1984.
16.Звездный каталог ал-Бируни с приложением каталогов Хайама и ат-Туси. // Историко-астрономические исследования. Вып. VIII. 1962. С.83-192.
17. Лелеков Л. А. Авеста в современной науке. 2-е изд. -М., 1992
18. Михеев В. А. Классификация климатов // Климатология и метеорология. -Ульяновск: Ульяновский государственный технический университет, 2009. -114 с.
19. Михайлов А.А. Земля и её вращение. -М.: Наука, 1984.
20. Каландарова М. С. Индия. Зороастрийцы - исчезающая община. // Азия и Африка сегодня. -М.: Отделение историко-филологических наук РАН, 2012. -№ 7. -ISSN 0321-5075. Архивировано 31 октября 2012 года.
21. Климишин И. А. Юлианский календарь // Календарь и хронология.-Изд. 3. -М.: Наука, 1990. -С. 287 -300. -478 с. .
22. Календарь и хронология. -2-е изд.-М.: Наука, 1985.-320 с.
23. Климишин И. А. Календарь и хронология. -Изд. 3. -М.: Наука, 1990. -478 с.
24. Куликов С. Нить времён. Малая энциклопедия календаря с заметками на полях газет. -М.: Наука, 1991. -288 с.
25. Начальный курс географии: Учеб. для 6 кл. общеобразоват. учреждений / Т.П. Герасимова, Н.П. Неклюкова. –10-е изд., стереотип. – М.: Дрофа, 2010. – 176 с.
26. Паннекук А. История астрономии = A history of astronomy. — М.: Наука, 1966. -589 с.
27. Рак И. *В.* Мифы Древнего и раннесредневекового Ирана (зороастризм). -СПб. -М.: «Журнал „Нева“»- «Летний Сад», 1998.-560 с.
28. Селешников С. И. Римский календарь и его юлианская реформа // История календаря и хронология. -М.: Наука, 1970. -С. 57-63. -224 с.
29. Селешников С. И. История календаря и хронология. -М.: Наука, 1970. - 224 с.
30. Gnoli Gh. Zoroaster’s time and homeland: a study of the origins of Mazdeism and related problems. Naples, 1980.
31. Gnoli Gh. Zoroaster in history. N. Y., 2000;
32.Энциклопедия для детей. Том 8. Астрономия . -Аванта, 2004.-688 с.
33. Климишин И. А. Юлианский календарь // Календарь и хронология. -Изд. 3.- М.: Наука. Гл. ред. физ.-мат. лит., 1990. -С. 287.
34. Городецкий М. Л. К вопросу о точности григорианского календаря и лунного цикла // Историко-астрономические исследования, Вып. XXXV. -М.: Физматлит, 2010. -С. 289-293.
Эзоҳот. Аз моҳвораҳои Интернет низ васеъ истифода бурда шудаст.

***Калидвожаҳо:*** *Сада, Наврӯз, Замин, Офтоб, Уторид, Зуҳра, Замин, Миррих, Серена, Муштарӣ, Сатурн, Уран, Нептун, Плутон. тақвим, тақвими юлианӣ, тақвими григорианӣ, тақвими табиат, глобус, экватор, параллелҳо, мередианҳо, иқлим, Арктика, Антарктика, Шаби арктикӣ, Шаби антарктикӣ, Қутби Шимолӣ, Қутби Ҷанубӣ.*

## САДА И НАВРУЗ КАК СОСТАВНЫЕ ЧАСТИ КАЛЕНДАРЯ ПРИРОДЫ, НЕ ПОДЧИНЕННЫЕ ВОЛЮ ЧЕЛОВЕКА, В СООТНОШЕНИИ С КАЛЕНДАРЯМИ, ЗАВИСЯЮЩИЕ ОТ ЕГО ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ВОЛИ

В статье затрагивается тема, касающаяся двум типам календаря: календарю природы, независящего от воля и деятельности людей и кадендарям, которые зависят от воли и деятельности людей. Первый календар возник из самой природы земли под воздействием движения Солнца и все остальные календари возникли благордаря деятельностью человека в государстве и обществе.

***Ключевые слова:*** *Сада, Навруз, Земля, Луна, Меркурий, Марс, Сатурн, Ферера, Юпитер, Сатурн, Уран, Нептун, Плутон, календарь, природный календарь, глобус, экватор, параллели,*

*мередианы, климат, Арктика, Антарктика, ночная арктика, ночная антарктика, Северный Полюс, Южный Полюс.*

**T.N. Ziyozoda**

**SADA AND NOURUZ AS COMPONENTS OF NATURE CALENDAR THAT ARE NOT COMPLIED WITH HUMAN WILL IN RELATION TO CALENDARS DEPENDING ON HUMAN ACTIVITIES AND WILL**

The article touches a topic related to two types of calendar: the calendar of nature, independent of the will and activities of people, and the calendar, which depends on the will and activities of people. The first calendar arose from the nature of the earth itself under the influence of the movement of the Sun, and all other calendars arose due to human activity in the state and society.

***Keywords:*** *Sada, Nouruz, Earth, Moon, Mercury, Mars, Saturn, Ferrera, Jupiter, Saturn, Uranus, Neptune, Pluto, Calendar, Nature Calendar, Nature, Globe, Equator, Parallels, Meridians, Climate, Arctic, Antarctica, Arctic night, Antarctic night, North pole, South Pole*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Т.Н.Зиёзода – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Паҳӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмонии Ҷомии АТТ. Телеф. 918-61-29-94, Почт.электр.: tavarali_ziyozoda42@mail.ru

**Сведения об авторе:** Т.Н.Зиёзода – доктор педагогических наук, доцент, ведущий научный сотрудник Института развития образования АОТ. Телефон: 918-61-29-94, tavarali_ziyozoda42@mail.ru

**About the author:** T.N.Ziyozoda - Doctor of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher at the Institute for Education Development AOT. Phone: 918-61-29-94, tavarali_ziyozoda42@mail.ru

ТДУ 373:004

**КОМИЛИЁН Ф.С., ҚОДИРЗОДА Р.С.**

## ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАЪЛИМИИ ФАННИ «ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ» ДАР СИНФИ 5

«Кӯдак ба бозӣ ҳавас дорад, онро бояд қонеъ гардонид.Барои бозӣ ба ӯ на танҳо вақт додан лозим аст, балки ҳаёти ӯро бо бозӣ шодоб бояд кард. Тамоми зиндагии кӯдак бозӣ аст».

***А.С. Макаренко***

***Мушкилот ва ҳадаф.*** Дар шароити иттилоотонии низоми таҳсилоти умумӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар таълими мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ зимни омӯзиши ҳама гуна фанни таълимӣ бояд комилан дуруст ва илман асоснок ба роҳ монда шавад. Талаботи мазкур барои хонандагони синфи 5, ки ба омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ» бори аввал шурӯъ менамоянд, аҳамияти хоса дорад [6; 7].

Ин ҷо мо ҷанбаҳои методии истифодаи «ТИК»-ро зимни баргузории машғулиятҳои дарсии фанни мазкур дар синфи 5-ум тавассути ташкили бозиҳои дидактикии компютерӣ баррасӣ менамоем. Чунки ҷорӣ намудани бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни омӯзиш ба болоравии ҳавасмандӣ ва қобилиятҳои маърифатии мактаббачагони хурдсол боис гашта, шароит ба вуҷуд меоранд, ки сатҳу сифати таҳсил ва самаранокии таълим аз ҳисоби муассир гаштани раванди азхудкунии дониш тамоюли мусбат пайдо намоянд.

***Методология.*** Бар пояи стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии умумӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмию методӣ дар соҳаи информатика, коркарди методикаи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар синфи 5-ум, таҳлили таъминоти таълимию методие, ки зимни баргузории машғулиятҳои дарсии фанни мазкур истифода мешаванд ва ҳамчунин бо бардошти таҷрибаи шахсӣ дар таълими ин фан дар синфҳои ибтидоӣ, ҷанбаҳои методии татбиқи ТИК дар таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар синфи 5 бо истифода аз бозиҳои дидактикии компютерӣ таҳия, умумӣ ва ҷамъбаст гардидааст [3; 7; 16].

***Баёни матлаб.*** Тавре маълум аст, рушд ва инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон дар мактаб дар раванди таълим ташаккул меёбад. Раванди таълим аз омӯзгори фан саъйю кушиши зиёд ва ҳалли масъалаҳои сершумори омӯзиширо талаб мекунад. Омӯзгорро мебояд вобаста ба имкониятҳои техникии синфхонаи таълимӣ ва иқтидорҳои

зеҳнии худ ҷараёни дарсгузарониро ҳар қадар ҷолибтар ташкил кунад ва маводи таълимиро тавре ба хонандагон пешниҳод намояд, ки сатҳи азхудкунии он баландтарин бошад.

Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала метавонад истифодаи бозиҳои дидактикии компютерӣ дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ бошад, чунки фанни мазкур хосияти умумитаълимӣ дошта, натиҷаҳои бадастомадаи онро дар ҷараёни таълими дигар фанҳои мактабӣ ба осонӣ татбиқ намудан имконпазир аст [8].

Дар меҳвари таълим бо истифодаи бозиҳои педагогӣ зимни баргузории дарсҳои технологияи иттилоотӣ барои хонандагони хурдсоли мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, хоса мактаббачагони синфи 5 принсипҳои омӯзиши рушдкунанда, таълими инфиродию тафриқавӣ, аёният, дастрасӣ ба иттилооти зарурии таълимӣ ва мустақилият гузошта шудааст. Дар ин раванд истифодаи бозиҳои дидактикии компютерӣ татбиқи принсипҳои мазкурро хеле осон мегардонанд. Истифодаи бозиҳои таълимӣ дар омӯзиш метавонанд таваҷҷуҳи хонандагонро ба мавзӯи дарсӣ зиёд намуда, фаъолияти маърифатӣ ва қобилиятҳои фардии онҳоро ривоҷ диҳанд [1; 12].

Барои самарабахш гаштани истифодаи бозиҳои педагогии компютерӣ зарур аст, ки ба масъалаи мураттабсозии сенарияҳои амалигардонии онҳо ва интихоби супоришҳои таълимие, ки ба ҳадафҳои бозиҳои интихобшуда мувофиқат мекунанд, диққати махсус дода шавад.

Омӯзиши ба бозӣ асосёфта ҳамеша натиҷаҳои хуб ба бор меорад. Маҳз аз ҳамин сабаб азхудкунии аксар маводҳои таълимии компютерӣ ба истифодаи методикаи (усулҳои) бозиҳои дидактикӣ алоқаманд гардонида шудаанд. Аз ин рӯ, барои омӯзгори муосир бисёр зарур ва муҳим аст, ки ӯ бо истифода аз василаҳои гуногуни техникӣ қобилияти банақшагирии ташкили бозиҳои дидактикиро дошта бошад ва онҳоро дар раванди таълим дуруст роҳандозӣ карда тавонад [10; 11].

***Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими хонандагони хурдсол.*** Кӯдакон аз синни хурдсолӣ ба ҳар гуна бозӣ майлу рағбат доранд. Агар дар ибтидо бозиҳои кӯдакона ҷанбаҳои шиносоӣ бо муҳити атроф ва дарки объектҳои берунаро дошта бошанд, ҳангоми синни мактабхонӣ ва ба камол расидани кӯдакон бозиҳо низ тадриҷан ҷанбаҳои маърифатиро ба худ касб менамоянд.

Ҳадафи ҳар як бозӣ – рафъ намудани ягон навъи монеа мебошад. Бартараф кардани монеа ҳамчун муваффақияти шахсӣ, пирӯзии бузург ва ҳатто ҳамчун як навъ кашфиёт – кашфи шахсияти худ, кашфи қобилиятҳои худ аз тарафи кӯдак қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, бозиро ҳамеша интизорӣ ва эҳсоси шодии кӯдак пайгирӣ намуда, он бо натиҷаи *«Ман метавонам!»* анҷом меёбад.

Бозӣ ҳамчун яке аз намудҳои асосии фаъолияти хонандагони хурдсол, дар таълиму тарбияи мактаббачагони синфи 5 ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Бозӣ он шакли фаъолиятест, ки хонандагони ин синну сол бо он машғул шуда, дар айни ҳол бо таълим низ фаро гирифта мешаванд. Ин шакли фаъолият воситаи васеъ, амиқ ва мустаҳкам кардани дониши хонандагон буда, дар амалия ва назарияи педагогӣ тасдиқ ва ҷойгоҳи худро кайҳо ёфтааст. Омӯзгор бо ёрии бозиҳои педагогӣ ба хонандагон метавонад таъсирҳои зеҳнӣ, ахлоқию иродавӣ ва эҳсосотӣ (эмотсионалӣ) расонад, чунки табиати бозиҳо худ як намунаи барҷастаи синтези намудҳои гуногуни таъсирҳои педагогӣ мебошад.

Раванди бозӣ ба ҳалли масъалаи дидактикӣ тобеъ гардонида шуда, ҳамеша бо ягон мавзӯи мушаххаси барномаи таълимӣ алоқаманд аст. Вай доштани як миқдор донишҳоеро, ки барои татбиқи ҳадафҳои бозӣ заруранд, пешбинӣ мекунад. Дар раванди бозӣ масъалаи таълимӣ мустақиман дар назди кӯдак гузошта намешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми азхудкунии ғайринақшавии (ғайримақсадноки) маводи таълимӣ, «табиати дугона»-и бозӣ баръало намудор мегардад – тамоюли таълимӣ доштани он ва ҳамчун як шакли бозии маъмулӣ. Чунин табиати бозӣ имкон медиҳад, ки азхудкунии маводи мушаххаси таълимӣ ба тариқи осуда, бе усули маҷбуркунӣ ба даст ояд.

Бо ёрии бозиҳо дониши қаблан андӯхтаи хонандагонро амиқ ва мустаҳкам кардан, инчунин малакаҳои ҳосилнамудаи онҳоро инкишоф додан мумкин аст. Бозиҳо дараҷаи шиддат (стресс)-ҳои асабию психологиро коҳиш медиҳанд, ба пайдоиши эҳсосоти мусбат

дар кӯдакон мусоидат мекунанд ва ба азхудкунии самарабахши донишҳо ёрӣ мерасонанд [15].

Гарчанде бозӣ шакли фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба ҳисоб равад ҳам, мактаббачагони хурдсол онро мустақилона ташкил карда наметавонанд. Бинобар он, бозиҳо маъмулан дар шаклҳои инфиродӣ ё дастаҷамъӣ таҳти роҳбарии омӯзгор ташкил ва гузаронида мешаванд [4].

***Ташкили бозиҳои дидактикӣ дар синфи 5.*** Бозии дидактикӣ як намуди машғулияти таълимии дар шакли бозӣ ташкилшудае мебошад, ки амалишавии принсипҳои асосии омӯзиши фаъолро таъмин менамояд ва бо мавҷудияти қоидаҳо, сохтори устувор ва системаи арзёбии худ аз дигар усулҳои таълимӣ куллан фарқ мекунад. Махсусияти бозиҳои дидактикӣ дар вуҷуд доштани (мавҷудияти) вазъи баргузории бозӣ ифода меёбад. Бозии дидактикӣ ба ҷаззоб гардонидани ҳар гуна маводи таълимӣ кумак расонида, рӯҳияи кориро фараҳбахш ва раванди азхудкунии донишро осон мегардонад.

На ҳар гуна бозӣ аҳамияти муҳими таълимӣ ва тарбиявӣ дорад, ба ҷуз аз бозиҳое, ки ба худ хусусиятҳои маърифатиро қабул намудаанд. Бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи мундариҷаи таълиму тарбия, хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол, амалҳо ва қоидаҳои бозӣ, муташаккилӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии таълимгирандагон, нақши омӯзгор ва ғайра аз ҳамдигар фарқ мекунанд [1].

Дар таснифоти ба *мундариҷаи таълиму тарбия* асосёфта навъҳои зерини бозиҳоро ворид намудан мумкин аст:

1.бозиҳо барои тарбияи фарҳанги «сенсорӣ»;

2.бозиҳои калимабандӣ ва матнсозӣ;

3.бозиҳо барои шиносоӣ бо табиат;

4.бозиҳо бораи ташаккулдиҳии тасаввуротҳои математикӣ ва ғайра.

Аз рӯйи *хусусияти фаъолияти маърифатӣ* бозиҳои дидактикиро ба гурӯҳҳои зерин мансуб донистан мумкин аст:

5.бозиҳое, ки аз хонандагони хурдсол фаъолияти иҷроияро талаб мекунанд. Бо ёрии ин бозиҳо кӯдакон аз рӯйи намуна амал мекунанд;

6.бозиҳое, ки айнан такрор намудани амали иҷрошударо талаб мекунанд. Онҳо ба ташаккул додани малакаҳои ҳисоббарорӣ ва имлоӣ равона гардидаанд.

7.бозиҳое, ки дар кӯдакон маҳорати ҷустуҷӯ ва эҷодкориро тарбия мекунанд.

Баъзан *бозиҳоро ба маводи таълимӣ рабт* (мансуб) медиҳанд:

8.бозиҳо бо бозичаҳои дидактикӣ;

9.бозиҳои чопии болоимизӣ;

10. бозиҳои адабӣ;

11. бозиҳои сужетӣ.

Мувофиқи *намуди фаъолияти* хонандагон, шартан навъҳои зерини бозиҳои дидактикиро ҷудо кардан мумкин аст:

12. бозиҳои сайру саёҳатӣ;

13. бозиҳои супоришӣ;

14. бозиҳои пиндоштӣ;

15. бозиҳои муаммоӣ;

16. суҳбатбозиҳо (бозиҳои муколамавӣ).

Таснифоти овардашудаи бозиҳои дидактикӣ тамоми гуногунрангии бозиҳоро инъикос намекунад, аммо ин афзор ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар фазои бозиҳои фаровон маҳоратҳои педагогии худро бештар амалӣ намояд. Муҳим он аст, ки бозӣ ба таври органикӣ бо фаъолияти маърифатии хонанда омезиш ёбад, ӯро аз раванди омӯзиш ҷудо накунад, балки баръакс, ба пурзӯр шудани қобилиятҳои зеҳнии ӯ мусоидат кунад.

*Бозии дидактикӣ* сохтори муайян дорад. Сохтори бозии дидактикиро унсурҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо бозиро дар як вақт ҳам ҳамчун шакли омӯзиш ва ҳам ҳамчун фаъолияти бозингарӣ тавсиф мекунанд. Ҷузъҳои зерини сохтории бозиҳои дидактикиро ҷудо кардан мумкин аст:

17. масъалаи дидактикӣ;

18. амалҳои бозӣ;

19. қоидаҳои бозӣ;

20. ҷамъбасти натиҷаҳои бозӣ.

*Масъалаи дидактикӣ* аз ҳадафҳои таълимӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ бармеояд. Он аз тарафи омӯзгори фанни таълимӣ ташаккул дода мешавад ва таҷассумгари фаъолияти педагогии ӯ мебошад. Дар бозии дидактикӣ вазифаи бозингаронро кӯдакон иҷро мекунанд. Масъалаи дидактикӣ бошад тавассути амалигардонии ҳадафи бозӣ ҳал карда мешавад. Ҳадафи бозӣ, дар навбати худ, амалҳои бозиро муайян мекунад ва ба вазифаи мустақими худи кӯдак табдил меёбад. Дар ин ҷо чизи аз ҳама муҳим он аст, ки масъалаи дидактикӣ ҳангоми бозӣ ҳадафмандона аз кӯдакон пинҳон карда мешавад ва ба онҳо дар шакли ғояи бозӣ пешниҳод мешавад [1; 10].

Асоси бозиро *амалҳои бозӣ* ташкил медиҳанд. Ҳар қадар амалҳои бозӣ гуногунранг бошанд, худи бозӣ барои кӯдакон ҳамон қадар ҷолибтар мегардад ва масъалаҳои маърифатию бозингарӣ низ ҳамон қадар муваффақона ҳалли худро меёбанд. Дар бозиҳои гуногун амалҳои бозӣ низ аз рӯйи самт ва нисбат ба бозингарони худ гуногун мебошанд.

Мазмун ва самти *қоидаҳои бозиро* масъалаҳои умумии ташаккули шахсияти кӯдак, муҳтавои маърифатӣ, вазифаҳо ва амалҳои бозӣ муайян мекунанд. Дар бозии дидактикӣ қоидаҳои бозӣ нақши вазифаҳои бозиро низ иҷро мекунанд. Бо ёрии қоидаҳои бозӣ омӯзгор худи раванди бозӣ, ҷараёни фаъолияти маърифатӣ ва рафтори кӯдаконро назорат ва идора мекунад.

*Ҷамъбасти натиҷаҳои бозӣ* дарҳол пас аз ба охир расидани бозӣ гузаронида мешавад. Ҷамъбасти натиҷаҳо метавонад аз ҳисобкунии холҳои бадастовардашуда, интихоб кардани кӯдакони болаёқат, муайян кардани дастаи ғолиб ва ғайра иборат бошад. Дар баробари ин зарур аст, ки дастовардҳои ҳар як кӯдак махсус қайд карда шуда, муваффақиятҳои кӯдакони ақибмонда бо тарзи ба худ хос таъкид карда шавад.

Ҳамин тариқ, бозии дидактикӣ – ин танҳо барои кӯдакон бозӣ аст, барои калонсолон, он – усули омӯзиш мебошад. Дар бозии дидактикӣ раванди азхудкунии дониш ҳамчун василаи иловагӣ амал мекунад, чунки ҳадафи бозии дидактикӣ – ин осон намудани раванди гузариш ба омӯзиш аст. Бозиҳои дидактикӣ бо таҳсили «ҷиддӣ» бисёр хуб ҳамоҳанг мешаванд. Ба машғулиятҳои дарсӣ дохил намудани бозиҳои дидактикӣ ва лаҳзаҳои алоҳидаи бозиҳо раванди таълимро ҷолибтару фароғатбахштар мегардонанд, дар кӯдакон табъи болидаи корӣ ба вуҷуд меоранд, рафъи мушкилиҳоро дар азхудкунии маводи таълимӣ хеле осон мекунанд.

***Бозиҳои компютерии таълимӣ.*** Тадриҷан бо татбиқи доимо пешравандаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ афзору воситаҳои электронии таъйиноти таълимидошта ва бозиҳои компютерии таълимӣ низ дар раванди машғулиятҳои дарсии фанҳои гуногун, хоса фанни «Технологияи иттилоотӣ» мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Масалан, алифбоҳои компютерӣ барои корбурди матнҳо, дастгоҳҳои машқ (тренажёрҳо) барои суръатбахшии корбурди сафҳакалид (клавиатура), китобҳои дарсии компютерӣ бо тасвирҳо ва супоришҳо (оид ба техникаи бехатарӣ, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва ғайра), энсиклопедияҳои компютерӣ, рангубор ва ороишдиҳандагони компютерӣ, тарроҳони геометрӣ, лабиринтҳои компютерӣ барои идоракунии объектҳо, мозаикаҳои компютерӣ, роҳнамоҳои компютерӣ барои сайру саёҳат, нақшаҳои топологии компютерии ноҳия ё шаҳр, синтезаторҳои садои компютерӣ, бозиҳои мантиқии компютерӣ, бозиҳои ҳисоббарорӣ ва алгоритмии компютерӣ, кроссвордбозиҳо, бозиҳои забономӯзии компютерӣ, муҳити бозиҳои компютерӣ барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ ва ғайра намунаи чанде аз ин гуна воситаҳо ва бозиҳоро ташкил медиҳанд [2; 6].

Дар ин маврид аз омӯзгори фанни таълимӣ талаб карда мешавад, ки ақаллан малакаҳои ибтидоии бо компютер кор карданро дошта бошад: тарзи истифодаи компакт-диск (CD)-ро донад, дар бораи усулҳои корбурди матн ва графикаи компютерӣ тасаввурот дошта бошад, бо Интернет ва почтаи электронӣ кор карда тавонад ва ғайра. Бо чунин ҳамоҳангии компютерии машғулиятҳои дарсӣ бояд ба назар гирифт, ки вақти умумии фаъолияти хонандагон дар назди компютер набояд аз 15 дақиқа зиёд бошад. Дар тӯли дарс омӯзгор метавонад вақти ҳамкории кӯдаконро бо барномаҳои компютерӣ тақсим карда, дар пораҳои 2-3 дақиқагӣ истифода барад [7; 9; 14].

Қисми зиёди омӯзгороне, ки дар раванди таълим аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) истифода мебаранд, худашон бозиҳои дидактикии компютерӣ месозанд ва ҳузури оптималии хонандагонро дар назди компютер мустақилона муайян мекунанд.

Дар ҷадвали 1 қиёси дастурамали (роҳнамои) бозиҳои дидактикии маъмулӣ бо дастурамали бозиҳои дидактикии компютерӣ оварда шудааст.

Бозиҳои компютерӣ аз бозиҳои маъмулӣ чӣ бартарӣ доранд? Он, ки барномаи бозии компютерӣ танҳо як маротиба навишта шуда, метавонад дар ҳар як дарс аз нав истифода шавад. Гузашта аз ин, дар заминаи як маводи дарсӣ бозиҳои гуногуни бисёреро эҷод кардан мумкин аст. Онҳо метавонанд хеле пуртаъсир, рангин ва тобон бошанд, чунки аломатҳо ва ашёҳои дар онҳо истифодашаванда метавонанд дар фазо ҳаракат кунанд, мавқеи худро тағйир диҳанд. Ин гуна лаҳзаҳо аҳамияти бузурги равонӣ доранд, зеро онҳо дар кӯдакон муносибати зарурии психологӣ ба вуҷуд оварда, ба зиракӣ, бодиққатӣ ва мантиқан дуруст иҷро кардани вазифаҳои дар наздашон гузошташуда ҳидоят менамоянд.

**Ҷадвали 1 – Дастурамалҳо оид ба бозиҳои дидактикӣ**

| № | Равиши маъмулӣ | Равиши компютерӣ |
|---|---|---|
| | Бозӣ бевосита таҳти роҳбарии омӯзгор гузаронида мешавад. Шартҳои бозӣ аз тарафи омӯзгор муайян карда мешаванд. | Бозиро ё омӯзгор ё худи хонандагон мегузаронанд. Шартҳои бозиро кӯдакон аз экрани монитор хонда, фаъолияти зеҳнии худро фаъол мегардонанд. |
| | Омӯзгор кӯдаконро бо ашё ва маводҳои корӣ шинос мекунад. Барои ин ӯ аз дастурҳо ё маводи аёнӣ истифода мебарад. | Ҳангоми пахши тугмаи муайяни сафҳакалид дар экран ашё ва маводҳои кории хонандагон пайдо мешаванд. Ашёи кориро дар алоҳидагӣ (пай дар пай) ё яклухт нишон додан мумкин аст. |
| | Омӯзгор тасмим мегирад, ки шарҳи пурраи амалҳои бозиро ба хонандагон бо нишон додани қисм ба қисми амалҳо пешниҳод кунад ё дар якҷоягӣ онҳоро биёрад. | Амалҳои бозӣ дар компютер зуд анҷом дода мешаванд, ки ин вақти дарсиро сарфа мекунад. Ҳаракатҳои мултипликативӣ диққати кӯдаконро ба худ ҷалб ва шавқи онҳоро ба бозӣ бедор мекунанд. |
| | Бо оғоз ёфтани бозӣ омӯзгор дурустии ҷавобҳои хонандагонро зери назорати худ мегирад. Дар ин маврид муайян кардани дараҷаи мустақилияти ҳар як хонанда хеле мушкил аст, баъзан арзёбии фаъолият метавонад ғайри объективӣ бошад. | Дурустии ҷавобҳои хонандагонро тавассути сигналҳои овозӣ ё нурӣ фавран дар экран дидан мумкин аст. Аз рӯйи сигналҳо худи кӯдак метавонад шумораи ҷавобҳои дурустро назорат кунад ва ҷавобҳои худро арзёбӣ намояд, ки ин барои ӯ дар бозӣ хеле муҳим аст. |

Дар бозиҳои компютерӣ робитаҳои байнифаннии «Технологияи иттилоотӣ» бо фанҳои таълимии «Хониш», «Забони давлатӣ», «Забони модарӣ», «Математика» ва «Табиатшиносӣ» мавриди истифода ва таҳким қарор дода мешаванд. Илова бар ин, ҳар гуна бозии компютерӣ ба рушди тафаккур, хотира, таваҷҷуҳ ва тахайюли эҷодӣ дар кӯдакон мусоидат намуда, қобилияти таҳлилӣ ва синтез, дарки муносибатҳои фазоӣ, асосноккунии мулоҳизаҳо, инкишофи хотираи босира (визуалӣ), одати худсанҷишӣ, тобеъ гардонидани амалҳо ба вазифаҳои гузошташуда, ба анҷом расонидани кори оғозшуда ва ғайраро дар онҳо меангезад ва боло мебарад.

Системаҳои муосири таълими компютерӣ дар назди кӯдакон ҳадафҳои воқеӣ, фаҳмо ва комилан иҷрошавандаро мегузоранд. Масалан, дар бозӣ метавонад шарт гузошта шавад, ки агар шумо супоришҳоро дуруст иҷро кунед, тасвири рамзан пинҳонро равшан кунед (кушоед) ва ҳамаи ҳарфҳоро дар матн дуруст ҷо ба ҷо кунед, он гоҳ ба ҳадафи қаҳрамони қисса як зина наздиктар мешавед. Яъне, дар раванди бозӣ дар вуҷуди кӯдак як навъ ҳавасмандӣ ба азхудкунии дониш ташаккул меёбад.

Ҳангоми иҷрои бозӣ бо компютер хонанда новобаста ба хоҳиши худ шаклҳои маъмултарини корбарӣ бо компютерро аз худ мекунад ва бо ҳамин васила малакаҳои корбарии ӯ ба ташаккулёбӣ оғоз мекунанд. Дар бисёр бозиҳо вақти иҷрои бозӣ ва холҳои бадастовардаи бозингарон ҳисоб карда мешаванд. Ин гуна барномаҳои компютериро ба кӯдакон на танҳо дар машғулиятҳои инфиродӣ, балки дар дарсҳои дастаҷамъӣ дар шакли бозӣ-мусобиқаҳо пешниҳод кардан мумкин аст.

Агар бозӣ ба таври табиӣ ба раванди таълим ворид шуда бошад, пас саводнокии компютерии хонандагон ҳатман ба беҳтар гаштани сифати таълим мусоидат мекунад. Бозиҳои компютерӣ тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки кӯдак на танҳо як мафҳум ё як вазъияти мушаххасро тасаввур карда тавонад, балки дар бораи ҳамаи ҳолатҳо ё ашёи ба он монанд тасаввуроти умумӣ пайдо кунад. Компютер муҳтавои азхудшударо аҳамиятнок мегардонад, ки ин на танҳо ҳифз кардани онро метезонад, балки онро пурмаънӣ ва бардавом месозад.

Бозиҳои компютерии таълимиро дар марҳилаҳои гуногуни азхудкунии дониш (шарҳи маводи нав, таҳкими дарс, такрор, назорат) истифода бурдан мумкин аст. Бозӣ имкон медиҳад, ки ҳам масъалаҳои таълимии дарс ва ҳам масъалаҳои рушди фаъолияти маърифатӣ ҳалли худро ёбанд. Бозӣ ба омӯзгор кӯмак мекунад, ки маводи душворфаҳмро дар шакли ба хонандагон фаҳмо ва дастрас расонад [8; 13].

Дар асоси андешаҳои болозикр, хулоса баровардан мумкин аст, ки бозиҳои таълимии компютерӣ ҳеҷ гоҳ ҳама шаклҳои анъанавии бозиҳо ва машғулиятҳои таълимиро иваз карда наметавонанд (мақсад аз ин ҳам иборат нест), балки онҳоро бо ҷолибият, пурмазмунӣ ва гуногунрангии худ пурра мегардонанд, равиши табиии ҷалби хонандагони хурдсолро ба истифодаи пурсамари технологияҳои муосири иттилоотӣ ба вуҷуд меоранд.

Тағйиротҳои куллие, ки дар ҷомеаи муосир ба амал омада истодаанд, такмили босуръати фазои таҳсилот, дақиқсозии ҳадафҳои таълимиро бо дарназардошти ниёзҳо ва манфиатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ ба миён мегузоранд. Дар робита ба ин, таъмини иқтидори зуд рушдёбандаи стандарти нави таҳсилот ба самти афзалиятноки такмили соҳаи маорифи мамлакат табдил ёфта истодааст. Стандарти давлатии таҳсилоти насли нав бояд равиши системавию фаъолиро ба худ касб намояд, то ки таълиму тарбия ва рушди хислатҳои шахсиятии хонандагон, хусусан мактаббачагони хурдсол, ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ гардонида шаванд [16].

Дар илми педагогика намудҳои асосии фаъолияти хонандагонро ба бозӣ, таълим ва меҳнат тақсим кардаанд. Мо низ ин принсипи такягоҳиро ба асос гирифта, бо мақсади такмил, босамар, пурмазмун, эҷодкорона, шавқовар ва фаъол гардонидани раванди таълим, дар марҳилаҳои гуногуни машғулиятҳои дарсии худ аз усулҳои фаъоли омӯзиш дар шакли бозиҳои компютерӣ васеъ истифода мебарем.

Аз методикаи бозӣ ҳамчун усули таълим ва таҳвили таҷрибаи наслҳои калонсол ба наслҳои баъдӣ аз замонҳои қадим истифода мебурдаанд. Дар илми педагогика низ усули бозиҳо ҳамчун усули мусобиқа ё рақобати байни бозингарон (хонандагон) ба ҳисоб гирифта мешавад. Амали бозингарон бо шарт (қоида)-ҳои муайян маҳдуд гардонида шуда, барои расидан ба ҳадафи гузошташуда (бурд, ғалаба, ҷоиза, баҳо) равона гардонида мешавад.

Технологияҳои бозиҳо аз дигар технологияҳои педагогӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо:

5.шакли одатӣ (шинос, маъмулӣ) ва дӯстдоштаи фаъолият барои ҳар як синну соли хонандагон ба ҳисоб мераванд;

6.боиси шиддатҳои эҳсосотӣ ва ҷисмонии хонандагон мегарданд;

7.мушкилот, монеаҳо, душвориҳои психологиро осонтар рафъ менамоянд;

8.усулҳои гуногуни ҳавасмандкуни (ангезаҳои муоширатӣ, ахлоқӣ, маърифатӣ)-ро истифода мебаранд;

9.аз иштирокчиён ташаббускорӣ, суботкорӣ, эҷодкорӣ, тахайюл ва саъю кӯшишро тақозо менамоянд ва дар вуҷуди онҳо ин хислатҳоро бармеангезанд;

10. имкон медиҳанд, ки масъалаҳои таҳвили дониш, малакаҳо ва маҳоратҳои дар дарсҳо омӯхташуда татбиқи амалии худро ёбанд;

11. ба азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат мекунанд;

12. доираи назар, дараҷаи дониш, савияи фаҳмиши хонандагонро тавассути истифодаи манбаъҳои иловагии маводи таълимӣ васеъ мекунанд;

13. шаклҳои фаъолияти коллективӣ, дастаҷамъӣ, гурӯҳӣ ва ҷуфтии хонандагонро инкишоф медиҳанд, ки ба ҷанбаи рақобат асос ёфтаанд;

14. сифатҳои коммуникативии хонандагон, қобилияти фаъолияти онҳоро дар ҷуфтҳо ва гурӯҳҳо рушд медиҳанд.

Технологияҳои бозиҳо самаранокии раванди таълимро боло мебаранд, фосилаи вақти омӯзиши маводи таълимиро коҳиш медиҳанд ва раванди донишандӯзиро ба як машғулияти эҷодӣ ва шавқовар табдил медиҳанд. Фарқи муҳими бозиҳои педагогӣ аз дигар намудҳои бозӣ дар он аст, ки онҳо фарогири ҳадафҳои возеҳи таълимӣ ва натиҷаҳои мувофиқи педагогӣ мебошанд. Ҳадафу натиҷаҳои таълимии мазкур асоснокшаванда, баръало ҷудошаванда ва тамоюли таълимию маърифатидошта мебошанд [5].

Ҳангоми ташкили шаклҳои гуногуни бозиҳои таълимӣ бояд роҷеъ ба ҳалли масъалаҳои методии зерин андеша кард:

- муайян намудани ҳадафи бозӣ, малакаю маҳоратҳои дар соҳаҳои информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ҳосилшаванда, лаҳзаҳои махсуси бозӣ;
- муайян намудани шумораҳои ҳадди ақал ва ҳадди аксари иштирокчиёни бозӣ;
- муайян кардани маводу дастурҳои таълимии дар бозӣ истифодашаванда. Маводҳои дидактикӣ бояд дар омодасозӣ ва истифода сода бошанд;
- дар камтарин фосилаи вақт кӯдаконро бо қоидаҳои бозӣ шинос кардан. Қоидаҳои бозӣ бояд сода, мухтасар ва дақиқ шакл гирифта бошанд;
- муайян кардани давомнокии вақти бозӣ, бо назардошти ба он дубора баргаштани кӯдакон;
- муайян кардани марҳилаи асосии татбиқи бозӣ дар раванди машғулияти дарсӣ. Он ба ҳадафҳои дидактикӣ ва педагогии бозӣ вобаста аст;
- муайян кардани роҳи ҷалби пурраи кӯдакон ба раванди бозӣ. Ба ҳисоб гирифтани тағйиротҳое, ки боиси болоравии шавқ ва фаъолии кӯдакон дар бозӣ мегарданд;
- ҷустани роҳи истифодаи маводҳои дигари таълимӣ дар бозӣ, бо нигоҳ доштани асоси (пойгоҳи) он;
- ба таври возеҳ ва одилона ҷамъбаст намудани натиҷаҳои бозӣ;
- дар анҷоми бозӣ ба хонандагон эълон намудани натиҷаҳои бозӣ.

Дилхоҳ бозии рушддиҳандаи компютерӣ ё омӯзиширо дар вақти муайян ва марҳилаи мушаххаси дарс татбиқ кардан муҳим аст. Ҳангоми интихоби бозиҳои компютерӣ принсипҳои гуманистӣ, функсионалӣ, ҳавасмандкунӣ, эҳсосотӣ, назоратбарӣ, идорашавандагӣ, ҷолибият, шаффофият ва ҳамгироии амалу натиҷа бояд ба назар гирифта шаванд. Дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ аксаран унсурҳои зерини бозиҳои компютерӣ истифода мешаванд: анаграммаҳо, навъҳои гуногуни кроссвордҳо, ребусҳо, низоми мутақобилан фаъоли назарсанҷӣ ва овоздиҳӣ ба рейтинги электронии Votum e-rating (Votum Play), варақаҳои хатсайрҳо, дарс-бозиҳо ва ғайра [7; 10].

***Хулосаҳо.*** Аз баёни матлаб ва таҳлилҳои таҳқиқотӣ бармеояд, ки татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони синфи 5 ба сифати таҳсили онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Истифодаи оқилонаи ТИК зимни баргузории бозиҳои дидактикии компютерӣ дар машғулиятҳои дарсии фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар синфи 5 мувофиқи мақсад мебошад, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки аз ҳисоби муассир гардонидани раванди омӯзиш самаранокии таълим боло бурда шавад. Истифодаи бозиҳои дидактикии компютерӣ дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ба ҳавасмандӣ ва рушди қобилиятҳои маърифатии мактаббачагони хурдсол вусъат бахшида, шароит ва имконият ба вуҷуд меоранд, ки онҳо диққат, фикр ва тасаввуроти худро бештар ба ҷараёни дарс равона созанд ва ҳаҷми зиёдтари маводи омӯзиширо аз худ намоянд.

**АДАБИЁТ:**

1. *Босова, Л. Л.* Компьютерные уроки в начальной школе [Текст] / Л.Л. Босова // Информатика и образование. – 2002. – №1. – С. 86-89.

2. *Воронина, Л. В.* Информационные технологии как инструментарий формирования информационной компетентности младших школьников [Текст] / Л.В. Воронина, В.В. Артемьева // Педагогическое образование в России. – 2014. – № 3. – С. 62-68.
3. *Комилиён, Ф. С.* Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: Матбааи ВМИ ҶТ, 2018. – 64 с.
4. *Комилиён, Ф. С.* Мушкилоти раванди иттилоотонӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» дар мавзӯи «Омӯзиш ва татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ». – Душанбе, 2021. – С. 8-11.
5. *Комилиён, Ф. С. Роҷеъ ба гузариши мутассил аз амсилаи тафаккури хаттӣ ба амсилаи тафаккури шабакавӣ бо образҳои маҷозӣ дар раванди таҳсили хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – № 9. – С. 320-326.*
6. *Комилиён, Ф. С. Таъсири барномаҳои компютерӣ дар ташаккули фаъолияти омӯзишии универсалии хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (36). – С. 91-101.*
7. *Комилиён, Ф. С.* Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2018. – 160 с.
8. *Комилов, Ф. С.* Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев, Д.С. Шарапов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018. – № 1-1 (51). – С. 162-169.
9. *Комилов, Ф. С.* Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ [Матн] / Ф.С. Комилов // Душанбе: «Душанбе-принт», 2016. – 480 с.
10. *Комилов, Ф. С.* Мультимедийно-педагогическая игровая технология – игра с учебно-познавательной направленностью в виртуальной образовательной среде [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов, Ш.Х. Тагоев, Ф.Р. Файзуллоев // Известия Таджикского отделения Международной академии наук высшей школы. – 2016. – № 1. – С.16-26.
11. *Комилов, Ф. С.* Теоретические основы управления качеством образовательных услуг [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. – № 2/8 (149). – С. 119-128.
12. *Қодирзода, Р. С. Вазъи муосири татбиқи барномаҳои компютерӣ дар синфҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон [Матн] / Р.С. Қодирзода, Ф.С. Комилиён // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ. – 2020. – № 2. – С. 126-135.*
13. *Қодирзода, Р. С. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Р.С. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов. – Бохтар, ддб, 2020. – С. 163-164.*
14. *Қодирзода, Р. С. Хусусиятҳои таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 ва роҳҳои ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагони хурдсол [Матн] / Р.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. – № 1-2 (86). – С. 123-131.*
15. *Могилева, В. Н.* Психофизиологические особенности детей младшего школьного возраста и их учет в работе с компьютером: учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений [Текст] / В.Н. Могилева. – М.: Академия, 2007.
16. *Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – 60 с.

***Калидвожаҳо:*** бозии дидактикӣ, бозии компютерӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, фанни технологияи иттилоотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, иттилоотонии соҳаи маориф, хонандаи хурдсол.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ПРЕПОДАВАНИИ «ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ» В 5-ОМ КЛАССЕ

В статье рассматриваются методические аспекты использования ИКТ при проведении дидактических компьютерных игр по предмету «Информационные технологии» в 5-ом классе. Отмечено, что в центре внимания обучения с использованием педагогических игр при проведении уроков информационных технологий для младших школьников, особенно 5-х классов, положены принципы развивающего обучения, индивидуальное и дифференцированное обучение, наглядность, доступ к необходимой учебной информации и самостоятельность. Использование компьютерных дидактических игр на занятиях значительно облегчает применение этих принципов. Рациональное внедрение ИКТ при проведении компьютерных игр повысит эффективность обучения за счет результативности учебного процесса. Использование игр в учебном процессе повышает интерес учащихся к содержанию темы занятия, развивает их познавательную деятельность и индивидуальные способности, создает условия и возможности для большей концентрации внимания к учебному занятию, усвоения большего объема учебного материала.

***Ключевые слова:*** *дидактическая игра, компьютерная игра, информационно-коммуникационные технологии, дисциплина информационной технологии, начальное образование, информатизация сферы образования, младший школьник.*

## THE USE OF COMPUTER DIDACTIC GAMES IN TEACHING "INFORMATION TECHNOLOGIES" IN THE 5TH GRADE

The article discusses the methodological aspects of using ICT in the conduct of didactic computer games on the subject "Information technology" in the 5th grade. It is noted that the focus of teaching using pedagogical games when conducting information technology lessons for primary schoolchildren, especially grades 5, is based on the principles of developmental learning, individual and differentiated learning, visibility, access to the necessary educational information and independence. The use of computer didactic games in the classroom greatly facilitates the application of these principles.

The rational implementation of ICT in the conduct of computer games will increase the effectiveness of training due to the effectiveness of the educational process. The use of games in the educational process increases the interest of junior schoolchildrens in the content of the topic of the lesson, develops their cognitive activity and individual abilities, creates conditions and opportunities for greater concentration of attention to the lesson, assimilation of a larger volume of educational material.

***Keywords:*** *didactic game, computer game, information and communication technologies, discipline of information technology, primary education, informatization of education, junior schoolchild.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Комилиён Файзалӣ Саъдулло** – д.и.ф.м., профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел. (+992) 988685014; E-mail: komfaiz@mail.ru,
**Қодирзода Рисолат Сияршо** – унвонҷӯи кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел. (+992) 905037788; E-mail: kodirzodar@bk.ru.
**Сведения об авторах:**
**Комилиён Файзали Саъдулло** – д.ф.-м.н., профессор кафедры информатики Таджикского национального университета. Тел. (+992) 988685014; E-mail: komfaiz@mail.ru,
**Кодирзода Рисолат Сияршо** – соискатель кафедры информатики Таджикского национального университета. Тел. (+992) 905037788; E-mail: kodirzodar@bk.ru.
**Information about the authors:**
**Komiliyon Fayzali Sa' dullo** – Doctor of Physics and Mathematics Sciences, Professor of the Informatics Department of the Tajik National University. Tel. (+992) 988685014, E-mail: komfaiz@mail.ru,
**Kodirzoda Risolat Siyarsho** – title seeker of the Informatics Department of the Tajik National University. Tel. (+992) 905037788; E-mail: kodirzodar@bk.ru.

**М. АСОЕВ**

## МОҲИЯТ ВА МАФҲУМИ САЛОҲИЯТНОКИИ КОМПЮТЕРӢ-ИТИЛООТИИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷаҳони имрӯзаро бе технологияҳои иттилоотии муосир тасаввур кардан душвор аст. Дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъият ин гуна воситаҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Беҳуда нест, ки асри XXI-ро асри «Технологияи иттилоотӣ» ном мебаранд. Аз ин мутахассисони ҷавон бояд дар тамоми соҳаҳои фаъолияти худ аз ин дастовардҳои бузурги замони муосир самаранок истифода бурда тавонанд.

Дар Паёми аз 26.12.2019-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «*Мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳама зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем*» [1;25].

Зеро ин гуна технологияҳо барои аз худ намудани дониши касбӣ хеле муносиб буда, инчунин барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи касбӣ нақши калидӣ доранд. Истифодаи пурсамари имкониятҳои ин гуна технологияҳои муосир метавонанд ҷанбаи омӯзишро такмил диҳанд. Технологияҳои иттилоотӣ омили асосии ташаккули заминаҳои нави иқтисоди ҷаҳонӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар ҳар як ҷомеа мебошанд.

Дар солҳои охир воситаҳои нави технологияҳои иттилоотӣ, роҳҳои иртибот ва корсозии одамонро ба таври бунёдӣ тағйир додаанд. Онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маориф, истеҳсолот, кишоварзӣ, тиббӣ, муҳандисӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва ғайра таҳаввулоти муҳимро ба вуҷуд овардаанд.

Ба таври васеъ паҳншавии технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зарурати тарбияи мутахассисони навро дар соҳаи технологияҳои компютерию иттилоотӣ ба миён овард. Бо мақсади дарёфт кардани роҳҳои самаранок ва дараҷаи эътимодноки истифодаи барномаҳои компютерӣ, мо таҷрибаи истифодаи таъминоти барномавии компютериро дар соҳаҳои истеҳсолот, маориф ва илм таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки самаранокии дараҷаи истифодаи воситаҳои барномавӣ аз дараҷаи тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои дахлдор аз донишҳои компютерӣ вобаста буда, асоси маҳорати касбии мутахассисро салоҳияти компютерӣ-иттилоотии он ташкил медиҳад.

Мутахассиси муосир бояд на танҳо дониши бунёдӣ дар соҳаи мушаххас дошта бошад, балки усули самаранок истифода бурдан аз воситаҳои техникаи муосирро донад, қобилияти дар амал хуб татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиро дошта бошад, дар раванди коркарди воситаҳои барномавӣ ширкат варзад ва барои паёмадҳои иҷтимоии истифодаи технологияҳои компютерию иттилоотӣ масъул бошад.

Барои мувофиқат кардан ба талаботи дар боло зикр шуда, мутахассис бояд дорои салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ бошад. Салоҳият аз калимаи лотинии Competens гирифта шуда, маънои мувофиқ, қобилиятнок, донишмандро дошта, сифатҳои шахсе мебошад, ки дар ҳама соҳа дониши ҳамаҷониба дошта, андешаи ӯ эътибornок ва муътабар аст.

В. Е. Меламуд ва И. А. Фастовский салоҳиятро ҳамчун истифодаи самараноки дониш, усулҳои фаъолият, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои баландтарин дар ҳама гуна соҳаи касбӣ ё дигар соҳа ва қобилияти шахс барои бомуваффақият ҳал кардани мушкилиҳое, ки дар тӯли ҳаёташ ба миён меоянд, маънидод намудаанд [14;38].

Мафҳуми «компютер» ҷанбаҳои барномавӣ ва техникии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилоотро инъикос мекунад. Мафҳуми «иттилоот» ин маълумотест, ки дар шакли матн, садо, рақам, расм ё барномаҳои компютерӣ вуҷуд дорад. Ин ду мафҳум мундариҷаи фаъолияти донишҷӯро ҳамчун мутахассиси дорои салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ муайян мекунад. Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ-методӣ истилоҳҳои «салоҳияти компютерӣ» ва «салоҳияти иттилоотӣ» васеъ истифода мешаванд.

П.В.Беспалов салоҳияти компютериро ҳамчун қобилияти ҷудонопазирии шахс, ки дар рушд, маҳорат, татбиқ, табдил ва эҷоди технологияҳои нави иттилоотӣ зоҳир шудааст, баён менамояд [2;41].

И.И.Чурикова дар доираи салоҳияти компютерӣ маҳорати истифодаи технологияи компютерӣ ва талаботи меҳнатшиносӣ ё меҳнатомӯзии муосирро барои ташкили ҷои таълимӣ ва корӣ байён мекунад [4;7].

Салоҳияти компютерӣ ин доштани дониши кофӣ дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва қобилияти истифодаи самараноки он дар фаъолиятҳои мушаххаси амалӣ-касбӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Мутахассиси дорои салоҳияти компютерӣ қодир аст, ки дар ҳайати кормандон фаъолияти кориро хуб ба роҳ монда, муносибатҳои истеҳсолиро барқарор намояд, фаъолияти инфиродию дастаҷамъиро ба нақша гирад ва бо истифодаи технологияи компютерӣ мушкилоти иҷтимоиро оқилона ҳаллу фасл намояд.

Ба ақидаи С.А.Сладков салоҳияти иттилоотӣ ин соҳиби маҳорати идоракунии технологияи иттилоотӣ будан, қобилияти кор карда тавонистан бо тамоми манбаъҳо ва навъҳои иттилоот, аз нав кор карда баромадани иттилоот, самаранок истифода кардан аз иттилоот ва дар асоси он хулосаҳои дуруст баровардан аст [6;74].

А.Н.Заявьялов салоҳияти иттилоотиро ҳамчун дониш, малака, маҳорат, таҷриба ва истифодаи технологияи иттилоотиро дар доираи муайяни кори иҷтимоӣ ва касбӣ ва инчунин, қобилияти такмил додани дониш ва таҷрибаи худ дар соҳаи касбӣ баён менамояд [12;24].

О.Б.Зайцева салоҳияти иттилоотиро ҳамчун як шакли ташаккули комплексии равонии шахсият дар асоси ҳамгироии донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ дар соҳаи технологияҳои инноватсионӣ ва маҷмӯи мушаххаси хусусиятҳои шахсӣ маънидод мекунад [8;19].

Мутобиқи андешаи А.Л.Семенова, салоҳияти иттилоотӣ саводнокии навест, ки қобилияти мустақилона коркард намудани маълумотҳоро аз ҷониби шахс бо истифода аз технологияи иттилоотӣ сурат бахшида, қабули қарорҳои куллан навро дар ҳолатҳои ғайричашмдошт ба вуҷуд меорад [9;12].

Технологияи компютерӣ аз дастгоҳҳои техникӣ (компютер, модем, монитор, факс-модем, принтер, сканер ва ғайра), ки дар заминаи микропротсессор фаъолият мекунанд, иборат аст. Вазифаи асосии технологияи компютерӣ коркард, интиқол ва қабули маълумот тавассути воситаҳои гуногун (дастгоҳҳо) мебошад.

Технологияи иттилоотӣ аз як ё якчанд воситаҳои барномавии бо ҳам алоқаманд иборат буда, технологияи кориест, ки тавассути он иттилооти сифатан нав ба даст оварда мешавад [10; 234].

Дар айни замон мутахассиси ҷавон маҷбур аст, ки худ аз худ салоҳияти худро дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ дар истеҳсолот дар муддати тӯлонӣ ташаккул диҳад. Дар ин робита системаи маориф бо назардошти талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва истеҳсолӣ компютерикунонидашуда ба мушкилоти баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокӣ дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ рӯ ба рӯ шудааст. Вазифаи асосӣ дар ин раванд баланд бардоштани дараҷаи дониш, малака, қобилият, инчунин ташаккули чунин хислатҳои шахсии хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад, ки иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бароҳатро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ таъмин намуда, дар он иттилоот омили самараноки меҳнат ба шумор меравад.

Маърифати компютерӣ-иттилоотӣ барои тайёр намудани мутахассисони босалоҳияти соҳаҳои мухталиф, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир, масъулиятшинос, соҳиби касбу ҳунари воло, дорои дониши васеъ дар соҳаи компютер ва технологияи иттилоотӣ, дар амал татбиқ намудани технологияҳои компютерӣ, инчунин барои рушди доимии касбӣ дар соҳаи маориф аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Бояд қайд кард, ки салоҳиятҳо дар раванди омӯзиши мутахассис мувофиқи талаботи ҷомеа ва шакҳои омӯзиш ба даст оварда шуда, ташаккул меёбанд. Аз рӯйи мундариҷаи таълим, дидактикаи муосир маънои маҷмӯи навъҳои тачрибаи фарҳангии коркард шударо дорад, ки рушди он омодагии донишҷӯёнро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва дигар вазифаҳое, ки ҷомеа интизор аст, таъмин менамояд [13;57].

Дар асоси сифатҳои дар адабиёти илмӣ тавсифшуда, таҷрибаи компютерӣ-иттилоотӣ ин хусусиятҳои ҳаёти одамонро дар ҷомеаи иттилоотӣ инъикос мекунад. Сохтори тачрибаи компютерӣ-иттилоотӣ ин таҷрибаи маърифатӣ, таҷрибаи татбиқи усули фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ (таҷрибаи амалӣ), таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва тачрибаи муносибатҳои шахсиро дар бар мегирад.

Унсури аввал: таҷрибаи маърифатӣ- унсури асосӣ буда, низоми донишҳои компютерӣ-иттилоотиро дар бораи ҳолати кунунии тасвири иттилоотии ҷаҳон, равандҳои иттилоотӣ дар ҷомеа ва фаъолияти касбӣ, сохтори системаҳои ҳисоббарорӣ, инчунин дар бораи дастгоҳҳои асосии компютер ва техникии онҳо, хусусиятҳо ва алоқамандии онҳо, дар бораи ташкил ва идоракунӣ системаҳои иттилоотӣ, истифодаи фармонҳои базавии системаи амалиётӣ дар ташкили кори компютер, дар бораи роҳҳои фаъолияти илмӣ тавассути системаҳои компютерӣ-иттилоотӣ ва истифодаи системаҳои гуногуни иттилоотӣ ва фаъолияти маърифатиро фаро мегирад.

Унсури дуввум: таҷрибаи татбиқи усули фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ (таҷрибаи амалӣ) - қобилияти озодона ва самаранок истифода бурдан аз технологияҳои компютерию иттилоотӣ, интихоби сохтори компютер барои ҳалли гурӯҳи масъалаҳои мушаххас, ҷӯркунии интерфейси системаҳои ҳисобарорӣ барои ташкили мубодилаи иттилоот, татбиқи амалии захираҳои барномавии компютерӣ барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ, коркарди иттилоот тавассути таъминоти барномавии анъанавӣ, истифодаи шабакаҳои компютерӣ-иттилоотӣ, инчунин сохтани алгоритмҳои кор дар муҳити забонҳои барномасозии объектгаро.

Унсури саввум: таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ-қобилияти ҳавасмандгардонӣ, ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилоти нав ва таҷдиди технологияҳои иттилоотӣ, ташаккули зарурати такмили технологияҳои иттилоотӣ ва малакаҳои балоиҳагирӣ ва сохтани системаҳои нави иттилоотӣ.

Таҷрибаи муносибатҳои шахсиятӣ-унсури чоруми сохтори таҷрибаи компютерӣ-иттилоотӣ бо доштани системаи муносибатҳои ҳавасмандгардонӣ-арзишӣ ва эҳсосӣ-ихтиёрӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тавсиф карда мешавад. Ин раванд идоракунии ҳолати эҳсосотӣ дар воқеияти виртуалӣ, қобилияти интиқол накардани ҳолати манфии эҳсосотӣ дар фазои маҷозӣ ба муносибатҳои ҳаёти воқеӣ, риояи одоби муошрати электронӣ, ташкили муносибатҳои дохили ҷомеаи интернетӣ ва ҳифзи муносибатҳои ҳуқуқии аъзои ҷомеа, ташкили равандҳои худшиносӣ ва такмили ихтисос тавассути захираҳои интернетии табиати маърифатӣ ва таълимӣ дошта, инчунин қаноатманд будан аз натиҷаҳои фаъолияти компютерӣ-иттилоотиро дар бар мегирад.

Байни унсурҳои таҷрибаи компютерӣ-иттилоотӣ алоқаҳои муайян мавҷуданд, ки ҳар як унсури қаблӣ шарти фаъолият ва пешрафти унсури минбаъдаи он шуда метавонад. Бидуни дониши васеи компютерӣ-иттилоотӣ, на таҷдиди усулҳои фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ ва на истифодаи эҷодии он имконпазир аст. Дониши компютерӣ-иттилоотӣ дар бораи қонуниятҳои ҳаёт тасаввурот дода, ҳамчун асос барои ташаккули симои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дарки мавқеи мутахассиси ҷавон дар он хизмат мекунад. Дар замони муосир берун аз фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ дониши мукаммалро ба даст овардан, ташаккул додан ва дар фаъолияти касбӣ самаранок истифода кардан номумкин аст. Бинобар ин, доштани салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Арзиши дониши компютерӣ-иттилоотӣ барои мутахассис аз дараҷаи татбиқи он дар фаъолияти касбӣ муайян карда мешавад. Донишҳои муосири компютерӣ-иттилоотӣ роҳҳои нави фаъолиятро ташаккул дода, ба ташкили пойгоҳи нави донишҳо барои самаранок истифода кардан аз технологияҳои иттилоотии муосир мусоидат мекунанд.

Таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ як навъи фаъолияти пурсамари касбии мутахассис буда, барои ба даст овардани натиҷаи сифатан нав нигаронида шудааст, ки он тавассути компютер иҷро карда мешавад. Таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ имконият медиҳад, ки мустақилона дониш ва малакаҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар вазъиятҳои нави ба амал омада самаранок истифода карда шаванд.

Таҷрибаи муносибатҳои шахсӣ, таҷрибаи эҳсосӣ, аксуламалҳои иродаи қавӣ, ахлоқӣ ва эстетикиро ҳангоми кор бо воқеияти виртуалӣ, меъёрҳои ташаккулёфтаи ахлоқӣ ва одоби рафтор дар ҷомеаи иттилоотӣ дар бар мегирад. Дониш ва фаъолият дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ эҳсосоти муайян, муносибатҳо, ниёзҳои инсонӣ, хусусиятҳои шахс, инчунин фаҳмиш ва қабули арзишҳоро дар фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ ташкил медиҳад.

Қобилияти дар амал татбиқ намудани таҷриба дар соҳаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ, ки он аз ҷониби мо ҳамчун зуҳуроти салоҳияти компютерӣ- иттилооти баррасӣ мешавад аз ҷузъҳои зерин иборат мебошад:

- салоҳияти маърифатӣ- қобилияти истифодаи донишҳои компютерӣ- иттилоотӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- салоҳияти фаъолиятнокӣ- қобилияти истифода бурда тавонистан аз технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар фаъолияти худ;
- салоҳияти эҷодӣ- қобилияти истифодабари аз системаҳои нави ҳисоббарорӣ ва тағйир додани технологияҳои мавҷудаи иттилоотӣ;

➢ салоҳияти аксиологӣ-қобилияти худшиносии касбӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ ва арзиши муносибат ба фаъолияти компютерӣ-иттилоотӣ.

Салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ дар заминаи ҷузъҳои интихоб шуда ташаккул ёфта, ба мутахассис имконият медиҳад, ки дониши касбии худро васеъ намуда, самаранокии таъминоти барномаро дар амал арзёбӣ карда, тавассути технологияҳои интернетӣ маълумоти иловагиро ба даст оварда, инчунин дар таҳияи воситаҳои барномавӣ дар сатҳи касбӣ ширкат варзад. Ташаккулёбии салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ба мутахассиси ҷавон имконият медиҳад, ки марҳилаҳои асосии ҳалли мушкилоти иттилоотиро, ки дар ҷараёни фаъолияти касбии ӯ ба миён омадаан, мустақилона ҳал намояд. Салоҳияти компютерӣ-иттилоотии мутахассис ташаккули тафаккури эҷодиро дар назар дошта, қобилияти табдил додани донишҳои махсус ва таҷрибаи амалии мавҷударо ба василаи нави меҳнат дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ инчунин, баҳри манфиатҳои шахсӣ диққати худро дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ равона менамояд.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти компютерӣ-иттилоотии мутахассис яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми информатика мебошад. Омӯзиши бахши фанҳои информатикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бояд ба ташаккулёбии салоҳияти компютерӣ-иттилоотии донишҷӯён равона карда шавад. Ғайр аз ин, мундариҷаи чунин фанҳо бояд бо назардошти хусусиятҳои ихтисосие, ки мутахассис таёр карда мешавад, таҳия карда шаванд.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа, яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ ин татбиқи принсипҳои фаъолияти таҳсилоти миёнаи касбӣ - муттасилӣ ва пайвастагии назария ба амалия мебошад. Принсипи пайвастаи омӯзиш маънои онро дорад, ки ҳар як сатҳи нави омӯзиш бояд ба сатҳи қабли он асос ёфта, барои таҳияи сатҳи нав замина гузор бошад ва барои гузариш ба сатҳи баландтар ва якпорчагии ҷараёни таълим дар тӯли тамоми умр мусоидат кунад.

Амалисозии принсипҳои таълими касбӣ ба рушди шахсияти мутахассис мусоидат намуда, ворид шудани ӯро ба олами илм (дар соҳаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ) мусоидат намуда, раванди иҷтимоишавии шахсро дар воқеиятҳои нави иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ мусоидат намуда, хусусияти замонавӣ медиҳад.

Дар марҳилаи пеш аз касбомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мундариҷаи таълими компютерӣ-иттилоотӣ саводнокии компютериро ташкил намуда, бартараф кардани монеаҳои психологӣ дар истифодаи технологияи компютерӣ дар таълим, таҳияҳои лоиҳаҳои таълимӣ бо истифода аз воситаҳои барномавии компютер, муоширaт тавассути интернет ва шавқу рағбат нисбат ба иттилооти хусусияти таълимӣ доштаро дар бар мегирад. Дар ин марҳила, донишҷӯён таҷрибаи ибтидоии субъективии компютериро бо истифода аз таъминоти барномавӣ дар раванди таълим ба даст меоранд.

Марҳилаи касбии иҷтимоӣ-омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ бо тавсифи фазои иттилоотӣ ва амиқ шудани таҷриба тавассути рушди технологияҳои нави компютерӣ дар соҳаи истеҳсолот тавсиф карда мешавад. Он фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзиши фосилавии дурдастро бо истифодаи системаҳои компютерӣ ва иртиботӣ дар бар мегирад. Дар ин марҳила, донишҷӯён шавқу рағбатро бо истифодаи технологияи компютерӣ дар фаъолияти касбӣ, ҳалли масъалаҳои гузошта шудаи эҷодӣ, хоҳиши азхудкунии воситаҳои нави компютерӣ, ки ба худшиносии шахс дар фаъолияти касбӣ мусоидат мекунанд, пайдо мекунанд.

Имрӯз технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ ба раванди рушди инсон фаъолона таъсир мерасонанд. Ҳадафи иҷтимоии таълими компютерӣ-иттилоотӣ ин тағйир додани нақши инсон дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоӣ, ташаккули шахсият, қобилияти интихоби озоди усулҳои идоракунии равандҳои иттилоотӣ ва тағйироти мустақили ҳар як сатҳи таҳсилот, ки инҳо асоси салоҳиятнокии компютерӣ-иттилоотӣ мебошад, ташкил медиҳад.

Рушди технологияҳои иттилоотии муосири боиси пайдоиш ва ташаккули консепсияи нав - воқеияти виртуалӣ гардид. Маҳз барномаи компютерӣ воқеияти виртуалӣ ба ҳисоб рафта, ба шарофати системаи компютерӣ инъикос карда мешавад. Инсон тасвирҳои берунаро дар экрани монитор ё дигар дастгоҳҳои намоишӣ мебинад ва дар зери таъсири онҳо тасвири дохилии ақлиро дар майнаи худ ташаккул медиҳад. Ҳар гуна иттилооте, ки дар интиқолдиҳандаҳои магнитии иттилоотӣ нигоҳ дошта мешавад- виртуалианд.

Барномаи компютерӣ ба монанди тасаввуроти инсон, вазифаи оғоз намудани робитаи байни сохтор (одам) ва система (компютер)-ро иҷро мекунад, дар ҳоле ки компютер ҳамчун воситаи муошırати байни афрод дар ҷомеа (шабакаҳои компютерӣ) амал мекунад.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқотҳои педагогӣ ҳамеша қонуниятҳои муносибатҳои иҷтимоии инсон ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиро меомӯзанд. Бо пайдоиши технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ, доираи муносибатҳои иҷтимоӣ васеъ гардиданд, ки ба рушди сифатҳои нави инсонӣ, аз қабили огоҳӣ дар бораи мавҷудияти виртуалӣ, мавҷудияти воқеияти хаёлӣ, қобилияти баҳо додан ба рӯйдодҳои муайян, суратгирифтани воқеъияти виртуалӣ, рафтори худ ва дигарон нисбат ба воқеият, қобилияти дарк кардан ва аз вазъият баромадан ва ғайра, ки ин маърифати ахлоқро талаб мекунад, шароит муҳайё месозад. Сифатҳои шахсият, ки дар натиҷаи фаъолият ба даст оварда мешаванд, бо муносибатҳои мушаххаси иҷтимоӣ табдил ёфта, дар ҷомеа муайян, тавсиф карда мешаванд. Муайян кардани муносибатҳо дар муоширати интерактивӣ ҳамчун объекти рушди хусусиятҳои дохилии як шахс, мундариҷаи таълими компютерӣ- иттилоотӣ ба рушди фаъолияти инсон нигаронида шудааст.

Натиҷаи тамоюли рушди инсон, қобилияти ӯ барои тавлиди равобити беруна дар заминаи сифатҳои дохилӣ, яъне муносибаташ вобаста аст. Дар айни замон, принсипи таълими муттасил риоя карда мешавад, ки ин яке аз меъёрҳои асосии муайянкунандаи таълими компютерӣ-иттилоотӣ, ҳамчун маҷмӯи воситаҳо барои ошкор кардани хусусиятҳои худи шахс ва роҳҳои ҷамъоварии таҷриба дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ мебошад. Татбиқи ин принсип кафолати муттасилии робитаҳои тамоми сатҳҳои таҳсилотро фароҳам оварда, талош барои рушди мустақилона, рушди ҳамаҷониба ва ҳамоҳангиро дар тамоми ҳаёти шахс имконият фароҳам меорад.

Шартан ҷараёни рушди инсонро таҳти таъсири технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ ба ду марҳила ҷудо кардан мумкин аст:

- ✓ марҳилаи аввал-шиносоӣ ва азхудкунии компютер, ҳамчун воситаи шинохти олами атроф;
- ✓ марҳилаи дуюм-истифодаи компютер, ҳамчун василаи таъсир расонидан ба муҳити зист бо мақсади гирифтани донишҳои нав.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем хулоса барорем, ки салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ тавсифдиҳандаи маҷмӯи донишҳо ва малакаҳоест, ки аз ҳаёт ва фаъолияти амалӣ ба даст оварда шудааст.

Мавқеи шахс дар фазои маҷозӣ (кор дар компютер бо воситаҳои барномавӣ) рушди бошиддати тафаккури хаёлиро ба вуҷуд меорад, ки ба инкишофи чунин падидаҳо, ба мисли динамикаи инъикоси воқеияти гирду атроф дар шаклҳои гуногун (маърифат, эҳсосот, ирода), ҳолати равонӣ (фаъолият), сатҳи сифатӣ ва миқдории фаъолият ва рафтори инсон таъсир мерасонад. Рушди тафаккури техникии инсон, ҳамчун як хусусият фикрии мутахассис, дар шароити истифодаи пурсамари компютер чун василаи фаъолияти зеҳнии фард пайдо мегардад.

Ҳангоми ҷамъбаст намудани фикрҳои байён гардида, мо метавонем чунин хулоса барорем, ки ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ- иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, хусусияти меҳнатро ба куллӣ тағйир медиҳад. Қувваи умумии зеҳнии инсонӣ дар барномаҳои компютерӣ мутамарказ шуда, имконияти коркард ва интиқоли иттилоотро дар чаҳорчӯбаи вақти муносиб барои қабул ва ташкили фаъолияти амалӣ фароҳам меорад. Амалисозии мундариҷаи маълумоти компютерӣ-иттилоотии фаъолияти кори майнаи донишҷӯро фаъол намуда, онро ба инкишофи тафаккур дар тамоми шаклҳои худ равона мекунад, ки ин шарти асосии ташаккули салоҳияти компютерӣ-ттилоотӣ мебошад.

Салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ба мутахассис имконият медиҳад, ки бо ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқ шавад, фаъолияти худро дуруст ба нақша гирад, мушкилоти истеҳсолиро оқилна ҳал намояд, эҷодкорона фикр кунад, дар ҳайати кормандон бомуваффақият фаъолият намуда, роҳнамои гурӯҳ бошад. Салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ ҳамчун заминаи касбият хизмат намуда, дар анҷом додани фаъолиятҳои маърифатӣ ва ҳалли вазифаҳои касбӣ, вазифаҳои ғайрикасбӣ, фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва зеҳнӣ саҳми арзанда мегузорад.

Сифати омода намудани мутахассисони рақобатпазир, ки ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат бошанд, аз салоҳияти компютерӣ-иттилоотии онҳо вобаста аст. Ҳамин тавр, салоҳияти компютерӣ- иттилоотӣ ин қобилияти шахсият дар истифодаи дониш ва малакаҳои махсус дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ, нишон додани фардият, эҷодкорӣ, қобилияти мустақилонаи рушди маърифати касбӣ, худшиносӣ ва такмили ихтисос ба ҳисоб меравад. Зарурияти салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ барои мутахассиси ҷавон аз он иборат мебошад, ки худро дар ҷомеаи иттилоотӣ муаррифӣ карда, дар фаъолияти касбӣ аз технологияҳои иттилоотии муосир самаранок истифода намояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 26.12.2019.
2. Беспалов П. В. Компьютерная компетентность в контексте личностно- ориентированного обучения [Текст] / П. В. Беспалов // Педагогика. —2003.-№4.-С. 41-45.
3. Бершадский М. Информационная компетентность / М. Бершадский// Народное образование. - 2009. - № 4. - С. 139-144.
4. Чурикова И. И. Формирование компьютерной компетентности современного библиотечного специалиста [Текст]: Автореф. Дис.... канд.пед.наук. /И. И. Чурикова. - Новосибирск, 2007. - 24с.
5. Олейников А. А. Организационно- педагогические основы компьютерно-информационного образования студентов гуманитарных факультетов [Текст] / А. А. Олейников; Монография. - Костанай, 2006. - 229с.
6. Сладков С. А. Информационная компетентность, как условие профильной и предпрофильной подготовки [Текст] /С .А. Сладков// Инновации общего и профессионального образования: материалы международнойнаучно-практической конференции. - Челябинск: Изд-во Челяб.гос.пед.ун-та, 2006. - С.74.
7. Бершадский М.Е. Информационная компетентность / М. Е. Бершадский // Педагогические технологии. - 2009. - № 1. - С. 3-15.
8. Зайцева О. Б. Формирование информационной компетентности будущих учителей средствами инновационных технологий [Текст]: Автореф. Дис. .. .канд.пед.наук / О. Б. Зайцева. - Брянск, 2002. -19с.
9. Семенов А. Л. Роль информационных технологий в общем среднем образованя [Текст] / А. Л. Семенов. - М.: Изд-во МИПКРО, 2000. -12с.
10. Макарова Н. В. Информатика. [Текст] / Н. В. Макарова -М.:Финансы, 2004. - 985с.
11. Виленский М. Я. Технологии профессионально-ориентированного обучения в высшей школе [Текст]: Уч.пос/ М. Я. Виленский, П .И. Образцов, А. И. Умон. под ред. В. А. Сластенина. - М.: Педагогическое сообщество России, 2004. -191с.
12. Заявьялов А. Н. Формирование информационной компетентности студентов в области компьютерных технологий [Текст]: Автореф. Дис. ...канд. пед. наук / А. Н. Заявьялов. - Тюмень, - 2005. - 24с.
13. Митяева А. М. Содержание многоуровневого высшего образования в условиях реализации компетентностной модели [Текст] / А. М. Митяева//Педагогика. - 2008. - №3. - С. 57 -64.
14. Меламуд, В. Э. Информационное пространство управления школой[Текст]/В. Э. Меламуд, И. А. Фастовский //Информатика и образование.- 2007. - № 8. - С.3 -38.
15. Олейников, А. А. Формирование навыков решения профессиональных задач средствами специальных программ компьютера [Текст] / А. А. Олейников // Материалы Международной научно-теоретической конференции ≪Проблемы профилактики правонарушений≫. Костанай, КЮИ МВД РК, 2001.- С. 232-234.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, босалоҳият, салоҳиятнокӣ, компютер, иттилоот, салоҳияти компютерӣ-иттилоотӣ, мутахассис, мутахассиси ҷавон, технологияи иттилоотӣ, бозори меҳнат, фаъолияти касбӣ.*

## СУЩНОСТЬ И ПОНЯТИЕ КОМПЬЮТЕРНО-ИНФОРМАЦИОННОЙ КОМПЕТЕНЦИИ МОЛОДЫЕ СПЕЦИАЛИСТЫ

В данной статье в первую очередь рассматриваются сущность и понятия «компетентность» и «компьютерно-информационная компетентность». Понятия «компетентность» и «компьютерно-информационная компетентность» изучаются с точки зрения педагогической науки. Компьютерно-информационная компетентность - это способность личности использовать специализированные знания и навыки в области компьютерных и информационных технологий для решения

профессиональных задач, проявлять индивидуальность, творческий потенциал, способность самостоятельно развивать профессиональные знания, самопознание и профессиональное развитие. В статье отмечается, что качество подготовки конкурентоспособных специалистов, отвечающих требованиям рынка труда, зависит от их компьютерной и информационной компетентности. Компьютерно-информационная компетенция служит основой профессионализма и вносит ценный вклад в осуществление познавательной деятельности и решение профессиональных задач, непрофессиональных задач, исследовательской и интеллектуальной деятельности. Потребность в компьютерно-информационной компетенции молодого специалиста заключается в том, чтобы представить себя в информационном обществе и эффективно использовать современные информационные технологии в своей профессиональной деятельности.

***Ключевые слова:*** *компетенция, компетентность, компьютер, информация, компьютерно-информационной компетентность, специалисть, молодые специалисты, информационные технологии, рынок труда, профессиональной деятельность.*

## THE ESSENCE AND CONCEPT OF COMPUTER AND INFORMATION COMPETENCE YOUNG SPECIALISTS

This article first of all discusses the essence and concept of “competence” and “computer-information competence”. The concepts of “competence” and “computer-information competence” are studied from the point of view of pedagogical science. Computer-information competence is the ability of a person to use specialized knowledge and skills in the field of computer and information technology to solve professional problems, to show individuality, creativity, the ability to independently develop professional knowledge, self-knowledge and professional development. This article notes that the quality of training of competitive specialists who meet the requirements of the labor market depends on their computer and information competence. Computer-information competence serves as a basis for professionalism and makes a valuable contribution to the implementation of cognitive activities and the solution of professional tasks, non-professional tasks, research and intellectual activities. The need for computer-information competence for a young specialist is to present himself in the information society and effectively use modern information technologies in their professional activities.

***Key words:*** *competence, computer, information, computer and information competence, specialist, young specialists, information technology, labor market, professional activity.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** Асоев М. унвочуйи шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ тел: (992) 918945541.
**Сведения об авторе:** Асоев М.- соискатель отделом начального и среднего профессионального образования НИИРО АОТ, тел: (992) 918945541.
**Information about the author:** Asoev M. - Applicant for the Department of Primary and Secondary Vocational Education of NIIRO AOT, tel: (992) 918945541.

**МУСУЛМОНИ АБДУСАМАД**

## НАТИҶАҲОИ ОЗМОИШИ ПЕДАГОГӢ ҶИҲАТИ ОМОДАКУНИИ ИҚТИСОДЧИЁНИ ОЯНДА БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ

Гузаронидани озмоишҳои педагогӣ яке аз омилҳои асосии муайян намудани таъсири методикаҳои гуногуни таълимӣ ва ё дигар омилҳое, ки боиси беҳтар гардидани вазъи таълим мегардад ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади муайян намудани омодагии иқтисодчиён ба истифодаи технологияҳои компютерӣ барои ташаккули салоҳиятнокии касбӣ дар гурӯҳҳои иқтисодии муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар баробари таҳқиқотҳои кӯтоҳмуддат, ҳамзамон таҳқиқоти дарозмуҳлат гузаронида шуд.

Чунин таҳқиқот дар асарҳои муҳаққиқон Гришенко, Л. П., Ивасенко А.Г., Исаев Г.Н., Комилиён Ф.С., Мелников П.П., Никаноренков Д.В., Пикуза В., Салин В.Н., Семенов М.И., Степанов О.С., Тихамиров В.П., Шарапов Д.С., Ясенев В.Н. ва дигарон инъикос ёфтаанд, ки онҳо махсусиятҳои масъалаи татбиқи ТИ дар иқтисодиёт дар бар гирифтаанд.

Ҳамзамон, чунин таҷриба аз тарафи мутахассиси соҳа Давлатов Р.Ҷ. дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи кишвар гузаронида шуда, самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар он мусбӣ арзёбӣ гардидааст, ки дар он чунин омадааст: «... натиҷаҳои таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки амаликунии методикаи пешниҳодшудаи иттилоотии донишҷӯён зимни риояи маҷмӯи шартҳои педагогӣ ба натиҷаҳои таълим дар Коллеҷи омории шаҳри Ваҳдат таъсири мусбат расонида, ба омодасозии донишҷӯён ба истифодаи технологияи иттилоотӣ ба фаъолиятиояндаи касбӣ мусоидат хоҳад кард»[2].

Аз 10 ихтисоси иқтисодии муассиса 3 ихтисоси иқтисодӣ, шакли рӯзона ҳамчун ихтисосҳои таҷрибавӣ интихоб гардиданд. Дар таҳқиқот мо кӯшиш намудем, ки маҳз он ихтисосҳоеро ҳамчун ихтисосҳои таҷрибавӣ интихоб намоем, ки онҳо дар бештари МТОК мавҷуд буда, дар онҳо шумораи зиёдтарини донишҷӯён таҳсил менамоянд. Дар таҷрибаи мо аз ихтисосҳои 1-250108 «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» *бо* шумораи **56** донишҷӯ, 1-25010402 «Кори бонкӣ» бо шумораи **32** донишҷӯ ва 1-250104 «Молия ва қарз» бо шумораи **48** донишҷӯ, дар умум **136** нафар донишҷӯ иштирок намуданд. Гуруҳҳо дар таҷриба ба гуруҳҳои санҷишӣ (ГС) ва гуруҳҳои озмоишӣ (ГО) ҷудо гардида, мувофиқан дар ҳар се ихтисос таҷриба гузаронида шуд. Таҳқиқоти дарозмуҳлати озмоиши дар се давраи таҳлилӣ сурат гирифт: *муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда* ва *санҷишӣ*.

Дар давраи муқарраркунандаи кори озмоишӣ ҳолати ибтидоии сатҳи азхудкунии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар фаъолияти минбаъдаи касбии онҳо муайян гардид. Дар ин давра раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки дар фаъолияти касбии ин ихтисосҳо фанҳои заминавӣ ба ҳисоб меравад таҳқиқ гардид. Дар ин давра воситаҳои компютерӣ иштироки ғайрифаол дошта, раванди таълим дар шакли муқаррарӣ сурат гирифт.

Дар давраи ташаккулдиҳанда кори озмоишӣ дар доираи алоқаманд мебошад.

Дар марҳилаи санҷишӣ бошад таҳлили тағйирёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯён дар мавриди супоридани аттестатсияи давлатии хатм (АДХ) мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Бо мақсади амалишавии давраҳои таҳлилӣ мо онро дар намуди ҷадвали зерин таҳия менамоем:

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои амалишавии давраҳои таҳқиқот**

| Давраҳои таҳлил | Мақсад | Амалиётҳои педагогӣ |
|---|---|---|
| Муқарраркунанда | Муайян намудани ҳолати ибтидоии сатҳи азхудкунии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар фаъолияти минбаъдаи касбии онҳо | Гузаронидани озмоиш дар ихтисоси 1-250108 «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» аз фанни «Назарияи баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1-25010402 «Кори бонкӣ» аз фанни «Пул, қарз, бонк» ва 1-250104 «Молия ва қарз» аз фанни «Молия» |
| Ташаккулдиҳанда | Татбиқи шартҳои педагогӣ, ки ба самаранокии раванди ташаккули омодасозии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодиро бо истифодаи ТИК мусоидат менамояд. | Методикаи татбиқи самараноки воситаҳои ТИК дар раванди дарсҳои таълимӣ. Ташаккули методии фанни системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт (таҳияи ҳалли масъалаҳои иқтисоди тариқи воситаҳои ТИК).<br><br>Таҷрибаомӯзии таълимӣ (Шиносои бо барномаҳои компютерии касбӣ), таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, таҳияи рисолаи курсӣ, таҳияи рисолаи хатм |
| Озмоишӣ | Таҳлили тағйирёбии салоҳиятнокии касбии донишҷӯён | Сатҳи натиҷаи аттестатсияи давлатии хатм бо дарназардошти ҷамъбасти марҳилаҳои таҳқиқот |

Дар асоси марҳилаҳои таҳқиқот амсилаи соддакардашудаи ташаккули омодагии иқтисодчиёни оянда ба истифодаи технологияҳои компютериро дар намуди зерин таҳия намудем, ки дар расми 1. оварда шудааст.

Дар гуруҳҳои санҷишӣ раванди таълим дар шакли анъанавӣ (яъне, истифодаи усулҳои таълим ихтиёрӣ, бе истифодаи методикаи истифодаи ТИК дар раванди таълим) ҷараён гирифта, дар гуруҳҳои озмоишӣ бошад, дар доираи ташаккулдиҳии омодагии касбӣ (дар асоси амсилаи умумии ташаккули омодагии иқтисодчиёни оянда ба истифодаи технологияҳои компютерӣ, нигаред ба расми 1) ҷараён гирифт. Хотирасон бояд кард, ки ҳамаи гуруҳҳои дар таҷриба иштироккунанда дар курси якум фанни «Технологияи иттилоотӣ» - ро азхуд намуда, бо мақсади такмили касбии бо истифодаи воситаҳои ТИК дар гуруҳҳои таълимӣ фанни «Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» ва «Технологияи иттилоотӣ дар бонк» - ро меомӯзанд.

Аз ин рӯ, дар робита ба омӯзиши фанҳои зикргардида, тағйирёбии сатҳи азхудкунии ва сифати донишҷӯёни гуруҳҳо ҳам дар ГС ва ГО дар оғоз ва анҷоми озмоиш дар назар аст.

Оғози озмоиш дар марҳилае гузаронида шуд, ки дар ин давра фақат гуруҳҳои таълимӣ фанни «Технологияи иттилоотӣ» – ро азхуд намуда буданд. Дар ин давра озмоиш дар ихтисоси 1-250108 «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» аз фанни «Назарияи баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1-25010402 «Кори бонкӣ» аз фанни «Пул, қарз, бонк» ва 1-250104 «Молия ва қарз» аз фанни «Назарияи молия» гузаронида шуд. Марҳилаи аввали таҳқиқот дар доираи амалишавии давраи якуми ҷадвали 1 сурат гирифт.




**Расми 1. Амсилаи умумии ташаккули омодагии иқтисодчиёни оянда бо истифодаи технологияҳои компютерӣ**

Чи тавре дар боло зикр гардид, дар ГС бе таъсири иловагӣ ба ҷараёни таълим (дар ҷараёни гузаштани дарсҳои таълимӣ, иҷрои корҳои мустақилона ва ғ.) ва дар ГО бошад, баръакс таъсирнокӣ ниҳояд зиёд гардид. Дар ГО бештари дарсҳо дар шакли фаъол ё интерактивӣ сурат гирифта, объекти асосии кӯмакрасон дар тамоми давра ТИК ба ҳисоб мерафт. Истифодаи намойишҳо (рӯнамо, презентатсия) дар ҷараёни дарсро басе ҷолиб ва диққатҷалбкунанда мегардонид. Ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ шавқу равғбати онҳоро ҷиҳати иштирок намудан дар фаъолияти касбӣ ҳамчун иқтисодчӣ дучанд гардонида, боварии онҳоро ҷиҳати фаъолияти минбаъдаи касбӣ зиёд менамуд, ки дар интиҳо дар донишҷӯён мотиватсияи содиротӣ ба назар мерасид.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ихтисосҳои иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ҷиҳати ташаккули омодагии иқтисодчиёни оянда ба истифодаи технологияи компютерӣ зимни риояи шартҳои педагогӣ чунин натиҷа дод.

**Ҷадвали 2.** Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ дар гуруҳҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар оғози озмоиш

| Оғози озмоиш | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ГС** | | | | | **ГО** | | | | |
| | **∑/Баҳо** | **5** | **4** | **3** | **2** | **∑/Баҳо** | **5** | **4** | **3** | **2** |
| **1-250108** | **29** | *2* | *16* | *8* | *3* | **27** | *6* | *16* | *4* | *1* |
| **1-25010402** | **16** | *1* | *8* | *7* | *0* | **16** | *3* | *9* | *5* | *0* |
| **1-250104** | **24** | *2* | *9* | *12* | *1* | **24** | *4* | *14* | *6* | *0* |
| **Ҳамагӣ:** | **69** | *8* | *33* | *23* | *4* | **67** | *12* | *38* | *15* | *1* |

Барои болобарии натиҷаҳои умумии бадастомада дар оғози озмоиш, мо онро бо истифода аз имкониятҳои ҷадвали электронии MS Excel дар намуди диаграмма тасвир менамоем.




**Расми 2.** Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ дар гуруҳҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар оғози озмоиш

Чи тавре аз ҷадвал ва диаграмма пайхас бурдан мумкин аст, вазъи натиҷаҳо дар ГО нисбат ГС баландтар ба назар мерасад, аммо тафовути натиҷаҳо на он қадар калон мебошанд.

Бо мақсади муайянкунии сатҳи азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯён дар *оғози озмоиш* дар асоси ҷадвали 2. натиҷаҳоро вобаста ба фисади иштирокунандагони озмоиш нишон хоҳем дод.

**Ҷадвали 3.**

**Ҳиссаи баҳоҳои иштироккунандагони озмоиш дар оғоз**

| | 1-250108 | | | | 1-25010402 | | | | 1-250104 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ГС | | ГО | | ГС | | ГО | | ГС | | ГО | |
| | Миқ. | % | Миқ. | % | Миқ. | % | Миқ. | % | Миқ. | % | Миқ. | % |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баҳои 5 | 2 | *6,90* | 6 | *22,22* | 1 | *6,25* | 3 | *18,75* | 2 | *8,33* | 4 | *16,67* |
| Баҳои 4 | 16 | *55,17* | 16 | *59,26* | 8 | *50,00* | 8 | *50,00* | 9 | *37,50* | 14 | *58,33* |
| Баҳои 3 | 8 | *27,59* | 4 | *14,81* | 7 | *43,75* | 5 | *31,25* | 12 | *50,00* | 6 | *25,00* |
| Баҳои 2 | 3 | *10,34* | 1 | *3,70* | 0 | *0,00* | 0 | *0* | 1 | *4,17* | 0 | *0,00* |

Дар робита ба муайяннамоии тафовути натиҷаҳо мо натиҷаҳои ГО - ро нисбат ба ГС таҳия намуда, онҳоро таҳлил менамоем, ки он дар намуди ҷадвали 4. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.**

**Муайяннамоии тафовути натиҷаҳои ГО ва ГС дар оғози озмоиш**

| | **1-250108** | | | **1-25010402** | | | **1-250104** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** |
| Баҳои 5 | *6,90* | *22,22* | *15,32* | *6,25* | *18,75* | *12,5* | *8,33* | *16,67* | *8,34* |
| Баҳои 4 | *55,17* | *59,26* | *4,09* | *50,00* | *50,00* | *0* | *37,50* | *58,33* | *20,83* |
| Баҳои 3 | *27,59* | *14,81* | *-12,78* | *43,75* | *31,25* | *-12,5* | *50,00* | *25,00* | *-25* |
| Баҳои 2 | *10,34* | *3,70* | *-6,64* | *0,00* | *0* | *0* | *4,17* | *0,00* | *-4,17* |

Чи тавре аз ҷадвали 4. бармеояд натиҷаҳо дар оғози озмоиш баҳои 5 дар ГО нисбат ба ГС дар ҳудуди аз 8,34 то 22,22, баҳои 4 аз 0 то 20,83 зиёдтар гардида, баҳои 3 аз 12,5 то 25 ва баҳои 2 аз 0 то 6,64 фисад камтар гардидааст.

Дар умум, дар оғози озмоиш сатҳи азхудкунии донишҷӯён дар ГС ба 94% ва сифати дониши донишҷӯён ба 55% баробар буда, он дар ГО ба 99% ва 76% баробар аст.

Дар доираи ташаккули омодагии касбии доничӯён бо истифодаи ТИК мо онро дар таҳияи методикаи иҷрои ҳалли масъалаҳои иқтисоди тариқи воситаҳои ТИК, омӯзонидани замимаҳои барномавии касбӣ, ки дар раванди фаъолияти касбӣ истифода мегарданд, таъмини васоити таълимии касбии электронӣ дар ҷараёни таълим, ҳамоҳанг намудани таълим ва истеҳсолот, беҳтар намудани вазъи таҷрибаомӯзиҳо (омӯзиши замимаҳои компютерӣ, ки дар фаъолияти касбии иқтисодчии оянда истифода мегардад), таҳияи корҳои курсӣ, таъмини шароити фаъоли таълим дар раванди дарсҳои таълимӣ (таҳия ва истифодаи маводҳои таълимии электронӣ дар ҷараёни дарс, намоишҳо, иҷрои корҳои мустақилона ва ғ.) истифода намудем.

Натиҷаи амалинамоии амсилаи мазкур имкон фароҳам овард, ки сатҳи дониши донишҷӯён беҳтар гардида, онҳо ҷиҳати ворид шудан ба истеҳсолот бо донишу малакаи мукаммал омода гарданд. Дар анҷоми таҳқиқот мо натиҷаҳоро дар асоси дониши андухтаи касбии онҳо дар аттестатсияи давлатии хатм (АДХ) натиҷагирӣ намоем. Натиҷаи анҷоми озмоиш дар ҷадвали 5. оварда шудааст.

**Ҷадвали 5.** Натиҷаи корҳои таҷрибавӣ дар гуруҳҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, дар анҷоми озмоиш

| **Анҷоми озмоиш** | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ГС** | | | | | **ГО** | | | | |
| | **∑/Баҳо** | **5** | **4** | **3** | **2** | **∑/Баҳо** | **5** | **4** | **3** | **2** |
| **1-250108** | **29** | *3* | *26* | *0* | *0* | **27** | *9* | *18* | *0* | *0* |
| **1-25010402** | **16** | *1* | *12* | *3* | *0* | **16** | *4* | *12* | *0* | *0* |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1-250104** | **24** | *2* | *13* | *9* | *0* | **24** | *4* | *18* | *2* | *0* |
| **Ҳамагӣ:** | **69** | *6* | *51* | *12* | *0* | **67** | *17* | *48* | *2* | *0* |

Ҳамзамон, дар бо мақсади муайянкунии сатҳи азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯён дар *анҷоми озмоиш* низ дар асоси ҷадвали 2 натиҷаҳоро вобаста ба фисади иштирокунандагони озмоиш нишон медиҳем, ки он дар ҷадвали 6. инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 6.** Ҳиссаи баҳоҳои иштироккунандагони озмоиш дар анҷом

| | **1-250108** | | | | **1-25010402** | | | | **1-250104** | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ГС** | | **ГО** | | **ГС** | | **ГО** | | **ГС** | | **ГО** | |
| | **Миқ.** | % | **Миқ.** | % | **Миқ.** | % | **Миқ.** | % | **Миқ.** | % | **Миқ.** | % |
| Баҳои 5 | 3 | *10,3* | 9 | *33,3* | 1 | *6,2* | 4 | *25* | 2 | *8,3* | 4 | *16,7* |
| Баҳои 4 | 26 | *89,7* | 18 | *66,7* | 12 | *75* | 12 | *75* | 13 | *54,2* | 18 | *75* |
| Баҳои 3 | 0 | *0* | 0 | *0* | 3 | *18,8* | 0 | | 9 | *37,5* | 2 | *8,3* |
| Баҳои 2 | 0 | *0* | 0 | *0* | 0 | | 0 | | 0 | | 0 | |

Дар робита ба муайяннамоии тафовути натиҷаҳо мо натиҷаҳои ГО - ро нисбат ба ГС низ дар анҷоми озмоиш таҳия намуда, онҳоро таҳлил менамоем ва онро дар ҷадвали 7 тасвир хоҳем кард.

**Ҷадвали 7.** Муайяннамоии тафовути натиҷаҳои ГО ва ГС дар анҷоми озмоиш

| | **1-250108** | | | **1-25010402** | | | **1-250104** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** | **ГС/%** | **ГО/%** | **Тафовут** |
| Баҳои 5 | *10,3* | *33,3* | *23* | *6,2* | *25* | *18,8* | *8,3* | *16,7* | *8,4* |
| Баҳои 4 | *89,7* | *66,7* | *-23* | *75* | *75* | *0* | *54,2* | *75* | *20,8* |
| Баҳои 3 | *0* | *0* | - | *18,8* | - | *-18,8* | *37,5* | *8,3* | *27,4* |
| Баҳои 2 | *0* | *0* | - | - | - | - | - | - | - |

Натиҷаи анҷоми озмоиш аз он дарак медиҳад, ки баҳои 5 аз 8,4 то 33 фисад дар гуруҳҳо боло рафтааст. Сатҳи азхудкунӣ дар ГС ва ГО 100 фисад ва сифати дониш бошад дар ГС аз 55% то 82% ва дар ГО бошад аз 76% то 97% боло рафтааст, ки ин аз самаранокии методикаи мазкур дарак медиҳад.

**Ҷадвали 7.**

Фарқияти сифати азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯён нисбат ба оғоз ва анҷоми озмоиш

| | **Оғози озмоиш** | | **Анҷоми озмоиш** | | **Фарқият** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сифати азхудкунӣ | Сифати дониш | Сифати азхудкунӣ | Сифати дониш | Сифати азхудкунӣ | Сифати дониш |
| **ГС** | 76 | 55 | 97 | 82 | 21 | 27 |
| **ГО** | 99 | 94 | 100 | 100 | 1 | 6 |

Фарқияти сифати азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодиро дар намуди диаграмма тасвир менамоем.




**Расми 3.** Фарқияти сифати азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ

Натиҷаи сифати азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар оғоз ва анҷоми озмоиш аз он дарак медиҳад, ки дар ГС вазъи баландшавии сифати азхудкунии ва сифати дониш ба қадри ниҳояд кам ба назар расида, он дар ГО 27 ва 21 – ро ташкил додааст. Аз ин бармеояд, ки ҷоринамоии методикаи мазкур дар гуруҳҳои иқтисодии МТОК ба баланд гардидани сатҳи азхудкунӣ ва сифати дониши донишҷӯён мусоидат намуда, дар такмили дониши донишҷӯён ҷиҳати омода гардидани онҳо ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ дар хоҷагии халқ ҳамчун мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисодӣ самаранок хоҳад буд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Давлатов, Р. Ҷ. Самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир дар гурӯҳҳои иқтисодии МТМК [Матн] / Р.Ҷ. Давлатов, Ф.С. Комилиён, Б. Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. – № 1/3 (65). – С. 205-210.
2. Давлатов, Р. Ҷ. Таҳлили натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷиши самаранокии методикаи таълими курси «Технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт» [Матн] / Р.Ҷ. Давлатов, Ф.С. Комилиён // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2019. – № 4 (28). – С. 149-158.
3. Комилов Ф.С. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан[Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф.Рахмонов– Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174 С.
4. Мусулмони, А. Баъзе масъалаҳои таълими информатика дар омодакунии мутахассиси соҳаи иқтисод [Матн] / А. Мусулмони, А.Э. Сатторов, Р.Ҷ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. – 2018. – № 1/4 (57). – С. 65-67.
5. Рахмонзода, З. Ф. Применение автоматизированных систем управления образовательными учреждениями [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3/6 (120). – С. 314-319.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккули салоҳиятнокии касбӣ, гуруҳҳои иқтисодӣ, сатҳи азхудкунӣ, сифати дониш, гуруҳҳои санҷишӣ, гуруҳҳои озмоишӣ, эксперимент*

## РЕЗУЛЬТАТЫ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ ДЛЯ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ ЭКОНОМИСТОВ С ПОМОЩЬЮ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

С целью определения готовности экономистов к использованию компьютерных технологий для развития профессиональных компетенций в экономических группах государственного образовательного учреждения Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава наряду с краткосрочными исследованиями были проведены долгосрочные исследования и полученые результаты были проанализированы. Результаты качества обучения и качества знаний студентов экономических специальностей Бохтарского

государственного университета им. Носири Хусрава в начале и конце эксперимента показывают, что ситуация с изменения качества обучения и качества знаний в контролных групп очень низкий, так как оно в эксперименталӣнҷх группах изменяется от 21 до 27. Отсюда следует, что внедрение данной методики в экономических группах ВПОУ будет способствовать повышению уровня усвоения и качества знаний студентов и будет эффективным для повышения уровня знаний студентов с целью их подготовки к дальнейшей профессиональной деятельности в экономике в качестве будущих специалистов по экономике.

***Ключевые слова:*** *развитие профессиональных компетенций, экономические группы, уровень усвоения, качество знаний, контрольные группы, экспериментальные группы, эксперимент.*

## RESULTS OF PEDAGOGICAL EXPERIMENTS TO TRAIN FUTURE ECONOMISTS USING COMPUTER TECHNOLOGIES

In order to determine the readiness of economists to use computer technologies for the development of professional competencies in economic groups of the state educational institution of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, along with short-term studies, long-term studies were carried out and the results were analyzed. The results of the quality of education and the quality of knowledge of students of economic specialties of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrava at the beginning and at the end of the experiment show that the situation with changes in the quality of education and the quality of knowledge in the control groups is very low, since it varies from 21 to 27 in the experimental groups. the level of assimilation and the quality of knowledge of students and will be effective for increasing the level of knowledge of students in order to prepare them for further professional activity in economics as future specialists in economics.

***Keywords***: *development of professional competencies, economic groups, level of assimilation, quality of knowledge, control groups, experimental groups, experiment.*

**Маълумот дар бораи муалиф:** Мусулмони Абдусамад – докторанти (PhD) Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 900004246 E-mail: abdusamad06@mail.ru
**Сведения об авторе:** Мусулмони Абдусамад – докторант (PhD) государственного университета Бохтар имени Носири Хусрав. Тел.: (+992) 900004246 E-mail: abdusamad06@mail.ru
**Information about the author:** Musulmoni Abdusamad is a doctoral student (PhD) at Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Tel .: (+992) 900004246 E-mail: abdusamad06@mail.ru

**З.ЗИЁВИДДИНЗОДА**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ МУЛТИМЕДӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ВА БАРТАРИЯТҲОИ ОН

Мултимедиа дар тамоми соҳаҳо аз ҷумла соҳаҳои гуногун маориф ва илм хеле васеъ истифода бурда мешавад. Аз он ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори мушовираи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз соли 2017 аз 29-уми май таҳти №7/35 то имрӯз амалӣ шуд. Технологияи мултимедиа (лот. multi – бисёр, media – муҳит) – тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти дар як вақт истифодабарии матн, графика, овоз, видеова эффектҳои аниматсиониро дорад.

Технологияи мултимедиавӣ раванди таҳсилоти фосилавиро бой месозад, таълимро самаранок мегардонад , ки ин яке азусулҳои педагогии таълим мебошад..

Имрӯзҳо технологияи мултимедиа — ин яке аз самтҳои пешрафти иттилоотикунонии раванди педагогии таълим аст. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ, базаи моддӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи техникии устодон, пешрафти бомувафаққияти татбиқи технологияҳои иттилоотии замони муосир аст.

Истифодаи воситаҳои мултимедӣ ва телекоммуникатсия дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муносибати нави методиро дар системаи умумии таълим боз мекушояд.

Мултимедиа - ин таъсири байниҳамдигарии эффектҳои визуалӣ ва аудио дар асоси идоракунии таъминоти барномавии интерактивӣ бо истифодабарии воситаҳои ҳозиразамони техникӣ ва барномавӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо матн, овоз, графика, фото, видеоро дар як пешниҳоди сифрӣ муттаҳид месозад.

Татбиқи технологияҳои мултимедиа дар раванди таълим чунин ҷиҳатҳои арзандаи педагоги дорад:

- истифодабарии графикаи ранга, аниматсия, овоз, гиперматн ҳамчун усули педагогикаи муосир истифода дода мешавад;
- имконияти азнавсозии доимиро дар ҷараёни таълим роҳ медиҳад;
- сарфи на он қадар калонро барои чопкунӣ ва зиёдкунӣ дар ҷараёни таълими муосир дорад;
- имконияти дар он ҷойгиркунии веб-элементҳои интерактивиро дорад, масалан, тестҳои фанни ё ки дафтари корӣ;
- имконияти нусхагирӣ ва гузаронидани қисмҳо барои иқтибосоварӣ;
- имконияти ғайри хаттигии гузариши мавод ба туфайли гиперссилкаҳои зиёд;
- гипер алоқаро бо адабиёти иловагӣ дар китобхонаҳои электронӣ ё ки сомонаҳои таълимӣ имкон медиҳад;

Татбиқи технологияҳои мултимедиа чун усули нави педагоги дар раванди таълими курси технологияи иттилоотии замони муосир як қатор тарафҳои мусбӣ ва якчанд мушкилиятҳо низ дорад. Масалан ташкили машғулиятҳо тавассути мултимедиа-технологияҳо бо татбиқи махсус проекторҳо чун усули нави педагогикаи муосир имкон медиханд, ки имкониятҳои таъминоти барномавӣ намоиш дода шавад ва вақт сарфа карда шавад. Аз тарафи дигар талаботҳои иловагӣ барои тайёр намудани маводҳои мултимедиавӣ ва ташкили дарс ба миён меояд.

Истифодабарии технологияҳои мултимедиавӣ раванди педагогии таълимро боз ҳам натиҷанок мегардонад. Муваффақияти асосӣ дар он аст, ки шавқу хаваси донишҷӯён, тайёрии онҳо ба эҷодиёт, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ дар онҳо баланд бардошта мешавад.

Ҳангоми истифодабарии мултимедиа дар дарс тавассути воситаҳои интерактивии таълим, структуризатсия ва визуализатсияи иттилоот, фаъолнокии амалиёти дарккунии донишҷӯён ба амал меояд.




**Функсияи таълимӣ.** Ҳангоми сохтани курсҳои таълимӣ талабот нисбат ба эътимоднокӣ ва пуррагии мавод зиёд мешавад.

Соҳаи махсуси татбиқи мултимедиа системаи видеоконфронсҳои шабакавиро дар бар мегирад.

Технологияи видеоконфронсҳо барои форумҳо, семинарҳо, конфронсҳо, конгрессҳо ва ғ. аҳамияти калон дорад, ки шакли зарурии мубодилаи иттилооти профессионалӣ ба ҳисоб меравад.

Пешафти мултимедиа гуногун аст, соҳаи татбиқи он рӯз аз рӯз васеъ гардида истодааст, ки бо ин дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт муташаккил гардида истодааст.

Таҳсилоти фосилавӣ рӯз аз рӯз дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф ёфта истодааст. Технологияи видеоконфронсҳоро барои таҳсилоти фосилавӣ ҳам барои баланд бардоштани квалификатсия ва аз нав тайёркунӣ ва ҳам дар донишгоҳҳо истифода бурдан мумкин аст. Видеоконфронсҳо дар таҳсилоти фосилавӣ барои ба даст даровардани чунин мақсад истифода бурда мешаванд:

- ✓ Таълими пурра гирифтани дилхоҳ шаҳрванд новобаста аз ҷои зист
- ✓ Тренингҳои омӯзиши
- ✓ Ҳамкории самараноки муассисаҳои гуногуни таълимӣ аз рӯи тахассус

Аниматсия – ин раванди тағирёбии андоза, ҳолат, ранг ё ки шакли объект бо гузашти вақт мебошад.

Пайдоиши системаҳои мултимедиа тағироти калонро дар чунин соҳаҳо, ба монанди таълим, илм, санъат, тренингҳои компютерӣ, дар бисёр соҳаҳои профессионалии амалиёт, ки асоси дилхоҳ реклама ба ҳисоб меравaнд, ба миён овард.

Функсияҳои асосии татбиқи маҳсули мултимедиа, ки бо технологияҳои мултимедиа сохта шудаанд, ба ҳисоб мераванд: таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, ҳавасмандгардонӣ асоҳои дидактики доранд.

Намоишномаҳо дар ҳама ҷараёни таълим  зарур аст, истифода бурда мешаванд: дар намоишгоҳҳо, дар конфронсҳо, конгрессҳо, тренингҳо ва семинарҳо, гуфтугӯ ва вохӯриҳо бо фармоишдиҳандагон, ҳангоми намоишномаи лоиҳаи инвеститсионӣ ё ки бизнес-нақша, дар сомонаҳои амалан ҳамаи ширкатҳо дар намуди каталогҳои маҳсули ва хизматрасонӣ, аксияҳои рекламавӣ, дар ҳама ҷо, дар он ҷое, ки дар он ҷо иттилоот визуализатсия карда мешавад.

*Функсияи таълимӣ.*Тренинги компютерӣ раванди асосии таркибдиҳандаи таълимӣ, махсусан дар системаҳои фосилавии таълим муассисаҳои олии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ҳам блокҳои маводи таълимӣ ва тестиронӣ ва ҳам таркибдиҳандаи интерфейсӣ самаранокии таълимдиҳиро ҳангоми бомаҳоратона ба он дохил намудани элементҳои мултимедиавӣ баланд мебардоранд. Дар замони муосир курсҳои таълимии мултимедиавӣ соҳаи актуалӣ ва динамикӣ инкишофёбандаи педагогика  ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми сохтани курсҳои таълимӣ педагоги ва ғайра талабот нисбат ба эътимоднокӣ ва пуррагии мавод зиёд мешавад.

*Функсияи илмӣ-тадқиқотӣ яке аз методҳои асосии педагоги буда* .воситаҳои мултимедиа дар ин ҳолат дар марҳилаи аз чопбарории натиҷаҳои тадқиқот татбиқ карда мешаванд.

Дар корҳои китобхонаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бойгонӣ ва музей барои баҳуҷҷатдарории манбаҳои маводҳо ва нигораҳо дар музей, тартибдиҳии феҳраст ва тасвири илмӣ, автоматизатсияи ҷустуҷӯ ва нигоҳдорӣ барои нигоҳдории маълумотҳо, иттилооти маълумотдиҳӣ, барои ташкили кори олимон на танҳо тавассути ҳуҷҷат, балки нусхаҳои электронии онҳо, бе воситаҳои мултимедиавӣ пеш бурдан номумкин аст.

3D-панорамаҳо, панорамаҳои сферикӣ, панорамаҳои виртуалии 360-градусӣ – инҳо панорамаҳое мебошанд, ки тарзи фотореалистии намоиши ҳаҷмии муҳитро дар реҷаи интерактивӣ пешниҳод менамоянд.

*Функсияи ҳавасмандгардонӣ. Яке аз усулҳои педагогии диққатҷалбкунандаи ҷараёни таълим аст, ки*  бисёр филмҳо порчаҳои аниматсионӣ доранд ё ки пурра ҳамин гуна мебошанд. Ҳоло сектори шавқмандкунии Интернет бе компонентҳои мултимедиа тасаввур кардан имконнопазир аст.

**Системаи таҳсилоти фосилавии дот дар шаҳри панҷакент.** Маркази таҳсилоти фосилавӣ яке аз сохторҳои Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент буда мансуб меёбад. Таҳсилоти фосилавӣ дар асоси принсипи омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён бо истифодаи технологияи муосир кор мебарад. Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави таҳсилоти ғоибона низ ба ҳисоб меравад. Донишҷӯ дар хона истода ба воситаи шабакаи саросарии интернет дарсҳоро аз устод гирифта, аз худ намуда, вазифаи иҷрокардаашро ба устодаш мефиристад.Ҳамин тавр донишҷӯ дар вақти муносиб, дар макони муносиб бо суръати бароҳат машғули донишандӯзӣ мегардад. Мӯҳлати таҳсил бошад дар шӯъбаи фосилавӣ 4-сол ва барои ихтисосщои ҳамгиро 5 сол мебошад.




Маркази таҳсилоти фосилавии сомонаи омӯзишии fosilavi.dotpanj.tj бо назардошти саҳифаҳои мушаххаси дорои саҳифаҳои таълимю методӣ ва воситаҳои идоракунии фаъолияти донишҷӯёнро дорад. Донишҷӯ аз ҳар як гӯшаи ҷаҳон тавассути интернет метавонад фарогири таҳсил бошад ва кори хешро идома диҳад.

Таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад. Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳам рӯзонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст, фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ на соҳибихтиёрона, балки пайваста бо муносибат бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online) аз худ мешавад. Шарти асосии ворид шудан ба система мушаххас намудани парол ва логини ҳар истифодабаранда мебошад, ки ба ин восита метавон аз имконоти мавҷуда истифода намуд. Системаи таҳсилоти фосилавии ДОТ дар шаҳри Панҷакент дар шабакаи глобалии Интернет фаъолият бурда, барои донишҷӯён имконияти саривақт ва бемамоният дастрас намудани маълумотҳои заруриро фароҳам меорад.

Устодони донишгоҳ имкон доранд бо донишҷӯ тавассути ин система фосилавӣ муошират намоянд. Кори система шаффоф буда, тамоми маълумотҳо марказонида шудаанд, ки ин ҷиҳат тоза ва пурра будани маълумоти мавриди истифодаро кафолат медиҳад.

Яке аз мақсадҳои асосии истифода ва татбиқи чунин система таъмин ва кафолати сифати таҳсил дар донишгоҳ мебошад. Зеро бо истифодабарӣ аз системаи мазкур донишҷӯ имкони соҳиб шудан ба маълумоти заруриро пайдо хоҳад кард.

Web-сомонаи зерин бо корбаст аз дастовардҳои технологияи муосир сохта шуда, таъминоти бехатарӣ ва шахсӣ будани маълумот кафолат дода мешавад.

Ҳангоми ворид шудан ба система тавассути интихоби логин ва пароли шахсӣ донишҷӯ ба саҳифаи хеш дохил мегардад ва имкони шиносоиро бо маълумоти зарурӣ пайдо мекунад.

***Саҳифаи донишҷӯ***. Системаи мазкур ба донишҷӯён имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

- алоқаи доимӣ бо устод, имконияти машварати фаврӣ дар хусуси саволҳои пайдошуда бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ(почтаи электронии дохила, skype ва ғайра)

- имконияти ташкили мубоҳиса, форумҳо, корҳои якҷоя бо гурӯҳ дар вакти омӯзиши курс ҳар лаҳза
- дастрасии маводҳои назариявӣ ва амалӣ дар шакли электронӣ (слайдҳо, презентатсияҳои овознок, видеофрагментҳои дарс)
- Истифода бурдани китобхонаи электронӣ
- Шинос шудан бо нақшаи шахсии таҳсил
- Муайян намудани бал аз рӯи фанҳо барои семестри ҳозира ва гузашта
- Системаи тестии таълимӣ
- Иваз намудани профили худ (ба монанди парол, расм ва баъзан маълумотҳои иловагӣ)
- Ҷадвали дарсӣ

*Саҳифаи омӯзгор.* Устод ҳангоми воридшавӣ ба система ба саҳифаи худ дохил мешавад, ки дар он мувофиқи сарбории ӯ рӯйхати фанҳое, ки дар семестри ҷорӣ дарс медиҳад, ҷой дода шудааст. Бо интихоби фанни зарурӣ устод метавонад барои ҳафтаи фаъол ба фаъолияти донишҷӯён бал гузорад. Инчунин устод метавонад барои гурӯҳи интихобшуда маводҳои худро дохил намояд.

Имкониятҳое, ки ба устод пешбинӣ шудааст:

1.Гузоштани балҳои донишҷӯён
2.Хондани тахтаи маълумотҳо
3.Гузоштани ахборот ё эълони нав дар гурӯҳи худ
4.Истифода бурдани китобхонаи электронӣ
5.Истифода бурдани почтаи электронӣ
6.Истифода бурдани форум
7.Иваз намудани профили худ (ба монанди, парол, расм ва баъзан маълумотҳои иловагӣ)
8.Шинос шудан бо ҷадвали дарсии худ
9.Тартиб додан ва сабти маводҳои имтиҳонӣ барои санҷиши ниҳоӣ
10. Тартиб додан ва сабти маводҳо барои санҷишҳои ҷорӣ
11. Курси лексия
12. Маводҳои тестӣ
13. Масъала ва мисолҳо
14. Адабиётҳои тавсияшаванда

**Таҳсил дар системаи таҳсилоти фосилавӣ** яке аз шаклҳои таълим**.** Системаи таҳсилоти фосилавӣ - ин шакли қулаи омӯзиши таҳсили ғоибона мебошад, аз он ҷумла барои гирифтани маълумоти дуюм ва барои он шахсоне, ки имконияти хондани таҳсили рӯзона ё ғоибонаро надоранд пешбинӣ шудааст. Интернет-технология барои дастрас намудани маводҳои таълимӣ-методӣ ва барои ҳамкории донишҷӯ бо омузгор ба воситаи шабакаи глобалии интернет кор фармуда мешавад. Омӯзиш дар система сифати кори мустакилонаи донишҷӯёнро баланд мегардад, кор бо компютер имконият имконият медихад, ки ҳисобкунихо бо дараҷаи баланд иҷро карда шаванд. Навиштани корҳои семестрӣ ва истифодабарии маводҳои шабакаи глобалӣ барои омӯзиши чуқури мавзӯъҳо мусоидат мекунад.

Дар Донишкадаи омӯзгории омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мо барои роҳандозии ин намуди таҳсил ҳамаи шароитҳо муҳайё аст. Дар донишкада утоқҳои махсус, синфхонаҳои лингафонӣ, синфхонаҳои компютерӣ, синфхонаҳои лекссионии бо доска электрони муҷаҳҳаз бо дастрасӣ ба шабакаи саросарии ИНТЕРНЕТ барои донишҷӯён пешкаш гардидааст. Донишкада бо бисёр донишгоҳҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои олии пешрафтаи дунё шартномаи ҳамкорӣ дорад. Устодони донишкада имконият доранд, дар ин гуна муассисаҳои олӣ савияи касби худро боло бардоранд.

Принсипҳои ташкили низоми фосилавӣ таълим

- ➢ Принсипи интерактивӣ таълим

Маълумотҳои ибтидоӣ оиди тарзи ташкили низом фосилавӣ таълим

- ➢
- ➢ Ба назар гирифтани машғулият ё принсипи фардӣ нисбат ба ҳаряк донишҷӯ дар муассисаҳои олӣ

- Принсипи педагогиии истифодабарии технологияи пешқадам аз тарафи омӯзгор
- Гузариш ба муҳити виртуалӣ бо назардошти мамониятҳои минималӣ педагоги дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ
- Новобаста аз вақт ва мавқеъ ташкил намудани дарс ҳамчун шакли асосии таълим

Меъёрҳои ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз инуқтаи назари илми педагогика чунин аст:

- Насб ва ҷиҳозонидани содда таъминоти таҷҳизотӣ ва таъминоти барномавӣ дар низоми ТФ;
- Муттамарказ гардонидани маводҳои электронии таълимӣ барои раванди таҳсили фосилавӣ, инчунин рӯзона ва ғоибона ;
- Муттамарказ гардонидани назорати раванди таълим бо истифода аз васоити технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ замони муосир;
- Усули камхарҷ бунёд намудани шабака ва нармафзорҳои гуногуни шабакавӣ (истифодаи Opensource);
- Интерфейси содда ва фаҳмо нисбат ба таъминоти барномавӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён;
- Бидуни муттахассисон - педагогҳои баландихтисоси ТИК идора намудани хизматрасониҳои гуногуни шабакавӣ ва барномавии таҳсилоти фосилавӣ;
- Мунтазами дастрас будани сомонаи омӯзишии донишкада аз тарафаи устодон ва донишҷӯён.

**Бартариятҳои таҳсилоти фосилавӣ чунинанд:**

- *Самаранокӣ-афзалияти таҳсилоти фосилави бештар дар* истифода намудани вақт ва маблағ.

- *Қулай* -имконияти таҳсил бо интихоби вақт, мавқеъ ва равиши дарс чун шакли асосии таълим.

- *Озод* -имконияти таҳсил аз рӯи нақшаи индивидуалӣ, ки ба талаботи донишҷӯ мутобиқ аст.

- *Мувозиятнокӣ-имконияти* омӯзиш дар вақти фаъолият.

- *Технологияи педагогии иттилоотии нав* - ин истифодаи технологияи нави коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ, шабакаҳои компютерӣ ва системаҳои мултимедиявӣ барои идора намудани раванди таълим.

**Технологияи ТФ - барои аудиторияи зерин мусоид мебошад:**

- Ба аҳолии маҳалаҳои дурдаст ва ноҳияҳои аз марказҳои муассисаҳои таълимии тахсилоти олӣ дар масофаи хелодур ҷойгиршуда;

- Мутахасиссоне, ки барои гирифтани маълумоти дуюм таҳсил мекунанд ;

- Шахсоне, ки талаби худомӯзӣ доранд;

- Шахсоне,ки дар интернет дарсҳои иловагӣ ташкил мекунанд ва ё ва таҳсил менамоянд;

- Ба шахсоне,ки ҳолати ҷисмониашон маҳдуд, маъюбон, ки дар шароити муқаррарӣ имконияти иштирок намуданро надоранд.;

- Барои ташкили дарсҳои кӯтоҳмуддат(трейнингхо,курсҳои тахассусӣ) барои кормандон ва муаллимон;

Хулоса исботи самаранокии татбиқи технологияи таълими фосилавӣ дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ инҳо буданд: ташаккули омодагии психологии донишҷӯён ба дарки маводи нав, фаҳмиши донишҷӯён дар бораи маълумоти нави пешниҳодшуда, ташаккули малакаҳо барои ҳалли масъалаҳои стандартӣ, истифодаи дониш ва малакаҳо аз ҷониби донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ.

Дар ҷараёни таҳқиқот ва фаҳмидани натиҷаҳои он як қатор мушкилоте ба миён омаданд, ки омӯзиши минбаъдаро дар доираи таълими ба шахс нигаронидашуда талаб мекунанд. Дар байни онҳо, мо муҳимтарин проблемаи муносибати дифференсиалӣ ба таълими донишҷӯёни дорои услубҳои гуногуни таълим ва ташкили психофизиологӣ ва масъалаи таъсири хусусиятҳои шахсии донишҷӯён дар интихоби стратегияҳои маърифатӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимиро барраси намуда ба хулоса омадем, ки таҳсилоти фосилави асоси илмию педагоги дорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Агапонов С. Средства дистанционного обучения. Методика, технология, инструментарий: Серия: Мастер решений, Изд-во «BHV», 2003. Полат Е.С., Петров А.Е., Моисеева М.В. Педагогические технологии дистанционного обучения: учебное пособие для вузов/ Е.С. Полат, А.Е. Петров, М.В. Моисеева.- Серия: Высшее профессиональное образование, Изд-во «Academia», 2008.
2. Андреев А.А. Дидактические основы дистанционного обучения в высших учебных заведениях: Дисс. . д-ра пед.наук. — М., 1999.-289 с.
3. Андреев А.А., Солдаткин В.И. Дистанционное обучение: сущность, технология, организация. М.: МЭСИ, 1999.
4. Андреев В.И. Педагогика : учебный курс для творческого саморазвития. - 3-е изд. - Казань : Центр инновац. технологий, 2003. - 608 с.
5. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы. - М. : Высш. шк., 1980. - 368 с.
6. Безека С.В. Power Point 2007. Как создать красочную и информативную презентацию. Серия: Спрашивали - отвечаем. - М. : Изд-во НТ Пресс, 2008 - 192 с.
7. Бент Б. Андерсен, Катя ван ден Бринк. Мультимедиа в образовании. - М., 2007. - С. 30
8. Бердяев Н.А. Человек и машина // Вопросы философии. - 2005. - № 2.
9. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М., 1989.

***Калидвожаҳо:*** *мултимедия, иттилоот, графика, компютер, видеоконференсия, телекоммуникатсия, аниматсия, почтаи электронӣ, Web-сомона, нармафзор, технология, интернет, форум, семинар,таҳсилоти фосилавӣ.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ СРЕДСТВ В ДИСТАНЦИОННОМ ОБУЧЕННИЕ И ЕГО ПРЕИМУЩЕСТВА

В данной статье исследуются педагогические аспекты дистанционного обучения в Таджикском педагогическом институте в Пенджикенте, а также использование мультимедийных технологий, инструментов, телекоммуникаций, а также педагогическая основа для реализации дистанционного образования.

***Ключевые слова:*** *мультимедиа, информация, графика, компьютер, видеоконференцсвязь, телекоммуникации, анимация, электронная почта, веб-сайт, программное обеспечение, технологии, Интернет, форум, семинар, дистанционное обучение.*

## PEDAGOGICAL BASIS OF THE USE OF MULTIMEDIA TOOLS IN DISTANCE LEARNING AND ITS ADVANTAGES

This article examines the pedagogical aspects of distance learning at the Tajik Pedagogical Institute in Penjikent, as well as the use of multimedia technologies, tools, telecommunications, as well as the pedagogical basis for the implementation of distance education:

***Keywords:*** *multimedia, information, graphics, computer, video conferencing, telecommunications, animation, email, website, software, technology, Internet, forum, seminar, distance learning.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Зулолиддин Зиёвиддин - унвонҷӯи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. Tel: +992928243636, +992929610550. Почт.элект.: zulik.zul@mail.ru

**Сведения об авторе:** Зулолиддин Зиевиддин - соискатель Педагогического института Таджикистана в Пенджикенте. Тел: +992928243636, +992929610550.
Электронная почта: zulik.zul@mail.ru

**Информация об авторе:** Зулолиддин Зиевиддин - научный сотрудник Педагогического института Таджикистана в г. Пенджикенте. Тел: +992928243636, +992929610550.
Электронная почта: zulik.zul@mail.ru

**Б.БӮРИЕВ**

# ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МАТЕМАТИКА

*«Арҷ гузоштан ба фарҳангу таърихи бостонии миллат ва омӯхтани он, инчунин, аз худ кардани мероси ҷовидонаи садҳо ва ҳазорон нафар фарзандони фарзонаи халқамон, яъне шоирону адибон ва олимону мутафаккирони барҷастаи миллат вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад»*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар амалигардонии ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму фан»(с.2020-2040), ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидааст, таваҷҷуҳ кардан танҳо ба рушди илмҳои дақиқ ва мусаллаҳ гардонидани толибилмон бо навгониҳои илму техника кифоя набуда, эътибор додан ба омӯзиши таърихи илмҳои риёзӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳиммият ва ҷиддияти ин масъала, дар он зоҳир мегардад, ки то вақтҳои охир мероси илмӣ ва фарҳангии илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқро танҳо ба арабҳо мансуб мешумориданд. Гарчанде, мероси илмию фарҳангии таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон васъе паҳн шуда бошад, ҳам асрҳо тарғиб мекарданд, ки математика тавассути асарҳои олимони Юнони Қадим ва Европа ташаккул ёфтааст[7].

Чунончи, дар курси мактаби миёна номи танҳо Евклид, Пифагор, Архимед, Виет, Нютон ва дигарон бо забон гирифта мешуданд. Масалан, агар номи Ал-Хоразмӣ хотирнишон шавад ҳам, онро ҳам ҳамчун олими араб мешумориданд.

Таҳти истилоҳи «арабҳо» олимони Шарқи Наздик ва Миёнаро дар назар дорем, ки онҳо баъди истилои арабҳо дар асри VIII асарҳои худро бо забони арабӣ, забони дин ва давлат (чи тавре, ки олимони Европа асарҳои худро бо забони лотинӣ эҷод мекарданд) таълиф менамуданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар асрҳои XVIII-XIX аз ҷониби як қатор олимон-муҳаққиқон ихтироoти калон иҷро гардид, ки онҳо ба таърихи риёзиёти мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Шарқи Наздик, махсусан ба мамлакатҳои Осиёи Миёна тааллуқ доранд.

Тавассути асарҳои Л. А. Сейидо (1808-1875), Ф. Розен (1805-1837), Ф. Вепка (1826-1864), Г.Зутер (1884-1922), Э. Витеман (1825-1928), К.Шой (1877-1925) доир ба математикаи Шарқи асримиёнагӣ маводи фаровони амалӣ ташхис шудааст. Аз ҷумла, туфайли ба забонҳои аврупоӣ тарҷума ва интишор шудани асарҳои математикии Ал-Хоразмӣ, Умари Хайём, Ал-Берунӣ ва дигар олимони Осиёи Миёна онҳо ҳаёти дубораи худро аз сар гузарониданд.

Таҳқиқоти олимони даврони шӯравӣ собит кард, ки халқҳои Осиёи Миёнаи дар соҳаи таърихи математикаи ҷаҳонӣ мероси хело ҳам оламшумул ва ғанӣ доранд. Олимони даври шӯравӣ аввалин шуда алломаҳои шарқи асримиёнагӣ, аз ҷумла математикаи асримиёнагиро дар инкишофи андешаи математикии ҷаҳонӣ дуруст муайян карданд.

Дар омӯзиши эҷодиёти мактаби математикии Улуғбек ин олимон навигариҳои зиёд дохил карданд. Шарқшиноси бузурги шӯравӣ В.В.Бартолд тавассути асарҳои худ «Улуғбек ва Хоҷа Аҳрор», «Улуғбек ва замони ӯ», «Маданияти исломӣ» ва «Таърихи ҳаёти мадании Туркистон» ва ғайраҳо барои таҳқиқу омӯхтани таърихи мактаби илмии Самарқанд заминаи хуб гузошт[7].

Шиносоӣ бо таърихи илму фан барои ҳар як фард муҳим бошад, вале барои омӯзгоре, ки тамоми ҳастияшро бо ин фан алоқаманд кардааст, донистани қонуният ва давраҳои асосии инкишофи он аҳамияти махсус дорад.

Омӯзгорон аз таҷрибаи хеш медонанд, ки ворид шудан ба таърихи фанни омӯхташаванда, нақлҳои кутоҳ аз таърих ва ба вуҷуд омадани мафҳумҳо, хосият, андеша ва натиҷаҳои фаннӣ дар хонандагон чӣ гуна рӯҳбаландӣ ва «ҷунбиш»-ро ба амал меорад. Инчунин маълум аст, ки ҳалли масъалаҳои чандсад сол пеш пешниҳодшудаи донишмандонро хонандагон бо кадом эҳсосот ҳал менамоянд.

Ҳавасмандии бештарро ба фанни таълимӣ, ҳамзамон ташкил намудани шароити муфид барои азхуд намудан ва дар хотир нигоҳ доштани маводи омӯхташаванда муайян менамояд. Аз бар намудани донишу маълумотҳо аз таърихи математика ба омӯзгор дар фаъолияти ояндаи ӯ хело зарур мебошад. Хусусан, доштани маълумот аз таърихи математика, ба ӯ дарк кардани арзишҳои донишҳои математикӣ,ки бевосита бо тағйирёбии талаботи давру замон рӯй медиҳанд, фароҳам меорад. Аз ин ҷо мо барои худ хулоса мебарорем, ки минбаъд ҳам мазмуни таълими математика бетағйир намемонад.Аз ин рӯ, суҳбатҳоро, ки омӯзгор оид ба таърихи математика бо хонандагон мегузаронад, муҳим ба ҳисоб рафта, онҳо дар ҷавонон имконияти бедор намудани қобилияти азхудкунӣ ва боварӣро бо имконияти худ бештар мегардонанд. Донишҳо аз таърихи математика барои омӯзгор дар муайян намудани аҳамияти математикаро дар инкишофи фанҳои дигар имконияти бештарро фароҳам меоранд. Мо пеш муайян кардем,ки таърихи математика

дар тадқиқи асосҳои методологии масъалаҳои худи математика, махсусан дар пайдоиши мафҳумҳо ва нақши онҳо дар тараққиёти математика қувваест, бузург.

Хулосаҳое, ки ҳанӯз солҳои 50-уми қарни гузашта аз тарафи муҳаққиқони таърихи фан ҷиҳатҳои дигари таърихи математика қайд шудааст, дар он аст, ки аҳаммияти он барои тараққиёти худи математика ва омӯзиши амиқи равандҳои инкишофи тафаккур муҳим аст, «барои он, ки фан дар барои тафаккур масъалаҳои худро ҳал карда тавонад, мумкин аст,ки масъалаи чӣ тавр таърихан инкишоф ёфтани тафаккур ҳаматарафа омӯхта шавад. Дар бораи он фикр кардан мебоист, ки ҳангоми навиштани таърихи фан дар омӯзиши метод ва усулҳои тафаккур ҷои махсус бояд барои таърихи фан дода шавад. То ин дам».[3]

Насли ҳозираи тоҷик вазифадор аст, ки ба гузаштаи илми худ, фаъолияти олимони он шинос шуда, ин хазинаи хирадро ба манфиати халқи худ истифода барад.

Барои ташаккули қобилияти фикррониии насли наврас математикони ин сарзамин хизматҳои босазо карданд.

Математикони Осиёи Миёна аввалин шуда системаи даҳии позитсиониро дар тамоми ҷаҳон паҳн намуданд, системаи ҳисоби шастии бобулиёнро такмил доданд, алгебраро ҳамчун фанни алоҳида (асри IX) ҷудо карданд, таълимотро дар бораи касрҳо инкишоф доданд; онҳо аввалин шуда касрҳои даҳиро кашд намуданд (асри XV), қимати адади $\pi$-ро дар дараҷаи ниҳоят саҳеҳ ҳисоб карданд, тригонометрияро чун мусалласот инкишоф доданд ва онро фанни алоҳида сохтанд.

Гарчанде ки нақш ва аҳамияти кашфиётҳои олимони Шарқи Наздику Осиёи Миёна дар минтақаҳои инкишофёфта муайян шуда бошанд ҳам, аммо онҳоро олимони Осиёимиёнагӣ ҳисоб намекарданд, яъне то чанд муддат муаррихон-математикони Аврупои Ғарбӣ олимони Шарқи Наздику Миёнаро эътироф намекарданд ва онҳоро ба «арабҳо» нисбат медоданд[8].

Танҳо баъди Инқилоби Октябр барои омӯхтани мероси мадании бекорхобида, барои равнақи маданияти миллӣ шароит фароҳам оварда шуданд. Тадқиқ ва омӯзиши таърихи илми Осиёи Миёна диққати олимон ва мутахассисони соҳаи илмро ба худ ҷалб намуд ва дар ин ҷода корҳои илмӣ-тадқиқотии зиёд гузаронида шудаанд.

Дар ин самт таҳқиқотҳои олимони машҳури собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба монанди А.П. Юшкевич, Б.А. Розенфельд, Г.Н. Қорӣ-Ниёзов, П.Г.Булгаков, Г.П. Матвиевская, А.К.Кубесов, М.М. Рожанова, С. Х. Сирожиддинов, Х.Х.Тиллашев, М.Э.Бадалов, Г.Д. Мамедбейлӣ ва дигаронро қайд кардан ҷоиз мебошад. Дар асоси таҳқиқотҳои онҳо бо мақсади омӯзиши дастнависи олимон - табиашиносони Шарқи наздик ва Осиёи Марказӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мактаби илмӣ таъсис дода шуда, ба туфайли онҳо инкишофи илм дар Аврупо вусъат гирифтааст. Дар ин мактаб олимони зиёд ба камол расидаанд.

Аз ҷумла, олимони ҷумҳурӣ Г.С. Собиров, А.Комилӣ, И. Хоҷиев, И.Д. Файзиев, Х.Ф. Абдуллозода, Л.М. Фридман, У.К. Шерматова, М.Н. Нуъмонов, Қ.Б. Қодиров, А.Э.Сатторов ва дигарон дастпарварони ҳамин мактаб мебошанд.

Дар солҳои охир дар ин соҳа асарҳои илмии зиёд ба майдон омаданд. Дар масъалаи зерин таҳқиқотҳои педагогии олимони ҷумҳуриямон А.Э.Сатторов, Б.Р.Қодиров, Х.Афзалов, М.Орипов, А. Паҳлавонов ва дигаронро қайд кардан ба маврид аст[8].

Бо таърихи математикаи Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна шинос намудани хонандагон ба ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон, тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат менамояд. Ҳисси баланди ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар хонандагон пеш аз ҳама дар ҷараёни таълими онҳо, дар дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ тарбия карда мешавад.

Ақидаҳои ватандӯстӣ, шуури миллӣ дар талабагон дар асоси донишҳои амиқ ва ҳамаҷониба дар бораи гузаштагони дурахшони он ташаккул дода мешавад. Донистани осори гузаштаю ҳозираи мамлакати худ дар хонандагон ҳисси меҳри Ватан ва хештанштносиро мустаҳкам мегардонад.

Тадқиқотҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар тараққӣ ёфтани математика дар халифати араб (асрҳои аз IX то XIV) дар 500 соли охир саҳми олимони математика, намояндагони Осиёи Миёна ва Шарқ хело беназир буд.

Кашфиётҳои олимони риёзидони асримиёнагии Шарқ дар соҳаҳои илми математика аз зеринҳо иборат буданд:

**а) дар соҳаи арифметика:**

1). Системаи шастрақамаи позитсиониро такмил доданд;

2). Кашф намудани касрҳои даҳӣ;

3). Коркарди усулҳои аз адад баровардани реша;

4). Аввалин дар таърихи математика барои ҳамагуна нишондиҳандаҳои натуралӣ истифода намудани формулаи биноми Нютон;

5). Васеъ намудани мафҳуми адади ҳақиқӣ (мусбат);

**б) дар соҳаи алгебра:**

6). Алгебраро ба фанни алоҳидаи математикӣ табдил додан;

7). Дар геометрияи ченкунӣ ва тригонометрия алгебраи ададиро истифода намудан ва кашф шудани як усули махсуси ҳалли як намуди муодилаи кубӣ;

8). Тартиб додани назарияи геометрии ҳалли муодилаҳои кубӣ.

**в) дар соҳаи геометрия:**

9). Таҳқиқотҳои муҳим дар соҳаи таърихи геометрияи ғайриевклидӣ оиди назарияи хатҳои рости параллелӣ;

**г) дар соҳаи тригонометрия:**

10). Ташкил намудани системаи тригонометрияи ҳамвор ва сферикӣ;

11). Ҳисоб кардани ҷадвалҳои хело ҳам дақиқ ва пурраи тригонометрӣ.

Хизматҳои олимони риёзидони Осиёи Миёна ва Шарқ дар тараққиёти илмҳои дақиқ беназир аст. Ҳанӯз аз дарсҳои аввали алгебраи мактабӣ хонандагон огоҳ ҳастанд, ки калимаи «алгебра» аввалин бор аз тарафи олими намоёни Осиёи Миёна Мӯсо ал-Хоразмӣ ба илм дохил карда шудааст. Аз калимаи «ал-ҷабр» калимаи ҳозираи «алгебра» пайдо шуд.

Қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии инсон тавассути инкишофи фанҳои математика, астрономия ва дигар илмҳои табиӣ ва барои ин такомули ҳисоббарориҳо ва пайдо гардидани усулҳои нав ба инкишоф ва васеътар бурдани тахқиқотҳои илмӣ-амалӣ сабаб гардиданд. Дар ин соҳа олимони мардумони гуногун дар Осиёи Марказӣ, Бағдод ва дар дигар минтақаҳо корҳои эҷодии муштарак ҳам бурданд ва ба натиҷаҳои зиёди илмӣ низ ноил гаштанд.

Барои мутамарказ намудани олимони фанҳо дар даври ҳукмронии халифа Маъмун (813-833) дар Бағдод «Байтул–Ҳикмат» («Хонаи донишмандӣ») ташкил гардид. Дар назди он китобхонаи калон ва расадхона (обсерватория) сохта шуд. Дар расадхона олимон ба мушоҳидаҳо ва сохтани асбобҳои гуногуни ситорашиносӣ машғул буданд. Ба кор дар «Байтул-Ҳикмат» олимони зиёд аз мамлакатҳои гуногун ҷалб шуда буданд, аз ҷумла аз Осиёи Марказӣ: Муҳаммад Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Аббос Ҷавҳарӣ ва дигарон дар ин даргоҳи илм бо фаъолияти илмӣ машғул буданд.

Чун замони ҳукмронии арабҳо буд, натанҳо забони давлатӣ - арабӣ, балки забони илм, яъне забони фан низ арабӣ буд. Аз ин сабаб, олимони Осиёи Миёна ва олимони дигар миллатҳо: форсҳо, ӯзбекон, тоҷикон, туркманҳо, озарбойҷонҳо ва дигарон низ асарҳои худро бо забони арабӣ менавиштанд ва дастхатҳои онҳо низ асосан бо забони арабӣ то замони мо нигоҳ дошта шудаанд.

Дар ин давр ба омӯзиш, таҳлил ва навиштани шарҳҳо ба асарҳои олимони машҳури Юнон ва Ҳиндустон эътибори бештар дода мешуд.

Тарҷумаи асарҳои олимони Юнон ва Ҳиндустон ба забони арабӣ байни олимон мавқеъи бештар дошт. Масалан, «Ибтидо»-и Евклид (асри III то милод), «*Дар бораи кура ва силиндр*», ва «*Ченкунии давра*»-и Архимед (Иқлидус) асри III то милод), «*Алмагест*»-и Птоломей (асри II) ба забони арабӣ тарҷума гардид ва ба дигар асарҳои илмии зиёде шарҳҳо навишта шудаанд. Шогирди Хоразмӣ Собит ибн Қурро як чанд асари риёзидонони юнонро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Танҳо нусхаҳои арабии «Дар бораи ҳафт кунҷ» ва «Леммаҳо»-и Архимед, китобҳои III,VI,VII-уми «Ибтидо»-и Евклид то замони мо омада расидаанд.

Олимони риёзидони Осиёи Миёна донишҳои ба дастовардаашонро сайқал дода, соҳаҳои таҳқиқотҳои гуногунро дар математика кашф намуданд ва бо кашфиётҳои нав илми риёзиро ғанӣ гардонидаанд.

Вале, дар таърихи математика баъзе ақидаҳои ғалат ҳам мавҷуд буданд. Масалан, ақидае мавҷуд буд, ки гӯё математикони Осиёи Миёна дар асрҳои IX ва XV ба навгониҳо не, балки танҳо бо омӯзиши асарҳои математикони юнон машғул буданд ва танҳо дар ҳолатҳои алоҳида хулосаҳои пешинаро мукаммал гардонидаанд.

Аммо, беасос будани чунин ақидаҳоро натиҷаи таҳқиқотҳои зиёди дар соҳаи таърихи математика бурдаи олими намоёни шӯравӣ А.П. Юшкевич собит намуд. Ӯ дар мақолааш «Математикаи халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IX ва XV» чунин қайд кардааст: «Масъалаи асосӣ дар ин аст, ки математикони Осиёи Миёна (асрҳои IX-XV) на танҳо ба асарҳои олимони гузашта таъсири миқдорӣ расониданд ё давом додаанд, балки ба тадқиқотҳои нави математикӣ равиши нав бахшиданд, ба сохтани математикаи нав аз ҷиҳати сифат оғоз намуданд ва барои ҳамин фанро бо кашфиётҳои аҳамияти аввалиндараҷа бой гардониданд».

Таърихи математика–таърихи инкишофи ғояҳои математикӣ ба ҳисоб меравад. Вале, тарғибгарони ин ғояҳо аввало худи намояндагон, олимони ҳар як давр ба ҳисоб мераванд.

Дар ҷараёни омӯзиши осори ниёгонамон, бо тасаввуротҳои умумии инкишофи илми математика, алоқамандии илми математика ва ҳаётро дар мисолҳои мушаххаси инкишофи он ошно мегардем. Ин алоқамандӣ аввало дар ҳалли масъалаҳое, ки аллома саҳм гузоштааст, ва бо забони илмие, ки ӯ бо мо гап мезанад, намоён мешавад. Дар ин бора академик С.И.Вавилов чунин қайд мекунад: «Таърихи илм бо таърихи ғоя маҳдуд набуда, он бо одамони зинда пайваста буда,баробар бо хусусиятҳои онҳо, бо қобилияти онҳо ва шароитҳои иҷтимоии мамлакат ва давру замон вобаста аст»[7].

Дар руйхати алломаҳои бузург, ки бо меҳнати сангини онҳо илми математика ба вуҷуд омадааст, мутафаккирони ва олимони зиёди Осиёи Марказӣ низ ҳастанд. Аз ҷумла, кашфиётҳои оламшумули математикони Осиёи Марказӣ, ки дар асрҳои VIII-XVэҷод карданд, басо муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз дар ҳамин давр фанҳое инкишоф ёфтаанд, ки онҳо асоси илмии математикаро ташкил дода, дар ҳоли ҳозир номи математикаи элементариро гирифтааст.

Мо ҳақ дорем бо гузаштаи илми худ, бо олимони математика ва кашшофони Осиёи Миёна фахр кунем. Дар қатори онҳо Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (783-850) ва Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ (973-1048), Абӯнаср Муҳаммад Таркон ал-Форобӣ (870-950), Муҳаммад ибни Муҳаммад Абулвафо (940-998), Абдулҷуд Муҳаммад ибни Лайс (асри XI), Абунаср Мансур ибни Алӣ (асрҳои X-XI), Абӯалӣ Ҳусейн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (980-1037), Ал-Хутайлӣ ибни Турк ё Абдулҳамид ибни Восеъ (асри IX), Муҳаммад Ҳамид ибни ал-Хидир ал-Хӯҷандӣ (тақр.с.1000 вафот кардааст), Абусаид ал-Аббос ал-Ҷавҳарӣ (асри IX), Салоҳиддин Мӯсо ибни Муҳаммад Қозизодаи Румӣ (1360-1437), Ғиёсиддин Ҷамшед ибни Масъуд ал-Кошӣ (тақр.с.1430 вафот кардааст), Аловуддин Алӣ ибни Муҳаммад Алӣ Қушчӣ (соли 1474 вафот кардааст), Насируддин Тӯсӣ: Хоҷа Муҳаммад ибни Муҳаммад Абӯ–ҷаъфар Насируддин Тӯсӣ (1201-1264), Муҳаммад Тӯрағай Улуғбек (1398-1449), Умари Хайём-Ғиёсиддин Абдулфаттоҳ ибни Иброҳим Умари Хайём (1048-1131), Латиф Муҳаммад ибни Бобо (маъруф бо номи Бобокалон ас-Самарқандӣ, асри XVII), Муҳаммад Наҷмуддинхон (асрҳои XVI-XVII) ва номи нафарони зиёдеро овардан мумкин аст, ки онҳо дар шароити душвор на бахри шуҳрати шахсӣ ва ё давлатмандӣ, балки ба манфаати халқи худ исроркорона меҳнат кардаанд, чунки баояндаи дурахшони Ватани худ боварӣ доштанд. Масалан, Хайём дар рисолаи алгебравии худ дар бораи мавқеи олимон сухан ронда, аз гардиши фалак шикоят мекунад. «Мо шоҳиди ҳалок гардидани олимон будем. Аз инҳо шумораи ками бисёр азиятдида мондаанд. Дар ин давра барои такомул додани илм тақдири сахт ба онҳо монеъ шуд. Қисми зиёди онҳо, ки шакли зоҳириашон олимсимо буд, ҳақиқатро рупӯш намуда, дар илм сохтакорӣ мекарданд ва худро донишманд меҳисобиданд. Ва агар онҳо шахсеро дучор оянд, ки ҳақиқатро дӯст медораду онро ҷустуҷӯ дорад, мекӯшанд ва шахсе, ки дурӯғ ва риёкориро рад мекунад, онҳо вайро манбаи таҳқир ва масхараи худ мепиндоштанд»[3].

Чунин ҳолат на фақат ба замони Хайём хос аст. Масалан, Насуриддини Тӯсӣ дар асри XIII чунин навиштааст: «Ман аксарияти бобҳои китобамро дар шароити нихоят вазнин, ки аз он бадтар набояд шавад, дар ҳолати ошуфтагӣ навиштам. Ман китоби мазкурро дар чунин шароите навиштам, ки ҳар лаҳза он ғазаби фаришта оташи дӯзахро меафрӯхтанд ва аз болои он оби ҷӯшон мерехтанд. Дақиқае нест, ки ҳолати ошуфтагӣ ва ноороми маро

афзун накунанд. Ҳақиқатан олим ҳақ буд, ки чунин гуфтааст: «Ман худро дар ҳалқаи бадбахтӣ мебинам. Ман сангам дар миёни ин ҳалқа». Ман чӣ кор ҳам мекардам, вақте, ки дар тӯли тамоми ҳаётам ғайр аз ҳодисаҳои пушаймонӣ ва андӯҳи доимӣ вақти холиро надидаам»[2].

Аз ҳаёт ва фаъолияти олимони Осиёи Миёна, ки эҷодиёти онҳо дар шароити ниҳоят вазнин гузаштааст, мисолҳои зиёд овардан мумкин аст.

Дар айни замон омӯзиши таърихи илми ватанӣ нишон медиҳад, ки олимони ватандӯсти мо, бо тафаккур, мардонагӣ, истидогарӣ ва матонати худ ҳамаи душвориҳоро бартараф карда, тавонистанд ва дар замони худ дар бисёр соҳаҳои математика мавқеи асосиро ишғол намоянд[5].

Баёни таърихи гузаштагони мо, саҳми арзандаи онҳо дар илми математика дар талабагон ифтихори миллӣ ва ҳисси ватанпарастиро тарбия мекунад.

Ҳангоми омӯзиши саҳифаҳои таърихи математикаи Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна дар ҷараёни дарс ва чорабиниҳои беруназдарсӣ, мисолҳои дурахшони мероси мадании халқи худ, комёбиҳои математикҳои алоҳидаи ин сарзаминҳоро ба хонандагон нишон дода, ҳамеша робита ва мақоми математикони Осиёи Миёнаро дар илми ҷаҳонӣ қайд кардан лозим аст. Ва он ақидаеро қайд кардан ниҳоят муҳим аст, ки мероси маданӣ ва илмии ҳар як халқ, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна ва тоҷик аз ҷумла меросу хазинаи тамоми халқҳои собиқ мамлакати шӯравӣ мебошад.

Мисли халқҳои Осиёи Миёна комёбиҳои тамоми халқҳои бародари мамлакати мо ва тамоми ҷаҳон ва дар навбати аввал халқи рус ва дигар халқҳоро истифода мекунанд.

Яке аз усулҳои муҳими методии истифодаи элементҳои таърихи математикаи Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна дар таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муқаррар намудани робитаи байни фанҳои математика ва таърих бошад. Ин принсип аз он иборат аст, ки элементҳои таърихи математика ба курси математикаи мактабӣ на ҳамчун фани мустақил, балки ҳамчун заминаи муайяни таърихӣ дохил карда шавад ва зимни он сабабҳои таърихии инкишофи математика, сабабҳои нашъунамо ва таназзули илм дар ин ё он давраи таърихи халқи тоҷик нишон дода шавад. Бо ин, ҳама диалектикаи тараққиёти математикаро чун илм ошкор намудан, дар ҷои даркорӣ таърихи математикаро бо инкишофи ҳозираи он дар мамлакати мо ва дар тамоми ҷаҳон алоқаманд кардан зарур мебошад.

Чунин шакли истифодаи элементҳои таърихи математикааи Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна дар таълими математика ба ташаккули ҳисси ифтихори миллӣ баҳри халқи худ, ҳисси ватандӯстӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас ва толибилмони ҷумҳурии мо кумак мерасонад.

Донистани осори гаронбаҳои олимони риёзидони Осиёи Миёна ва Шарқ дар хонандагон шавқу завқро нисбат ба илми математика афзун мегардонад[4].

Бинобар ин, ворид намудан ва омӯзиши элементҳои таърихи пурғановати математикаи Осиёи Миёна ба стандарт ва барномаи таълимии фан талаботи замон буда, омӯзиш ва ташхиси онҳо дар баробари таърихи умумии математикаи ҷаҳонӣ мақому манзалати аҳамияти математикаи Осиёи Миёнаро дар таърихи умумии ин фан бештар мунаввар мегардонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки талаботи мазкур дар сурати ба барномаи таълимӣ ворид гардидани элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна иҷро мешаванд.

## АДАБИЁТ:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «*Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии ҷумҳурӣ*» (ш.Душанбе, 26 декабри соли 2019). «Шарқи Озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. КВД КТН, хиёбони Саъдии Шерозӣ,16. 47 саҳ.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «*Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохили ва хориҷии ҷумҳурӣ*» (ш.Душанбе, 26 январи соли 2021). Нашриёти «Шарқи Озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. КВД КТН, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. 48 саҳ.
3. Хайём О. Первый алгебраический трактат. Перевод С.А. Красновой и Б.А.Розенфельда. «Историко-математитческие исследования», вып. XV, с.70
4. Туси Мухаммад Насирэддин. Сборник по арифметике с помощю доски и пыли. Перевод С.А. Ахмедова и Б.А.Розенфельда. «Историко-математитческие

исследования», вып.XI, 1963, с.25
5. М. Аҳадова Ӯрта Осиёлик машҳур олимлар ва уларнинг математикага доир ишлари. –Т.: «Ӯқитувчи»,1983.-216 с.
6. Б.В.Гнеденко. Формирование мировозрения учащихся в процессе обучения Математике. М.: «Просвещение,1982.-144 с.
7. Б.Қодиров. Истифодаи материалҳои риёзиёти тоҷик. Душанбе.1992.-36с.
8. А.Сатторов. Педагогические идеи ученых-естествоиспытателей Ближнего и Среднего Востока IX-XVII вв. Душанбе. «Дониш», 2009.-173с.
9. Шерматова У.К. Фридман Л.М. «Истифодаи элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна дар таълими математика» «Маориф»,1986.-71 с.
10. А.Сатторов. «О методике использования достижений ученых Средневекового Ближнего и Среднего Востока в процессе обучения математике».-Душанбе «Ирфон», 2010.-140 саҳ.
11. Муҳаммад Наҷмуддинхон «Рисола дар Ҷабру муқобала». -Д.: Дониш»,1983,65 с.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккулёбӣ, риёзиёт, элементҳо, мероси илмӣ, таърихи илм, мафҳум, методология, таҷриба, омӯзиш, аҳамият, дониш, маълумот.*

## ФОРМИРОВАНИЕ МИРОВОЗРЕНИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ИСТОРИИ МАТЕМАТИКИ

Автор статьи отмечает важность изучения богатой истории математики, особенно математики Ближнего Востока и Центральной Азии, информации о математических науках и об открытиях ученых-естествоиспытателей. Знакомство учащихся с историей математики на Ближнем Востоке и в Центральной Азии способствует формированию мировоззрения подрастающего поколения, воспитанию чувства национальной гордости, патриотизма и национального самосознания. У студентов воспитывается высокое чувство патриотизма и национального самосознания, прежде всего, в процессе обучения, на уроках и внеучебной деятельности. Также, автор предлагает включить изучение элементов истории математики Ближнего Востока и Центральной Азии в процесс обучения.

***Ключевые слова:*** *формирование, математика, элементы, научное наследие, история науки, концепции, методология, практика, исследование, значение, знания, информация.*

## FORMATION OF THE WORLD VIEW OF STUDENTS AT STUDYING THE HISTORY OF MATHEMATICS

The article emphasizes the importance of studying the rich history of mathematics, especially mathematics in Central and East Asia, information on the mathematical sciences and their discoveries in the field of mathematical science, proposals for the introduction of elements of the history of mathematics in the Middle East and Central Asia in the learning process. Familiarization of students with the history of mathematics in the Middle East and Central Asia contributes to the formation of the worldview of the younger generation, fostering a sense of national pride, patriotism and national self-awareness. A high sense of patriotism and national self-awareness is nurtured in students, first of all, in the process of their education, in lessons and extracurricular activities.

***Keywords:*** *shaping, mathematics, elements, scientific heritage, history of science, concept, methodology, practice, study, significance, knowledge, information.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Буриев Бахтиёр – ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Суроға: 734024. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шДушанбе, кӯчаи.С.Айни, 126.

**Сведения об авторе:** Буриев Бахтиёр - ведущий научный сотрудник отдела изучения стандартов, учебных планов, государственных программ и школьных учебников Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес:734024.Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.С.Айни, 126.

**Information about the author:** Buriev Bakhtiyor - leading researcher of the department for the study of standards, curricula, state programs and school textbooks of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini st., 126

**РУСТАМИ АБДУҶАББОР**

# ШУУРИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛЁБИИ БУҶАИ ОИЛА ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Шуури иқтисодӣ – қисми муҳими ҷаҳонбинии илмӣ аст. Ин намуди тарбия ҳам дар оила айёми кӯдакии бармаҳал оғоз меёбад. Агар кӯдак нисбати иқтисодиёт шуурона тарбия наёбад, ба хонадон ва ҷомеа аз ҷиҳати моддӣ зарари калон меорад. Масалан, нонро қадр накарда, як газида партофтан, ба қадри бозичаҳо, сару либос нарасидан, чароғҳои электрикӣ сутунҳои хиёбону гулгаштҳо, шишаҳои тирезаҳои қаторaҳоро нишон гирифта задан, чарм ва рӯкашҳои нишастгоҳҳои курсии автобусу троллейбусҳоро буридан, мизу курсиҳои мактабро шикаставу корношоям кардан ва ғайраву ҳоказо. Ҳамаи ин аз нодонии иқтисодӣ ва ғайришуурона рафторкунии онҳо сар мезанад. [1,с.15].

Аз ин лиҳоз ҳар як оилаи тоҷикро зарур меояд, ки барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи иқтисодӣ ва дар шууру ҳиссиёт ва умқи фаҳмши наврасон ворид намудани чи будани даромади оилавиро фаҳмонанд, чунки ин омили бисёр зарур ва муҳим ба ҳисоб меравад. Ва бо ин восита шуури иқтисодии наврасон дар муҳити оилавӣ ва мактаб баланд бардошта мешавад. Бояд қайд ва таъкид намуд, ки навраси хурдсол мустақилона ва дар алоҳидагӣ ба муҳимияти мавзӯи мазкур сарфаҳм намеравад, зеро ки ӯ маълумоти зарурӣ надорад, ки даромади буҷаи оилавии онҳо аз куҷо ворид мегардад ва чигуна бояд харҷ шавад. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки шароити иқтисодӣ дар ҳаёти мардум нақши бисёр муҳимро мебозад, чунки ҳаёти имрӯзаро бидуни даромади молиявӣ дар оила тасаввур кардан ғайриимкон аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи гузариши мамлакат ба муносибатҳои бозорӣ қисми зиёди оилаҳо мушкилиҳои молиявиро аз сар мегузаронанд, чунки истифодаи маблағ барои рӯзгузаронӣ кифоя нест. Рӯзгор аз ҳар як оила идоракунии оқилонаи даромаду хароҷотро талаб менамояд. Аз ин рӯ, пеш бурдани хоҷагидории сарфакорона, оқилона ва андешакоронаро то одитарин харҷҳо на танҳо дар сатҳи мамлакату корхона, балки дар оила низ пеш бояд гирифт. Мусаллам аст, ки чӣ қадаре ки хоҷагиҳои хонаводагӣ пурқувват ва аз ҷиҳати молиявӣ устувор бошанд, ҳамон қадар некӯаҳволии мардуми кишвар баланд мегардад. Нишондиҳандаи асосии дараҷаи зиндагии оила буҷаи он ба ҳисоб меравад. Буҷаи оила таъминоти пулии оила, таносуби даромад ва хароҷоти пулии он мебошад. Ҳадафи асосии ташкили буҷаи оила дар он ифода меёбад, ки дар фосилаи муайяни вақт хароҷот нисбат ба даромад камтар бошад [1,с.15]. Буҷаи оилавӣ натанҳо аз маҷмӯи даромаду хароҷот, инчунин қисми сармояи молиявии он, маълумотҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки аз як тараф зери таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ва аз тарафи дигар, хусусиятҳои ташкилии дохилиоилавӣ, фаъолнокии иқтисодӣ ва рафтори оқилонаи истеъмолии аъзои он вобастагӣ дорад, иборат аст [5,с.7].

Файласуфон роҳи ҳалли муаммоҳои ташаккул ва истифодаи буҷаи оиларо ҳанӯз дар давраҳои қадим ҷустуҷӯ мекарданд. Пайдоиши буҷаи оила ва моҳияти онро ба ғайр аз иқтисодиёт боз бисёр илмҳо аз ҷумла иҷтимоиёт, сиёсати иҷтимоӣ, равоншиносӣ, демография, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, таърих ва ғайра меомӯзанд [7,с.144]. Ташаккул ва истифодаи буҷаи оила бо сохтори оилавӣ алоқамандии зич дошта, дар гурӯҳбандии оилаҳо, аз ҷумла аз рӯи шумораи аъзои оила, шумораи фарзандон дар оила, бузургии оила тавсиф мешавад. Навъҳои сохтори оилавӣ гуногуншакл буда, он бо алоқамандии характери оиладорӣ ва хешу таборӣ зоҳир мегардад. Буҷаи оила, ба монанди дигар буҷаҳо, аз қисматҳои даромад ва хароҷот иборат мебошад. Дар қисмати даромади буҷаи оила ҳамаи намуди маблағҳои воридшуда ба хоҷагии оилавӣ ва дар қисмати хароҷот бошад, харҷҳои эҳтимолӣ барои маводи озуқаворӣ, молҳои ғайриозуқа, пардохтҳо барои хизматрасонӣ ва дигар хароҷот ба ҳисоб гирифта мешавад.

Таркиби асосии буҷаи оилавиро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем: даромад ҷамъи маблағҳои пулӣ ва неъматҳои моддие аст, ки оила дар фосилаи муайяни вақт ба даст овардааст. Дараҷаи даромади аҳолӣ индикатори муҳими некӯаҳволии ҷамъият буда, омили муайянкунандаи имконоти иҷтимоии аҳолӣ, аз қабили истироҳат, донишандӯзӣ, нигоҳдории саломатӣ ба шумор меравад.

Ба андозаи даромади оилавӣ ҳаҷми музди меҳнат, тағйирёбии нархи лавозимоти рӯзгор, дараҷаи фаровонии бозори истеъмолӣ бо мол ва ғайраҳо таъсир мерасонанд. Андозаи буҷаи оила аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад: миқдори аъзои оила, шумори коргарон дар оила ва андозаи маоши онҳо, нафақахӯрон, идроргирандагон ва ононе, ки

дар таъминоти оила ҳастанд. Барои ташаккули буҷаи оила нархи молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқа, инчунин хизматрасониҳо таъсири бағоят калон мерасонад. Пеш бурдани хоҷагидории молиявии оила таъсиси чунин низомро ба роҳ мемонад, ки ҳисоби аниқи рӯзмарра, моҳона, солонаи даромаду хароҷоти оилавӣ, банақшагирии ҳарсолаи буҷаи оила, таҳлили иҷрои он,ислоҳу тасҳеҳи онро дар оянда тақозо менамояд [3,с.42].

Ҳар оила хароҷоти доимии худро дорад, ки онҳоро пешакӣ ба нақша гирифтан лозим меояд. Назорат ва ҳисоби онҳо дар шаклҳои гуногун ба амал меояд, ки барои бурдани хоҷагидории оила ёрӣ мерасонад ва гувоҳӣ медиҳад, ки маблағи мавҷуда самаранок истифода бурда мешавад. Аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вазифаи аввалиндараҷаи баланд бардоштани дараҷаи зиндагии оила таҳия ва истифодаи оқилонаи буҷаи оила ба ҳисоб меравад. Хоҷагидории муштарак ҷой доштани буҷаи умумиро талаб менамояд, ки ҳар узви оила ба захира ё буҷаи оила саҳми алоҳидаи худро мегузорад. Манбаъҳои асосии даромадҳои оилавӣ музди кор, кӯмакпулиҳои давлатӣ, иҷтимоӣ, даромад аз моликият, даромад аз хоҷагии ёрирасон ва фаъолияти соҳибкорӣ аст. Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин даромадҳо дар ҳаҷми даромадҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфтанд: ҳиссаи музди кор аз 71,5% соли 1990-ум ба 29,9% дар соли 1998-ум паст фаромад ва дар солҳои минбаъда он тадриҷан дубора рӯ ба афзоиш ниҳода, дар соли 2016 ба 46,7% баробар шуд [4,с.50]. Ҳамин тамоюл айнан дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ, инчунин вилояти Хатлон дида мешавад. Барои муайян намудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат мувофиқи барномаи корҳои оморӣ дар шаҳру ноҳияҳо мунтазам тадқиқоти буҷаи оиларо гузаронида истодааст.

Чи тавре ки зикр гардид, дар сохтори даромади умумиоилавӣ музди кор ҳиссаи назаррасро ишғол мекунад. Дар корхонаҳои хусусӣ музди кор аз рӯи андозаи фонди музди меҳнат тибқи салоҳдиди масъулин муқаррар карда мешавад, вале он набояд аз музди кори ҳадди ақалл, ки давлат муайян кардааст, кам бошад. Дар соли 2011 ҳиссаи музди кор дар сохтори даромади аҳолӣ аз ҳама зиёд буда 39%-ро ташкил додааст, ҳиссаи аз ҳама камтарин ба даромад аз моликият ва фурӯши молу мулки ғайриманқул рост меояд, ки он ба 0,5% баробар аст. Дар ин сол ҳиссаи нисбатан зиёдтарин баъди музди кор ба дигар даромадҳои пулӣ, аз он ҷумла ба даромад аз фаъолияти тиҷоратию мустақилонаи касбӣ рост меояд [8, с.112]. Дар таркиби дигар даромадҳо, ба ақидаи мо, ҳиссаи даромад аз муҳоҷирати меҳнатӣ хеле назаррас аст. Ба сабаби он ки даромади мазкур бо роҳҳои мухталиф ба кишвари мо ворид мегардад, муайян кардани ҳаҷми аниқи он мушкил аст. Қисми арзандаи даромад дар соли таҳлилшаванда ба зиммаи даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ рост омад, ки он 26,4%-ро ташкил кард.

Хизматрасониҳо барои таъмири хона, омӯзгори хонагӣ, хизматгори хона, доя, мураббияи оилавии хориҷӣ, тарҷумаи матнҳои хориҷӣ, киро кардани ронанда, либосдӯзӣ низ аз қабили машғулоти соҳибкории хонагӣ маҳсуб мешаванд. Даромад аз фурӯши моликияти ба дастомада ва ё моликияти ба иҷора додашуда даромад аз моликият маҳсуб мегардад. Нафақа, ёрдампулӣ, стипендия, пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кӯмаки башардӯстонаро давлат ба он табақаи камбизоати аҳолӣ мепардозад, ки худашонро таъмин карда наметавонанд. Дараҷаи таъминоти талабот ва сифати рӯзгордории оила ба даромади воридшаванда вобастагии зич дорад. Аксарияти камбизоатонро одатан аҳолии деҳот, шаҳракҳо, ки оилаҳои серфарзананд, ашхоси бесарпаноҳ ё маъюбон, ташкил медиҳанд. Барои аз байн бурдани камбизоатӣ соҳиби ҷои кор будани шахсони алоҳида аҳамияти ниҳоят калон дорад. Бекорӣ хавфи камбизоатиро то рафт меафзояд. Дар соли 2016 дараҷаи бекорони расман сабти ном шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3 %-ро ташкил дод [8,с.81]. Ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаи давлатҳои тараққикарда чандон зиёд нест. Лекин барои боз ҳам кам кардани шумораи камбизоатон ва мустаҳкам кардани институти оила, давлат бояд сиёсати ҳавасмандгардонииро ба роҳ монад, одамонро тариқи баланд бардоштани музди кор ва таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ҳавасманд намояд. Барои банақшагирии буҷаи оила ҳамаи хароҷоти ҳатмиро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Хароҷоти ҳатмии аъзои оиларо ҳисоб намуда, қисми хароҷоти нақшаи буҷаи оиларо тартиб додан мумкин аст. Хароҷоти оиларо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: 1.Андозҳо. Асоситарин андозҳо, ки дар Тоҷикистон оилаҳо месупоранд, андози даромад ва андози моликият мебошанд.

2. Пардохтҳои ҳатмӣ. Ба ин намуди хароҷот хонапулӣ, пули телефон, маблағи таълим, боғчаи бачагон, қарз ва фоизи қарз, суғуртапулӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ин гуна пардохтҳо бояд сари вақт пардохт гарданд, чунки онҳо ҳатмианд. 3. Хароҷоти истеъмолӣ. Ба ин гуна хароҷот харҷи маводи хӯрока, хароҷоти хоҷагидорӣ, хароҷоти зиндагии ҳаррӯза, либос, пойафзол, предметҳои истеъмоли шахсӣ барои калонсолон ва кӯдакон, предметҳо барои нигоҳубин ва пешбурди хоҷагии хонаводагӣ, техникаи рӯзгор, инчунин хароҷоти таъмини талаботи маданӣ ва ахборӣ, хароҷоти замини наздиҳавлигӣ, варзиш, сайёҳӣ, дамгирӣ, табобат, нақлиёт, хароҷоти ғайричашмдошт ва ғайра дохил мешаванд. 4. Пасандоз – воситаҳои пулӣ, ки оила барои харҷи оянда мегузорад. Ҳоло дар Тоҷикистон чунин шаклҳои пасандоз истифода мешаванд: - маблағгузорӣ ба моликияти манқул ва ғайриманқул; - маблағгузорӣ дар бонк (депозит); - хариди арзи хориҷӣ. Дар Тоҷикистон ҷараёни пасандоз хусусиятҳои худро дорад, зеро маблағҳои ба депозит гузошташуда на он қадар зиёданд. Сабаб дар он аст, ки аҳолии мамлакат даромади нисбатан паст дошта, ҳоло ҳам андӯхти маблағ ба ҳукми одат надаромадааст ва аксари он дар намуди маблағҳои кӯтоҳмуддат зоҳир мешавад.

Дар ин ҳолат дастгирии давлатӣ, ки ба кӯмаки оилаҳои камбизоат равона гардидааст, аҳамияти махсус касб мекунад. Бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии таҳия ва истифодаи буҷаи оилавӣ дар сатҳи минтақа манбаи аниқи ахборӣ доир ба ҳолати моддии оиларо ташкил намуда, низоми чорабиниҳои иҷтимоии таъмини оилаҳои камбизоатро такмил додан лозим аст. Аз таҳлили боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки буҷаи оила ҳолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, дараҷаи зиндагӣ, сатҳи маълумотнокӣ, иқтидори маблағгузории оилаҳоро инъикос менамояд. Идоракунии оқилонаи даромадҳои оилавӣ дар асоси нақшаҳои аз рӯи маблағҳои воқеии оилавӣ мураттабгардида пеш бурдани зиндагӣ, фаро гирифтани аксари аъзои қобили меҳнати оила ба касбу кори мақбули шахсӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ, пулӣ ва меҳнатии оила, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳаёти шоистаи онро имконпазир менамояд. Барои самаранок тартиб додани буҷаи оилавӣ бояд чунин корҳо амалӣ гарданд: 1. Тартиб додани буҷаи оқилонаи воқеии оилавӣ дар асоси захираю имкониятҳои мавҷудаи оила; 2. Баъди ба итмом расидани марҳилаи муайян, гузаронидани таҳлили иҷрои буҷаи оила ва қабул кардани қарорҳои мувофиқ барои такмили он; 3. Баланд бардоштани маърифати иқтисодии аъзои бекори оила ва саҳмгузории онҳо дар таъсиси буҷа ва пасандози оилавӣ (ташкили истеҳсолоти хонагӣ ё ҳунармандӣ); 4. Дастгирии давлатӣ ба оилаҳои камбизоате, ки дар ҳақиқат мӯҳтоҷанд; 5. Аз тарафи агентии омори минтақа пешниҳод кардани иттилои аниқ доир ба даромад ва хароҷоти оилаҳо. Дар умум нақшаи буҷаи аниқ омодонамудаи оила ва аз рӯи он ташкил намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, оилаҳоро сӯи мақсад мебарад ва мутаносибан иқтисодиёти мамлакатро низ рушд мебахшад. Ҳамин тавр, банақшагирии буҷаи оила имконият медиҳад, ки ояндаи рӯзгордорӣ пешакӣ муайян гардида, талабот пурра қонеъ шаванд, самаранокии дараҷаи зиндагӣ таъмин ва заминаи ғункунии даромад дар оила пайдо гардад.

Ба дастовардхои назарраси рушди иктисодии даҳсолаҳои охир нигоҳ накарда, камбизоатӣ – яке аз проблемаҳои глобалӣ аст, ки хал нашуда боқӣ мемонад. Камбизоатӣ яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи вусъати имкониятҳои инсон маҳсуб меёбад. Дар айни замон, зиёда аз миллиард нафар одамон аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон аз ҳисоби қашшоқӣ ва камғизогӣ азият мекашанд. Аз ин сабаб, мубориза алайҳи шаклҳои шадиди камбизоатӣ дар мади аввали ҳадафҳои асосии рушд номбар шуда, дар Эъломияи ҳазорсола, ки аз ҷониби 189 давлат-аъзоҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Саммити ҳазорсола моҳи сентябри соли 2000 қабул гардида буд, матраҳ карда шудаанд. [8, с.67].

Якчанд усули муайян намудани камбизоатӣ мавҷуд аст. Дар ду усули одати камбизоатӣ – мутлақ ва нисбӣ – махсусан ба даромад ва истеъмол марбут мебошад. Дар ҷаҳони муосир мафҳуми камбизоатӣ васеъ гардидааст: он аксари вақт чун падидаи бисёрпаҳлӯ дониста шуда, аз доираи муайяни ҳадди ақкали даромаду хароҷотҳо берун фаҳмида мешавад. Дар консепсияи «рушди инсонӣ» чунин аст, ки коҳиш додани миқёси камбизоатӣ тавассути марбут сохтани моҳияти он танҳо ба як тарафи ҳаёти одамон – неъматҳои моддӣ – номумкин мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сиёсати давлатии мубориза бар зидди қашшоқӣ тавассути Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ амалӣ карда мешавад. Аз соли 2002 то 2006 дар

доираи Санади Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ нахустин Сиёсати ҳамоҳангсохтаи давлатии устувор намудани ва паст кардани камбизоатӣ дар амал тадбиқ гардида буд.

Дар соли 2007, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 қабул гардид, ки дар доираи он Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 тадбиқ шуданд ва тадбиқ шуда истодаанд. [8, с.71].

**Ҷадвали 1.**

**Тағйирот дар шумораи камбизоатон дар Тоҷикистон**
**(аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ 2,15 доллар дар як рӯз – хати камабизоатӣ)**
**Барои солҳои 1999, 2003, 2007 ва 2009 (бо ҳисоби фоиз)**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1999 | 83,0 | 73,0 | 84,0 |
| 2003 | 63,5 | 59,1 | 65,1 |
| 2007 | 40,9 | 40,3 | 41,1 |
| 2009* | 39,6 | 30,3 | 43,4 |

## АДАБИЁТ:

1.Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. Душанбе, 2000.
2.Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. Душанбе, 2006.
3.Юнусов Й. Педагогика. Душанбе, 2005.
4.Беляков С.А. Лексияҳо оид ба иқтисоди маориф. Душанбе, 2004.
5. Шоев Н.Н. Педагогические доминанты воспитательно - образовательных технологий в системе высшего образования. –Душанбе: Ирфон, 2004. – 304 с.
6. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе / Н.Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 310 с.
7. Шоев Н.Н. Усул ва манбаъҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои олии таълимӣ / Н.Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2003.
8. Бобоҷонов Р.М. Душанбе 2014. «Китоби дарсии рушди инсонӣ»

***Калидвожаҳо:*** *шуури иқтисодӣ, буҷаи оила, даромади молиявӣ, хароҷот, камбизоатӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОЗНАНИЯ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР СЕМЕЙНОГО БЮДЖЕТА В СЛОЖИВШЕЙСЯ СИТУАЦИИ

В данной статье рассматривается формирование экономического сознания подростков в семье и способы предотвращения перерасхода средств. Следует отметить, что экономическое сознание выполняет ряд функций. Задача его просвещения - систематическое распространение экономических знаний, то есть каждый работающий человек должен понимать свою трудовую задачу развития экономического сознания - формирование экономического мышления. Как отмечает автор, экономика должна быть абсолютно рентабельной и прибыльной, между тем подростки должны уже в своем юношеском возрасте понять реальность экономики, понимать уровень ее экономической выгоды, которая развивается на основе современной науки и техники, и выделяет важные пути развития. Кроме того, автор рассматривает барьеры на пути формирования экономического образования подростков в семье.

***Ключевые слова:*** *экономическое сознание, семейный бюджет, финансовые доходы, расходы, бедность.*

## THE FORMATION OF ECONOMIC CONSCIOUSNESS IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE FAMILY BUDGET IN THE CURRENT SITUATION

This article examines the formation of the economic consciousness of adolescents in the family and ways to prevent cost overruns. It should be noted that economic consciousness performs a number of functions. The task of his education is the systematic dissemination of economic knowledge, that is, every working person must understand his labor task of developing economic consciousness - the formation of economic thinking.As the author notes, the economy should be absolutely profitable and profitable, meanwhile, adolescents should already at their youthful age understand the reality of the economy, understand the level of its economic benefits, which develops on the basis of modern science and

technology, and highlights important development paths. In addition, the author examines the barriers to the formation of the economic education of adolescents in the family.

***Key words:*** *economic consciousness, family budget, financial income, expenses, poverty.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Рустами Абдучаббор - омӯзгори кафедраи педагогика, психология ва рақобатшиносии Донишгоҳи давлатии Данғара. 901 61 09 99
**Сведения об авторе:** Рустами Абдуджаббор - преподаватель кафедры педагогики, психологии и конкурентоспособности Дангаринского государственного университета. 901 61 09 99
**About the author:** Rustami Abdujabbor - lecturer at the Department of Pedagogy, Psychology and Competitiveness, Dangara State University. 901 61 09 99.

**Ш.САТОРОВА**
**А.САНГОВА**

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ ВА ЭКОЛОГИЯ

Иқтисодиёти ҷахонии имрӯза натиҷаи фаъолияти бисёрҷабҳаи инсоният мебошад. Ин раванди дурӯ дарози таърихӣ буда, инкишофи он ба истифодаи сарвати табии курраи арз бевосита алоқаи ногузир дорад. Баъзе заминаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ (ғункунии аввалин капитал, тараққиёти истеҳсолоти манофактура, гузариш ва истеҳсолоти натуралӣ ба ҳоҷагии молӣ, ташаккул ёфтани иқтисодиёти миллӣ, робитаҳои тиҷорати ва ғайра) ҳанӯз дар охирҳои давраи феодалӣ ба миён омада буданд. Дар ин замина дар асрҳои 19 ва 20 иктитсодиёти ҷаҳонӣ пурра ташаккул ва инкишоф ёфт. Хусусан, аз нимаи дуюми асри 20 сар карда миқёс ва алокамандии иқтисодии байни давлатҳо тадриҷаи инкишоф ёфт. Мубодилаи мол аз ҳудуди давлатҳои миллӣ баромад. Нақлиёти баҳрӣ ҳамаи қитъаҳоро, нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ноҳияҳои дохили онҳоротпайваст намуд. Дар натиҷа бозорҳои ҷаҳонӣ ташаккул ёфт. Ин ҷараён на фақат мамлакаҳои Аврупо, Осиё ва Африкои Шимоли, инчунин ноҳияҳои курраи арзро фаро гирифт. Ҳамин тавр, дар доираи ҳоҷагии ягонаи ҷаҳонӣ, ки асоси онро ҳоҷагиҳои миллии мамлакатҳои алоҳида ташкил менамоянд, як системаи муносибатҳои иқтисодӣ ба миён омад, ки онҳоро шаклҳои гуногуни алоқаи иқтисодии байналхалқӣ муттаҳид менамуд. Дар натиҷа ҳоҷагии ҷаҳон хусусияти байналхалқи пайдо кард ва ба яке аз омилҳои асосии инкишофи ҳоҷагии ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ҳоло ҳам алоқамандӣ ва омезиш ёфтани ҳоҷагиҳои миллии мамлакатҳои ҷахон ба дараҷае расидааст, ки дар байни онҳо ҳудуд гузоштан ғайриимкон аст. Мисол, Иттифоқи Аврупо, ки дар байни аъзоёни он ҳудуд вуҷуд надорад. Дар муомилоти иқтисоди пули ягона «евро» амал мекунад. Чунин иттифоқҳои иқтисодӣ дар байни дигар давлатҳо, аз ҷумла, дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Шӯрави ташаккул ёфта истодааст, ки онро давлатҳои Муштаракул Манофеъ мегуянд. Ҳамин тавр, инкишофи ҳоҷагии ҷахонро дар мурҳалаи кунунии майдони байналхалқӣ ва ҷараёни интегратсионӣ (бо ҳам мутаҳидшави) муайян манамояд. Маҳз ҳамин майдону ҷараёну сабаби дар нимаи дуюми асри 20 ба миён омадани кооператсияҳои байналхалқии яке аз шаклҳои пешқадами ташкили меҳнат буда, аъзоёни он зимни ҳамкории иқтисоди фоидаи калон ба даст меоранд. Доираи фаъолияти онҳо васеъ мебошад. Калонтарин кооператсияҳо дар даҳҳо, баъзеяшон дар садҳо мамлакатҳо фаъолият менамоянд. Ҷараёни интегратсияи байни давлатӣ солҳои 60-ум дар Аврупои Ғарбӣ ба вуқуъ омад. То ин дам он якчанд маротиба такмил ва ҳайати ташкилкунандагони он афзуд. Аз ин ҷараён дигар ноҳияҳои дуне бетераф намоянд. Дар нимаи дуюми асри 20 дар Америкаи Шимоли ҷараёни интегратсионии ҳоҷагиҳои ШМА, Канада ва Мексикаро фаро гирифт. Баътар ба он аз мамлакатҳои Америкаи Лотонӣ-Чили пайваст шуд. Дар оянда интегратсияи ҳоҷагии Аврупои Ғарбӣ аз ҳисоби ба он дохил шудани амалакатҳои Арупои Шарқи, дар Америка бошад, аз ҳисоби дохилшавии мамлакатҳои Америкаи Лотонӣ васеъ мегирдад. Дар қаламрави собик Иттифоқи Шӯравӣ ин ҷараён дар арафаи шаклгирӣ мебошад.

Шаклҳои гуногуни интегратсияи ҳоҷаги дар дигар ноҳияҳои дуне низ ба амал мекунанд. Аммо онҳо аз ҷиҳати иқтидори истеҳсоли, инкишоф ва мутамарказонии муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, истеҳсол ва истифодаи он технологияи нав Аврупои Ғарби ва Америка баробар шуда наметавонанд. Ҳамин тавр, ташаккул ёфтани кооператсияҳои байналхалқи ва интегратсияи ҳоҷагии мамлакатҳои ҷахон аз як тараф дараҷаи маҳсулотнокии истеҳсолотро дар ҳоҷагии давлатҳои иштироккунанда баланд мебардорад, алокаи иқтисодӣ онҳо гуногунҷабҳа ва мустаҳакам менамоянд. Аммо ба гуруҳҳои

интегратсиёни гурӯҳҳо ба миён меоварад, ки дар онҳо маҳсулоти саноати ва кишоварзии дигар давлатҳо ба душворӣ дохил мешавад. Барои дохил шудани моли он давлатҳо ҳаргуна талабот ва шартҳоро мегузоранд. Ба ҳама пешравиҳои иқтисодие, ки дар нимаи дуюми асри 20 дар ҳоҷагии ҷахони мушоҳида карда мешавад, нигоҳ накарда дараҷаи инкишофи он дар ҳама мамлакатҳои ҷахон як хела нест. Барои он ки давлатҳои мутараққи аз навовариҳои илмию техники ва ахбороти иқтисоди васеъ истифода ебаранд. Давлатҳои ҷавони саноати ва рӯ ба инкишоф барои истифодаи он дастовардҳои мусоир имконият надоранд.

Дар натиҷа дар ҳаритаи иқтисодии ҷахон ду гурӯҳи давлатҳо ба вуҷуд омадаанд, ки бо дараҷаи нобаробарии инкишофи иқтисодиёт аз якдигар фарқ мекунанд. Ин нобаробари Дар гиографияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷахон ҳамфуми «иқтисодиёти дукутбаи ҷахон»-ро ба миён овард. Дар ин замина консепсияҳои милмии «марказ ва канори» пайдо гардид. Мувофиқи ин консепсия марказро давлатҳои саноатие ташкил мекунандю, ки онҳо дорои иқтисодиёти ахборӣ (инфарматсионная экономика) ва технологияи навтарин мебошанд. Ин давлатҳо давраи саноати гардонии анъанавиро кайҳо аз сар гузарониданд, ки саноат ба сарватҳои замин ва қувваи кори арзон эҳтиёҷи калон дошт. Дар айни замон инкишофи иқтисодиёти ахбори ва истифодаи технологияи навтарини коркарди ашёи хом ва Нерӯ сарфкунанда талаботро нисбат ба ашёи хоми табиӣ суст гардонид. Он давлатҳоро «пешвои иқтисодиёти зудинкишоф» мегуянд. Миёни солҳои 1990 ин давлатҳо такрибан 25 то буданд. Дар ин гурӯҳ мавқеи асосиро ШМА, Япония ва мамлакатҳои калонтарини Аврупо Гарби ишгол менамоянд.

Давлатҳои нисбатан суст инкишофёфта канори иқтисодиёти ҷазхонро ташкил мекунанд. Ба он давлатҳое дохил мешаванд, ки сарватҳои табии зиёд ва қувваи кори арзон доранд. Иқтисодиёти ахборӣ, ки ба технологияи бепартов, ашёи хому нерусафкунанда ва коргарони баланихтисос такя мекунанд, ба пештафти иқтисодияти онҳо тасири манфи мерасонад. Зеро дар шароити технологияи ашёи хом ва нерусарфкунанда талабот ба коргарони баландихтисос вазъияти мамлакатҳои канориро дар бозори ашёи хом ва қувваи корӣ ноустувор гардонид. Дараҷаи фуруши ашёи хом ва истифодаи қувваи корӣ то рафт паст фаромад. Кобилияти муқобилистии онҳоро ба конкуренсияи байналхалқӣ суст намуд. Дар байни мамлакатҳои канорӣ мамлакатҳое, ҳастанд, ки ҳоҷагии онҳот ҳам тараққиёти саноатӣ ва ҳам аз ҷиҳати инкишоф як хел нестанд. Ба ин гурӯҳи мобайнӣ собиқ давлатҳои сотсиалистӣ ва малакатҳои нави саноатӣ дохил мешаванд. Иқтисодиёти онҳо дар ҳолати гузориш қарор дорад. Агар чанде ҳоҷагии онҳо ҳарактери саноатӣ дошта бошад, ҳам вобаста ба тағйиротҳое, ки дар натиҷа барҳам хӯрдани системаи социалистӣ ба амал омад, иқтисодиёти онҳо нисбат ба дигар давлатҳои саноати ҷавон ақиб монд. Чунин ҳодиса инчунин собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравиро фаро гирифтааст. Ҳамин тавр, ҳоҷаги иимрӯзаи ҷаҳонро давлатҳои «марказӣ», «канорӣ» ва «нимканорӣ» ташкил медиҳанд.

Ин гурӯҳҳо ҳамту тақсимоти оддӣ нестанд, ҳар яки онҳо дар таърихи иқтисодиёти ҷахон як давраи муайянро инъикос менамоянд, ки дар муносибати инсону табиат ва вазъияти экологӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Сабабҳои вазъияти хоси экологиро дар он гурӯҳи мамлакатҳо ба миён овардан гуногунанд. Барои давлатҳои «канорӣ» ҳоҷагии аграрӣ хос мебошад. Дар ин мамлакатҳо одатан афзоиши аҳолии зиёд аст. Пешгири накардани он ба нобаробар инкишоф ёфтани аҳолии ва сарватҳои модди оварда мерасонанд. Аз дигар тараф барои конеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо хӯрокворӣ истифодаи сарватҳои табиӣ меафзояд. Замини киштро аз ҳисоби заминҳои доманакӯҳу адирҳо ва сузонидани ҷангалу буттаҳо ва ғайра афзун мекунанд. Бо мақсади ва фуруш баровардани чуб, ҷангалҳоро аз афзоиши табииаш дида бештар мебурранд. Чунин ҳолат ва таназзул ёфтани (ба шусташави дучоршудани хок, кам шудани масоҳати ҷангалҳо ва намудҳои наботот ва ҳайвонот) оварда мерасонад. Бо мақсади ба даст даровардани валюта давлатҳо сарватҳои зеризаминиро низ васеъ азхуд менамоянд. Бе шудгор ва киштгардон истифода бурдан, норасоии нуриҳои минерали, суст ҷорӣ намудани агротехникаи пешкадам ва селексия хосилнокии замин ва маҳсулотнокии чорворо паст менамоянд. Ҳамин тавр, афзоиши мунтазамии аҳолӣ заминаи табиӣ инкишофи иқтисодиётро ҳалалдор менамоянд, таваҷҷуҳи сарварони давлатҳоро оиди инкишофи устувори иқтисоди, беҳтар намудани ҳифзи саломати ва баланд бардоштани дараҷаи маълумотнокӣ бенатиҷа мегардонад. Аз ин ҷо барои ин гурӯҳ давлатҳо паст намудани дараҷаи пешрафти

иқтисодиёт омили асосии инкишофи устувори онҳо ва беҳтар намудани шароити муҳити зист ва вазъияти экологӣ мебошад. Ба мамлакатҳои «нимканорӣ» мамлакатҳое дохил мешаванд, ки давраи саноати анъанавиро аз сар гузаронида истодаанд. Саноат дар ин давлатҳо асосан дар заминаи сарватҳои табии ва маҳсулоти кишоварзии миллӣ инкишоф меёбад. Аммо технологияи коркарди он аз технологияи мамлакатҳое, ки «марказӣ»-ро ташкил мекунанда, фарқ мекунад.

Ҳоло соҳибкорони зиёде пайдо шудааст, ки барои соҳаҳои гуногун бо соҳибкорони Гарб корхонаҳои муштарак ташкил кардаанд. Ин корхонаҳо асоан бо техникаи на он қадар мураккаб маҳсулоти истеъмолиро истеҳсол мекунанад. Чунин корхонаҳои хӯрд дар соҳаи хизматрасони низ кам нестанд. Ба қатори соҳибкорони хӯрд ва миёна ба ташкил намудани корхонаҳои муштарак, корпоратсия ва ширкатҳои калони ҳориҷи мароқ зоҳир кардаанд. Корпоратсияҳои итолёвии «Эни» «Монтедисон», америкоии «Оксидентал петролиум», Японии «Марубени» дар заминаи захираи нафт гази Тенгиз корхонаи муштараки «Тенгизполумер»сохтанд. Дар ин хусус соли 1988 гуфтушунид шуда буд. Муофиқи лоиҳаи истеҳсоли корхонаҳои ин комплекси газу кимёви дар як сол бозори ҷахони як миллион тонна кибриди дона-дона, 600 ҳазор тона полиэтилен, 400 ҳазо тонна пропилен ва як миқдор пласмасса мебароранд. Ширкати Японии «Мисубиси корпарешон» бо ҳамроҳи дигар ширкатҳои Япония ва Америкоӣ барои дар Нижниварта сотани комплекси кимиёви, ки аз 15 завод иборат аст, шартнома ба имзо расонд. Ин заводҳо маводи полумерӣ истеҳсол мекунанд.

Дар ин мамлакатҳо инкишоф наёфтани технологияи кампартов ва бепартов, коркарди партовҳои саноати, ҳоҷагии манзил (хусусан дар мамлакатҳои Америкаи Лотини ва баъзе собиқ давлатҳои сотсиалисти) сабаби афзоиши миқдори партов ва ҷойҳои партовнигоҳдорӣ гардид, ки базеъи онҳо хавфнок ва ба муҳити атроф таъсири манфи мерасонад. Дар ҷойҳои кушод ҷойгир шудани онҳо ва моддаҳои кимиёви, ки дар кишоварзӣ бар зидди ҳашвротҳо истифода мебаранд, сабаби гйборнокшавии ҳаво, обҳои аравон ва зеризаминӣ гардидааст. Ин на фақат ба наботот, ҳайвонот, инчунин ба инсон хавфи калон дорад. Мисол санҷиши шири модари навтаваллуд карда дар Панҷоб (Ҳиндустон) ва Никарагуа нишон дод, ки дар он микдори ДДТ муофиқи нишондодҳои ташкилоти умумиҷахонии ҳифзи саломати 21-45 маротиба зиёд аст. Моддаҳои зардолуд ба организми одамони калон тавассути мева, сабзавот ва оби нӯшоки дохил мешавад. Ин сабаби бисёр касалиҳо, аз ҷумла, паншавии рак мегардад.

Гурӯҳи « Марказ»-ро мамлакатҳоеиташкил мекунанд, ки дараи саноатиро паси сар карда, ба инкишофи иқтисодиёти ахборӣ ва басарфаю истифодаи баланди сарватҳои табиӣ тгузаштаанд. ***Технологияи сарфкунандаи ашёи хом, Неру, технологияи кампартов ва бепартов вар оҳ мондани усулҳои коркард ва безараргардонии партовҳо ба онҳо имконият медиҳад, ки аз як тараф сарватҳои табииро сарфа кунанд, аз дигар тараф вазъияти экологиро солим гардонад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки дар ин давлатҳо ҳама масъалаҳои экологи ҳалли худро ёфтаанд. Онҳо дар қаламрави худ барои беҳтар кардани вазъияти экологи аз сабаби зиёновар будани ДДТ ва гексохлоран, истифодаи онҳоро ба зидди ҳашвроти ҳоҷагии қишлоқ манъ кардаанд. Аммо онро мамлакатҳои «канори» баҳри ҳифзи хосили зироатҳои кишоварзи ҳоло ҳам истифода мебаранд. Ин моддаҳои заҳрнок ва маҳсулоти кишоврзи ба воситаи бозор ба мамлакатҳои «маркази» ва «намканори» дохил мешаванд.

